Абдуллоҷон Ғаффоров

# Муҳаммад Иқбол



АКАДЕМИЯИ ФАНҲОИ РСС ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ШАРҚШИНОСӢ

АБДУЛЛОҶОН ҒАФФОРОВ

# МУҲАММАД ИҚБОЛ

Муҳаррири масъул З. АҲРОРӢ

НАШРИЁТИ „ДОНИШ"
ДУШАНБЕ—1977

163960 | 8 и(Хим)

Дар ин китоб доир ба замони зиндагӣ, дараҷаи омӯхта шудан, характери маълумотҳои зиёди мавҷуда, ҷараёни зиндагӣ, фаъолияти эҷодӣ, мавзӯъ ва масъалаҳои асосии осори форсии бузургтарин шоир ва мутафаккири Шарқ Муҳаммад Иқбол ба тарзи муфассал таваққуф карда шуда, дар асоси таҳқиқ ва санҷиши дақиқи манобеи адабиву таърихӣ, пеш аз ҳама мероси адабии худи шоир ҳар яке аз ин мавзӯъҳо алоҳида дар мақоми тадқиқу таҳлил қарор ёфтааст.

Ҳайати таҳририя:
М. Осимӣ, М. Турсунзода,
М. Миршакар, К. Айнӣ, А. Ғафforов,
Д. Саидмуродов, З. Аҳрорӣ.

Г $\frac{70202-069}{M502-77}$ Без объявления

© ИЗДАТЕЛЬСТВО «ДОНИШ», 1977 г.

*Ба 100-солагии рӯзи таваллуди
шоир ва мутафаккири бузург
Муҳаммад Иқбол
бахшида мешавад*



## АЗ МУҲАРРИР

Омӯхтани адабиёти форсизабони Ҳинду Покистон, таҳқиқ ва баррасии ҳаёт ва эҷодиёти намояндагони пешқадами он, таъйини намудани мақоми сухансароёни форсигӯ дар таърихи адабиёти ин кишварҳо, инчунин равшан сохтани равобити эҷодии шуарои тоҷику форс ва Ҳинду Покистон дар давоми асрҳо, ки ин дар зоти хеш зуҳур ва таҷассуми дӯстии бузурги ин халқҳо, кӯмаку ҳамкорӣ ва мусоидати онон дар инкишофи тамаддуни якдигарӣ мебошад, аз вазифаҳои муҳимми шарқшиносии мо ба ҳисоб меравад.

Дар шарқшиносии советӣ роҷеъ ба адабиёти форсизабони Ҳинду Покистон корҳои тадқиқотии шоёне анҷом дода шудааст, ки як ҳиссаи муайяни он ба қалами шарқшиносони тоҷик тааллуқ дорад.

Ҳинду Покистоншиносӣ, ки як соҳаи асосии шарқшиносии тоҷикро ташкил намудааст, нисбатан хеле ҷавон бошад ҳам, вале натиҷаҳои дар ин қисмат ҳосилгардида равшан шаҳодат медиҳад, ки доманаи он рӯз аз рӯз вусъати бештаре ёфта, мавзӯъ ва масоили беш аз пеш муҳимтареро фаро мегирад.

Ин дар навбати худ бар он далолат мекунад, ки барои дар оянда бомуваффақият давом додани кори омӯхтан ва таҳқиқ намудани таърих, адабиёт, забон, иқтисод ва афкори ҷамъиятии халқҳои ин кишварҳо дар Тоҷикистон замина ва имкониятҳои хубе фароҳам омадааст.

Дар баробари силсилаи мақолоти илмӣ, илмӣ-оммавие ки оид ба соҳаҳои гуногуни Ҳинду Покистон нашр ёфта, маҷмӯаи осори бисёре аз устодони илму адаби он сарзамин чоп ва дастраси хонандагон гардидааст, рисолаҳои калони илмӣ-тадқиқотӣ низ ба табъ расидааст, ки ин худ шоҳиди матлаби фавқ аст. Бояд хотиррасон сохт, ки дар кори омӯзиш ва таҳқиқи адабиёти форсизабони Ҳинду Покистон

сахми шарқшиноси боистеъдоди тоҷик Абдуллоҷон Ғаффоров хеле калон мебошад.

Илова ба нашри теъдоди зиёди мақолаҳо ва намунаҳои осори шуарои ин мамолик, рисолаи калони «Ҳаёт ва эҷодиёти Мирзо Асадулло Ғолиб»-и ӯ қадами ҷиддӣ ва сахми баарзи ин муаллиф дар таҳким ва тавсиаи ташаббуси Ҳинду Покистоншиносӣ аст.

Рисолае ки инак ба хонандагони арҷманд пешкаш мешавад, асари дигари ин муҳаққиқ буда, ба ҳаёт ва эҷодиёти яке аз нобиғаҳои илму адаби Ҳинду Покистон Муҳаммад Иқбол бахшида шудааст.

Қисми аввали ин кор соли 1975 таҳти унвони «Назми форсизабони Ҳинду Покистон дар нимаи дуюми асри XIX ва асри XX» аз чоп баромада, дастраси хонандагони сершумор гардид.

Ин қисмати ба табъ расида, чунон ки маълум аст, дар хусуси хавзаҳои шеъри форсии Деҳлӣ, Лакҳнав, Кашмир, Бангола, Дакан, Панҷоб, Акбарообод, Пешовар ва намояндагони шеъру адаби ин ҳавзаҳо, хусусиятҳои хоси эҷодӣ, сабки иншо, равобити эҷодӣ, навъҳои шеърӣ, мавзӯъ ва мундариҷаи осори форсигӯёни ин маҳалҳо маълумоти муфассале дода, як силсила мавзӯъ ва масоили дигари марбут ба адабиёти форсизабони асрҳои XIX ва XX Ҳинду Покистонро равшан менамояд.

Мутахассисон, студентон, ошиқон ва хаводорони адабиёт рисолаи мазкурро бо шавқу ҳаваси зиёд истиқбол намуда, таассурот ва мулоҳизоти хешро шифоҳан ва ба тарзи хаттӣ дар рӯзнома ва маҷаллот изҳор доштаанд.

Аз ин рисола ба хубӣ маълум мегардад, ки дар миёни суханварони форсигӯи Ҳинду Покистон, ки ҳар яке дар навбати худ дар пешрафт ва тараққии адабиёти кишвар бо ин забон сахми басазое гузошта, дар шаҳру вилоёти гуногуни Ҳинду Покистон ҷароғи забон ва адабиёти форсиро фурӯзон доштаанд, шоир ва мутафаккири бузург Муҳаммад Иқбол мақоми хосаеро ишғол менамудааст.

Аз ин ҷост, ки муаллиф қисми дуюми рисоларо ба тадқиқи ҳаёт ва эҷодиёти Муҳаммад Иқбол бахшидааст.

Дар ин китоб доир ба замони зиндагӣ, дараҷаи омӯхта шудан, характери маълумотҳои зиёди мавҷуда, ҷараёни зиндагӣ, фаъолияти эҷодӣ, мавзӯъ ва масъалаҳои асосии осори форсии ин устоди мумтози сухан, сабку салиқаи хоси эҷодии ӯ ба тарзи муфассал таваққуф карда шуда, дар асоси таҳқиқ

ва санҷиши дақиқи манобеи адабиву таърихӣ, пеш аз ҳама мероси адабии худи шоир ҳар яке аз ин мавзӯъҳо алоҳида дар мақоми тадқиқу таҳлил қарор ёфтааст. Муаллифи асар, чунон ки худи китоб гувоҳи содиқ аст, дар асари аз нуқтаи назари илмӣ ҳарҷониба ва хеле ҷиддӣ омӯхтани эҷодиёти Иқбол роҷеъ ба ҳар як мавзӯи мавриди баҳс қарор додааш хулосаҳои дурусти илмӣ баровардааст, ки ин шоҳиди ба ҳалли масъала комилан тавфиқ ёфтани ӯ мебошад.

Соҳиби китоб, дар ҳақиқат, муваффақ гардидааст, ки мақоми шоир ва мутафаккири бузург Муҳаммад Иқболро дар назми порсизабони Ҳинду Покистон ва умуман таърихи адабиёти ин кишвар аз нуқтаи назари илмӣ дуруст таъйин намояд.

Хонанда аз мутолиаи ин асар бо роҳи тайкардаи эҷодӣ, хусусиятҳои хоси мероси илмӣ-адабии ӯ, навпардозӣ ва тозаҳаёлиҳои он, ғояҳои пешқадам, пайваста ба ин маҳдудиятҳои ғоявӣ, таззодҳои фикрии Иқбол бо камоли равшанӣ ошно мегардад. Дар баробари ин хонанда аз ин асар ба бисьёр саволҳои хеш ҷавоби пурра ва муносиб хоҳад ёфт.

Нашри китоби «Муҳаммад Иқбол»-и А. Ғаффоров дар соҳаи равобити дӯстӣ ва фарҳангии мамлакати мо бо Ҳинду Покистон саҳми арзанда ва дар илми шарқшиносии советӣ ҳиссаи сазоворе мебошад.

Ба табъ расидани чунин асари ҷиддии илмӣ-тадқиқотӣ боиси хурсандии мутахассисон ва умуман оммаи хонандагони сершумор хоҳад буд.

**З. АҲРОРИ**

## АЗ ТАЪРИХИ ОМӮХТА ШУДАНИ ҲАЁТ ВА ЭҶОДИЁТИ МУҲАММАД ИҚБОЛ

Омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Муҳаммад Иқбол ҳанӯз аз айёми дар қайди ҳаёт будани ӯ оғоз ёфтааст. Адибону донишмандон, файласуфону шарқшиносон ва дӯстону мухлисони Иқбол дар Ҳиндустон, Покистон, Эрон, Афғонистон, Туркия, Индонезия, мамлакатҳои араб, Европа ва Иттифоқи Советӣ дар бораи ҳаёт ва фаъолияти гуногунсоҳаи ӯ рисолаҳо ёддоштҳо ва мақолаҳои бисёре навиштаанд, ки мо дар поён муҳимтарини онҳоро дида мебароем.

Ҳарчанд доир ба Иқбол ҳанӯз дар соли 1914 Пандит Манухарлоли Затшӣ дар «Гулдастаи адаб»[1] баҳс намудааст, аммо ба таври ҷиддӣ омӯхтани эҷодиёти ӯ баъд аз нашри маснавиҳои «Асрори худӣ», «Румузи бехудӣ» ва девони «Паёми Машриқ» шурӯъ шудааст.

Соли 1926 Рашид Аҳмади Сиддиқӣ бо унвони «Паёми Иқбол» мақолае навишта, онд ба баъзе масъалаҳои фалсафӣ, иҷтимоию сиёсӣ ва тарбиявию ахлоқии маснавиҳову девони зикршудаи Иқбол изҳори ақида намуда, таъкид кардааст, ки асарҳои Иқбол на танҳо ба халқҳои мазлуми Ҳиндустон илҳоми мардонагиву шуҷоатмандӣ бахшиданд, балки ба тамоми мардуми ба зери юғи аҷнабиён гирифтор будаи Шарқ таъсири бузурге расонда, обрӯи вайро чи дар Ҳиндустон ва чи дар хориҷи он хеле машҳур сохтанд. Муаллифи мақола оммаро даъват мекунад, ки таълимоти шоири файласуфро дарк кунанд.[2]

Хизмати Рашид Аҳмади Сиддиқӣ дар омӯзиши эҷодиёти Иқбол аз ҳамин иборат аст, ки диққати аҳли илму адабро ба нотарафи афкори пешқадами ӯ ҷалб намуда, ба ақидаҳои нодурусте, ки гӯё маснавиҳои «Асрори худӣ» ва «Румузи бехудӣ» фақат мазмунҳои динию тасаввуфӣ дошта бошанд, зар-

ба дода, ба муайян кардани таълимоти фалсафии шоир роҳ кушодааст.

Аз ҳамон солҳо сар карда муҳаққиқони Ҳиндустон дар асарҳои умумии оид ба адабиёти урду навиштаашон дар хусуси Иқбол ҳам бевосита ё ба муносибате маълумот додаанд.

Ром Бобу Саксена соли 1927 дар замимаи «Таърихи адабиёти урду» оид ба Иқбол ахбороти мухтасари тарҷумаиҳолӣ дода, дар Ҳиндустон, Афғонистон, Эрон, Европа ва Америка шуҳрат пайдо кардани ашъори ӯро қайд намудааст. Ӯ дар бораи хусусиятҳои асосии назми урдуи Иқбол низ ба таври умумӣ таваққуф кардааст».[3]

Дар соли 1931 доктор Муҳаммад Низомиддин дар китоби худ «Дурари форсӣ» доир ба тарҷумаи ҳоли Иқбол баъзе қайдҳои ҷудогона карда, ӯро тарҷумони ҳақиқат, лисон-улмиллат, файласуфи аҳд ва саромади суханварони асри ҷадиди забони форсӣ меномад.[4]

Нависандаи маъруфи Ҳиндустон Мулк Роҷ Онанд дар яке аз мақолаҳои соли 1933 дар бораи адабиёти тараққипарвари халқҳои Ҳиндустон навиштааш шоир ва мутафаккири баландмақом будани Иқболро таъкид карда гузаштааст. «Муҳаммад Иқбол,— мегӯяд ӯ,— яке аз симоҳои барҷастатарини адабиёти исломии айёми мо ба шумор меравад. Шоир ва файласуфи бузург на танҳо ба адабиёти халқҳои Ҳиндустон, балки ба адабиёти халқҳои Туркия, Эрон, Миср, Афғонистон ва мамлакатҳои араб таъсири ниҳоятдараҷа калон расондааст».[5]

Назир Асғар Ҳусайнхони Лудҳиёнавӣ дар «Таърихи мухтасари адабиёти урду» Иқболро «аллома, шоири машриқ ва ҳакими миллат» номида, ба монанди адабиётшиносони дигари Ҳинд дар хусуси ӯ маълумоти тарҷумаиҳолӣ медиҳад. Илова бар ин муаллиф дар инкишофи назми урду роли бағоят бузург бозидани Иқбол, инчунин феҳристи асарҳои ӯро дарҷ карда, аз ашъори ба забони урду навиштааш намунаҳо меорад.[6] Фикри тозае, ки дар ин асар дида мешавад, аз он иборат аст, ки муносибати бо Мирзо Доғи Деҳлавӣ (1831—1905) ва Мавлоно Алтоф Ҳусайни Ҳолӣ (1837—1914) доштаи Иқбол хотиррасон карда шудааст.

Доктор Эъҷоз Ҳусайн дар «Таърихи мухтасари адабиёти урду»,[7] Амир Ҳусайни Нуронӣ дар «Ситораҳои назми урду»,[8] Сардори Ҷаъфарӣ дар «Адабиёти тараққипарвар»,[9] Саид Эҳтишом Ҳусайн дар «Таърихи адабиёти урду»,[10] «Абдулқодири Сурурӣ дар «Назми ҷадиди урду»,[11] Муҳаммад Содиқ дар

«Таърихи адабиёти урду»[12] ва доктор Абдулвохид дар «Шуарои чадиди урду»[13] низ дар хусуси Иқбол ва мундаричаи ғоявию санъати баланди ашъори урдуи ӯ бахс намуда, дар таърихи адабиёти халқҳои Ҳинду Покистон мақоми махсус доштани ӯро зикр кардаанд.

Қайд кардан лозим аст, ки дар баъзе аз ин асарҳо як фикри нисбат ба Иқбол, эчодиёт ва шӯҳрати шоирии ӯ баён кардашуда, тақрибан бе ҳеч гуна тағйирот такрор меёбад.

Адабиётшиноси намоёни Ҳиндустон Ш. Чаухан дар «Очерки таърихи адабиёти ҳиндӣ»[14] ба монанди асарҳои шоирону нависандагони забардасти Ҳиндустон — Саид Аҳмадхон, Алтоф Ҳусайни Ҳолӣ, Ғолиб, Акбари Оллоҳободӣ, Робиндранат Такур, Премчанд, Шоротчандро Чаттопадхая ва Нирала дар бедории шуури халқҳои Ҳиндустон саҳми бисёр калон гузоштани эчодиёти ӯро қайд намуда гузаштаанд.

Саид Муҳаммадалии Фахри Донёлисломи Гелонӣ, ки солҳои дароз дар коллечи «Низом»-и Ҳайдарободи Дакан ба таълими забону адабиёти форсӣ машғул шуда, як қатор асарҳои Саид Аҳмадхон ва Шиблии Нӯъмониро аз забонҳои урду ва англисӣ ба форсӣ тарчума кардааст, дар Ҳиндустон аввалин шахсест, ки яке аз сухансароёни бузурги форсизабони асри XX будани Иқболро дарк намуда, ба омӯхтани эчодиёти форсии ӯ аҳамият додааст ва зери унвони «Иқбол ва шеъри форсӣ» рисолае таълиф кардааст».[15] Ӯ Иқболро пас аз Мирзо Асадулло Ғолиб забардасттарин шоири форсизабони Ҳинд ва давомдиҳандаи анъанаҳои ӯ мешуморад. «Баъд аз Ғолиб,— мегӯяд Донёлислом,— чашми Ҳиндустон ба вучуди Иқбол равшан аст».[16] Рисолаи Донёлислом, ки дар охирҳои солҳои бистум навишта шуда соли 1939 нашр гардидааст, асари тадқиқотӣ набошад ҳам, форсизабононро аввалин дафъа бо шарҳи ҳоли мухтасар ва фаъолияти адабии Иқбол шиносо кардааст.

Мавлоно Абдулмалики Оравӣ соли 1938 «Назми Иқбол» ном мақолае навишта, дар хусуси ашъори урдуи шоир таваққуф намудааст. Ӯ омӯзиши эчодиёти урдуи Иқболро минбаъд ҳам давом дода, соли 1940 бо ҳамон унвон дар шакли китоби алоҳида ба табъ мерасонад. Оравӣ манзумаҳои урдуи шоирро боз чуқуртар тадқиқу таҳлил карда, соли 1950 бо номи аввалааш нашр мекунонад.[17] Бояд гуфт, ки Оравӣ дар Ҳиндустон яке аз аввалинҳо шуда, назми урдуи Иқболро мавриди омӯзиш қарор дода, ба эчодиёти ӯ таъсири муайян расонидани афкори Чалолиддини Румӣ, Маҳмуди Шабистарӣ,

Данте, Гегель, Ницше, Бергсон ва дигар адибону файласуфони Шарку Ғарбро нишон додааст. Ў инчунин бо далелҳои пурқувват дар бораи ба эҷодиёти Ҷўши Малеҳободӣ, Ҳофизи Ҳушьёрпурӣ, Эҳсон ва Симоб барин шоирони намоёни урду таъсир расониданн Иқбол сухан меронад. Оравӣ ба ин ва ё он муносибат дар хусуси асарҳои форсии Иқбол баҳс намуда, аз онҳо намунаҳс меоварад.

Асари муҳимми дигаре, ки ба ҳаёт ва фаъолияти адабию илмии шоир бахшида шудааст, «Иқболи комил»[18] мебошад, ки ба қалами Мавлоно Абдуссаломи Надвӣ тааллуқ дорад. Маълумоти онд ба чараёни зиндагӣ ва мероси адабию илмии Иқбол додаи Надвӣ назар ба ахбороти дар ин хусус овардаи муаллифони боло мукаммалтар мебошад.

Ин асар, махсусан барои равшан намудани бисьёр лаҳзаҳои ҳаёти Иқбол ва муносибати бо намояндагони табақаҳои гуногуни ҷамъият доштаи ў аҳамияти калон дорад. Зеро Надвӣ аз дўстони бисьёр наздики Иқбол буда, хотираҳои худро дар ёддоштҳояш муфассал нақл кардааст. Аммо ҳаминро низ бояд дар назар дошт, ки Надвӣ ба мисли бисьёр тадқиқотчиёни Ҳинду Покистон бештар ба шарҳ додани ақидаҳои динию тасаввуфии Иқбол диққат додааст.

Услуб Аҳмади Ансорӣ дар мақолаи «Иртиқои зеҳнии Иқбол»[19] доир ба баъзе ақидаҳои шоир мулоҳизаҳои худро баён намуда, ба чунин натиҷа омадааст, ки ў бузургтарин файласуф ва мутафаккири айёми мо ба шумор меравад.

Дар «Рўҳи Иқбол»[20] ном рисолаи доктор Юсуф Ҳусайнхон сухан аз муносибати нисбат ба санъату адабиёт, ҳунару маҳорат ва дину мазҳаб доштаи Иқбол меравад. Ин муҳаққиқ фикру мулоҳизаҳои онд ба масъалаҳои мазкур баён кардаи Иқболро аз асарҳои манзуму мансури ў оварда, кўшиш намудааст, ки васеъ будани доманаи илму дониши вайро исбот кунад.

Ғулом Дасттири Рашид бо унвони «Фикри Иқбол»[21] маҷмўае нашр гардонид, ки дар он мулоҳизаҳову андешаҳои дар бораи ҷиҳатҳои мухталифи эҷодиёти Иқбол изҳор намудаи Мир Валиуддин, Саид Вазир-ул-Ҳасан, Шариф ва Саид Нозири Ниёзӣ барин донишмандони Покистон фароҳам оварда шудаанд.

Муаллифони номбаршуда, ҷидду ҷаҳд намудаанд, ки шоири файласуф ва мутафаккири забардаст будани Иқболро нишон дода, мавқеи ўро дар фалсафаи халқҳои Шарқ таъин кунанд. Аммо онҳо ба ҷиҳатҳои динию тасаввуфии эҷодиёти

шоир зиёдтар аҳамият дода, аз шарҳ додани афкору ақидаҳои пешқадами фалсафии ӯ худдорӣ кардаанд.

Дар мақолаҳои «Тасаввуроти дар бораи охират доштаи Иқбол»-и Хуршед Аҳмад, «Иқбол ва тасаввуф»-и Манзур Аҳмад,[22] «Ривоят ва ҷуддат дар каломи Иқбол»-и доктор Саид Муҳаммад Юсуф, «Иқбол ва ахбори тарикат»-и Муҳаммад Абдуллои Қурайшӣ,[23] «Фалсафаи худии Иқбол ва тасаввуроти охират»-и Фурӯғ Аҳмад, «Назарияи худии Иқбол»-и Зомини Нақавӣ ва «Ваҳдати вуҷуд ва фалсафаи худии Иқбол»-и доктор Абӯ Саиди Нуриддин[24] низ чи навъе ки аз сарлавҳаҳои онҳо ҳам ба хубӣ дарк намудан мумкин аст, асосан дар бораи ақидаҳои фалсафӣ, тасаввуфӣ ва динии шоир баҳс карда мешавад. Башир Аҳмад дар «Мавлоно Румӣ ва Иқбол»,[25] Халифа Абдулҳаким дар «Ақидаи Румӣ ва Иқбол дар бораи муҳаббат»[26] ва «Иқбол ва тасаввуф»,[27] Муҳаммадшарифи Сиддиқӣ дар «Иқбол, ислом ва назм»[28] ном мақолаҳояшон ва Майкаши Акбарободӣ дар рисолаи «Нақди Иқбол»[29] баъзе шеърҳои аз ҷиҳати мазмун ба ҳамдигар шабоҳат доштаи Румӣ ва Иқболро муқоиса карда, дар эҷодиёти Иқбол пурқувват будани таъсири «Маснавӣ» ва ғазалиёти Румӣ, инчунин тасаввуф ва дини исломро зикр намудаанд. Мавлавӣ Абдуссаломи Румпурӣ бошад, дар мақолаи «Раёсати Иқбол»[30] бо вуҷуди оид ба баъзе ақидаҳои озодихоҳонаву ватандӯстонаи шоир таваққуф намудан, ӯро тараннумкунандаи ғояҳои дини ислом шумоswitch ридааст.

Бисьёре аз муаллифони боло маснавиҳои «Асрори худӣ» ва «Румузи бехудӣ»-и Иқболро асарҳои тасаввуфию динӣ пиндошта, аз рӯи порчаҳои ҷудогонаи онҳо, ки дар ҳақиқат мазмунҳои динию идеалистӣ доранд, ӯро шоири сӯфӣ ва тарғибкунандаи ғояҳои дини ислом шумоваридаанд, ки мо ба ин фикри онҳо тамоман розӣ шуда наметавонем. Зеро бо вуҷуди он, ки дар маснавиҳои мазкури Иқбол зиддият ва ҳатто то андозае таъсири нуктаю назарҳои динӣ ҷой доранд, вале бо ин ҳама, маҳз дар ҳамин маснавиҳо андешаҳои фалсафии Иқбол дар хусуси инсони зӯру соҳибирода ва эҷодкор таҷассум гардидаанд.

Як қатор адабиётшиносон ва мунаққидони тараққипарвари Ҳинду Покистон дар мақолаҳову асарҳояшон бештар ба ҷиҳатҳои пешқадами эҷодиёти Иқбол аҳамият додаанд.

Раҷендранатх Шайдо дар «Матолеъ ва таҳқиқот»,[31] Ибодати Барейлавӣ дар «Нуқтаи назари танқидии Иқбол»,[32] Ҳиралол Чопра дар «Доктор Иқбол ва назми ӯ»,[33] Файз Аҳма-

ди Файз дар «Мизон»,[34] Мумтоз Ҳасан дар «Иқболи Лоҳурӣ»,[35] Муҳаммадшарифи Чоудҳарӣ дар «Паёми Иқбол роҷеъ ба ҳаёти башар»[36] ва профессор Муҳаммад Мунаввар дар «Мизони Иқбол»[37] Иқболро ҳамчун тарғибкунандаи ғояҳои пешқадам, шоири озодихоҳ, душмани ашаддии мустамликадорони Ғарб ва хайрхоҳи табақаҳои меҳнатии аҳолӣ ба қалам додаанд.

Ҳарчанд дар мақолаҳову рисолаҳои зикршуда асарҳои форсии Иқбол низ номбар гардида, аз онҳо намунаҳо оварда мешаванд, лекин онҳо мавриди таҳлил қарор намегиранд. Вале асарҳои боло пеш аз ҳама барои таҳқиқи ҳаматарафаи эҷодиёти манзуми урдуи Иқбол аҳамияти калон доранд.

Яке аз асарҳое, ки доир ба ҳаёт ва мероси адабии форсии Иқбол навишта шудааст, «Румии аср»-и доктор Хоҷа Абдулҳамиди Ирфонӣ ба шумор меравад.[38] Ин китоб аз муқаддима ва чаҳор боб иборат мебошад. Дар муқаддима тақризҳои ба ин китоб навиштаи адабиётшиносони Эрон — Саид Нафисӣ, Ҳусайни Хатибӣ ва Кичкинаи Қозимӣ дарҷ гардидаанд.[39]

Дар боби якум тарҷумаи ҳоли мухтасар ва мероси адабии Иқбол тасвир меёбад. Дар боби дуюм, ки «Иқбол дар Эрон» ном дорад, хулосаҳои мухтасари нутқҳои дар маҷлиси ёдбуди Иқбол дар Теҳрон эрод кардаи адибону донишмандони намоёни Эрон — малик-уш-шуаро Баҳор, Тақизода, Муҷтабои Минавӣ, Алиакбари Деҳхудо, Саид Нафисӣ, Лутфалии Суратгар, Муҳаммад Муин ва дигарон, инчунин шеърҳои дар ситоиши Иқбол ва афкори ӯ сурудаи шоирони Эрон оварда мешаванд.

Дар боби сеюм намунаҳои асарҳои манзуми форсии Иқбол дарҷ гардидаанд. Боби чаҳорум тақризҳои адабиётшиносони Эронро дар бар мегирад, ки онҳо пеш аз нашри «Румии аср»-и доктор Хоҷа Абдулҳамиди Ирфонӣ навишта шудаанд.

Гуфтан лозим аст, ки асари Ирфонӣ характери тасвирӣ дорад. Муаллиф ҳам таҳлили осори Иқболро вазифаи худ нашуморидааст. Ӯ хостааст, ки мардуми кишварҳои форсизабонро бо тарҷумаи ҳоли мухтасари Иқбол ва намунаҳои ашъори форсии ӯ шинос гардонад. Аҳамияти асари Ирфонӣ дар он аст, ки тамоми мақолаҳо, мулоҳизаҳои ҷудогона ва шеърҳои то вақти таълифи он, яъне соли 1954 доир ба Иқбол навиштаи донишмандону адибони намоёни Эронро дар бар мегирад. Ин асар барои тадқиқотчиёни ҳаёт ва эҷодиёти шоир ва мутафаккири бузург маълумотҳои муфид медиҳад.

шоир зиёдтар аҳамият дода, аз шарҳ додани афкору ақидаҳои пешқадами фалсафии ӯ худдорӣ кардаанд.

Дар мақолаҳои «Тасаввуроти дар бораи охират доштаи Иқбол»-и Хуршед Аҳмад, «Иқбол ва тасаввуф»-и Манзур Аҳмад,[22] «Ривоят ва ҷуддат дар каломи Иқбол»-и доктор Саид Муҳаммад Юсуф, «Иқбол ва ахбори тариқат»-и Муҳаммад Абдуллоҳ Қурайшӣ,[23] «Фалсафаи худии Иқбол ва тасавуроти охират»-и Фурӯғ Аҳмад, «Назарияи худии Иқбол»-и Зомини Нақавӣ ва «Ваҳдати вуҷуд ва фалсафаи худии Иқбол»-и доктор Абӯ Саиди Нуриддин[24] низ чи навъе ки аз сарлавҳаҳои онҳо ҳам ба хубӣ дарк намудан мумкин аст, асосан дар бораи ақидаҳои фалсафӣ, тасаввуфӣ ва динии шоир баҳс карда мешавад. Башир Аҳмад дар «Мавлоно Румӣ ва Иқбол»,[25] Халифа Абдулҳаким дар «Ақидаи Румӣ ва Иқбол дар бораи муҳаббат»[26] ва «Иқбол ва тасаввуф»,[27] Муҳаммадшарифи Сиддиқӣ дар «Иқбол, ислом ва назм»[28] ном мақолаҳояшон ва Майкаши Акбарободӣ дар рисолаи «Нақди Иқбол»[29] баъзе шеърҳои аз ҷиҳати мазмун ба ҳамдигар шабоҳат доштаи Румӣ ва Иқболро муқоиса карда, дар эҷодиёти Иқбол пуркувват будани таъсири «Маснавӣ» ва ғазалиёти Румӣ, инчунин тасаввуф ва дини исломро зикр намудаанд. Мавлавӣ Абдуссаломи Румпурӣ бошад, дар мақолаи «Раёсати Иқбол»[30] бо вуҷуди оид ба баъзе ақидаҳои озодихоҳонаву ватандӯстонаи шоир таваққуф намудан, ӯро тараннумкунандаи ғояҳои дини ислом шумоpидааст.

Бисьёре аз муаллифони боло маснавиҳои «Асрори худӣ» ва «Румузи бехудӣ»-и Иқболро асарҳои тасаввуфию динӣ пиндошта, аз рӯи порчаҳои ҷудогонаи онҳо, ки дар ҳақиқат мазмунҳои динию идеалистӣ доранд, ӯро шоири сӯфӣ ва тарғибкунандаи ғояҳои дини ислом шумоpидаанд, ки мо ба ин фикри онҳо тамоман розӣ шуда наметавонем. Зеро бо вуҷуди он, ки дар маснавиҳои мазкури Иқбол зиддият ва ҳатто то андозае таъсири нуқтаю назарҳои динӣ ҷой доранд, вале бо ин ҳама, маҳз дар ҳамин маснавиҳо андешаҳои фалсафии Иқбол дар хусуси инсони зӯру соҳибирода ва эҷодкор таҷассум гардидаанд.

Як қатор адабиётшиносон ва мунаққидони тараққипарвари Ҳинду Покистон дар мақолаҳову асарҳояшон бештар ба ҷиҳатҳои пешқадами эҷодиёти Иқбол аҳамият додаанд.

Раҷендранатх Шайдо дар «Мутолеъ ва таҳқиқот»,[31] Ибодати Барейлавӣ дар «Нуқтаи назари танқидии Иқбол»,[32] Ҳиралол Чопра дар «Доктор Иқбол ва назми ӯ»,[33] Файз Аҳма-

ди Файз дар «Мизон»,[34] Мумтоз Ҳасан дар «Иқболи Лоҳурӣ»,[35] Муҳаммадшарифи Чоудҳарӣ дар «Паёми Иқбол роҷеъ ба ҳаёти башар»[36] ва профессор Муҳаммад Мунаввар дар «Мизони Иқбол»[37] Иқболро ҳамчун тарғибкунандаи ғояҳои пешқадам, шоири озодихоҳ, душмани ашаддии мустамликадорони Ғарб ва хайрхоҳи табақаҳои меҳнатии аҳолӣ ба қалам додаанд.

Ҳарчанд дар мақолаҳову рисолаҳои зикршуда асарҳои форсии Иқбол низ номбар гардида, аз онҳо намунаҳо оварда мешаванд, лекин онҳо мавриди таҳлил қарор намегиранд. Вале асарҳои боло пеш аз ҳама барои таҳқиқи ҳаматарафаи эҷодиёти манзуми урдуи Иқбол аҳамияти калон доранд.

Яке аз асарҳое, ки доир ба ҳаёт ва мероси адабии форсии Иқбол навишта шудааст, «Румии аср»-и доктор Хоҷа Абдулҳамиди Ирфонӣ ба шумор меравад.[38] Ин китоб аз муқаддима ва чаҳор боб иборат мебошад. Дар муқаддима тақризҳои ба ин китоб навиштаи адабиётшиносони Эрон — Саид Нафисӣ, Ҳусайни Хатибӣ ва Қичкинаи Қозимӣ дарҷ гардидаанд.[39]

Дар боби якум тарҷумаи ҳоли мухтасар ва мероси адабии Иқбол тасвир меёбад. Дар боби дуюм, ки «Иқбол дар Эрон» ном дорад, хулосаҳои мухтасари нутқҳои дар маҷлиси ёдбуди Иқбол дар Теҳрон эрод кардаи адибону донишмандони намоёни Эрон — малик-уш-шуаро Баҳор, Тақизода, Муҷтабои Минавӣ, Алиакбари Деҳхудо, Саид Нафисӣ, Лутфалии Суратгар, Муҳаммад Муин ва дигарон, инчунин шеърҳои дар ситоиши Иқбол ва афкори ӯ сурудаи шоирони Эрон оварда мешаванд.

Дар боби сеюм намунаҳои асарҳои манзуми форсии Иқбол дарҷ гардидаанд. Боби чаҳорум тақризҳои адабиётшиносони Эронро дар бар мегирад, ки онҳо пеш аз нашри «Румии аср»-и доктор Хоҷа Абдулҳамиди Ирфонӣ навишта шудаанд.

Гуфтан лозим аст, ки асари Ирфонӣ характери тасвирӣ дорад. Муаллиф ҳам таҳлили осори Иқболро вазифаи худ нашуморидааст. Ӯ хостааст, ки мардуми кишварҳои форсизабонро бо тарҷумаи ҳоли мухтасари Иқбол ва намунаҳои ашъори форсии ӯ шинос гардонад. Аҳамияти асари Ирфонӣ дар он аст, ки тамоми мақолаҳо, мулоҳизаҳои ҷудогона ва шеърҳои то вақти таълифи он, яъне соли 1954 доир ба Иқбол навиштаи донишмандону адибони намоёни Эронро дар бар мегирад. Ин асар барои тадқиқотчиёни ҳаёт ва эҷодиёти шоир ва мутафаккири бузург маълумотҳои муфид медиҳад.

Ҳаёти Иқбол»-и Лутфуллоҳи Бадавӣ[40] мукаммалтарин асари ба забони панҷобӣ дар хусуси Иқбол таълифшуда мебошад. Ин асар аз се боб иборат аст. Дар боби якум тарҷумаи ҳоли Иқбол асосан аз рӯи ёддоштҳои дӯстони наздики ӯ баён карда мешавад. Дар боби дуюм муаллиф оид ба асарҳои манзуми урду ва форсии Иқбол мулоҳизаҳои умумии худро изҳор менамояд. Дар боби сеюм тарҷумаи панҷобии баъзе шеърҳои девони урдуи «Бонги даро», «Зарби Калим», «Боли Ҷабраил» ва маснавиҳову девони форсии «Румузи бехудӣ», «Ҷовиднома» ва «Паёми Машриқ»-и Иқбол дарҷ ёфтаанд. Дар ин китоб фикри тоза тақрибан дида намешавад.

Ошиқ Ҳусайни Патиёлавӣ соли 1961 зери унвони «Ду соли охирини ҳаёти Иқбол»[41] асаре нашр кард, ки он фаъолияти сиёсии дар ду соли охир дар Панҷоб гузаронидаи Иқболро инъикос менамояд. Китоб аз 15 боб ва замима иборат буда, характери ёддоштӣ дорад. Дар ин ёддоштҳо муаллиф дар хусуси ҳукумати мустабидонаи англисҳо дар Ҳинд, водеаҳои сиёсии он солҳо, ки Иқбол бо онҳо алоқаманд буд, сухан меронад. Ин китоб ҳам барои ба вуҷуд овардани тарҷумаи ҳоли пурраи Иқбол аз аҳамият холӣ намебошад.

Яке аз асарҳои дигаре, ки ба ҳаёти Иқбол бахшида шудааст, «Рӯзгори фақир»-и[42] Фақир Саид Ваҳидиддин мебошад. Дар ин асар Фақир ёддоштҳои аз соли 1916 то соли 1938 дар бораи Иқбол доштаашро баён кардааст. Ахбороти муҳимми тозае, ки мо дар ин асар мебинем, муайян карда шудани рӯз, моҳ ва соли таваллуди Иқбол мебошад. То вақти таълифи асари Фақир дар бораи таваллуди Иқбол иштибоҳҳо дида мешуданд, яъне соли таваллуди ӯро ба таври тахминӣ 1873, 1875, 1876 ва ғайра қайд мекарданд. Фақир дар асоси далелҳои таърихӣ ва маълумоти хешовандони наздики Иқбол ба муайян кардани санаи таваллуди ӯ, ки 9 ноябри соли 1877 будааст, муваффақ гардидааст.[43]

Адабиётшиносони Ҳинду Покистон дар хусуси аҳамияти мактубҳои ба забонҳои урду ва англисӣ навиштаи Иқбол низ баҳс намудаанд.

Шамсурраҳмон дар рисолаи «Хутути урду»[44] ва Оли Аҳмади Сурур дар маҷмӯаи мақолоти «Танқид чист?»[45] роҷеъ ба ҳамин тарафи эҷодиёти Иқбол тавaққуф кардаанд. Онҳо барои омӯхтани ҳаёт ва эҷодиёти Иқбол ва муайян кардани муносибати бо намояндагони илму адабиёт, санъату маданият, сиёсат ва дину мазҳаб доштаи ӯ дорои аҳамияти калон будани мактубҳои Иқболро қайд намудаанд. Назар ба фик-

ри Шамсурраҳмон ва Олӣ Аҳмади Сурур Иқбол дар хутутнигорӣ бештар ба Шиблии Нӯъмонӣ пайравӣ карда, хututро беҳтарин воситаи ҳал кардани масъалаҳои муҳимми баҳсталаби илму адабиёт шуморидааст.

Атиябегим мактубҳои дар байни солҳои 1907—1911 ба забони англисӣ ба номи ӯ навиштаи Иқболро бо унвони «Иқбол»[46] нашр гардонидааст. Он мактубҳоро бо шарҳи мухтасар Зиёуддин Аҳмади Баранӣ ба забони урду тарҷума кардааст.

Як қисм мактубҳои дар байни солҳои 1912—1937 ба забони урду навиштаи Иқболро Саид Нозири Ниёзӣ бо номи «Мактуботи Иқбол»[47] ба табъ расонидааст. Мураттиб дар муқаддима онд ба мактубҳои Иқбол изҳори ақида намуда, дар насри урду маҳорати комил доштани ӯро зикр менамояд.

Муҳаммад Абдуллоҳи Қурайшӣ мактубҳои дар солҳои 1910—1927 ба малик-уш-шуаро Ғуломқодир Гиромии Ҷоландарӣ навиштаи Иқболро тартиб дода, бо унвони «Макотиби Иқбол ба номи Гиромӣ»[48] ба табъ расонидааст. Ба ин маҷмӯа донишмандони намоёни Покистон — Ғулом Расули Меҳр ва Мумтоз Ҳасан сарсухан навиштаанд. Мураттиб дар муқаддима дар бораи тарҷумаи ҳол ва мероси адабии Гиромӣ ҳам таваққуф намудааст.[49] Мактубҳои ин маҷмӯа, хусусан, барои донистани муносибати бо Гиромӣ доштаи Иқбол аҳамияти бағоят бузург доранд.

Раис Аҳмади Ҷаъфарӣ (Надвӣ) мактубот, хитобат, тақрирот, баёнот ва шеърҳои ба сиёсат алоқаманди Иқболро аз манбаъҳои адабию таърихӣ ҷамъ оварда, бо номи «Иқбол ва сиёсати миллӣ»[50] нашр кунонид, ки он дар омӯхтани ҳаёт ва эҷодиёти шоир кӯмак расонида метавонад. Дар «Анвори Иқбол»,[51] ки онро Башир Аҳмади Дор мураттаб сохтааст, тақризҳову мақолаҳои шоир, инчунин мактубҳои ба номи донишмандони маъруфи Ҳинд — Муҳаммадиддини Фавқ, Ғулом Расули Меҳр, Шокири Сиддиқӣ, доктор Музаффариддини Қурайшӣ, Зиёуддини Баранӣ, Мир Хуршеди Аҳмад, Тамкини Козимӣ ва Муншӣ Сироҷиддин навиштаи ӯ гирд оварда шудаанд. «Анвори Иқбол» ҳам дар бобати омӯхтани ҳаёту эҷодиёти шоир ва санҷида баромадани муносибати бо намояндагони илму адабиёти давр доштаи ӯ дорои аҳамияти калон мебошад.

Асари дигаре, ки он ҳам бевосита ба ҳаёти Иқбол тааллуқ дорад, «Иқбол ва Ҳайдаробод»-и[52] Назари Ҳайдарободӣ ба шумор меравад. Ин асар аз муқаддима, дебоча ва се ҳис-

са иборат аст. Дар ҳиссаи аввал дар хусуси таъсири эҷодиёти Иқбол дар адабиёт ва муносибати ӯ бо адибону санъаткорони Ҳайдарободи Дакан, дар ҳиссаи дуюм доир ба мавқеи дар ҳаёти Ҳинд, аз он ҷумла, ҳаёти сиёсии Ҳайдарободи Дакан доштаи Иқбол ва дар ҳиссаи сеюм дар бораи муносибати арбобони намоёни илмию адабӣ ва ҷамъиятии давлати Ҳинди соқини Ҳайдарободи Дакан Маҳораҷа Кашан Прашод, Акбари Ҳайдарӣ, Мавлавӣ Абдулҳақ, Сароҷини Найду ва Баҳодур Ёрҷанг бо Иқбол, инчунин хату китобати Иқбол бо намояндагони касбу кори гуногуни он ҷо сухан ронда мешавад.

«Тайфи Иқбол»-и Саид Абдулло[53] маърӯзаҳои бароӣ студентони донишкадаҳои олии Лоҳур дар мавзӯъҳои ҷаҳонбинӣ ва ақидаҳои фалсафии Иқбол хондаи ӯро дар бар мегирад. Ин маҷмӯаро Мумтози Мангалаврӣ мураттаб сохтааст.

Доктор Саид Абдулло дар «Мақомоти Иқбол»[54] ном асари дигари худ низ дар бораи таълимоти фалсафӣ ва ақидаҳои иҷтимоию сиёсии Иқбол баҳс намуда, дар таърихи фалсафаи Шарқ мақоми баланд доштани ӯро нишон додаст.

«Иқбол ва ҷамолиёт»-и[55] Насир Аҳмади Насир ҳам ба ақидаҳои фалсафии шоир ва муносибати бо тасаввуф ва ваҳдати вуҷуд доштаи ӯ бахшида шудааст.

Ҳомид Ҳусайн дар «Иқбол ва Ворис»[56] ном рисолаи худ дар хусуси ба эҷодиёти Иқбол таъсир расонидани шоири машҳури панҷобизабони Ҳинд — Ворисалишоҳи Ворис баҳс намуда, баъзе шеърҳои аз лиҳози мундариҷа ба ҳам наздики онҳоро муқоиса кардааст.

Муҳаммад Абдуллоҳи Қурайшӣ дар мақолаи «Аллома Иқбол ва Хоҷа Ҳасани Низомӣ»-и худ[57] дар асоси мактубҳо, мақолаҳо ва қайдҳои ҷудогонаи адиб ва донишманди машҳури Ҳинд — Хоҷа Ҳасани Низомӣ (1880—1955) дар бораи муносибати дар байни солҳои 1903—1938 бо Иқбол доштаи ӯ тавaққуф намудааст.

Яке аз асарҳои муҳимме, ки дар бораи Иқбол маълумот медиҳад ва феҳристи адабиёти дар бораи ӯ навишташударо дар бар мегирад, «Тадқиқоти танқидии иқболиёт»-и Қозӣ Аҳмад Миён Ахтари Ҷуногарӣ[58] мебошад, ки он солҳои 1955 ва 1965 нашр гардидааст. Ин китоб аз муқаддима ва шаш боб иборат аст. Дар боби аввал дар бораи асарҳои Иқбол, ба забонҳои дигар тарҷума шудани онҳо, шарҳҳои мухталифи ба онҳо навишташуда, осори ба чоп нарасидаи шоир ва сирати ӯ сухан меравад. Боби дуюм — «Иқбол ба ҳайси шоир» ба ма-

хорати шоирии Иқбол ва таъсири ба адибони муосир расонидаи ӯ бахшида шудааст. Дар боби сеюм — «Иқбол ба ҳайси мутафаккир» доир ба ақидаҳои фалсафии Иқбол, муносибати ӯ бо тасаввуф ва таърихдонии вай баҳс карда мешавад. Муаллиф дар боби чаҳорум — «Иқбол ва сиёсат» назарияҳои сиёсии Иқболро дар бобати миллат, ислоҳоти миллӣ ва панисломизм шарҳ медиҳад. Дар боби панҷум — «Нοқидини Иқбол» мақола ва асарҳои Олӣ Аҳмад Сурур, Мавлавӣ Абдуссаломи Надвӣ, Мавлавӣ Сулаймони Надвӣ, Ғуломсарвар, Халифа Абдулҳаким, Муҳаммадшариф, Иқбол Сингҳ, Абдулмалики Оравӣ, Муҳаммад Аҳмадхон ва дигарон, ки дар онҳо баъзе калима, ибора ва ақидаҳои Иқбол зери танқид гирифта шудаанд, номбар карда мешаванд. Муаллиф дар боби шашум — «Гузашта ва ояндаи иқболиёт» асарҳои дар Миср, Эрон, Италия, Ҳиндустон ва Покистон дар бораи Иқбол таълифшударо зикр намуда, дар Покистон ба зери табъ будани як қатор рисолаҳои дигари ба Иқбол бахшидашударо қайд мекунад.

Дар «Мир Саидалии Ҳамадонӣ ва аллома Иқболи Лоҳурӣ»[59] ном мақолаи Муҳаммадриёз дар хусуси шеърҳои дар достони «Ҷовидnoма» дар таърифу тавсифи Мир Саидалии Ҳамадонӣ гуфтаи Иқбол сухан ронда мешавад. Ин мақола барои муайян кардани муносибати нисбат ба Мир Саидалии Ҳамадонӣ доштаи Иқбол аз аҳамият холӣ намебошад.

Саид Ҳисомиддини Рошидӣ дар «Тазкираи шуарои Кашмир»[60] дар чанд ҷумла тарҷумаи ҳоли мухтасари Иқболро баён карда, чанде аз шеърҳои дар таърифу тавсифи манзараҳои Кашмир ва мардуми он гуфтаи ӯро дарҷ кардааст.

Сарҳанг Хоҷа Абдуррашид дар «Тазкираи шуарои Панҷоб»[61] аз маълумотҳои доир ба тарҷумаи ҳоли Иқбол дар «Румии аср» додаи Хоҷа Абдулҳамиди Ирфонӣ ва муқаддимаи ба нашри Эронии «Куллиёти ашъори форсии Иқболи Лоҳурӣ» навиштаи Аҳмади Суруш иқтибосҳо оварда, намунаи ашъори ӯро дарҷ намудааст.

Дар Ҳинду Покистон оид ба ҳаёт, эҷодиёт ва ақидаҳои Иқбол ба забони англисӣ ҳам асарҳои бисьёре навишта шудаанд, ки муҳимтарини онҳо «Доир ба назми Иқбол»-и А. Анварбек,[62] «Омӯзиши фалсафаи Иқбол», «Иқбол ва волюнтаризми давраи баъд аз кантӣ», «Иблис дар тасаввуроти Иқбол ва Мильтон», «Иқбол ва Бергсон»-и Б. А. Дор,[63] «Назм ва фалсафаи Иқбол», «Феҳристи адабиёти оид ба Иқбол»-и С. А. Воҳид,[64] «Фалсафаи Иқбол»-и Саидайн,[65] «Муқаддима дар омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Муҳаммад Иқбол»-и И. Сингх,[66]

«Назарияи Иқбол доир ба санъат»-и М. Н. Шариф,[67] «Иқбол ҳамчун шоир»-и С. Сингҳа,[68] «Метафизикаи Иқбол»-и И. Х. Енвер,[69] «Ҷаҳонбинии Иқбол»-и Билгиромӣ,[70] «Иқбол шоир ва файласуфи ислом»-и М. Зиёуддин,[71] «Дар бораи Иқбол ва ҷаҳонбинии ӯ»-и М. Н. Шариф,[72] «Мубоҳиса дар атрофи фалсафаи Иқбол»-и М. Ш. Номус,[73] «Муҳаммад Иқбол бунёдкунандаи Покистон»-и Ф. С. Ҷаъфарӣ,[74] «Исьёни Иқбол»-и Козимӣ,[75] «Баъзе мулохизахо доир ба тарҷумаи ҳоли Иқбол»-и М. А. Қурайшӣ[76] ва «Нуктаи назари Иқбол дар бораи инсон»-и Р. Қамол[77] ба шумор меравад.

Дар ин мақолаҳову рисолаҳо бештар доир ба афкори иҷтимоию сиёсӣ, фалсафию динии Иқбол, мундариҷаи ғоявии назми урдуи ӯ ва назарияҳои нисбат ба санъат доштаи вай сухан ронда мешавад. Дар мақолаҳои И. Сингҳ ва М. А. Қурайшӣ дар бораи лаҳзаҳои ҷудогонаи ҳаёти Иқбол баъзе маълумотҳои нав дода мешавад. Китоби С. А. Воҳид бошад, чи навъе ки аз номаш ҳам маълум аст, феҳрист (библиография) буда, дар он нашри тамоми осори Иқбол, инчунин асарҳои дар хусуси ӯ ба забонҳои англисӣ, немисӣ, италиявӣ, франсавӣ, финӣ, форсӣ, туркӣ, арабӣ, пушту, урду, ҳиндӣ, банголӣ, синдӣ, булуҷӣ ва гуҷаротӣ таълиф гардида нишон дода мешавад.

Чи навъе ки мебинем, дар масъалаи омӯхтани ҳаёт ва эҷодиёти Иқбол дар Ҳинду Покистон доманаи кори тадқиқотӣ хеле вусъат ёфтааст.

Ашъори форсии Иқбол ҳангоми дар қайди ҳаёт будани ӯ пеш аз ҳама дар Афғонистон интишор ёфта буд. Зеро байни Афғонистон ва Панҷоб, инчунин аксар навоҳии Покистони Ғарбии имрӯза муносибати маданни наздике вуҷуд дошт. Илова ба ин, девони «Паёми Машриқ»-и Иқбол ба номи подшоҳи онвақтаи Афғонистон — Амонуллоҳон бахшида шудааст. Ба ғайр аз ин дар охирҳои соли 1932 Иқбол мувофиқи даъвати Нодиршоҳ ба Афғонистон сафар карда, пас аз ба ватан баргаштан манзумаи «Мусофир»-ро эҷод намуда, дар он эхсосоти худро нисбат ба он мамлакат инъикос гардонида буд. Аз ин ҷост, ки Иқбол дар Афғонистон обрӯю эътибори зиёд пайдо мекунад, то ҷое ки уро «Шоири Машриқ» меноманд.

Агар хато накунам, аввалин мақолаи дар Афғонистон оид ба Иқбол навишташуда, ба қалами Ғании Афғон тааллуқ дошта, он «Иқбол тарҷумони ҳақиқат» ном дорад. Муаллиф Иқболро ситораи дурахшандаи осмони адабиёти Ҳинд номида, махсусан дар бедор кардани шуури мардуми мамлакати худ роли бисьёр калон бозидани уро қайд намуда, навиштааст: «Ҳангоме, ки як миллат дар хоби ғафлат фурӯ меравад,

кудрати яке аз афрод он ҷомеаро тоқат ва кудрати рӯҳонӣ мебахшад ва дар овози ӯ таъсиреро пайдо мекунад, то битавонад аз асари каломи дардангезу нолаи пурсӯзи худ корвони он миллатро аз ғунудагию хоби ғафлат бедор созад ва ба шаҳроҳи ҳақиқиву тараққии дуньявӣ раҳнамоӣ намояд. Иқбол низ яке аз ҳамчунин ҳукамои ҳозиқ ва философи асри ҳозир ба шумор меравад, ки дар ҷисми мафлуҷи миллати исломии Ҳинд асароти каломи мӯъҷизбаёни худро тазриқ намуд ва миллатро ба ҳарорат овард».[78]

Ғании Афғон манзумаҳои форсии Иқболро номбар карда, аз баъзеи онҳо намунаҳо дарҷ менамояд.

Аз адабиётшиносони дигари Афғонистон Маҳолотӣ дар мақолаи «Иқбол ва паёми ӯ»[79] дар бораи он навъ шеърҳои шоир, ки дар онҳо ӯ сабабҳои ба хоки мазаллат нишастани мусулмононро вобаста ба яъсу ноумедӣ, гӯшагирӣ, каноат, тарки дуньё ва аз амалиёти фаъолу кӯшиши доимӣ даст кашидани онҳо медонад, таваққуф намудааст.

Аммо Маҳолотӣ дар мақолаи худ танҳо баъзе порчаҳои маснавии «Асрори худӣ»-ро мавриди баҳс қарор додаасту халос.

Шоир ва донишманди афғон Муҳаммад Иброҳими Халил соли 1952 ба муносибати рӯзи ёдбуди Иқбол, ки дар Қобул барпо мегардад, дар маҷаллаи «Ориёно» мақолае дарҷ менамояд.[80] Ӯ инчунин дар шумораҳои 113—114 ҳамон маҷалла намунаҳои ашъори форсии Иқболро ба чоп мерасонад. Соли 1956 Абдуллои Бахтонӣ бо номи «Афғонҳо дар назари аллома Иқбол»[81] рисолаеро ба забони пушту таълиф намуд. Муаллиф дар ин рисола порчаҳои шеърии Иқболро, ки дар онҳо шаҳру вилоятҳо ва Нодиршоҳ, Аҳмадшоҳ, Шершоҳи Сурӣ ва Хушҳолхони Хаттак барин шахсҳои таърихии Афғонистон таърифу тавсиф карда мешаванд, оварда, онҳоро шарҳ медиҳад. Дар фасли «Иқбол дар назари шоирони афғон»-и рисола шеърҳои дар ситоиши Иқбол ва афкори ӯ гуфтаи малик-ушшуаро Қорӣ Абдуллои Қорӣ, Халилуллоҳи Халилӣ, Ҳамзаи Шинворӣ, Мавлоно Ходим, Гулпоччон Улфат, малик-уш-шуаро Абдулҳақи Бетоб ва Муҳаммад Иброҳими Халил дарҷ ёфтаанд.[82] Аҳамияти рисолаи Бахтонӣ дар он аст, ки пушту забонони Афғонистонро бо мавзӯъ ва мундариҷаи баъзе шеърҳои Иқбол шиносо менамояд.

Соли 1957 сафоратхонаи дар Қобул будаи Покистон ба муносибати 19-солагии вафоти Иқбол маҷлиси илмӣ ташкил медиҳад, ки дар он донишманди маъруфи Афғонистон Пӯҳанд Ғулом Ҳасани Муҷаддадӣ дар бораи ақидаҳои фалсафии шо-

ир сухан ронда, таъкид мекунад, ки «фалсафаи аллома Иқбол фалсафаи умеду амал, ҷаҳду иқдом ва даъват ба ҳуррият аст».[83]

Иқбол то аввалҳои солҳои чилум дар Эрон чандон маъруф набуд. Аммо вақте ки дар соли 1943 ҷамъияти робитаҳои маданиИ Эрон ва Ҳиндустон ташкил мегардад ва дар натиҷа аҳли илму адабиёт ба мамлакатҳои ҳамдигар пай дар пай ташриф меоваранд, Иқбол ва осори ӯ диққати муҳаққиқони Эрониро ба худ ҷалб менамояд.[84] Муҳити Таботабоӣ дар Эрон нахустин шахсест, ки дар бораи Иқбол мақолае навиштааст. Ӯ соли 1944 яке аз шумораҳои маҷаллаи «Муҳит»-ро, ки ноширИ он худи ӯ буд, махсус ба Иқбол мебахшад. Таботабоӣ дар бораи тарҷумаи ҳол ва осори Иқбол ба таври мухтасар таваққуф намуда, эътироф мекунад, ки ӯ аз барҷастатарини устодони назми форсизабони Ҳиндустон ба шумор меравад.[85]

Аз ҳамон солҳо сар карда, осори Иқбол мавриди таваҷҷӯҳи малик-уш-шуаро Баҳор, Алиакбари Деҳхудо, Адибуссалтанаи Самеӣ ва дигар соҳибназарони Эрон қарор мегирад. Дар соли 1949 доктор Муҷтабои Минавӣ рисолаи «Иқболи Лоҳурӣ шоири порсигӯи Покистон»[86]-ро нашр гардонида, дар хусуси дар тӯли ҷараёни ҳаёту фаъолияти худ асосан ба муқобили зулму истибдод, торочгарӣ, берахмию беадолатӣ бекуқукию нобаробарӣ баромада, асарҳои саршори ғояҳои гуманистӣ офаридани шоир нақл менамояд. Маълумоти онд ба Иқбол додаи Минавӣ назар ба ахбороти Таботабоӣ мукаммалтар буда, намунаҳои зиёдтари ашъори форсии шоирро дар бар мегирад.

Соли 1952 сафоратхонаи Покистон дар Теҳрон маҷлиси солонаи Иқболро мегузаронад, ки дар он ходимони намоёни илму адабиёти Эрон аз қабили Саид Нафисӣ, Абулҳусайни Навоӣ ва ғайра бо маърӯзаҳо баромад карда, суханварон бузурги асри XX машриқзамин будани Иқболро қайд карда, таъкид намудаанд, ки ӯ афкори баланду амиқи иҷтимоиро на фақат барои ҳиндуён, балки барои тамоми халқҳои Шарқ баён карда, онҳоро аз ихтилофот, аз бигӯмагӯҳои марбут ба наҷн ва маразҳои сиёсию мунокишоти мазҳабӣ барҳазар доштааст. Маърӯзаҳо ва мулоҳизаҳои дар маҷлиси ёдбуди Иқбол кардаи донишмандону адибони Эрон дар ҳамон сол таҳти унвони «Иқболнома»[87] ба табъ расидааст. Ба ин маҷмӯа ниҷуни қасида, ғазал, қитъа ва дигар шеърҳои дар мадҳи Иқбол ва ё дар тазмини ӯ гуфтаи шоирони Эрон гирд оварда шудаанд.

Саид Нафисӣ дар муқаддимае, ки ба китоби «Румии аср»-и

донишманди покистонӣ доктор Хоча Абдулхамиди Ирфонӣ навиштааст, ба назми форсии шоир баҳои баланд дода, гуфтааст, ки «Иқбол на танҳо аз бузургони Покистон ва бузургони асри мост, балки аз касонест, ки номашон аз таърихи адаб берун нахоҳад рафт ва эшонро ба ҳақ бояд мучаддади адабиёт ном ниҳод».[88]

Саид Нафисӣ дар муқаддимаи тарчумаи форсии девони урдуи Иқбол —«Зарби Калим» низ оид ба маҳорати шоирии Иқбол баҳс намуда, дар таърихи адабиёти форсизабон мақоми намоён доштани ӯро қайд менамояд.[89]

Соли 1958 намояндаи сафоратхонаи Эрон дар Афғонистон Муҳаммадтақӣ Муқтадири Шерозӣ дар мачлиси дар Қобул ба Иқбол бахшидашуда дар мавзуи «Фикри Иқбол» баромад кардааст, ки он бо ҳамон унвон дар шакли рисолаи алоҳида чоп шудааст.[90] Муаллиф дар муқаддима менависад, ки ӯ дар бораи тамоми афкори Иқбол не, балки фақат доир ба ақидаҳои тасаввуфии ӯ баҳс мекунад. Ӯ ба эчодиёти Иқбол таъсири амиқе гузоштани Чалолиддини Румиро хотирнишон карда, аз шеърҳои шоир, ки дар онҳо мусулмонон ба иттиҳоду ягонагӣ даъват карда мешаванд, намунаҳо меорад.

Забеҳулло Сафо дар «Ганчи сухан» ба забони форсӣ ашъори диловез эчод карда тавонистани Иқболро қайд намуда, аз ашъори ӯ намунаҳо дарч гардонидааст.[91]

«Иқболшиносӣ»-и Саид Ғуломризои Саидӣ мукаммалтарин асарест, ки дар Эрон дар бораи Иқбол таълиф шудааст.[92] Мусанниф дар ин асар чӣ дар хусуси лаҳзаҳои чараёни зиндагии Иқбол ва чӣ дар хусуси асарҳои вай маълумоти пурратар медиҳад. Ӯ мулоҳизаҳои нисбат ба Иқбол изҳор кардаи Малик-уш-шуаро Баҳор, Адибуссалтанаи Самеъӣ ва дигар арбобони машҳури илму адабиёти Эронро оварда, ба забонҳои мухталифи олам тарчума шудани осори ӯро зикр намуда, маъхазҳои барои навиштани асар истифода бурдаи худро, ки асосан аз мақолаҳову рисолаҳои дар боло номбаршудаи муаллифони эронӣ иборатанд, нишон медиҳад. Дар хусуси асари Саидӣ ҳаминро гуфтан лозим аст, ки ҳарчанд аз рисолаҳои пеш аз он дар бораи Иқбол навишташуда ҳачман калон аст, лекин дар он ҳам таҳлили ҳаматарафаи эчодиёти Иқбол дида намешавад. Ягона чизи наве, ки мо дар ин асари Саидӣ мебинем, аз он иборат аст, ки ӯ мундаричаи мақолаҳои мачмӯаи «Тачаддуди фалсафаи ислом» ва шеъри «Парламенти иблис»-и Иқболро, ки ба забони урду мебошанд, ба форсӣ баён кардааст.

Алии Даштӣ соли 1963 дар маърӯзаи дар мачлиси илмии

ёдбуди Иқбол дар шаҳри Бейрут кардан худ аз тамоми шоиронӯ мутафаккирони бузурги Ҳиндустон ба воситаи фикри фалсафӣ, мулоҳизоти иҷтимоию ахлоқӣ ва вусъати доманаи андеша саромад будани Иқболро қайд карда гузаштааст.[93]

Донишманди дигари Эрон Алиакбари Кишварӣ 21 апрели соли 1965 дар маҷлиси илмие, ки дар Бағдод барпо шуда будааст, дар мавзӯъҳои ҳаётии замони худ асар навиштани Иқболро қайд намуда, оид ба баъзе ақидаҳои фалсафии ӯ сухан рондааст.[94]

Дар ҳамон сол Ғуломҳусайни Юсуфӣ дар мавзӯи «Шоири зиндагӣ» дар донишгоҳи Машҳад баромад карда, дар асоси адабиёти илмии чопшуда ва асарҳои худи Иқбол дар бораи шоир, нависанда, сиёсатдон, ҳуқуқшинос, санъатшинос ва файласуфи мумтоз будани ӯ баҳс намудааст.[95]

Дар соли 1966 бо саъю кӯшиши Ғуломҳусайн Солеҳии Алломӣ маҷмӯаи ашъори Иқбол ба тариқи интихоб бо номи «Як чаман гул» дар Теҳрон ба табъ мерасад.[96] Мураттиб дар муқаддима оид ба тарҷумаи ҳоли Иқбол маълумоти мухтасаре медиҳад. Қимати ин маҷмӯа дар он аст, ки хонандагони Эронро аввалин бор бо намунаҳои нисбатан зиёдтари ашъори Иқбол шинос гардонида, аҳли илму адабиёти он ҷоро ба омӯхтани эҷодиёти ӯ сафарбар намудааст.

Доктор Ҳусайни Хатибӣ дар «Мухтасаре роҷеъ ба осор ва сабки ашъори доктор Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ» ном мақолаи худ Иқболро бузургтарин шоири форсизабони асри мо номида, дар хусуси сабки ашъори ӯ таваққуф кардааст.[97] Ӯ чунин ақида дорад, ки Иқбол «дар ашъори хеш бештар ба сабки қадими шеъри форсӣ мутаваҷҷеҳ будааст».[98] Аммо Хатибӣ ин фикри худро бо далелҳои пурқувват исбот карда натавонистааст. Ӯ дар эҷодиёти Иқбол ҷой доштани таъсири ситамоҳои намоёни адабиёти форсу тоҷикро қайд кунад ҳам, вале ягон шеъри дар татаббӯи онҳо гуфтаи шоирро намуна наовардааст.

Дар мақолаи «Нуқтае чанд дар байте аз Иқбол»-и доктор Риҷои Танҳо «Милоди одам» ном як шеъри «Паёми Машриқ»-и шоир мавриди муҳокимаву баҳс қарор гирифтааст.[99] Доктор Саид Муҳаммад Акрам дар мақолаи «Сахткӯшии Иқбол»,[100] баъзе шеърҳои мазмунҳои фалсафӣ доштаи шоирро таҳлил карда, ба чунин хулосаи дуруст омадааст, ки мувофиқи таълимоти ӯ зиндагӣ ва сарбаландии одамӣ бо ҳаракат, мубориза ва саъю кӯшиши доимӣ вобаста аст.

Доктор Шаҳриёри Нақавӣ дар мақолаи «Саҳми Иқбол дар озодии Ҳинду Покистон»[101] кӯшиш кардааст, ки ба воси-

таи ашъори ҳароратноки худ дар озодии Ҳиндустон роли калон бозидани Иқболро нишон диҳад. Ӯ асосан онд ба «Ҳимолай», «Таронаи миллӣ», «Садои дард», «Тасвири дард» ва дигар шеърҳои урдуи Иқбол, ки дар онҳо эҳсосоти ватанпарастии ӯ бештар таҷассум ёфтаанд, инчунин баъзе шеърҳои форсии ӯ, ки дар онҳо қатъи назар аз ихтилофи дину мазҳаб тамоми ҳиндустониҳо барои ба даст овардани озодӣ ва истиқлолияти миллӣ ба мубориза даъват карда мешаванд, сухан меронад.

Соли 1964 дар натиҷаи саъю кӯшиши ҷиддии Аҳмади Суруш куллиёти мукаммалтарини осори манзуми форсии Иқбол дар Эрон ба чоп мерасад.[102] Аҳмади Суруш дар муқаддимаи куллиёт шарҳи ҳоли мухтасари Иқболро баён намуда, асарҳои ба забонҳои форсӣ ва урду эҷод кардани ӯро номбар мекунад. Бояд гуфт, ки Аҳмади Суруш дар бобати бо тамоми асарҳои форсии Иқбол шиносо кардани эрониён хидмати шоёни таҳсинро адо намудааст.

Соли 1970 аз тарафи Аҳмади Аҳмадӣ бо унвони «Донои роз» китобе дар Машҳад чоп мешавад, ки он ҳам ба Иқбол бахшида шудааст.[103]

Ба ин китоб Ғулом Ҳусайни Юсуфӣ муқаддима навишта, дар он шоир ва мутафаккири забардасти Шарқ будани Иқболро қайд намудааст.[104] Аҳмадӣ аз рӯи ахбороти сарчашмаҳои адабию илмӣ тарҷумаи ҳоли мухтасари Иқболро тасвир намуда, намунаҳои маснавиҳову девонҳои форсии ӯро дарҷ гардонидааст.

Дар бораи Иқбол ва эҷодиёти ӯ инчунин Киҷкинаи Козимӣ, Саид Ҳасани Тақизода, доктор Манучеҳри Иқбол, Лутфалии Суратгар, Содиқи Нишот, Машоиҳи Фаредунӣ, Муҳаммади Ҳиҷозӣ, Ҳабибуллоҳи Омӯзгор, доктор Нозирзодаи Кирмонӣ ва Абдулҳусайни Навоӣ барин адабиётшиносони маъруфи Эрон фикру мулоҳизаҳои худро баён кардаанд.

Адабиётшиноси покистонӣ — Хоҷа Абдулҳамиди Ирфонӣ андешаҳои доир ба Иқбол баёнкардаи донишмандону адибони дар боло зикршудаи Эронро аз таълифотҳои мухталифи адабию илмӣ ҷамъоварӣ намуда, дар шакли китоби алоҳида бо номи «Иқбол дар назари эрониён»[105] дар Қарочӣ ба табъ расонидааст. Ирфонӣ дар муқаддимаи китоб ба омӯхтани Иқбол ва осори ӯ беш аз пеш диққати ҷиддӣ додани адабиётшиносони Эронро таъкид мекунад. Бояд қайд кард, ки қисми зиёди мулоҳизаҳои дар хусуси Иқбол изҳор намудаи шахсони номбаршуда аз китоби «Румии аср»-и худи Ирфонӣ ва маҷмӯаи мақолоти «Иқболнома», ки зикраш дар боло гузашт,

оварда шудаанд. Ба «Иқбол дар назари эрониён» шеърҳое дар таърифу тавсифи Иқбол гуфтаи шоирони Эрон — Сармад, Козими Раҷавӣ, Адиби Барумандӣ, Ҳабиби Яғмоӣ, Ҳасани Расо, Алии Садорат Насим, Гулчини Маъонӣ, Алии Ҳусайн Раҷавӣ, Толиқонӣ, Ризозода Шафақ, Ҳусайни Пажмон, Амирии Фирӯзкӯҳӣ, Балхӣ, Сорамӣ, Иброҳими Сафоӣ ва Аббоси Фурот, инчунин порчаҳои дигари мутафарриқа, ки низ доир ба Иқбол мебошанд, ҷамъ гардидаанд.[illegible]

Ирфонӣ тарҷумаҳои урдуи мақола, хитоба ва шеърҳоро ҳам додааст, ки онҳо махсусан, барои бо нуқтаи назари нисбат ба Иқбол доштани аҳли илму адаби Эрон шинос шудани покистониҳову ҳиндустониён ёрии хеле калон мерасонанд.

Ҳамин тариқа, дар зарфи сӣ соли охир дар Эрон доир ба Иқбол як қатор мақолаву рисолаҳои илмию оммавӣ навишта шуда, осори форсии дар маҷаллаҳои гуногуни илмию адабӣ ва дар шаклҳои маҷмӯъаву куллиёт ба табъ расидаанд, ки онҳо хусусан, барои муҳаққиқони омӯхтани мероси форсии ӯ аҳамияти калон доранд.

Ҳаёт ва мероси Иқбол дар мамлакатҳои араб низ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Арабҳо ва донишмандони араб як қатор мақолаҳо, шеърҳоро ба забони арабӣ тарҷума карда, онҳо ба ӯ мақолаҳо бахшидаанд. Ҳасан Ал-Аъзамӣ ва Саиди Алӣ Аш-Шаблон «Ҳиндустони мо», «Шикоя ва ҷавоб» ва дигар шеърҳои урдуи шоирро ба арабӣ тарҷума намуда, дар яке аз маҷаллаҳои Миср чоп кунонидаанд.[illegible]

Шоираи Ироқ Амина Нуриддин низ мақолаҳое аз шеърҳои Иқболро аз забонҳои форсӣ ва урду ба арабӣ гардонида, бо шарҳи ҳоли мухтасари ӯ дар Бағдод ба табъ расонидааст.[illegible]

Бо саъю кӯшиши доктор Абдулваҳҳоби Аззомӣ тарҷумаҳои арабии девонҳои «Паёми Машриқ» ва «Зарби Калим» инчунин маснавиҳои «Асрори худӣ» ва «Румузи бехудӣ»-и Иқбол бо сарсухану тавзеҳот дар Карочӣ ва Миср нашр шудаанд.[illegible]

Ба забони арабӣ тарҷума гардидани асарҳои Иқбол барои дар мамлакатҳои араб низ дар бораи ӯ ба вуҷуд омадани асарҳои тадқиқотии илмӣ заминаи хуб муҳайё месозанд. Абул Ҳасан Алӣ Ал-Ҳусайнии Ан-Надвӣ соли 1960 дар Димишқ «Равоеъи Иқбол» ном китоберо нашр мегардонад.[illegible] Муаллиф дар хусуси лаҳзаҳои муҳимми ҳаёти эҷодии Иқбол, мероси адабию илмӣ ва мундариҷаи ғоявии онҳо маълумоти умумӣ дода, оид ба муносибати бо афкору назарияҳои Саид Ҷамолиддини Афғонӣ доштани Иқбол ҳам далелҳо намуда мегузарад.

Дар Туркия низ доир ба Иқбол баъзе мақолаву рисола-

хо чоп шудаанд. Идораи «Туркияи ҷадид» «Румӣ ва Иқбол» ном рисолаеро ба табъ расонида аст, ки он дар бораи муносибати бо «Маснавӣ» ва ғазалиёти Ҷалолиддини Румӣ доштани Иқбол бахс менамояд.[111]

Профессор Алӣ Ниходи Торлон девони« Паёми Машриқ»-ро ба забони туркӣ тарҷума карда, бо сарсухани муфассале дар Истамбул нашр кунонидааст.[112] Ӯ Иқболро бузургтарин сухансарои асри XX мешуморад ва фикри тадқиқотчиёнро, ки ӯро шоири импрессионист ва ё сумбулист донистаанд тамоман рад менамояд.« Иқбол шоирест, ки,— менависад ӯ,— ғазалҳояш бо сози фитрат хамоҳанг наафтода, фитратро маҷбур карда, ки сози худро парда гардонад ва бо яқине, ки дар дил дошта ба осоӣ дар шеъру шоирӣ нақши навине оварда ва коиноти дигаре офаридааст. Пеши ӯ хар касе, ки мақому манзалати инсониро идрок намудааст, маҷбур ба сар фуруд овардан аст. Пирояи шеъри ӯ гавхари хақиқат аст, ки аз аъмоқи уммони дили хеш ба дар овардааст».[113]

Торлон ҳамин гуна хусусиятҳои ашъори Иқболро ба назари эътибор гирифта, ба чунин хулоса омадааст, ки хеҷ яке аз сухансароёни асри мо, ки ба форсӣ шеър сароидаанд, ба дараҷаи ӯ нарасидаанд.

Дар Индонезия шарқшинос Бахрум Рангкути маснавии «Асрори худӣ» ва шеърҳои дигари Иқболро ба забони индонезӣ тарҷума карда, бо муқаддима нашр гардонидааст.[114] Дар шумораи моҳи октябри соли 1952 маҷаллаи «Обнёни ислом» мақолаҳои доир ба Иқбол ва эҷодиёти ӯ навиштаи муҳаққиқони индонезӣ чоп шудаанд.[115]

Аз соли 1920 сар карда, шарқшиносони Европаи Ғарбӣ хам ба омӯхтани хаёт ва эҷодиёти Иқбол шурӯъ менамоянд. Шарқшиноси маъруфи англис Р. А. Никольсон дар ҳамин сол маснавиҳои «Асрори худӣ» ва «Румузи бехудӣ»-и Иқболро ба забони англисӣ тарҷума намуда, ба воситаи ширкати матбуотии Макмиллани Лондон нашр мегардонад ва хонандагони Европаро бо шархи ҳол ва афкори фалсафии ӯ шинос мекунад.[116]

Иқбол дар мамлакатҳои Ғарб маҳз ба воситаи тарҷумаи англисии маснавии «Асрори худӣ», ки онро Р. А. Никольсон анҷом дода буд, шӯхрати бағоят калон пайдо менамояд. Дар ин хусус дар ҳамон солҳо Мухити Таботабоӣ навишта буд: «Дар ин айём Никольсон — ховаршиноси англисӣ тарҷумаи шевое аз «Асрори худӣ» бо муқаддимаи интиқодӣ ба забони англисӣ интишор дод ва Иқболро дар маҳфилҳои адабии Аврупо ва Америка номвар ва шинос сохт. Ноқидини адабӣ дар

мачаллаҳои адабӣ ва рӯзномаҳо ба интиқоди ӯ хома кушуданд. Дар натича Иқбол низ монанди Такур — ҳамватани худ суханвари чаҳонӣ ба шумор омад».[117]

Р. Никольсон инчунин доир ба Иқбол чанд мақола навишта, баъзе шеърҳои дигари ӯро низ ба забони англисӣ тарчума карда нашр кунонидааст.[118]

Чи навъе ки донишманди чех Я. Марек қайд менамояд, ҳанӯз дар вақти зиндагии Иқбол мухлисони эчодиёти ӯ дар Лондон бо номи «Иқбол сосаыти» чамъиятеро ташкил карда будаанд, ки дар нахустин мачлиси илмии он худи Иқбол ҳам иштирок кардааст.[119] Чамъияти зикршуда 8 сол давом карда барҳам мехӯрад, аммо он соли 1948 аз нав дар Лондон таъсис мeёбад ва шарқшиноси маъруфи англис А. Ч. Арберри раиси он интихоб мегардад.

А. Арберри тарчумаи англисии чанде аз осори дигари Иқболро анчом медиҳад. Ӯ як қисми рубоиҳои ҳиссаи «Лолаи Тур»-и «Паёми Машриқ», чанде аз ғазалиёти «Забури Ачам» ва маснавии «Румузи бехудӣ»-и Иқболро ба англисӣ тарчума намуда, бо муқаддима ва шарҳи ҳоли ӯ ба табъ мерасонад.[120] А. Арберри яке аз муҳимтарин асарҳои манзуми Иқбол «Човиднома»-ро ҳам ба англисӣ гардонида, бо сарсухан нашр мекунонад. Ӯ дар муқаддимаи худ дар бораи аз тарафи А. Баузанӣ, А. Шиммел, Е. Мееровнч, Шайх Маҳмуди Аҳмад ва худи ӯ ба забонҳои италиявӣ, немисӣ, франсавӣ ва англисӣ тарчума карда шудани достони «Човиднома»-и Иқболро қайд мекунад.[121]

Э. Браун дар асари худ «Таърихи адабиёти Эрон» яке аз шогирдони собиқи файласуфи англис Мак Таггарт будани Иқбол, дар он айём яке аз мутафаккирони мӯътабари Ҳиндустон ба шумор рафтани ӯ ва дар асари оид ба фалсафаи Эрон навиштаи вай дар хусуси Мулло Садро дода шудани маълумоти чиддӣ ва саҳеҳро қайд менамояд.[122]

Дар Италия А. Баузанӣ нахустин шуда, доир ба Иқбол рисолае навишта, дар хусуси ақидаҳои фалсафии ӯ таваққуф кардааст.[123] А. Баузанӣ инчунин калонтарин достони форсии Иқбол «Човиднома»-ро ба забони италиявӣ тарчума карда, дар Рим ба табъ расонидааст.[124] Ӯ дар як қатор мақолаҳои дигари худ низ дар бораи маснавиҳои «Асрори худӣ» ва «Гулшани рози чадид» ва ба адибони мамлакатҳои Ғарб таъсири муайяне расонидани афкори ӯ баҳс менамояд.[125]

М. Дорлинг[126] ва Ч. Хоубен[127] барин шарқшиносони англис ҳам дар бораи маҳорати баланди шоирии Иқбол ва

масъалаҳои фалсафии дар маснавии «Асрори худӣ»-и ӯ гузошта шуда мақолаҳо навиштаанд.

Профессор А. Шиммель дар бораи Иқбол ва баъзе ҷиҳатҳои пешқадами афкори фалсафӣ ва иҷтимоию сиёсии ӯ мақолаҳои тадқиқотӣ навиштааст.[128]

Ба омӯхтани ҳаёт ва эҷодиёти Иқбол дар Франция олими шарқшинос Е. Меерович машғул шудааст. Ӯ дар хусуси Иқбол мақолаҳои ҷудогона навишта, ҳамроҳи Муҳаммад Мукрӣ достони «Ҷовиднома»-и ӯро ба забони франсавӣ тарҷума карда, нашр гардонидааст.[129]

Дар бораи Иқбол дар мамлакатҳои Ғарб баъзе мақолаҳову рисолаҳои дигар навишташуда бошанд ҳам, аммо дар онҳо фикри тозае дида намешаванд. Дар онҳо фикру мулоҳизаҳои оид ба Иқбол баёнкардаи тадқиқотчиёни Европаи Ғарбӣ, ки зикрашон дар боло гузашт, тақрибан бе тағйирот такрор мешаванд. Бинобар он мо дар хусуси онҳо сухан рондаиро лозим нашуморидем.

Бояд гуфт, ки асарҳои тадқиқотии оид ба Иқбол навиштаи олимони Ғарб барои ҳаматарафа омӯхта шудани фаъолияти адабӣ, илмӣ, ҷамъиятӣ ва сиёсии ӯ аз аҳамият холӣ нестанд. Вале ҳаминро низ фаромӯш набояд кард, ки қисми зиёди асарҳои олимони Ғарб аз ваҷҳи методологӣ ба талаботи илми шарқшиносии ҳозираи мо ҷавоб дода наметавонанд.

Номи Муҳаммад Иқбол пеш аз Революцияи Социалистии Октябрь дар Россия ҳам маълум буд. Шарқшиноси маъруф А. Е. Крымский ҳанӯз соли 1912 ба «Таҳаввули илми мовароуттабиа дар Эрон» ном асари фалсафии Иқбол мароқи калон зоҳир намуда, хусусан барои омӯхтани таърихи тасаввуф дорои аҳамияти калон будани боби дуюми онро таъкид карда буд.[130]

Махсусан баъди он, ки дар моҳи августи соли 1947 Ҳиндустону Покистон истиқлолияти миллӣ ба даст оварда, байни онҳо ва Иттифоқи Советӣ муносибатҳои дипломатӣ барқарор гардид, алоқаҳои маданию илмӣ низ инкишоф ёфт. Шарқшиносону адабиётшиносон ва файласуфони советӣ ба омӯхтани ҳаёт ва эҷодиёти Иқбол ба таври ҷиддӣ машғул шуданд.

Аввалин мақолае, ки дар мамлакати мо оид ба ақидаҳои фалсафии Иқбол навишта шудааст, ба қалами Н. П. Аникеев тааллуқ дорад. Ӯ дар «Проблемаи шахсият дар фалсафаи Иқбол»[131] ном мақолааш ба масъалаи асосии фалсафаи Иқбол, ки бо номи «фалсафаи худӣ» машҳур аст, диққати калон дода, онро аз нуқтаи назари илмӣ ва марксистӣ таҳлил намудааст.

Н. П. Аникеев дар мақолаи дигари худ «Ақидаҳои ҷамъиятию сиёсии Муҳаммад Иқбол»[132] нуқтаи назари оид ба давлат, сохти давлатдорӣ ва муносибати нисбат ба республика доштаи шоирро шарҳ медиҳад.

Н. П. Аникеев ва С. М. Кедрова дар мақолаи зери унвони «Муҳаммад Иқбол — саройандаи инсон»[133] навиштаашон тамоми умр дар мавзӯъҳои зидди зулми мустамликадорӣ, ғуломдорӣ, фишори ҷисмонию рӯҳи, фисқу фиҷури дунёи буржуазӣ асарҳо эҷод кардани Иқболро таъкид намуда, баробари ин-шон додани ҷиҳатҳои пешқадами эҷодиёти ӯ маҳдудиятҳои ғоявиашро низ зикр намудаанд.

Н. П. Аникеев баъдтар мақолаҳои доир ба Иқбол навиштаашро бо баъзе тағйиротҳо ба сурати рисола тахти унвони «Мутафаккир ва шоири машҳур Муҳаммад Иқбол» ба табъ расонд, ки он бо вуҷуди ҳаҷман хурд буданаш хонандагони советиро бо шарҳи ҳол ва ақидаҳои муҳимми Иқбол шиносо гардонид.[134]

Дар мақолаҳои доир ба адабиёти халқҳои Ҳиндустон навиштаи шарқшинос Е. П. Челышев ҳам дар хусуси Иқбол қайдҳои ҷудогона мавҷуд аст. Е. П. Челышев дар муқаддимаи «Ашъори шоирони Ҳинд» сухансарои мумтоз будани Иқболро таъкид намуда, қайд мекунад, ки ӯ дар назми урду бештар ғояҳои ватандӯстиро инкишоф додааст.[135]

Ӯ дар «Адабиёти халқҳои Ҳиндустон ва мубориза барои истиқлолият» ном мақолааш низ ба таври мухтасар аҳамияти ҷамъиятии эҷодиёти Иқбол ва роли ӯро дар инкишофи тенденцияҳои ватандӯстии адабиёти халқҳои Ҳиндустон гӯшрас сохтааст.[136]

Н. В. Глебов дар мақолаи «Шоири Шарқ»[137] яке аз тавонотарин устодони назми Шарқ будани Иқболро қайд намуда, оид ба баъзе ақидаҳои пешқадами ӯ сухан рондааст.

Л. Р. Гордон-Полонская дар «Ҷараёнҳои мусулмонӣ дар афкори ҷамъиятии Ҳиндустон ва Покистон» зери унвони «Худованди афкори интеллигенцияи мусулмонӣ Муҳаммад Иқбол»,[138] бештар дар бораи ақидаҳои фалсафии шоир таваққуф намуда, мӯҳтоҷи тадқиқи ҳаматарафа будани эҷодиёт ва ҷаҳонбинии зиддиятноки ӯро таъкид мекунад. Ин муаллиф ба маҷмӯаи ашъори мунтахаби бо номи «Бонги даро» ба забони русӣ чоп шудаи Иқбол муқаддима навишта, дар он ҷиҳатҳои пешқадами эҷодиёти ӯро зикр намуда гузаштааст.[139]

Шарқшинос Н. И. Пригарина низ чандин сол аст, ки ба омӯхтани ҳаёт ва эҷодиёти Иқбол машғул аст. Ӯ дар мақолаҳои «Иқболро мутолиа карда»,[140] «Тамҳиди маснавии «Асро-

ри худй»,[141] «Гуманизм дар лирикаи фалсафии Муҳаммад Иқбол»,[142] «Истилоҳо-уш-шуаро» дар назми Муҳаммад Иқбол»[143] асосан ашъори фалсафии девони «Паёми Машриқ» ва маснавии «Асрори худй»-и Иқболро мавриди таҳлил қарор додааст. Рисолаи номзадии Н. И. Пригарина «Хусусиятҳои лирикаи фалсафии Муҳаммад Иқбол», ки соли 1967 анҷом ёфта буд, низ аз таҳлили лирикаи фалсафии «Паёми Машриқ» ва «Асрори худй»-и Иқбол иборат аст. Н. И. Пригарина соли 1972 дар Москва «Назми Муҳаммад Иқбол»[144] ном монографияро нашр гардонид, ки он аз шаш боб ва хотима иборат аст. Дар боби аввал муаллиф мақолаҳои алоҳида ва мулоҳизаҳои ҷудогонаи дар хусуси Иқбол навиштаи Н. П. Аникеев, Л. Р. Гордон-Полонская, М. Миршакар, Н. Глебов, А. Сухочев, Ғ. Алиев ва дар Москваю Тошкент нашр гардидани маҷмӯаҳои тарҷумаҳои русии ашъори шоирро хотиррасон карда, таъкид мекунад, ки ӯ дар асари худ асосан доир ба эҷодиёти манзуми солҳои 1900—1924 Иқбол баҳс менамояд. Дар ин боб маснавиҳою маҷмӯаҳои «Асрори худй», «Румузи бехудй», «Паёми Машриқ», «Бонги даро», «Забури Аҷам», «Ҷовиднома», «Боли Ҷабраил», «Зарби Калим» ва «Армуғони Ҳиҷоз»-и Иқбол номбар карда шуда, оид ба онҳо характеристикаи мухтасар дода мешавад. Боби дуюм ба тасвири шарҳи ҳол, фаъолияти адабии солҳои аввал, мундариҷаи ғоявию хусусиятҳои асосии нахустин шеърҳои Иқбол ва ҳаракати маорифпарварии Алигарҳ, ки бо ташаббуси арбоби намоёни ҷамъиятй-сиёсй ва адибу мутафаккири барҷаста Саид Аҳмадхон (1817—1898) ба вуҷуд омада буд, бахшида шудааст. Дар ин боб дар бораи ҳамфикрон ва пайравони Саид Аҳмадхон—Шиблии Нуъмонй (1857—1914) ва Муҳаммад Ҳусайни Ҳолй (1837—1914) низ маълумот дода мешавад, ки ин аз аҳамияти калон холй нест. Зеро адибону донишмандони зикршуда дар эҷодиёти худ аз мавзӯъҳои асосй ва мавҳум ба масъалаҳои муҳимми даврани худ гузашта, асоси адабиёти тараққипарваронаи ҳозираи урдуро гузоштаанд ва ғояву афкори онҳо ба Иқбол таъсири калон расондааст.

Н. И. Пригарина дар боби сеюми рисола соли 1905 аз рӯи тавсияи шарқшиноси англис Томас Арнольд барои такмили илми фалсафа ба Англия сафар карда, ба Тринити Коллеҷи Кембриҷ дохил шуда, таҳти роҳнамоии профессорони маъруфи он Мак Таггарт ва Ҷеймс Уорд ба таври бояду шояд фалсафаи Шарқу Ғарбро аз худ намудани Иқболро зикр менамояд. Муҳаққиқ инчунин дар ин боб моҳи июни соли 1907 ба Гейдельберги Германия рафта, оид ба таърихи ҷаҳон рефера-

ти илмӣ навишта, ба забони немисӣ санҷишҳои даҳоӣ сипо-рида, моҳи ноябри ҳамон сол дар университети Мюнхен дар мавзӯи «Таҳаввули илми моварроуттабиа дар Эрон» диссерта-ция ҳимоя карда, ба гирифтани унвони доктори илмҳои фал-сафа ноил гардидани Иқбол, дар натиҷаи сафари Аврупо дар эҷодиёти шоир пайдо шудани мазмунҳои нав ва мундариҷаи як қатор шеърҳои дар байни солҳои 1905—1908 офаридаи ӯро баён мекунад.

Дар боби чаҳорум баъд аз дар моҳи июли соли 1908 аз Аврупо бозгаштан ба Коллеҷи ҳукуматии Лоҳур ба хидмат дохил шудани Иқбол, аммо бо мақсади тамоман ба кори эҷо-дӣ машғул гардидан, аз он хидмат даст кашида, бо пешаи ва-колати додгустарӣ (адвокатӣ) шуғл варзидани шоир инъикос ёфта, манзумаҳои оҳангҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фалсафӣ доштаи вай «Таронаи ҳиндӣ», «Фалсафаи ғам», «Шиква» ва «Шамъу шоир» таҳлил карда мешаванд.

Боби панҷум аз муҳимтарин қисматҳои асари Н. И. Пригa-рина буда, дар он аввалин маснавии фалсафии ба забони фор-сӣ эҷодкардаи Иқбол «Асрори худӣ» мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф дар муқаддимаи ин боб дар пайравии «Маснавӣ»-и Ҷалолиддини Румӣ навишта шудани «Асрори ху-дӣ»-и Иқбол, дар шаклгирии консепсия ва вусъат ёфтани ҷа-ҳонбинии шоир таъсири калон расондани файласуфони Ғарб, хусусан Нитшеро қайд намуда, мундариҷаи маснавии «Асро-ри худӣ»-ро баён кардааст. Алоқамандона ба ин доир ба мас-навии «Асрори худӣ» мулоҳиза ва хулосаҳои илмии худро из-ҳор доштааст.

Н. И. Пригарина дуруст қайд мекунад, ки мақсади Иқбол аз эҷоди маснавии «Асрори худӣ» он буд, ки халқҳои Шарқро водор созад, то қудрати азими дар вуҷудашон будаpo дарк намоянд, қувваи ҷиддии фаъолиятро афзоиш диҳанд, дар наз-ди худ ва ҷамъият масъулияташонро ҳис кунанд. Бояд гуфт, ки баъд аз нашри маснавии «Асрори худӣ» намояндагони дои-раҳои пешқадам ва иртиҷоии замони Иқбол дар бораи он фикру мулоҳизаҳои мухталиф баён кардаанд, ки мутаассифо-на, Н. И. Пригарина дар ин хусус хомӯш мондааст. Боби ша-шуми китоби Н. И. Пригарина ба таҳлили ашъори лирикӣ-фалсафии «Паёми Машриқ»-и Иқбол бахшида шудааст. Дар оғози ин боб муаллиф дар ҷавоби шоири забардасти немис Иоганн Вольфганг Гёте (1749—1832) эҷод шудани «Паёми Машриқ»-и Иқболро таъкид намуда, пас як қатор шеърҳои мазмунҳои фалсафӣ доштаи шоирро таҳлил карда, аз тарафи ӯ ба адабиёти Шарқ дохил карда шудани мавзӯъ ва мунда-

рицаҳои наву тозаро қайд мекунад.

Н. И. Пригарина дар соли 1924 аз чоп баромадани «Бонги даро»-ро қайд намуда, онд ба баъзе байтҳои он муҳокима меронад.

Чи навъе ки дида мешавад, Н. И. Пригарина дар бобати омӯхтани эҷодиёти манзуми солҳои 1900—1924 Иқбол заҳмати бисьёр кашида, кори шоёни таҳсинро анҷом додааст.

Хеле хуб аст, ки Н. И. Пригарина дар боран дар Иттифоқи Советӣ омӯхта шудани эҷодиёти Иқбол сухан ронда, ба таври хеле мухтасар бошад ҳам, дар хусуси кори ба Иқбол бахшидаи олимони советӣ маълумот медиҳад ва дар асари худ аз мақолаву рисолаҳои муаллифони Ғарб истифодаи фаровон мекунад. Агар муаллиф дар боран он, ки дар ватани Иқбол—Покистон ва дар Ҳиндустон, Эрон, Афғонистон, Туркия, мамлакатҳои араб ва кишварҳои дигари Шарқ дар масъалаи омӯзиш ва таҳқиқи эҷодиёти шоир чӣ корҳо карда шудаанд, таваққуф менамуд, қимати асари вай боз ҳам меафзуд. Аммо бо ин ҳама, асари таҳқиқотии Н. И. Пригарина дар соҳаи омӯхтани эҷодиёти Муҳаммад Иқбол ҳиссаи пурқимат буда, барои дар оянда ба таври мукаммалтар тадкик карда шудани ҳаёт ва фаъолияти гуногунсоҳаи шоир ва файласуфи номӣ, муайян намудани мавқеи дар таърихи адабиёти урдуву форсизабон доштаи ӯ кӯмаки калон мерасонад.

Н. И. Пригарина дар мақолаи «Ғолиб ва Иқбол»[145] онд ба услуби бадеии шоирони зикршуда, баҳс мекунад. Ӯ воситаҳои бадеиеро, ки Ғолиб ва Иқбол дар ашъорашон ба кор бурдаанд, ба ҳам муқоиса менамояд.

Н. Глебов ва А. Сухочев дар «Адабиёти урду»[146] тарҷумаи холи мухтасари Иқбол, асарҳои ба забонҳои урду ва форси эҷодкардаи ӯро номбар намуда, баробари нишон додани ҷиҳатҳои пешқадами эҷодиёти Иқбол маҳдудиятҳои ғоявии ӯро ҳам хотиррасон кардаанд.

Дар «Адабиёти форсизабони Ҳиндустон»-и Ғ. Ю. Алиев дар боран Иқбол ва ақидаҳои пешқадами ӯ таваққуф карда шудааст.[147] Ғ. Ю. Алиев дуруст қайд мекунад, ки номи Иқбол бо номҳои шоирони бузурги форсизабони Ҳинду Покистон ҳамчун Амир Хусрави Деҳлавӣ, Файзӣ, Ғанӣ, Бедил ва Ғолиб дар як радиф меистад.

А. Олимҷонов дар мақолаи «Ҷоми Ҷамшеди Иқбол»[148] ба таври мухтасар онд ба баъзе шеърҳои дорои мазмунҳои пешқадами шоир сухан рондааст.

Олими ҷавони ӯзбек С. Йӯлдошев дар рисолаи «Муҳаммад Иқбол дар боран Ленин»,[149] ки ҳамагӣ аз 19 саҳифа ибо-

рат аст, дар хусуси таъсири ба харакатхои миллию озодихохии Хиндустон расонидан Революцияи Октябрь, дар он чо шӯхрати бузург пайдо кардани В. И. Ленин ва интишор ёфтани ғояхои ӯ накл намуда, мулохизахои нисбат ба В. И. Ленин изхоркардаи адибону арбобони намоёни чамъияти Хинд Саччод Зохир, Вишванатх Мукерчи ва Кришан Чандарро оварда, пас доир ба шархи хол ва шеърхои ба Революцияи Октябру В. И. Ленин бахшида навиштаи Икбол сухан меронад.

Маколахои дар бораи Икбол навиштаи Н. П. Аникеев ва Л. И. Юревич, ки дар «Энциклопедияи фалсафӣ»[150] ва «Энциклопедияи таърихии советӣ»[151] дарч гардидаанд, мухтасаэ фикру мулохизахои муаллифони мазкурро рочеъ ба Икбол ва эчодиёти ӯ дар бар гирифтаанд.

Дар Точикистон хам ба омӯхтани хаёт ва эчодиёти Икбол ва дастраси хонандагон гардондани осори ӯ ахамияти чиддӣ дода мешавад.

«Мухаммад Икбол» ном маколаи шоири Халкии Точикистон Мирсаид Миршакар, ки соли 1958 дар журнали «Шарки сурх» чоп шуда буд,[152] хонандагони точикро бори нахуст бэ шархи холи мухтасар ва эчодиёти шоир шиносо намуд. Мирсаид Миршакар хамон вакт 220 байт намунаи ашъори форсии Икболро аввалин маротиба дар Точикистон чоп кунонид.

Дар охирхои соли 1958 нашриёти давлатии Точикистон зери унвони «Шеърхо» мачмӯаи ашъори форсии Икболро аз чоп мебарорад.[153] Муаллифи сарсухан ва тартибдихандаи ин мачмӯа хам Мирсаид Миршакар буд.

Мирсаид Миршакар дар сарсухани ба мачмӯаи «Шеърхо»-и Икбол навиштааш зиддиятхои дар акидахову чахонбинии ӯ мавчудбударо зикр намуда, фикри нодурусти он гуна адабиётшиносони мамлакатхои Шаркро, ки Икболро шоири сӯфӣ номидаанд, рад мекунад.

Шеърхои дар мачмӯаи мазкур гирдовардашуда, танхо аз «Паёми Машрик», «Забури Ачам» ва «Армуғони Хичоз»-и Икбол интихоб шуда буданд.

Нашриёти «Ирфон» соли 1966 зери унвони «Паёми Машрик»[154] мачмӯаи мукаммалтари ашъори форсии Икболро нашр мегардонад, ки онро хам Мирсаид Миршакар тартиб додааст. Дар оғози ин мачмӯа хамон маколае, ки дар «Шеърхо» хамчун мукаддима дарч ёфтааст, оварда мешавад. Аммо аз дигар чихатхо мачмӯаи «Паёми Машрик» аз «Шеърхо» фарки калон дорад. Аввал ин, ки «Паёми Машрик» хачман калон буда, 1336 байтро дар бар гирифтааст. Дуюм ин ки дар «Шеърхо» аз кадом асари Икбол интихоб карда шудани

ашъор ишон дода намешавад. Дар «Паёми машриқ» бошад, ин масъала ба назар гирифта шудааст.

Мирсаид Миршакар дар маҷмӯаи «Паёми Машриқ» аз девони «Паёми Машриқ» 733 байт, аз маснавии «Асрори худӣ» 93 байт, аз девони «Забури Аҷам» 237 байт, аз достони «Ҷовиднома» 101 байт ва аз «Армуғони Ҳиҷоз» 91 рубоиву қитъа интихоб кардааст. Мутаассифона, дар маҷмӯаи «Паёми Машриқ» аз се маснавии дигари форсии Иқбол «Румузи бехудӣ», «Мусофир» ва «Пас чӣ бояд кард, эй ақвоми Шарқ» чизе гирифта нашудааст. Вале бо вуҷуди ин маҷмӯаи «Паёми Машриқ» дар бобати бо афкори пешқадами Иқбол шиносо кардани хонандагони тоҷик роли бисьёр бузурге бозид.

Дар бораи маҷмӯаи тартибдодаи Мирсаид Миршакар «Паёми Машриқ» дар журнали «Садои Шарқ» тақризҳои Ғазанфар Алиев [155] ва муаллифи ин сатрҳо [156] чоп шудаанд, ки дар онҳо баробари муваффақиятҳо баъзе норасоиҳои дар маҷмӯа ҷойдошта зикр ёфтаанд.

Нависандаи ин сатрҳо низ мулоҳизаҳои нисбат ба Иқбол ва афкори ӯ доштаи худро дар мақолаҳои «Шоир ва мутафаккири озодихоҳ Муҳаммад Иқбол»,[157] «Ақидаҳои тарбиявӣ-ахлоқии Муҳаммад Иқбол»,[158] «Ақидаҳои иҷтимоӣ-сиёсии Муҳаммад Иқбол»,[159] «Ҳофиз ва шуарои Покистон»,[160] «Ҳофиз ва шоирони Ҳинду Покистон»,[161] «Адиби озодихоҳи Шарқ»,[162] «Шеъри форсӣ дар Ҳинду Покистон»,[163] «Аз ақидаҳои пешқадами Муҳаммад Иқбол»,[164] рисолаи «Муҳаммад Иқбол»[165] тақризи «Рисола дар бораи Муҳаммад Иқбол»,[166] «Достони «Ҷовиднома»-и Муҳаммад Иқбол»,[167] «Иқбол ва адибони барӯманди мо»[168] ва «Ақидаҳои тарбиявию ахлоқии Муҳаммад Иқбол»[169] баён кардааст.

Чӣ навъе ки мебинем, дар бораи Иқбол дар мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон ба забонҳои мухталиф, мақолаҳо, рисолаҳо ва ёддоштҳои зиёде таълиф ёфтаанд. Албатта, ҳамаи инҳо барои мукаммалтар омӯхтани ҳаёт ва эҷодиёти хеле бои Иқбол заминаи хуби илмӣ ба вуҷуд овардаанд. Аммо чи тарзе, ки бо таҳқиқотҳои оид ба Иқбол гузаронидашуда шиносо шудем, асари махсусе, ки бевосита ба таҳлили ҷиҳатҳои пешқадами осори манзуми форсии Иқбол ва мавқеи дар назми форсизабони Ҳинду Покистон доштаи ӯ бахшида шуда бошад, то имрӯз ба миён наомадааст.

Бинобар ин муаллифи ин сатрҳо ба назди худ вазифа гузоштааст, ки мувофиқи имкон ҳамин тарафи масъаларо равшан намуда, мақоми ӯро дар назми форсизабони Ҳинду Покистон ва умуман дар таърихи адабиёти нимҷазираи Ҳиндустон муайян намояд.

## ҲАЕТИ СИЕСИИ ҲИНДУСТОН ДАР ЗАМОНИ МУҲАММАД ИҚБОЛ

Замони зиндагии Муҳаммад Иқбол дар адабиёти таърихӣ ба таври муфассал инъикос ёфтааст. Дар чараёни нақли чигунагии авзои сиёсӣ ва ичтимоии ин давра, асосан ба ҳамин адабиёти таърихии мавчуда такья карда шуда, дар шарҳу тафсири ин ва ё он лаҳзаҳои чудогонаи таърихӣ бевосита сарчашмаҳои таърихӣ ва адабии дастрас низ мавриди истифода қарор дода шудааст.

Замони зиндагии Муҳаммад Иқбол, ки охирҳои нимаи дуюми асри XIX ва нимаи аввали асри XX мебошад, аз даврaҳои хеле ноором, яъне пур аз кашмакашҳою муборизаҳои сиёсии Ҳиндустон ба шумор меравад. Дар ин давра халқҳои меҳнаткаши Ҳиндустон бинобар беш аз пеш ба зулму истисмори мустамликадорони Англия ва заминдорону сармоядорони маҳаллӣ гирифтор гардидан барои ба даст овардани озодӣ ва истиқлолияти миллӣ ба мубориза бармехезанд.

Ҳаракатҳои фароизиён,[1] ваҳҳобиён[2] ва чунбишҳои оммавие, ки ба онҳо Саид Аҳмади Барейлавӣ, Тету Мир маъруф ба Нисорхони Чондпурӣ роҳбарӣ менамуданд, инчунин бaромадҳои деҳқонон, ки дар нимаи аввали асри XIX дар бисьёр музофотҳо рӯй дода буданд, аввалин дастаи инқилобиёни сиёсиро ба вучуд оварда, ба сар шудани шӯриши халқии солҳои 1857—1859, Ҳиндустон, ки дар таърих бо номи «шӯриши сипоҳиён» машҳур аст, заминаи мувофиқе ҳозир менамоянд.

Шӯришчиёни аввалин, ки сипоҳиёни шаҳри Мирут буданд, ба муқобили олимансабони англис бархоста, ба Деҳлӣ равон мешаванд ва дар натичаи муборизаи шадиди мусаллаҳона онро ишғол мекунанд. Онҳо идораҳои маъмурии ширкати тичоратии Ҳиндустони Шарқии Англияро ба замин яксон намуда, маконҳои амалдорони золими маҳаллиро оташ мезананд. Ба шӯриш гурӯҳҳои меҳнатии Агра, Аъзамгарҳ, Аврангобод, Ба-

рейлӣ, Банорас, Пешовар, Ҳайдарободи Дакан, Калкатта, Қоинпур, Лакҳнав, Қарочӣ, Лоҳур, Мултон, Муродобод ва Мадрас ҳамроҳ мешаванд, ки максади онҳо низ ҳосил карда-ни озодию истиклолияти миллӣ буд.[3] Дар давоми солҳои 1857—1859 шӯришҳои халқӣ дар шаҳру музофотҳои дигари Ҳиндустон ҳам ба вуҷуд меоянд, ки дар онҳо миллионҳо на-фар ситамкашон иштирок мекунанд. Аммо шӯриши бузурги умумихалқӣ ба мағлубият дучор мегардад.

Аз таърихшиносони Ҳинд Сундраллол менависад, ки бе тайёрӣ ва пеш аз вақт сар шудани шӯриш, кам будани роҳба-рони ҳарбии қобилиятнок ва хиёнати хоинони ватан ба мағлу-бияти шӯриши халқӣ сабаб мешаванд.[4]

Ба фикри мо аз ҷиҳати лавозимоти ҳарбӣ бартарӣ доштa-ни англисҳо, бо фармондеҳҳои таҷрибадор таъмин будани ар-мияи онҳо, дар байни шӯришчиён набудани иттифоқу ҳам-фикрӣ ва бо озуқаву яроқу аслиҳаҳои ҷангӣ таъмин набудани онҳо ҳам сабаби дигари шикаст хӯрдани шӯриши халқӣ гар-дидаанд.[5]

Ф. Энгельс оид ба шӯриши халқии солҳои 1857—1859 Ҳин-дустон ва роли иштироккунандагони он баҳо дода гуфта буд: «Эътироф намудан лозим аст, ки шӯришчиён ба ҳар ҳол бо қувваҳои асосиашон дар шароити вазнини худ он чӣ ки таво-нистанд, карданд».[6]

Англисҳо баъди аз болои шӯришчиён ғалаба кардан аз паи интиқоми озодихоҳон афтода, онҳоро аз дами теғ мегуза-ронанд.[7] Онҳо ба ивази ҳар як англиси дар давраи шӯриш ҳа-локшуда ҳазорҳо нафар ҳиндустониёни бегуноҳро ба қатл ме-расонанд.[8]

Мустамликадорони Англия аз ҳамин солҳо барои тамоман ба зери тасарруфи худ овардани Ҳиндустон меафтанд. Моҳия-ти сиёсати дар он давра нисбат ба Ҳиндустон доштаи Англия-ро лорд Эльфинстон, ки пас аз пахш карда шудани шӯриш гу-бернатори Бамбай таъин шуда буд, равшан баён кардааст. Ӯ 14 маи соли 1859 эътироф намудааст, ки «тақсим намо ва ҳукмронӣ кун» шиори румиҳои қадим буд ва ин бояд шиори мо низ бошад.[9]

Қувваҳои иртиҷоии феодалии Ҳинд такьягоҳи мустамлика-дорони Англия мегарданд. Англисҳо бо заминдорону сармоя-дорон ва судхӯрону савдогарони маҳаллӣ забон як карда ом-маи меҳнаткашро бераҳмона истисмор менамоянд.

Ҳанӯз 1 ноябри соли 1858, ки шӯриши миллии умумиҳиндӣ давом мекард, маликаи Англия Виктория гуфта буд: «Мо ҳу-

кук, шаъну шараф ва кадру кимати хокимони махаллиро хамчун азони худамон хеле эхтиром медорем».[10]

Дар соли 1877 малика Виктория императори Хиндустон эълон карда мешавад ва ин вокеаро намояндагони табакахои болои чамъияти Хиндустон бо камоли каноатмандй пешвоз мегиранд. Аз хамин солхо низоъхои мазхабии байни хиндухо ва мусулмонон хеле тезу тунд мегарданд, ки ин ба нафъи истилогарони англис буд. Дар ин хусус яке аз олимони хиндустоншиноси Англия Чон Стрэчи дар соли 1888 навишта буд, ки душмании мазхабии мусулмонону хиндухо дар бобати дар Хиндустон мустахкам шудани мавкеи Англия хидмати калон мекунад.[11]

Ширкати Хиндустони Шаркии Англия то нимахои асри XIX сарвату боигарии мамлакатро берахмона горат мекард. Махсулоти бехисоби бофандагони махаллй бо нарххои ночиз харида ба мамлакатхои дигар бурда мешуданд.

Назар ба гуфтаи К. А. Антонова аз тарафи англисхо танхо аз Бангола он кадар сервате кашонида шуда буд, ки он яке аз манбаъхои захирашавии капитал ва пайдошавии капитализм дар Англия гардид.[12]

Англисхо аз Хинд махсулоти хочагии кишлокро хам бехисоб мекашонанд. Агар дар соли 1849 аз Хиндустон бэ маблаги 850 хазор фунт стерлинг махсулоти галла баровагда шуда бошад, дар соли 1858 ба маблаги 3,8 миллион ва дар соли 1877 ба 7,9 миллион фунт стерлинг махсулоти галла бароварда мешавад.[13]

Англисхо инчунин дар аввалхои солхои 70-уми асри XIX аз Хиндустон 6 251 143 фунт чой ва 5 600 086 центнер пахтаро ба Англия мекашонанд. Дар натичаи истисмор ва бедодгарихои англисхо халки Хинд ба ахволи вазнин гирифтор мешавад. Дар давоми солхои 1851—1875 дар мамлакат шаш маротиба гуруснагй ба вучуд меояд, ки дар натича 5 миллион ахолй ба халокат мерасад. Дар кахтию гуруснагии дар солхои 1876—1900 дар Хиндустон рўй дода 15 миллион нафар одамон вафот мекунанд.[14]

Умуман дар давоми 100 соли хукмронии англисхо 10 фоизи ахолии мехнаткаши Хиндустон дар натичаи кахтию гуруснагй халок мегардад.[15]

Аз солхои 70-уму 80-уми асри XIX сар карда, бинобар аз хад зиёд шудани зулму истисмор харакатхои халкии ба мукобили хукмронии англисхо ва сармоядорону судхўрони махаллй нигаронида шуда ба вучуд меоянд. Агар шўриши миллии солхои 1857—1859 асосан дар кисмати шимолии Хиндус-

тон ба амал омада бошад, ҳаракатҳои оммавии давраҳои минбаъда ба таври хеле васеъ дар қисми ҷанубии мамлакат, инчунин дар Панҷоб ва Бангола рӯй медиҳанд. Дар ин солҳо деҳқонони музофотҳои гуногуни Ҳинд ҳам шӯришҳои оммавиро ташкил менамоянд. Яке аз калонтарин шӯришҳои ин давраро соли 1879 деҳқонони маратҳо дар Махараштра ташкил медиҳанд. Гурӯҳе аз иштироккунандагони ин шӯриш ба сармоядорону заминдорон ҳамла оварда, забонхатҳои қарздорӣ ва ҳуҷҷатҳои хироҷу боҷро нест мекунанд. Ба ин шӯриши калонтарини деҳқонон намояндаи интеллигенцияи демократии маратҳо Васудев Бальвант Пхадка роҳбарӣ менамояд. Ӯ аз нав барқарор кардани давлати маратҳоро эълон карда, аз ҳукуматдорони англис талаб мекунад, ки онҳо бояд сиёсати худро дар Ҳиндустон ба таври куллӣ тағйир диҳанд, аз аҳолӣ гирифтани хироҷро кам кунанд, ба саноат ва савдои маҳаллӣ ёрдами молиявӣ расонанд. Беҳтарин намояндагони майдабуржуазияи шаҳр ҳам ба муборизаи ҷиддии халқи ҳамроҳ мешаванд ва ба он роҳбарӣ намуданро ба зиммаи худ мегиранд.[16] Баъзе аз онҳо ҳамчун Рам Бхату дар ҳокимгарии Қолапур кӯшиш мекунанд, ки ба муқобили мустамликадорони англис сӯйқасд ташкил кунанд. Дар соли 1881 шумораи иштироккунандагони сӯйқасди Қолапур ба се ҳазор нафар мерасад, ки дар байни онҳо ҳам ҳиндуҳо ва ҳам мусулмонон буданд. Аммо мустамликадорон аз ин сӯйқасд огоҳ шуда, онро пахш мекунанд.

К. Маркс ба вазъияти сиёсии асри XIX Ҳиндустон баҳо дода истода, соли 1881 навишта буд: «Дар Ҳиндустон барои ба мушкилиҳо дучор гардонидани ҳукумати Британия ҳатто ба шӯриши умумихалқӣ тайёрӣ мебинанд. Дар байни аҳолӣ сӯйқасдҳои ҳақиқӣ рӯй дода истодаанд, ки дар онҳо якҷоя ҳам ҳиндуҳо ва ҳам мусулмонон иштирок мекунанд».[17]

В. И. Ленин қайд намуда буд, ки дар даврай ҳукмронии тамоман диктатории мустамликадорони Англия, тақрибан 300 миллион нафар одамон ба зери зулму фишори бераҳмонаи англисҳо гирифтор буданд.[18]

Ба мамониати мустамликадорон нигоҳ накарда, ҳаракатҳои миллию озодихоҳӣ беш аз пеш меафзуд ва мустаҳкам мешуд. Дар дохили Конгресси Миллӣ ҳам равияҳои нави демократӣ зуҳур мекунанд, ки дар сари он доҳии ҳаракатҳои миллии Ҳинд Бал Гангадхар Тилак (1856—1920) меистод, ки В. И. Ленин ӯро «демократи ҳиндӣ» номида буд. Пайравони Тилак, ки тарафдори равияҳои демократӣ буданд, мардумро барои ба муқобили ҳукмронии англисҳо ба таври оммавӣ му-

боризa бурдан даъват мекарданд, то ки ба ҳукмронии англисҳо тамоман хотима дода шуда, республикаи Ҳиндустон ташкил карда шавад. Онҳо ҳуқуқҳои демократии халқ ва беҳтар карда шудани шароити зиндагии оммаи васеи мардумро талаб менамуданд.[19]

Дар охири чаҳорьяки асри XIX дар Ҳиндустон нахустин бaромадҳои синфи коргар ба вуҷуд меоянд. Иштироккунандагони ин баромадҳо дар оғоз маҳз беҳтар гардонидани шароити иқтисодии худро талаб мекарданд ва онҳо характери маҳаллӣ дошта, ба қувваи чандон калон соҳиб набуданд. Вале ин баромадҳо ба он далолат менамуданд, ки ба майдони ҷамъиятию сиёсии Ҳинд синфи нав қадам гузошт, ва он аллакай дар солҳои аввали асри XX ҳамчун мубориза пешқадами истиқлолияти миллии Ҳинд мавқеи муҳимро ишғол намуд.

Аз нимаи дуюми асри XIX дар Ҳиндустон капитализми миллӣ тараққӣ мекунад. Дар соли 1853 дар Бамбай нахустин комбинати бофандагии Ҳинд ба кор шурӯъ менамояд. Дар соли 1888 шумораи фабрикаҳои бофандагии маҳаллӣ ба 156 мерасад, ки дар онҳо 44 ҳазор нафар коргарон кор мекарданд. Дар соли 1900 бошад, миқдори фабрикаҳо ба 200 ва коргарон ба 161 ҳазор нафар мерасад.[20]

Дар натиҷаи тараққиёти капитализми ҳиндӣ ва пайдо шудани синфи буржуазӣ, майдабуржуазӣ ва синфи коргар дар Ҳиндустон қувваҳои нави ҷамъиятӣ ва сиёсии нисбат ба капитализми Англия бадбин ба вуҷуд меоянд ва дар тамоми қисматҳои Ҳиндустон ҳаракатҳои миллию озодихоҳӣ пай дар пай ба вуҷуд омадан мегиранд. Мустамликадорони Англия дар ин давра ҳам бо мақсади барҳам додани ҳаракатҳои зиддиимпериалистӣ ба ихтилоф андохтани ҳиндуҳову мусулмонон давом медиҳанд.[21]

Аз давраи ноибуссалтана таъин шудани лорд Ф. Т. Дафферин (с. 1884) ба ҳам муқобил гузоштани мусулмонону ҳиндуён ба таври ошкор оғоз меёбад.[22]

Чунончи, яке аз ходимони сиёсии англис Юм дар вақти гузаронидани нахустин съезди конгресси Миллии Ҳиндустон барои ихтилоф андохтани ҳиндуёну мусулмонон саъю кӯшиши зиёд ба кор мебарад.[23] Англисҳо ҳаракати ҳиндуёнро, ки таҳти шиори «барои ҳимояи говҳо» гузаронида шуда буду иштироккунандагони он ба кор фармудани говҳо ва хӯрдани гӯшти онҳо муқобил буданд, дастгирӣ менамоянд. Ин ҳаракат, ки барои тозагии дин ва ҳимояи урфу одатҳои динӣ зуҳур карда буд, маҳз дар натиҷаи сиёсати англисҳо дар давраҳои минбаъда характери зиддимусулмонӣ мегирад. Дар аввали

солҳои 60-ум пайравони файласуфи намоёни Ҳинд Валиуллоҳ-шоҳ ва иштирокчиёни фаъоли шӯриши умумиҳиндии солҳои 1857—1859 таҳти унвони «Маъхази нав» ҷамъиятеро ташкил менамоянд, ки мақсади он ҳам ба ҳукмронии англисҳо хотима додан буд.[24]

Дар нимаи дуюми асри XIX дар Ҳиндустон ҷунбиши калони маорифпарварӣ ба вуҷуд меояд, ки он сарахбори шикастан ва аз байн бурдани муносибатҳои ҷамъияти феодалӣ мегардад. Маорифпарварон ба муқобили идеологияи расмии ислом мубориза бурда, мехостанд, ки онро ислоҳ кунанд ва ба талаботи нави зиндагӣ мувофиқ намоянд. Онҳо тарафдори тараққии маданияти миллӣ, дар байни халқ паҳн кардани илму савод, демократӣ кунонидани забону адабиёт ва ба ҳаёт наздик намудани он буданд.

Ба сари ҳаракати ҷамъияти маорифпарварии мусулмонони Ҳинд Саид Аҳмадхон (1817—1898) меистод. Диққати маорифпарварони Ҳиндро қабл аз ҳама ғояҳои ҳимояи маориф, худидоракунӣ, озодӣ, шаклҳои аврупоии зиндагӣ ва умуман ҳаматарафа аврупокунонӣ мекашид. Лекин онҳо дар фаъолияти худ рӯйрост ва ошкоро расму қоидаҳои феодалиро маҳкум намекарданд. Ба ҷои ин онҳо ғояҳои ватанпарварӣ ва истиқлолияти миллиро, ки барои Ҳиндустони онрӯза аҳамияти дараҷаи аввал дошт, хеле фаъолона тарғиб менамуданд.

Дар охирҳои асри XIX ба ихтилофандозиҳои англисҳо нигоҳ накарда ҳиндуён ва мусулмонон дар бисьёр масъалаҳо ҳамкорӣ намуда, ба муқобили англисҳо мубориза мебаранд. Намояндагони мусулмонони Бамбай дар кори нахустин сессияи Конгресси Миллӣ фаъолона иштирок мекунанд. Агар дар сессияи якуми конгресси Миллӣ танҳо ду нафар мусулмон иштирок карда бошад, дар сессияи сеюми он аз 1889 вакилон 254 нафарашон мусулмонон буданд.[25]

Аз аввалҳои асри XX халқҳои Ҳиндустон барои ҳосил намудани истиқлолияти миллӣ ва ҳуқуқи демократӣ муборизаи оммавии сиёсиро ба таври хеле ҷиддӣ давом медиҳанд. Вақте ки ба майдони муборизаи сиёсӣ Тилак, Овробиндо Гхош ва дигар роҳбарони ҳаракатҳои миллию озодихоҳӣ дохил шуда, бар зидди тартиботи мустамликавӣ муборизаро давом медиҳанд, бисьёре аз мардумони гуногунмазҳаби Ҳинд ба онҳо ҳамроҳ мешаванд.

Солҳои 1905—1907 дар Ҳиндустон, хусусан дар Банголa ҳаракати миллии озодихоҳӣ авҷ мегирад. Дар тамоми Бангола ҳаракати нақлиёт боз меистад, магазин ва дӯконҳо, муассиса ва корхонаҳо баста мешаванд, дар хонаҳо чароғ намесӯ-

занд, халк аз харидани молҳои англисӣ сар метобад. Дар ҳама ҷо худ аз худ митинг ва намоишҳо барпо шудан мегиранд. Ин ҷунбишҳо асосан дар таҳти шиори «Сварач» (идораи худӣ) ва «Свадешӣ» (саноати худӣ) мегузарад.

Ба мубориза барои озодии миллӣ ва ҳуқуқҳои демократии халқи Ҳинд инқилоби соли 1905 рус таъсири калон бахшида буд. «Капитализми ҷаҳонӣ ва ҳаракати рус дар соли 1905,— навишта буд В. И. Ленин,— Осиёро тамоман бедор карданд. Садҳо миллион аҳолие ки дар бехаракатии асри миёнагӣ хору зор ва ваҳшӣ гаштааст, ба ҳаёти нав ва ба мубориза барои ҳуқуқҳои оддитарини инсонӣ, барои демократия бедор шуданд».[26]

Аввалин маротиба дар кӯчаҳои шаҳрҳои Ҳиндустон намоишҳои оммавии халқӣ ба вуҷуд омада, дар баъзе маҳалҳо коргарони фабрикаҳо ва роҳи оҳанчиён корпартоиҳо ташкил карда, на фақат талаботи иқтисодӣ, балки талаботи миллии сиёсиро низ ба миён мегузоранд. Дар кӯчаҳои Бамбай коргарон ба муқобили қӯшунҳои мусаллаҳи мустамликадорон муқобилияти ҷасурона нишон медиҳанд.

Революцияи Социалистии Октябрь ба системаи мустамликадории империализм зарбаи калон мерасонад. Дар зери таъсири Революцияи Октябрь ривоҷ гирифтани ҳаракатҳои пурзӯри миллию озодихоҳии халқҳои мазлум ҳукмронии империалистиро дар мамлакатҳои мустамликавӣ ба кризиси сахт гирифтор намуда, ба барҳам хурдани он замина тайёр мекунад.

Ҳиндустон дар ин солҳо дар ҳаракати умумии қувваҳои демократии ҷаҳон, ба муқобили ҷабру зулми империалистӣ, барои озодӣ ва беҳтар гардонидани оянда инсоният фаъолона иштирок менамояд. Ҳаракатҳои миллию озодихоҳӣ дар мамлакат хеле вусъат меёбад. Агар ҳаракати озодихоҳии солҳои 1905—1908 фақат дар баъзе музофотҳои Ҳинд ба амал омада бошад, дар аввали солҳои бистум муборизаи умумии зидди зулми мустамликавӣ дар аксарияти музофотҳо, дертар дар тамоми мамлакат ба вуҷуд меояд ва оммаи васеи халқро ба атрофи худ муттаҳид месозад.

Дар ҳаракатҳои озодихоҳонаи ин давра мусулмонон ҳам фаъолона иштирок мекунанд. Зиёиёни мусулмони Ҳинд дар ин солҳо бо Ҷамъияти «Дор-ул-улум»-и Деобанд, ки дар арафаи ҷанги ҷаҳонии якум ба марзи фаъолияти сиёсии пинҳонкорӣ табдил ёфта буд ва дар шимоли ғарбии Ҳиндустон барои ба муқобили ҳукумати мустамликадорон мусаллаҳона баромадан тайёрӣ медид, алоқаи зич доштанд. Ба ин ҳаракат Мавлоно

Маҳмуд Ҳасан, ки соли 1920 лақаби Шайх-ул-Ҳиндро гирифта буд, сардорӣ мекард. Вай мақсаду маром ва анъанаҳои шӯриши умумихалқии солҳои 1857—1859-ро давом дода, барои ба ҳукмронии англисҳо хотима додан мубориза мебарад.[27]

Маҳмуд Ҳасан дар аввали ҷанги ҷаҳонии якум дар Деобанд шиори муттаҳидшавии тамоми мусулмонони тараққипарвар ва ба муқобили фишори мамлакатҳои аврупоӣ ва пеш аз ҳама Англия мубориза оштинопазирона бурдани мамлакатҳои исломиро ба миён мегузорад. Деобанд ба маркази шӯриши зиддианглисии Ҳиндустон табдил меёбад. Маҳмуд Ҳасан барои аз давлатҳои дигари исломӣ гирифтани ёрӣ ба як қатор мамлакатҳои Шарқ сафар мекунад ва дар он ҷойҳо ақидаю афкори худро тарғибу ташвиқ менамояд. Бо ташаббуси ӯ барои дар музофотҳои гуногуни Ҳинд ташкил кардани шӯришҳо намояндагони «Дор-ул-улум»-и Деобанд фиристода мешаванд. Аммо бинобар ба дасти англисҳо гирифтор шудани сафири махфии Маҳмуд Ҳасан, ки дар тан куртаи шоҳи дошту дар он нақшаи конкретии шӯриши зидди англисҳо кашида шуда буд, сирри ӯ ошкор мегардад ва аз ҳамин вақт номи «Сӯиқасди хати шоҳигӣ» хеле машҳур мешавад.[28]

Бояд гуфт, ки на Маҳмуд Ҳасан ва на дигар иштирокчиёни «сӯйқасди хати шоҳигӣ» бо оммаи васеи халқ алоқаи зич надоштанд ва моҳияти мақсади ба пеш гузоштаашонро дуруст намефаҳмиданд. Онҳо ба масъала маҳз аз нуқтаи назари панисломистӣ нигоҳ мекарданд. Бинобар он фаъолияти онҳо бо шикаст анҷом меёбад. Иштироккунандагони сӯйқасдро ҳабс мекунанд. Маҳмуд Ҳасанро бошад, ба ҷазираи Мальта бадарға месозанд.

Вале бо вуҷуди ин ҳама фаъолияти Маҳмуд Ҳасан мардумро ба амалиёти фаъолона водор менамояд ва боиси сар шудани ҳаракати халифатӣ мешавад, ки он дар даврааи авҷ гирифтани ҳаракатҳои инқилобии солҳои 1918—1922 характери оммавӣ гирифта буд. Дар солҳои 1918—1922 ҳаракати халифатӣ дар байни мусулмонони Ҳинд обрую эътибори калон пайдо мекунад. Дар тамоми музофотҳои мамлакат комитетҳои халифатӣ ташкил карда мешаванд. Мотилал Неҳру, Маҳатма Ганди, Ани Безант ва дигар роҳбарони намоёни конгресси Миллӣ фаъолияти ҳаракати халифатиро маъқул медонанд.[29]

Дар ҳамин вақт Абулкаломи Озод (1888—1858) аз ҳабс озод шуда, ба ҳаракатҳои халифатӣ роҳбарӣ менамояд. Бо иштироки бевоситаи ӯ тарафдорони Шайх-ул-Ҳинд ҷамъиятҳои уламоҳои нисбат ба англисҳо бадбинро бо номи «Ҷамоат-

ул-уламои Ҳинд» ташкил мекунанд, ки он мувофиқи нақшаи таъсискунандагонаш бояд ба ҳаракати халифатӣ асосҳои заруриии диниӣ медод.

Дар ин солҳо уламоҳои намоёни Ҳинд ба ҳам наздикшавии Лигаи Мусулмонӣ ва конгресси Миллиро дуруст мешуморанд.

Аз аввалҳои асри XX дар ҳаёти ҷамъиятии Ҳинд, хусусан дар байни мусулмонон Лигаи Мусулмонӣ мавқеи муҳимро ишғол менамояд.

Дар соли 1906 навнвоби Дакка Салимулло таклифе ба миён мегузорад, ки ассоциатсияи марказии сиёсии мусулмонон ташкил карда шавад. Мақсади асосии ин ассоциатсия аз рӯи ақидаи Салимулло мебоист аз дастгирӣ кардани сиёсати англисҳо, ҳимоя намудани манфиати мусулмонон ва ба муқобили обрӯи афзудаистодаи Конгресси Миллӣ мубориза бурдан иборат мешуд.[20] Ин пешниҳоди Салимулло бо баъзе тағйиротҳо дар конференсияи роҳбарони гурӯҳҳои гуногуни мусулмонон, ки дар Дакка барпо гардида буд, қабул карда мешавад. Дар ин конференсия қарор карда мешавад, ки ташкилоти нав «лигаи умумиҳиндустонии мусулмонон» номида шавад.[21]

Аввалин раиси Лигаи Умумиҳиндии мусулмонон Султон Муҳаммадшоҳ Оғохони III (1877—1957) интихоб мегардад. Ин партия дар навбати аввал манфиати сармоядорон, заминдорон ва савдогарони бо англисҳо алоқамандро ҳимоя менамуд ва ба беҳбудии мусулмонони оддӣ аҳамияте намедод.

Дар дохили ин партия байни онҳое, ки бо ҳукумати Англия барқарор гардонидани муносибати дӯстонаро мехостанд ва гурӯҳи чап мубориза шадид давом мекунад. Хусусан, дар сессияи 7-уми лига, ки моҳи декабри соли 1913 дар Агра барпо мегардад, мубоҳисаи байни вакилон хеле тезу тунд мешавад. Намояндагони гурӯҳи чап Муҳаммадалӣ, Зафаралихон, Абулкаломи Озод ва Сайфиддини Китчлу саъю кӯшиш мекунанд, ки лигаро ба партияи оммавию сиёсии гурӯҳҳои мусулмонони буржуазияи Ҳинд табдил диҳанд.[22] Вале ин кӯшиши онҳо манфиате намебахшад. Дар солҳои 1921—1927 дар лигаи мусулмонӣ қувваҳои иртиҷоӣ мавқеи асосиро ишғол менамоянд, ки дар байни онҳо сармоядорони бонуфуз низ зиёд буданд. Ҳангоми кризиси иқтисодии ҷаҳонӣ роҳбарони лигаи мусулмонӣ на танҳо ба ҳаракатҳои миллию озодихоҳӣ бетараф меистад, балки нисбат ба он муносибати хеле бад зоҳир менамояд.

Англисҳо дар тамоми ин солҳо ба ҳамкорӣ намудани Лига ва конгресси Миллӣ зарбаи сахт мерасонанд. Дар ин давра ҳам бо ташаббуси гурӯҳҳои иртиҷоӣ душманию задухӯрдҳои

байни мусулмонону ҳиндуҳо хеле меафзоянд. Ҳукуматдорони англис, махсусан дар байни деҳқонон, ҳунармандон ва коргарон адовати мазҳабию диниро ривоҷ медиҳанд.[33]

Раҷендра Прасад ва Ҳаким Аҷмалхон, ки барои дар музофотҳои Шимоли Ғарбӣ ва Панҷоб барҳам додани душмании мазҳабии ҳиндуёну мусулмонон аз ҳукумат рухсат гирифта ба Панҷоб рафта буданд, ба муқобилиятнишондиҳии рӯйрости амалдорони англис дучор мешаванд.[34] Дар ин задухӯрдҳои мазҳабӣ, ки байни солҳои 1923—1927 рӯй медиҳанд, зиёда аз 5 ҳазор кас зарар дида, 450 нафар одамон ба қатл мерасанд.[35]

Дар соли 1925 конференцияи муттаҳидкунии ҳиндуҳову мусулмонон барпо мешавад, ки дар кори он Муҳаммадалии Ҷиннох (1876—1948) ва пайравони вай фаъолона ширкат меварзанд. Конференция изҳори таассуф мекунад, ки дар задухӯрдҳои мазҳабӣ бисьёр одамон қурбон шуданд. Вай барои муайян намудани сабабҳои қурбониҳои зиёд бо сардории Маҳатма Ганди ва Ҳаким Аҷмалхон комиссияи махсус ташкил мекунад.[36]

Дар охири солҳои бистум дар натиҷаи афзудани ҳаракатҳои пай дар пайи инқилобӣ задухӯрдҳои ҳиндуёну мусулмонон хеле кам мешавад.

Ҳаминро низ бояд зикр намуд, ки ба ҷанги якуми ҷаҳон дохил шудани Англия ва мамлакати ҷангкунанда эълон карда шудани Ҳиндустон гурӯҳҳои меҳнатиро ба аҳволи боз ҳам тоқатфарсо гирифтор месозад. Империалистони Англия на фақат иқтисодиёти Ҳиндустон, балки аҳолии меҳнаткаши онро низ ба манфиатҳои худ истифода мебаранд. Дар ин давра бештар аз як миллион ҳиндуҳо аз мамлакат берун бароварда мешаванд, ки онҳо дар корхонаҳои ҳарбӣ меҳнат мекарданд ва дар фронтҳои Европа, Осиё ва Африқо меҷангиданд.[37] Аммо ҷанги ҷаҳонии якум алоқаи Англияро бо мустамликааш — Ҳиндустон хеле суст мекунад ва ин боиси афзудани саноати маҳаллии миллӣ мегардад. Дар соли 1917 дар Ҳиндустон аллакай 1800 фабрикаи пахтатозакунӣ аз ҳисоби маблағи миллӣ кор мекард. Дар ин сол дар мамлакат 18 миллион тонна ангиштсанг истеъмол карда мешавад.[38]

Баъд аз ба охир расидани ҷанги ҷаҳонии якум дар натиҷаи таъсири Революцияи Октябрь ва сабзиши шуурнокии синфи коргар дар Ҳиндустон идеяҳои социализм паҳн гардида, барои ташкил намудани партияи синфи коргар саъю кӯшиш карда мешавад.[39]

Фарзандони беҳтарини мамлакат дар солҳои 1921—1922 дар Калкатта, Бамбай, Лоҳур ва Мадрас барои ташкил кар-

дани партияи коммунистии Ҳинд ҷидду ҷаҳди зиёд ба кор мебаранд. Дар соли 1923 ҳукуматдорони англис аз пан коммунистони Ҳинд афтода, чанд нафари онҳоро маҳбус месозанд.

Дар соли 1924 вақте ки дар Конпур мурофиаи «сӯиқасди большевикӣ» шурӯъ мешавад, дар мамлакат вуҷуд доштани партияи коммунистӣ маълум мегардад.[40]

Моҳи декабри соли 1925 Комитети Марказии партияи коммунистии Ҳиндустон ташкил карда мешавад, ки вай ба фаъолияти тамоми партия роҳбарӣ менамояд.

Дар охирҳои соли 1925 коммунистони Калкатта бо номи «партияи коргарони сварач» партияи наверо таъсис мекунанд. Соли 1926 ин партия ба номи партияи коргарию деҳқонӣ табдил дода мешавад. Баъдтар дар Панҷоб ва Бамбай ҳам бо ҳамин ном партияҳо ташкил меёбанд.

Моҳи декабри соли 1928 дар Калкатта съезди Умумиҳиндустонии партияҳои коргарию деҳқонӣ барпо мегардад, ки он партияи Умумиҳиндустонии коргарию деҳқониро ташкил медиҳад ва тамоми партияҳои музофотиро муттаҳид месозад.

Дар соли 1930 партияи коммунистии Ҳиндустон муташаккилона ба сафи Интернационали Коммунистии III дохил мешавад.

Аҷой Гҳош навишта буд, ки ҳаракати коммунистии Ҳиндустон бо вуҷуди таъқибкуниҳои мустамликадорон яке аз унсурҳои шуурноктарини синфи коргар гардида, деҳқонон ва интеллигенцияи революциониро ба атрофи худ муттаҳид месозад. Қувваҳои иртиҷоӣ бо тамоми кӯшишҳояшон таъсири рӯз то рӯз афзудаистодаи коммунистонро пешгирӣ карда наметавонанд.[41]

Ҳаракатҳои миллию озодиҳоҳии халқҳои Ҳиндустон дар солҳои минбаъда ҳам рӯз то рӯз вусъат меёбанд ва то вақти ба даст овардани озодию истиқлолияти он давом мекунанд.

Муҳаммад Иқбол шоҳиди зиндаи бисёри он воқеаҳоест, ки дар боло тасвир намудем. Ин воқеаҳо, яъне мубаризаҳои сиёсӣ ва аҳволи рӯҳияи халқҳои Ҳиндустон ба маҳсули адабӣ ва ҷаҳонбинии Муҳаммад Иқбол таъсир накарда наметавонист. Аз ин ҷост, ки дар асарҳои ӯ воқеаҳои таърихии онвақтаи Ҳиндустон акс ёфтаанд.

## ҲАЁТИ МУҲАММАД ИҚБОЛ

Дар бораи соли таваллуди Муҳаммад Иқбол дар байни тадқиқотчиёни ҳаёт ва эҷодиёти ӯ фикрҳои ба ҳам мухолиф дида мешаванд. Таваллуди ӯро Ром Бобу Саксена,[1] доктор Абӯ Саиди Нуриддин,[2] доктор Абдулвоҳид,[3] доктор Эъҷоз Ҳусайн,[4] доктор Хоҷа Абдулҳамиди Ирфонӣ,[5] Саид Ғуломризои Саидӣ,[6] А. Арберрӣ,[7] доктор Алиризои Нақавӣ,[8] Аҳмади Аҳмадӣ,[9] Муҷтабои Минавӣ,[10] Н. П. Аникеев[11] ва бисёр муҳаққиқони дигар 22 феврали соли 1873, Муҳити Таботабоӣ[12] ва Абдулқодири Сурурӣ[13] соли 1875 ва Мавлоно Абдуссаломи Надвӣ[14] соли 1876 нишон додаанд. Аммо фикри муаллифони боло ба ҳақиқат рост намеоянд. Зеро чи навъе ки Фақир Саид Ваҳидуддин дар асоси далелҳои хеле пурқувват исбот кардааст, Иқбол 9 ноябри соли 1877 ба дунё омадааст.[15] Азбаски ин муаллиф аз соли 1916 то вақти вафоти Иқбол бо ӯ дар муносибати дӯстона будааст ва таърихи таваллуди ӯро аз рӯи ҳуҷҷатҳои шахсӣ, тасдиқи хешовандони наздики вай инчунин идораи ба қайдгирии таваллудшудагони Сиёлкут муайян намудааст, бинобар он ба фикри ӯ розӣ нашудан мумкин нест.

Саид Абдулваҳид, ки аз муҳаққиқони ба назар намоёни Иқбол ба шумор меравад, агар дар аввалҳо аз рӯи иштибоҳ таваллуди ӯро 22 феврали соли 1873 қайд карда бошад,[16] баъдтар ин хаторо ислоҳ намуда, 8 ноябри соли 1877 ба арсаи вуҷуд қадам гузоштани вайро таъкид кардааст.[17]

Олими чех Я. Марек низ дар мақолаи махсус оид ба масъалаи таърихи таваллуди Иқбол таваққуф намуда, ба чунин хулоса омадааст, ки ӯ 9 ноябри соли 1877 таваллуд ёфтааст.[18]

Н. Глебов ва А. Сухочев[19] таваллуди Иқболро солҳои 1876/1877, Г. Ю. Алиев[20] ва Саид Ҳисомиддини Рошдӣ[21] соли 1877 қайд кардаанд.

Н. И. Пригарина дар ин бобат ба фикри Я. Марек тарафдорӣ намудааст.[22]

Азбаски Вахидуддин рӯз, моҳ ва соли таваллуди Иқболро дар натиҷаи тадқиқоти ҳаматарафа муайян карда баромадааст, бинобар он мо дар ин бобат комилан бо ӯ ҳамфикр шуда, дар хусуси ба вуҷуд омадани иштибоҳи таърихи таваллуди шоир сухан рондапро лозим нашуморидем. Ба ин тариқ таърихи таваллуди Иқбол 3 зиқаъдаи соли 1294 ҳиҷрӣ мутобиқи 9 ноябри соли 1877 милодӣ қарор мегирад. Зодгоҳи шоир шаҳри Сиёлкути музофоти Панҷоб аст. Гузаштагони дури Иқбол аз барахманҳои Кашмир буда, тақрибан дусаду панҷоҳ сол пеш аз ин яке аз бобокалонҳои ӯ бо сабабе ватани худро тарк намуда, ба шаҳри Сиёлкути Панҷоб омада будааст ва дар он ҷо дини исломро қабул карда, сокини он маҳал гардида будааст.[23] Худи Иқбол ҳам дар бисьёр шеърҳояш ба барахманзодагӣ ва дар асл аз мардуми Кашмир буданаш ишораҳо мекунад.

Маро бингар, ки дар Хиндустон дигар намебинӣ,
Барахманзодае рамзошнои Руму Табрез аст.[24]

Танам гиле зи хиёбони ҷаннати Кашмир,
Дил аз харими Ҳиҷозу наво зи Шероз аст.[25]

Падари шоир, ки Нурмуҳаммад ном доштааст, мӯътақиди эҷодиёти Саноӣ, Аттор, Бӯ Алии Қаландар ва дигар шоирони маъруфи мутасаввиф будааст. Ӯ бо вуҷуди ба корҳои савдою тиҷорат шуғл доштан бештар вақти худро ба омӯхтани ҳадис, қуръон, тафсир ва фиқҳ мегузаронидааст. Аз ин ҷост, ки Иқбол таҳти роҳбарии падари худ аз хурдсолӣ илмҳои диниро меомӯзад ва дар синни хафтсолагӣ қуръонро пурра ҳифз менамояд. Пас аз ин ӯ тахсилро дар мактаб ва мадрасаи ибтидоии Сиёлкут давом медиҳад ва бо муваффақият ба охир мерасонад. Дар даврае дар мадраса таҳсил кардан таваҷҷӯҳи адиб ва донишманди машҳури вақт Шамс-ул-уламо Мавлавӣ Мир Ҳасанро, ки аз дӯстони падараш ба шумор мерафтааст, ба худ ҷалб менамояд.[26] Мавлавӣ Мир Ҳасан чанд муддат ба тарбияи Иқбол машғул мешавад ва ӯро ба гуфтани шеър ташвиқ мекунад ва маслиҳат медиҳад, ки ба забони урду, ки дар он вақт хеле инкишоф ёфта буд, асар офаринад. Ӯ забонҳои арабӣ, форсӣ, урду ва таърихи адабиёти арабро нахустин бор аз Мавлавӣ Мир Хасан меомӯзад.

Иқбол баъд аз хатми мадрасаи ибтидоӣ ба мактаби илмҳои техникии Сиёлкут дохил шуда, онро бо баҳои аъло хатм

мекунад. Аз рӯи қоидаи ҷорӣ касе, ки коллеҷи усули аврупоиро бо баҳои аъло хатм мекард, ба гирифтани мукофоти ҳукуматӣ ноил мегардид. Ин навъ донишҷӯён дар давоми ду сол аз ҳукумат ёрии моддӣ-иқтисодӣ мегирифтанд. Бо баҳои аъло мактабро ба охир расонида, ба мукофоти ҳукуматӣ ноил шудани Иқбол боиси дар оянда таҳсилро дар Лоҳур давом дода тавонистани ӯ мегардад. Иқбол соли 1895 бо мақсади соҳиби маълумоти олӣ шудан ба Лоҳур омада, ба коллеҷи давлатӣ дохил мешавад.

Дар ин бора Муҳит Таботабоӣ навиштааст: «Хонаводаи ӯ (Иқбол.— А. Ғ.) сарватманд набуда ва аз ӯҳдаи пардохти махориҷи таҳсили ӯ барнамеомаданд, лиҳозо ҳамин, ки ӯ аз таҳсил дар коллеҷи Сиёлкут фароғат ёфт, чун дар имтиҳоноти умумӣ шогирди нахустиндарача буд, аз тарафи ҳукумати Ҳиндустон ба дарьёфти ҷоизаи махсусе, ки иборат аз кӯмаки харҷи таҳсилӣ бошад, ноил гашт ва тавонист барои идомаи таҳсил ба Лоҳур омада ва нахуст дар коллеҷи давлатӣ имтиҳонро гузаронад».[27]

Иқбол дар Лоҳур баробари таҳсил бо адибону донишмандони пешқадам шиносоӣ пайдо мекунад ва эҷод кардани ашъори урдуро ҳам давом медиҳад. Мумкин аст ӯ дар он вақт ба забони форсӣ низ шеър сароида бошад, аммо аз онҳо фақат баъзе байтҳои пароканда боқӣ мондаасту халос. Дар он солҳо шеърҳои урдуи ӯро ки асосан аз ғазал иборат будааст, Малик-уш-шуаро Доғи Деҳлавӣ (1831—1905) ислоҳ мекардааст. Ҳарчанд ғазалҳои онвақтаи Иқбол монанди осори минбаъдаи вай амиқу пухта набудааст, аммо Доғи Деҳлавӣ пас аз чанд маротиба тасҳеҳ намудани ашъораш навиштааст, ки каломи шоир дигар ҳоҷат ба ислоҳ надорад.[28] Доғи Деҳлавӣ солҳо баъд аз ин таърих зинда будааст ва шӯҳрату мақбулияти Иқболро дар ҳама ҷо дида, бо ифтихор мегуфтааст: «Дар аввалҳо аксар ашъори Иқболро ман тасҳеҳ мекардам».[29]

Иқбол дар Лоҳур Томас Арнольд[30] ном устод ва дӯсти наздики дигаре пайдо мекунад, ки ӯ дар он солҳо вазифаи профессории шӯъбаи фалсафаи донишкадаи олии давлатии Лоҳурро адо мекард. Томас Арнольд истеъдоди баланди Иқболро мушоҳида намуда, ӯро ба омӯхтани адабиёт, хусусан, фалсафаи Ғарбу Шарқ ташвиқ мекунад ва худаш бевосита ба вай роҳбарӣ менамояд. Дар соли 1904 Арнольд ба Лондон бармегардад. Иқбол аз ҷудоии ӯ хеле афсӯс мехӯрад ва дар шеъри «Нолаи фироқ» аз ин воқеа хеле ғамгин гардидани худро баён мекунад. Баъзе байтҳои он шеър ин аст:

То зи оғӯши видоаш доғи хасрат чидааст,
Ҳамчу шамъи кушта дар чашмаш нигаҳ хобидааст...
Абри раҳмат доман аз гулзори ман барчиду рафт,
Андаке бар ғунчаҳои орзу тобиду рафт...
Шӯри Лайлӣ ку, ки боз ороиши савдо кунад,
Хоки Маҷнунро ғубори хотири саҳро кунад.[31]

Шоир соли 1899 донишкадаи олии Лоҳурро бо медали тилло тамом карда, унвони магистри фалсафаро мегирад. Муддате дар вазифаи муаллими фалсафа ва иқтисодиёти коллеҷи шарқшиносии Лоҳур кор мекунад. Дар соли 1903 нахустин асари илмии ӯ «Илм-ул-иқтисод» ба забони урду ба чоп мерасад. Дере нагузашта, Иқболро ба вазифаи муаллимии фалсафа ва забони англисии донишкадаи олии давлатии Лоҳур таъин мекунанд. Вай дар ин давр низ баробари фаъолияти педагогиву илмӣ навиштани ашъори урдуро идома медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки дар он вақт Лоҳур ба яке аз марказҳои илмӣ ва адабии шимоли ғарбии Ҳиндустон мубаддал гардида, дар он ҷо адибону донишмандони зиёде ҷамъ омада буданд. Дар ибтидо Иқбол шеърҳои худро танҳо дар маҳфилҳои адабии Лоҳур мехондааст ва дар рӯзномаву маҷаллаҳо чоп шудани онҳоро намехостааст. Аммо соли 1901 яке аз дӯстони наздики Иқбол — Шайх Абдулқодир «Ҳимолой» ном шеъри урдуи ӯро дар маҷаллаи «Махзан», ки ношири он худаш буд, чоп мекунад ва он таваҷҷӯҳи хонандагони сершуморро ба худ ҷалб менамояд. Иқбол дар солҳои 1901—1905 саросари Ҳиндустон ҳамчун шоири соҳибистеъдод машҳур шуда, маҳбуби оммаи васеи халқ мегардад. Шеърҳои ӯро дар он солҳо дар тамоми маҳфилҳои адабӣ ва сиёсии мамлакат мехонданд. Бештарини шеърҳои дар он давра эҷод кардаи шоир нисбат ба истибдод нафрати бепоёни доштани ӯро нишон медоданд. Он шеърҳо халқҳои Ҳиндустонро ба ватанпарастӣ, муттаҳидӣ ва барои ба муқобили истисмор ва фишори англисҳову заминдорону сармоядорони маҳаллӣ мубориза бурдан даъват мекарданд.

Иқбол аз айёми дар хидмати муаллимии донишкадаи Лоҳур буданаш ба муқоиса намудани афкори файласуфони Шарқу Ғарб рағбат пайдо мекунад. Вай бо мақсади такмил додани илму дониши худ, хусусан омӯхтан ва муқоиса кардани фалсафаи Шарқу Ғарб 2 сентябри соли 1905 ба Европа сафар менамояд.[32] Барои ба Европа рафтани шоир бародари ӯ Атомуҳаммад ёрии калони моддӣ мерасонад. Иқбол дар дорулфунунҳои Лондон ва Қамбриҷ ба омӯхтани фалсафа ва адабиёт машғул мешавад. Дар Қамбриҷ бо шарқшиносони

машҳури англис Э. Браун, Р. Никольсон ва М. Теггерт шинос шуда, аз суҳбати онҳо низ баҳра мегирад:

Хирад афзуд маро дарси ҳакимони фаранг,
Сина афрухт маро суҳбати соҳибназарон.[33]

Нависандаи маъруфи Ҳиндустон Мулк Роҷ Онанд дар «Нафаси соф» ном мақолааш менависад, ки дӯстии Иқбол бо шарқшиносони намоёни англис Э. Браун ва Р. Никольсон ба ӯ бисьёр манфиатҳои калон меоранд. Иқбол дар натиҷаи бо шахсони мазкур робитаи бисьёр наздик пайдо карданаш дониши худро дар соҳаи таърихи адабиёти форс боз ҳам мукаммалтар мегардонад.[34]

Иқбол дар университети Қамбриҷ асарҳои фалсафии мутафаккирони бузурги халқҳои Шарқро ҳартарафа мутолиа менамояд. Вай, махсусан асарҳои Абӯ Насри Форобӣ, Абӯ Алӣ Сино, Абӯ Райҳони Берунӣ, Ибни Рушд, Маҳмуди Шабистарӣ, Носири Хусрав ва Мир Сайдалии Ҳамадониро бо шавқу ҳаваси калон меомӯзад. Дар асоси материалҳои асарҳои файласуфони Шарқ, ки дар китобхонаҳои Лондон ва Қамбриҷ дастрас карда буд, «Таҳаввули илми моварОуттабиа дар Эрон» ном асари илмӣ менависад.

Шайх Абдулқодир, ки аз дӯстони наздики шоир буда, дар он вақт ҳамроҳи ӯ дар Лондон таҳсил мекардааст, менависад, ки «Иқбол дар айёми дар Европа истиқомат карданаш китобҳои зиёди форсиро мутолиа намуд ва хулосаи мутолиаву таҳқиқоти худро дар шакли китобе, ки онро «Таърихи мухтасари фалсафаи Эрон» номидан мумкин аст, ба табъ расонид».[35] Дар Қамбриҷ илми фалсафа диққати Иқболро чунон ба худ ҷалб намуда будааст, ки ӯ ҳатто шеърнависиро тамоман тарк карданӣ мешавад. Шайх Абдулқодир дар ин бора мегӯяд: «Рӯзе Шайх Муҳаммад Иқбол ба ман гуфт: «қарор додаам, ки шеър гуфтанро тарк намоям. Барои минбаъд шеър эҷод накардан қасам хӯрданиям. Ман бояд вақти худро ба шеъргӯӣ не, балки ба кори муфидтари дигар, яъне таҳқиқу тадқиқи илм сарф намоям». Ман дар ҷавоб гуфтам: «Шумо набояд шеърнависиро тарк кунед! Зеро, ки ашъори Шумо давои дарди миллати дармондаи мо шуда метавонад». Иқбол аз иродаи худ барнамегашт. Пас қарор додем, ки воқеаро ба Томас Арнольд нақл кунем ва ҳар чӣ, ки ӯ гӯяд, онро қабул намоем... Ин мӯҷиби хушбахтии олами шеъру адаб буд, ки профессор Арнольд низ бо ман ҳамраъй гардида гуфт, ки шеър навиштанро тарк кардан барои Иқбол ҷабр аст».[36]

Иқбол дар яке аз мактубҳои худ, ки 24 апрели соли 1907 аз Қамбриҷ ба номи Атиябегим ном зани донишманди Лоҳур навиштааст, шеъри зерини форсиашро ҳам илова намуда, фиристодааст:

Эй гул, зи хори орзу озод чун расидай
Ту ҳам зи хоки ин чаман монанди мо дамидай.
Эй шабнам, аз фазои гул охир ситам чӣ дидай,
Домон зи сабза чидай, то ба фалак расидай.
Аз лавҳи чеш боз пурс киссаи ҷурмҳои мо,
Охир ҷавоби носазо аз лаби мо шунидай.
Бо ман магӯ, ки мисли гул ҳамвора шох баста бош,
Монанди мавҷи бӯ маро овора офаридай.
Иқбол, ғурбати туам наштар ба дил ҳамезанад,
Ту дар ҳуҷуми оламе як ошно надидай.[37]

Аз мактуб ва шеъри болоии Иқбол маълум мешавад, ки ӯ шеърнависиро дар Англия тарк накарда, ҳатто ба забони форси ҳам шеър месуруда аст.

Дар соли 1908 Иқбол аз Англия ба Германия меравад ва бо муассисаҳои илмӣ ва донишкадаҳои Мюнхен ва Хюделберг шинос мешавад, ва дар шурои олимони университети Мюнхен дар мавзуи «Таҳаввули илми мовароуттабиа дар Эрон», ки онро дар Қамбриҷ навишта ба итмом расонида буд, диссертация ҳимоя намуда, ба гирифтани унвони доктори илми фалсафа ноил мегардад. Иқбол аз Мюнхен ба Лоҳур баргаштан мехоҳад, аммо Томас Арнольд, ки дар он вақт профессори забони арабии университети Лондон буд, ба воситаи мактуб аз ӯ хоҳиш менамояд, ки ба Лондон омада, барои студентон забону адабиёти арабиро таълим диҳад. Шоир ин хоҳиши устоди худро рад карда наметавонад ва аз Мюнхен ба Лондон меравад ва дар муддати дар истироҳат будани Арнольд, ки шаш моҳ будааст, дар университет ба таълими забону адабиёти арабӣ машғул мешавад. Вай дар Лондон баробари таълим додани забону адабиёти арабӣ ба лекцияҳои профессорони англис, ки барои студентони шуъбаи ҳуқуқшиносӣ мехонданд, иштирок намуда, дониши худро дар он соҳа ҳам такмил медиҳад.

Иқбол ҳангоми дар Европа истиқомат карданаш илова ба мутолиаи асарҳои гуногуни илмӣ сиёсати онвақтаи ҳукуматдорони Англия ва Германияро низ ба хубӣ фаҳмида, нисбат ба сохти давлатии мамлакатҳои капиталистӣ нафрат пайдо мекунад.

Шоир пас аз бештар аз се соли дар Европа ба таҳсилу тадқиқи илму дониш машғул шудан ва аз университети Мюн-

хен дипломи доктори илми фалсафа ва аз университети Лондон дипломи ҳуқуқшиносӣ гирифтан, моҳи июли соли 1908 ба Лоҳур бармегардад. Ӯро ба вазифаи профессории фалсафа ва забони англисии коллеҷи шарқшиносии ҳукуматии Лоҳур таъин мекунанд. Ҳукуматдорон Иқболро ба корҳои масъули давлатӣ ҷалб карданӣ мешаванд, аммо ӯ бо мақсади таъмин намудани эҳтиёҷи оилааш фақат вазифаи вакили додгустарии (адвокатии) идораи адлияи Лоҳурро қабул мекунад ва баъди 18 моҳ бинобар нисбат ба ӯ муносибати дағалона кардани Робсон ном амалдори англис аз хидмати профессории коллеҷи ҳукуматӣ даст кашида, вақти худро бештар ба кори эҷодӣ сарф менамояд.

Шоир аз ҳамин солҳо сар карда дар асарҳояш оммаи халқи бунёдкорро васф мекунад. Ӯ дар яке аз шеърҳои дар он давр навиштааш ба халқҳои Шарқ муроҷиат намуда мегӯяд.

Ба саводи диданн ту назар офаридаам ман,
Ба замири ту ҷаҳоне дигар офаридаам ман.
Ҳама ховарон ба хобе, ки ниҳон зи чашми мардум,
Бо суруди зиндагонӣ саҳар офаридаам ман.[28]

Иқбол дар асарҳои дар он солҳо эҷод кардаи худ мардуми дар зери асорат будаи Шарқро даъват мекунад, ки онҳо бояд аҳамияти истиқлолияту озодиро дарк намоянд, барои ба даст овардани он мубориза баранд. Вай медонист, ки дар баробари танқиди сиёсати мустабидона ва кирдорҳои разилонаи мустамликадорони хориҷӣ бедор кардани шуури халқҳои зердасту нотавонгаштаи Шарқ яке аз шартҳои асосӣ ва зарурӣ мебошад. Бо ҳамин мақсад соли 1915 маснавии «Асрори худӣ» ва соли 1917 маснавии «Румузи беҳудӣ»-ро эҷод карда, ба халқҳои хору зор гардидаи Шарқ таълим медиҳад, ки онҳо бояд рӯҳияи нерӯманду солим пайдо кунанд. Маснавиҳои зикршуда мақбули ҳиндустониҳо ва халқҳои дигари Шарқ гардида шӯҳрати шоирро хеле меафзоянд.

Азбаски забони модарии Иқбол панҷобӣ буда, маснавии «Асрори худӣ» нахустин асари форсии вай буд, бинобар он дар муқаддима эътироф менамояд, ки аз ӯ асари аз ҷиҳати обу ранги бадеӣ баландро талаб кардан номумкин аст:

Шоирӣ з-ин маснавӣ мақсуд нест,
Бутпарастӣ, бутгарӣ мақсуд нест.
Ҳиндиям аз форсӣ бегонаам,
Моҳи нав бошам, тиҳӣ паймонаам.
Ҳусни андози баён аз ман маҷӯ,
Хонсору Исфаҳон аз ман маҷӯ.[29]

Вақте ки дар соли 1920 Р. Никольсон маснавии «Асрори худӣ»-ро ба англисӣ тарҷума карда, ба табъ мерасонад, Иқбол дар мамлакатҳои Ғарб ҳам шӯҳрати калон пайдо менамояд. Чи навъе, ки Муҳити Таботабоӣ менависад, «дар соли 1922 интизор мерафт ҷоизаи нобелиро ба ӯ (Иқбол.— А. Ғ.) бидиҳанд. Ҳукумати Ҳиндустон низ ба сипоси мақоми фазлу адаб дар он сол ӯро ба лақаби «сэр» мулаққаб сохт. Аммо Иқбол чун марде озодманиш ва дур аз шӯҳратталабӣ буд, на барои дарьёфти ҷоизаи нобелӣ додталаб шуд ва на нисбат ба лақабу унвони мазкур хеҷгоҳ изҳори дилбастагӣ намуд, балки хуш дошт, ки дӯстони вай ӯро дар мукотиба ва муҳотиба бидуни ин унвон бихонанд ва бадин назар дар байни удабои Ҳинду Афғон ва Эрон ба номи «аллома Иқбол» ё «Шайх Иқбол» ё «доктор Иқбол» хонда мешуд. Вале рӯзномаҳои хориҷӣ ба муносибати аҳамияти лақаби мазбур номи вайро ҳамеша бо «сэр» тавъам медоданд».[46]

Аз солҳои 1922 сар карда пешвоёни сиёсии Ҳинд монанди Мавлавӣ Муҳаммадалӣ ва ҳамсафонаш дасти ҳамкорӣ ба тарафи Иқбол дароз мекунанд. Иқбол бинобар озодманишӣ аз ширкати корҳои сиёсӣ худдорӣ кунад ҳам, аммо дӯстонаш ӯро маҷбур мекарданд, ки дар тамоми маъракаҳои муҳимми сиёсӣ иштирок намояд.

Дар соли 1922 Афғонистон таҳти роҳбарии Амонуллохон ва Нодиршоҳ истиқлолияти комил ба даст меорад. Иқбол аз ин воқеа хеле мамнун гардида, девони «Паёми Машриқ»-и худро ба номи Амонуллохон мебахшад, ки он соли 1923 нашр мегардад. Ӯ дар муқаддимаи «Паёми Машриқ» худро бо шоири бузурги немис Гёте (1749—1832) муқоиса карда, дар Ҳинд хор ва ғариб буданашро қайд мекунад.

Ӯ чаманзоде, чаманпарвардае,
Ман дамидам аз замини мурдае.
Ӯ чу булбул дар чаман «фирдавсгӯш»,
Ман ба саҳро чун ҷарас гарди хурӯш.
Ҳар ду донои замири коинот,
Ҳар ду пайғоми ҳаёт андар мамот.
Ҳар ду ханҷар субҳханд, оинафом,
Ӯ бараҳна ман ҳануз андар ниём.
Ҳар ду гавҳар арҷманду тобдор,
Зодаи дарьёи нопайдо канор.
Ӯ зи шухи дар таҳи қулзум тапид,
То гиребони садафро бардарид
Ман ба оғӯши садаф тобам ҳануз,
Дар замири баҳр нойобам ҳануз...
Аз хунар сармоядорам кардаанд,
Дар диёри Ҳинд хорам кардаанд

Лолаю гул аз навоям бенасиб,
Тойирам дар гулистони худ ғариб.
Баски гардун сифлаю дунпарвар аст,
Вой бар марде, ки соҳибҷавҳар аст.[41]

Бояд гуфт, ки Иқбол нахустин шоири Шарқ мебошад, ки ба девони шарқии Гёте ҷавоб гуфтааст.

Дар соли 1927 таҳти унвони «Забури Аҷам» девони дигари ашъори форсии шоир нашр мешавад. Девонҳои «Паёми Машриқ» ва «Забури Аҷам» Иқболро ҳамчун шоири забардасти форсизабон на танҳо дар Ҳиндустон, балки дар Афғонистон, Туркия, Эрон ва мамлакатҳои дигари Шарқ боз ҳам маъруф мегардонанд. Сол то сол дӯстон ва иродатмандони шоир чи дар Ҳиндустон ва чи дар хориҷи он зиёд шудан мегиранд. Иқбол соли 1928 мувофиқи даъвати «Ассоциацияи таълимоти мусулмонии Ҳиндустон» барои хондани маърӯзаҳо ба Мадрас меравад ва ӯ дар анҷуманҳои илмӣ ва донишкадаҳои олии Мадрас доир ба масъалаҳои муҳимму баҳсталаби фалсафа ба забони англисӣ маърӯзаҳои илмӣ мекунад.

Шоир аз Мадрас ба Майсур равон мешавад. Ба истиқболи шоири шаҳир ҳазорон нафар сокинони Ҳиндустони ҷанубӣ ҳатто сарвазири Майсур Аминулмулк Мирзо Исмоил ва дигар арбобони намоёни давлатӣ ба станцияи Банголур мебароянд. Ба шарафи ӯ дар «Китобхонаи мусулмонӣ» ва идораи маҳкамаи таълимоти Майсур маҷлисҳои тантанавӣ ташкил мекунанд.[42] Иқбол аз рӯи даъвати низоми Дакан Осафҷоҳи ҳафтум иҷунин ба шаҳри Ҳайдаробод сафар мекунад. Аҳолии Ҳайдаробод Иқболро хеле ботантана пешвоз мегиранд. Дар ин хусус Муҳити Таботабой ин тавр навиштааст: «Рӯзи вуруди Иқбол ба Ҳайдаробод чандон бо оин ва шукӯҳ баргузор шуд, ки ҷуз дар истиқболи фармонравоёни бузурги кишварҳо барои дигаре назири ин ташрифот маъмул набуда ва нест. Сарони сиёсӣ ва илмию мазҳабии шаҳр бо шогирдони омӯзишгоҳ дар хориҷи шаҳр ӯро истиқбол карданд. Ҳангоми вурудаш доништомӯзон суруди маъруфи мусулмонон (шеъри «Ҳиндустони мо» дар назар дошта мешавад.— А. Ғ.) асари табъи вайро бо оҳанги дилкаше мехонданд ва бадин тариқ ба шаҳр ворид шуд».[43]

Низоми Дакан Осафҷоҳи ҳафтум ва маҳороҷаи Ҳайдаробод Саркашон Прасад ба шарафи Иқбол зиёфатҳо ва мушоираҳои пуршукӯҳи шоиронро барпо менамоянд. Иқбол дар университети усмонии Ҳайдаробод ҳам бо маърӯзаҳои илмӣ баромад мекунад. Ҳангоми бозгашти сафари Ҳайдаробод мувофиқи хоҳиши профессорону студентони университети му-

сулмонии Алигарх ба он ҷо рафта, доир ба масъалаҳои фалсафа ва адабиёт нутқҳо эрод менамояд. Маърӯзаҳои дар донишкадаҳо ва муассисаҳои илмии шаҳрҳои мазкур хондаи Иқболро дар як ҷо фароҳам оварда, ба сурати китобе даровардаанд, ки он бо унвони «Таҷаддуди фалсафаи исломӣ» ба забонҳои англисӣ ва урду ба чоп расидааст.

Иқбол пас аз бозгашти сафар бо ҳамроҳии Муҳаммадалии Ҷинноҳ ва дигар арбобони давлатию сиёсии Ҳиндустон дар як қатор маҷлисҳои машваратӣ иштирок мекунад. Азбаски обрӯю эътибори ӯ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти сиёсии Ҳиндустон, хусусан дар байни мусулмонон хеле калон буд, бинобар он моҳи декабри соли 1930 дар маҷлиси солонаи лигаи умумиҳиндии мусулмонон,[44] ки дар шаҳри Оллоҳобод ба вуҷуд меояд, ӯро садри маҷлис интихоб мекунанд. Дар ин маҷлис Иқбол бо маърӯзаи «Ҳиндустони исломӣ» баромад кард ва чунин таклиферо ба миён гузошт, ки дар оянда ба ҳукмронии мустамликадорони англис хотима дода шуда, федерацияи Ҳиндустон ташкил карда шавад ва ба ҳайати он вилоятҳои аҳолиаш мусулмон — Панҷоб, Булучистон, Синд ва музофотҳои сарҳаддии шимолии мамлакат дохил карда шаванд.

Қайд кардан лозим аст, ки баъзе аз муаллифони Ҳинду Покистон ва мамлакатҳои дигар ин пешниҳоди Иқболро асос карда ,ба чунин хулосаи нодуруст омадаанд, ки гӯё ӯ солҳои дароз барои барпо кардани давлати мустақили Покистон мубориза бурда бошад. Бо вуҷуди он, ки назарияи Иқбол низ характери динӣ дошт, лекин ӯ ҳеҷ вақт масъалаи ташкил намудани давлати алоҳидаи мусулмононро ба миён нагузошта буд. Идеяи барои мусулмонон барпо кардани давлати алоҳидаи Покистон аз доираҳои иртиҷоии англисҳо сар задааст. Аз рӯи ташвиқу тарғиби англисҳо ин идеяро соли 1931 дар Лондон студенти университети Камбриҷ Раҳматалии Чоудҳарӣ ба миён гузоштааст. Пас аз ду соли вафоти Иқбол тобистони соли 1940 лигаи Умумиҳиндии мусулмонон аввалин бор барпо кардани давлати исломии Покистонро расман изҳор намуда буд.

Иқбол дар қатори дигар намояндагони Ҳиндустон дар кори конференцияи мизи мудаввар, ки аз 17 сентябрь то 1 декабри соли 1931 дар Лондон баргузор мегардад иштирок мекунад. Баъд аз ба охир расидани конференция муддате дар Лондон истиқомат карда, бо файласуфону адабиётшиносони гуногунақидаи англис мулоқот мекунад.

Иқбол баъди аз сафари Лондон баргаштан ҳамчун намояндаи Ҳиндустон барои дар маҷлиси байналхалқии мамла-

катҳои исломӣ иштирок кардан ба Фаластин сафар мекунад. Дар он ҷо бо бисьёр намояндагони мамлакатҳои исломӣ сӯҳбат мекунад. Худи ӯ дар ин бора мегӯяд: «Сафари Фаластин дар зиндагии ман як воқеаи хеле ҷолиб мебошад. Ман дар он ҷо бо вакилони бисьёр кишварҳои исломӣ, масалан Марокаш, Миср, Яман, Ироқ ва ғайра мулоқот намудам».[45]

Шоир соли 1932 дар конференцияи сеюми мизи мудаввар ҳам ширкат меварзад. Вай як моҳ пеш аз кушода шудани конференция аз Ҳиндустон баромада, бо марказҳои илмии Вена, Будапешт, Берлин ва ғайра шинос шуда ба Лондон меояд.[46] Пас аз анҷом ёфтани конференция 10 декабри соли 1932 маҷлиси илмии Академияи фанҳои Англия барпо мешавад, ки дар он Иқбол ҳам бо маърӯза баромад карда, дар бораи вазъияти мусулмонони Ҳиндустон ва роҳҳои беҳтар кардани зиндагии онон мулоҳизаҳои худро баён менамояд. Ин сафар ба Иқбол аз бисьёр бобат манфиат мебахшад. Зеро вай бо бисьёр донишмандони намоёни Ғарб мубодилаи афкору ақоид мекунад. Дар бозгашт ба Париж рафта, бо як қатор муассисаҳои илмию адабии он ҷо шинос мешавад. Бо файласуфону донишмандони гуногунақида, аз ҷумла бо Анри Бергсон (вафоташ соли 1941) сӯҳбатҳо мекунад. Аз Париж ба Испания сафар карда, ёдгориҳои таърихии онро бо рағбати калон тамошо менамояд. Дар университети Мадрид дар мавзӯи «Испания ва иртиқои зеҳнии олами ислом» маърӯзаи марокорар карда, диққати донишмандонро ба худ ҷалб мекунад. Профессори университети Мадрид Осин, ки аз тадқиқотчиёни намоёни эҷодиёти Данте, хусусан «Мазҳакаи илоҳӣ»-и ӯ ба шумор меравад, ҳангоми суханронияш эътироф менамояд, ки Иқбол бузургтарин шоир, мутафаккир ва файласуфи асри XX мебошад.[47]

Худи Иқбол оид ба ин масъала дар яке аз мактубҳои ба номи Муҳаммад Икром навиштааш ин тавр гуфтааст: «Роҳбарони университети Мадрид аз ман хоҳиш намуданд, ки дар мавзӯи «Испания ва иртиқои зеҳнии олами ислом» маърӯза кунам. Маърӯзаи ман мақбули ҳозирон гардид. Профессор Осин, ки муаллифи китоби «Мазҳакаи илоҳӣ ва ислом» мебошад, садри он маҷлис буд. Ӯ дар вақти бо нутқи муқаддимавӣ кушодани маҷлис дар таърифу тавсифи ман хеле муболиға намуд».[48]

Иқбол аз Мадрид ба пойтахти Италия — Рим меравад. Шоирро дар он ҷо Сакорпонӣ, ки пештар сафири Италия дар Ҳиндустон буда, аз мӯътақидони вай ба шумор мерафтааст, пешвоз мегирад.[49] Бо ёдгориҳои таърихӣ ва аҳли илму адаби

Рим шинос мешавад. Дар донишкада ва муассисаҳои илмии он ҷо доир ба масъалаҳои фалсафа ва адабиёти Шарқ маърӯзаҳо мехонад. Адабиётшиносони Италия ҳангоми дар он ҷо будани Иқбол дар бораи ӯ мақолаҳо навишта, баъзе шеърҳояшро ба забони италиявӣ тарҷума мекунанд.[50]

Дар охирҳои соли 1932 шоҳи Афғонистон—Нодиршоҳ Иқбол ва ду нафари дигар аз шахсони фозилу маорифпарвари Ҳиндустон—Мавлоно Сулаймони Надвӣ ва Масъуди Росро ба Қобул даъват мекунад, то ки дар гузаронидани ислоҳоти соҳаи маорифу маданият ва таъсису ташкили донишкадаҳои нав кӯмак расонанд.

Иқбол дар муддати дар Қобул истиқомат карданаш барои беҳтар намудани усули таълиму тарбияи мактабҳо ва ахбору маҷаллаҳои Афғонистон мулоҳизаҳои пурқимати худро баён мекунад, ки онҳоро Нодиршоҳ бо камоли миннатдорӣ қабул менамояд.

Ҷамъияти «Анҷумани адабии Қобул» ба шарафи меҳмонони Ҳиндустон шаби адабӣ ташкил мекунад, ки дар он арбобони намоёни давлатӣ ва ходимони маъруфи илму адабиёти мамлакат ширкат меварзанд.[51] Дар ҳамон маҷлис шоири машҳури Афғонистон—Малик-уш-шуаро Абдуллохон мутахаллис ба Қорӣ (1872—1943) бо унвони «Хайра мақдам» шеъре мехонад ва дар он доир ба Иқбол мегӯяд:

Азизон зи Ҳиндустон омаданд.
Дар Афғонистон меҳмон омаданд
Дар онон яке доктар Иқболи Ҳинд,
Суханпарвару воқиф аз ҳоли Ҳинд
Адиби сухангустару нуктасанҷ,
Ки ҳар нуктааш беҳтар омад зи ганҷ.
Чаман гирдаи тарзи рангини ӯст,
Шакар пораи ҳарфи ширини ӯст.
Каломаш чу авҷи баландӣ гирифт,
Сухан рутбаи арҷмандӣ гирифт.
Занад таъна оҳанги ӯ баркро
Ки хоҳон бувад нӯҳзати Шаркро
Навин шеваеро ба сабки куҳан
Даромехт аз қудрати илму фан.
Чу андар сухан ҷодаи нав гузид,
Паёмаш зи Машриқ ба Мағриб расид...
Суханро даромехт чун бо улум,
Аз ӯ зинда шуд тарзи Муллои Рум...
Навояш ҳамоҳанг бо нафхи сур,
Ки афсурдагонро диҳад ба шӯр.
Чу булбул ба оҳанги кӯҳсори мо,
Зи Ҳинд омад ин тӯтии хушнаво.[52]

Иқбол дар вақти дар Афғонистон буданаш бо ёдгориҳои таърихии он ҷо шинос мешавад. Аммо вақте ки ӯ осори атиқаи Ғазнаро аз назар мегузаронад, аз харобиву ноободии Афғонистони онвақта бисёр таассуф мехӯрад.

Хезад аз дил нолаҳ бе ихтиёр,
Оҳ, он шаҳре, ки ин ҷо буд пор.
Он диёру кохи кӯ вайронаест,
Он шукӯҳу фолу фарр афсонаест.[53]

Шоир дар Афғонистон ҳам аҳволи оммаи меҳнаткашро дар ниҳояти хору залилӣ мебинад. Вай мебинад, ки халқи ин мамлакат низ дучори зулму истисмор ва макру фиреби мустамликадорони Ғарб гардидааст. Бинобар он ӯ вайронаҳои Афғонистонро тасвир карда истода, аз номи марди шӯридае ба худо чунин муроҷиат мекунад:

Эй худо, эй нақшбанди ҷону тан,
Бо ту ин шӯрида дорад як сухан.
Фитнаҳо бинам дар ин дайри куҳан,
Фитнаҳо дар хилвату дар анҷуман.
Олам аз тақдири ту омад падид,
Ё худои дигар ӯро офарид!
Зоҳираш сулҳу сафо, ботин ситез,
Аҳли дилро шишаи дил рез-рез.
Сидқу ихлосу сафо боқӣ намонд,
«Он қадаҳ бишкасту он соқӣ намонд».
Чашми ту бар лолаи рӯёи фаранг,
Одам аз афсунашон бе обу ранг.[54]

Иқбол 31 декабри соли 1932 аз Ғазна ба Қандаҳор омада, аз он ҷо бо роҳи Амритсар ба Лоҳур бармегардад. Баъд аз чанде маснавии «Мусофир», ки таассуроти сафари ба Афғонистон кардаи ӯро дар бар мегирад, нашр мешавад. Дар охирҳои ҳамон сол инчунин калонтарин ва муҳимтарин асари форсии шоир «Ҷовиднома» дар Лоҳур ба табъ мерасад.

Дар соли 1934 Анҷумани осори миллии Эрон Иқболро ҳамчун барҷастатарин шоири форсизабони Ҳиндустон барои дар ҷашни 1000-солагии таваллуди Фирдавсии бузург иштирок намудан ба Теҳрон даъват мекунад. Аммо шоир бинобар бад будани аҳволи саломатиаш ба Эрон сафар карда наметавонад.[55]

Моҳи октябри соли 1935 дар шаҳри Понипат ҷашни 100-солагии таваллуди Мавлоно Алтоф Ҳусайни Холӣ (1837—1914) гузаронида мешавад. Барои ба ин ҷашн иштирок кардан наввоби Бҳупол Ҳамидуллоххон низ ба Понипат ташриф меорад. Иқбол ҳам ба бад будани аҳволи саломати-

аш нигоҳ накарда, ба Понипат меравад. Шоир бо наввоб Ҳамидуллоҳхон, ки шахси маърифатпарвар будааст, муносибати дӯстона доштааст. Бо вуҷуди ба корҳои давлатӣ маъмур будан ба ҷашни Ҳолӣ омадани наввоб Ҳамидуллоҳхон Иқболро хеле шод мегардонад. Ӯ аз ин воқеа ниҳоятдараҷа шод шудани худро дар яке аз шеърҳои дар он рӯзҳо эҷод кардааш чунин ба қалам додааст:

Мизоҷи нокаро монанди Урфӣ[56] нек медонам,
Чу маҳмилро гарон бинам, ҳудоро тезтар хонам.
Ҳамидуллоҳхон, эй мулку миллатро фуруғ аз ту,
Зи алтофи ту мавҷи лола хезад аз хиёбонам.
Тавофи маркади Ҳолӣ сазад эрбоби маъниро,
Навои ӯ ба ҷонҳо афканад шӯре, ки ман донам.
Биё, то фақру шоҳӣ дар ҳузури ӯ ба ҳам созем,
Ту бар хокаш гуҳар афшониву ман барги гул афшонам.[57]

Аз ҳамин солҳо аҳволи саломатии Иқбол торафт бад шудан мегирад. Бояд гуфт, ки бемории ӯ аз соли 1924 оғоз ёфта буд. Ӯ дар ҳамон вақт барои муолиҷа ба шаҳри Вена рафтан мехостааст, аммо дӯстонаш маслиҳат дода буданд, ки аввал ба табибони бомаҳорати маҳаллӣ Ҳаким Абдулваҳҳоби Ансорӣ маъруф ба Ҳакими Нобино муроҷиат намояд. Ҳакими Нобино муддате Иқболро муолиҷа карда, ӯро аз бемориҳои гуногун наҷот медиҳад. Аммо пас аз даҳ сол ӯ аз нав ба дарди гӯш, дарди гурда, дарди чашм, диқи нафас ва дигар бемориҳо мубтало мегардад.

Шоир соли 1934 аз рӯи маслиҳати дӯстонаш ба Испания сафар карда, муддате ба муолиҷа машғул мешавад. Донишмандони англис ба Испания ба номи Иқбол мактуб навишта, аз ӯ хоҳиш мекунанд, ки ба Оксфорд омада, барои студентони университет роҷеъ ба адабиёти араб лекцияҳо хонад. Ӯ ин дархости донишмандони англисро рад карда натавониста, ба Оксфорд меравад, аммо дар натиҷаи бад шудани саломатиаш баъд аз хондани танҳо як лекция зуд ба Ҳиндустон бармегардад.

Дар нимаҳои соли 1935 бемориҳои шоир хеле шиддат пайдо мекунанд. Масъуди Рос, ки аз дӯстони Иқбол буда дар ин вақт вазири маорифи раёсати Бҳӯпол таъин шуда буд, ӯро барои муолиҷа ба Бҳӯпол даъват менамояд. Мувофиқи хоҳиши Масъуди Рос наввоби Бҳӯпол барои Иқбол панҷсад рупия нафақа таъин мекунад.[58] Иқбол дар Бҳӯпол ба муолиҷаи дарди гурда, ки тақрибан бист сол мубталои он буд, машғул мешавад. Аммо беҳбудие ҳосил карда наметавонад ва ӯ ба захми меъда ва бемориҳои дигар гирифтор мегардад. Дар поёни

умр ӯро яке аз табибҳои ҳозиқи юнонии Ҳинд, ки бо номи Шифоулмулк шӯҳрат пайдо карда будааст, муолиҷа менамояд.

Шоир ва мутафаккири бузург дар солҳои бемории худ низ аз навиштани асарҳои манзуму мансури форсиву урду даст намекашад. Ӯ ҳангоми дар Бҳӯпол ба муолиҷа машғул буданаш зиндагии тоқатфарсои мардуми он ҷоро мушоҳида намуда, дар аввалҳои соли 1936 «Пас чӣ бояд кард, эй ақвоми Шарқ?» ном маснавии форсиро эҷод мекунад.

Дар ҳамин сол охирин маҷмӯаи ашъори урдуи ӯ бо унвони «Зарби Калим» дар Лоҳур аз чоп мебарояд. Муҳаммад Иброҳим Халил аз рӯзҳои охирини ҳаёти Иқбол нақл намуда, менависад: «Агарчи заъфи қавии қалб ҳам дошт, аз мутолиа ва тасвиди ашъор худдорӣ намекард ва ба музокираю табодилаи афкор ҳозир буд. Ҷавоҳирлол Неҳру ба мулоқоти ӯ омад. Иқбол бо вай сӯҳбати тӯлонӣ намуд ва Неҳру аз ин мулоқот хеле мутаассир буд».[59]

Иқбол табиатан шахси қонеъ буда, дар айёми зиндагии худ ба дарбори ягон амалдоре нарафтааст ва дар таърифу тавсифи ҳокиме ва ё сарватманде асаре нанавиштааст. Ӯ иззати нафси хеле баланд дошт ва ба ҳар касу нокас сар фурӯ кардану рӯ оварданро дӯст намедошт, аз ҳеҷ кас тамаъ намеҷуст ва бо меҳнати софу ҳалоли худ умр ба сар мебурд:

Нози шаҳон намекашам, захми карам намехӯрам,
Даригар, эй ҳавасфиреб, ҳиммати ин гадойро.[60]

Аз ситоишгустарӣ болотарам,
Пеши ҳар девон фурӯ н-ояд сарам,
Аз сухан оинасозам кардаанд,
В-аз Сикандар бениёзам кардаанд.
Бори эҳсон барнатобад гарданам,
Дар гулистон ғунча гардад доманам,
Сахткӯшам мисли ханҷар дар ҷаҳон,
Оби худ мегирам аз санги гарон.[61]

Дар ҷои дигар эътироф мекунад, ки ӯ ҳеҷ гоҳ касеро босифатҳои надоштааш таърифу тавсиф накардааст:

Ғуломам ҷуз ризои ту наҷӯям,
Ҷуз он роҳе, ки фармудӣ, напӯям,
Валекин гар ба ин нодон бигӯӣ,
«Хареро аспи тозӣ гӯ, нагӯям».[62]

Муҳаммад Иброҳими Халил хислатҳои неку ҳамидаи Иқбол, аз ҷумла қаноатпешагии ӯро чунин тавсиф намудааст: «Иқбол агар роҳи худдориро ихтиёр намекард, албатта

дахли ӯ аз ҳазорҳо мутаҷовиз шуда буд ва дар маҳкамаи конуни козӣ низ шуда метавонист, садри консул шуда метавонист, шоири дарбор шуда ва қасида суруда вазифаи худро, ки асбоби маишати уст, мукаррар менамуд. Магар Иқбол аз ин чандин роҳҳо кадом якеро ихтиёр нафармуд. Иқбол ҳаёти фақри боқаноатро ба ҳаёти аморат ва сарват тарҷеҳ медод. Қадре пеш аз вафоти Иқбол ба мавкеи явми Иқбол вазири аъзами як риёсати Ҳиндустон як ҳазор рупия ба таври бахшиш барояш фиристод, лекин ин марди қаландар бо изҳори шукрия ба камоли истиғно рад кард ва то замоне, ки сиҳаташ иҷозат медод, ба вазифаи ваколат масориф тахия менамуд. Магар дар авохири умр ваколатро тарк гуфт. Бинои даҳлаш хеле маҳдуд шуда буд, аз фурӯши осори матбӯаш даҳле, ки фароҳам мешуд, харҷаш буду бас».[63]

Шоири ватанпарвару озодихоҳ ба беморӣ ва пирию заифии худ нигоҳ накарда, то дақиқаҳои охирини ҳаёташ барои озодӣ ва бахту саодати ҳамватанонаш мубориза мебарад:

Сарояо дарди дармонняпазирам,
Нашндорн забуну зору пирам,
Ҳанӯзам дар камоне метавон ронд,
Зи кеши миллате афтода тирам.[64]

Шеъре ки онро Иқбол ним соат пеш аз вафоташ гуфтааст, ин аст:

Суруди рафта боз ояд, ки н-ояд,
Насиме аз Ҳиҷоз ояд, ки н-ояд.
Саромад рӯзгори ин фақире,
Дигар донон роз ояд, ки н-ояд.[65]

Иқбол пас аз бемории дуру дароз 21 апрели соли 1938 дар шаҳри Лоҳур вафот мекунад. Иқбол шахси инсонпарвар ва сулҳдӯст буда, бо намояндагони қавму миллатҳои гуногун муносибати дӯстона доштааст. Донишманди намоёни Покистон Мумтоз Ҳасан, ки дар давоми солҳои зиёд Иқболро аз наздик мешинохтааст, менависад: «Аввалин маротиба, ки ман ба хизмати Иқбол расидам, дар соли ҳазору нӯҳсаду бисту шаш буд... Баъд аз ин мулоқоти аввалин Иқбол тақрибан дувоздаҳ сол зиндагӣ кард ва ман дар ин муддати дувоздаҳ сола ҳар гоҳ, ки фурсат пайдо мекардам, хидмати ӯ мерасидам ва аз ҳузури ӯ баҳра мебурдам ва медидам, ки ҳамаи навъи мардум аз Машрику Мағриб, ҳиндую мусулмон, аз габру тарсо, аз сикххову буддоӣ, босаводу бесавод, уламою удабо, пирону ҷавонон, донишҷӯёни донишгоҳу устодони до-

нишгоҳ, паҳлавонону варзишкорон барои мулоқоти Иқбол меомаданд ва у бо ҳамаи онҳо бо камоли хулус ва соддагӣ гуфтугӯ мекард ва барои ҳар навъ инсон эҳтироме мекард».[66]

Аз ин ҷост, ки дар маросими дафни шоири бузург ҳамаи одамони некирода ва поквиҷдон, ки шумораи онҳо тақрибан ба 70 ҳазор нафар мерасидааст, иштирок менамоянд. Маросими дафни ӯ, ки асосан бо иштироки табақаҳои меҳнаткаш ва намояндагони ташкилотҳои гуногуни он давр мегузарад, характери намоиши сиёсиро мегирад. Дар митингҳои мотамӣ, ки дар шаҳру деҳоти мамлакат барпо карда мешаванд, намояндагони ҳар гуна мазҳабу миллатҳо иштирок мекунанд. Арбобони намоёни давлатию ҷамъиятии Ҳиндустон аз қабили Ҷавоҳирлоли Неҳру, Муҳаммадалии Ҷинноҳ, Робиндранат Такур, Субос Чандрабус мақолаҳо навишта, барои Ҳиндустон талафоти ниҳоят вазнин будани вафоти Иқболро қайд менамоянд.

Шоир ва олими намоёни Афғонистон Малик-уш-шуаро Қорӣ Абдулло ба муносибати вафоти Иқбол марсияи ҷонсӯзе суруда, вафоти ӯро талафоти бузурге ба олами илму адаби Шарқ мешуморад. Барои намуна абёти зайл нақл мешавад:

Иқбол рахт басту зи Ҳиндустон бирафт,
Қ-он файласуфи олами Шарқ аз миён бирафт.
Бояд ба норасоии бахти дижам гирист,
Қ-иқболро гузошт, ки зуд аз ҷаҳон бирафт.
Афтод гавҳаре зи кафи даҳр рӯи хок,
Бечора даҳр бин, ки бар ӯ ин зиён бирафт
Аз даст муфт домани Иқбол додай,
Шарме кун, эй замона, зи дастат чисон бирафт.
Пиру ҷавон чу тифли ятимонд ашкрез,
К-он зиндадил адиб ба табъи ҷавон бирафт.
Ному нишони фалсафа маҳв ар шавад, бачост,
Қ-он файласуфи соҳиби ному нишон бирафт...
Дигар куҷо расад ба ҳарифон «Паёми Шарқ»
Қ-он нуктасанҷ шоири ширинзабон бирафт...
Осори худ ба даҳр чу ҷовид мондааст,
Ҳаргиз намурд гарчи аз ин хокдон бирафт
Осуд аз гудози ғами даҳр хуш ба хок,
Гӯӣ чу ашки ғамзада аз дидагон бирафт...
Ёдаш муқими хилвати дилҳову номи ӯ
Аз баски зиндааст карон то карон бирафт
Таърихи фавт хома алиф баркашида гуфт:
«Иқболи Ҳинд моҳи сафар аз ҷаҳон бирафт».[67]

1357 ҳиҷрӣ.

Шоири номаълуме дар байти поён моддаи таърихи вафоти Иқболро ин тавр баён кардааст:

Иқбол чун зи дунё вақти саҳар бирафта,
Мурғи саҳар наво зад: «соҳибназар бирафта».[68]

«Соҳибназар бирафта» мувофиқи ҳисоби абчад адади 1938-ро ташкил медиҳад.

Ҳомид Ҳасани Қодирӣ ҳам дар вафоти Иқбол моддаи таърих гуфтааст, ки ин аст:

Бод раҳматҳои ҳақ бар турбаташ,
Омад «ал-мағфур» соли реҳлаташ».[69]

«Ал-мағфур» ба ҳисоби абчад адади 1357 ҳиҷриро ташкил мекунад, ки он ба 1938 милодӣ мутобиқат мекунад.

Баъд аз вафоташ ҳам на танҳо шаъну шарафи Иқбол ҷовидон монд, балки муҳаббати оммаи халқ нисбат ба ӯ хеле афзуд. Номи Иқбол ба воситаи асарҳояш дар ҷаҳон ба таври абадӣ зинда хоҳад монд.

Агарчи мард бимирад ба гардиши маҳу сол,
Намурдаасту намирад Муҳаммади Иқбол.[70]

Симои ӯ барои шоирону нависандагони пешқадами Ҳинду Покистон ва мамлакатҳои дигари Шарқ намунаи ба ҷо овардани хизмати халқ гардид.

Рӯҳи он Дарвеши Миср омад падид.
Дар садаф аз сӯзи ӯ гавҳар гудохт.
Санг андар синаи Кашнар[19] гудохт.
Гуфт: «Эй Кашнар, агар дорӣ назар,
Интиқоми хоки дарвеше нигар
Осмон хоки туро гӯре надод,
Марқаде ҷуз дар ями шӯре надод.[20]

Дарвеши Судонӣ халқҳои мамлакатҳои арабро ба муттаҳидӣ ва ба даст овардани истиқлолияти миллӣ даъват мекунад. Пас аз сайри Зуҳра ба фалаки Миррих рафта бо манзараҳо ва мардумони онҷо шинос мешаванд. Дар расадхонаи Миррих бо мунаҷҷими солхӯрда суҳбат мекунанд. Тасвири ин мунаҷҷим, ки ба забони дарӣ сухан меронад, хеле зебо ва диққатҷалбкунанда мебошад:

Пирмарде риши ӯ монанди барф,
Солҳо дар илму ҳикмат карда сарф
Тезбин монанди доноёни Ғарб,
Кисваташ чун пири тарсоёни Ғарб.
Дерсолу қоматаш боло чу сарв,
Талъаташ тобанда чун турkони Марв,
Ошнои расму роҳи ҳар тариқ,
Ошкор аз чашми ӯ фикри амиқ.
Одамиро диду чун гул баршукуфт,
Дар забони Тусию[21] Хайём гуфт.
Нутқу идрокаш равон чун оби ҷӯ,
Маҳви ҳайрат будам аз гуфтори ӯ
Ин ҳама хоб аст ё афсунгарӣ,
Бар лаби миррихиён ҳарфи дарӣ.[22]

Румӣ Иқболро бо номи Зиндаруд бо ин мунаҷҷими миррихӣ шинос менамояд ва ҳар се ба забони дарӣ суҳбати тулоние мекунанд. Ҳакими миррихӣ дар бораи яке аз гузаштагонаш, ки Бархиё ном доштааст, нақл намуда, Румӣ ва Иқболро ба сайри зодгоҳи Бархиё шаҳри Марғдин мебарад, ки дар он ҷо золиму мазлум вуҷуд надошта, ҳама чун бародар хушу хурсандона умр ба сар мебурдаанд.

Бояд гуфт, ки дар тасвири Марғдин орзуҳои дар бораи ҷамъияти идеалӣ доштаи Иқбол инъикос ёфтааст, ки мо дар ин хусус дар боби оянда тавaққуф менамоем.

Байни мунаҷҷими миррихӣ ва Зиндаруд, яъне Иқбол мубоҳисаву мунозира ба вуҷуд меояд. Ҳар яке аз онон нуқтаи назари худро дар хусуси тақдири инсон баён мекунанд. Ҳамсафарон дар Миррих аҳволи дӯшизаеро, ки даъвои пайғамбарӣ мекардааст, мушоҳида менамоянд. Ин дӯшиза дар бо-

рон мартабан дар ҷамъият доштан мард ва зан сухан ронда, занонро ба озодӣ даъват мекунад.

Румӣ ва Иқбол пас аз тамошои Миррих ба фалаки Муштарӣ мераванд. Дар ин фалак пеш аз ҳама бо арвоҳи Мансури Ҳаллоҷ, шоири машҳури Ҳинд Мирзо Асадулло Ғолиб ва шоира Қурратулайн Тоҳира дучор мешаванд. Румӣ Иқболро бо шахсони мазкур шинос мегардонад:

Гуфт Румӣ: «Ин қадар аз худ марав,
Аз дами оташнавоён зинда шав.
Шавқи беларво надидастӣ нигар,
Зӯри ин саҳбо надидастӣ нигар.
Ғолибу Ҳаллоҷу Хотуни Аҷам [23]
Шӯрҳо афканда дар ҷони ҳарам». [24]

Мансури Ҳаллоҷ, Мирзо Асадулло Ғолиб ва Қурратулайн Тоҳира ҳар қадоме «навое» мехонанд. «Наво»-и Ҳаллоҷ бо байти:

Зи хоки хеш талаб оташе, ки пайдо нест,
Таҷаллии дигаре дархури тақозо нест [25]

шурӯъ мешавад. «Наво»-и Ғолиб яке аз шеърҳои худи ӯ буда, матлааш ин аст:

Биё, ки қоидаи осмон бигардонем,
Қазо ба гардиши ратли гарон бигардонем. [26]

«Наво»-и Тоҳира низ аз шеърҳои худи ӯ буда, байти аввалаш ин аст:

Гар ба ту афтадам назар чеҳра ба чеҳра рӯ ба рӯ,
Шарҳ диҳам ғами туро нукта ба нукта мӯ ба мӯ. [27]

Ҳаллоҷ, Ғолиб, Тоҳира ва Иқбол доир ба масъалаҳои рӯҳ, илму маърифат, ишқ, таслиму ризо, тақдир ва ғайра баҳсу мунозираҳо мекунанд. Баъд аз ба поён расидани суҳбати онҳо «хоҷаи аҳли фироқ Иблис» намудор шуда, дар бораи худ ва инсон сухан меронад.

Иқбол таҳти роҳнамоии Румӣ афлоку кавокибро зери по ниҳода, дар талаби ҳақиқат хона ба хона, дар ба дар, кӯча ба кӯча, кӯ ба кӯ гардида, ба фалаки Зуҳал мерасад. Дар ин фалак арвоҳи Мир Ҷаъфар ва Содиқро, ки дар айёми даргайди ҳаёт буданашон ба халқу ватани худ хиёнат карда, вилоятҳояшонро ба англисҳо фурӯхта буданд, дар азобу уқубати хеле сахт мебинад.

Румӣ ва Иқбол баъд аз сайри фалаки Зуҳал ба «он сӯи

афлок» баромада, бо файласуфи немис Фридрих Ницше во-хўранд. Аз он ҷо роҳи ҷаннатро пеш мегиранд ва дар он ҷо Мир Саидалии Ҳамадонӣ [28] ва Мулло Тоҳир Ғании Кашмириро [29] зиёрат мекунанд.

Мир Саидалии Ҳамадонӣ, Ғании Кашмирӣ ва Зиндаруд—Иқбол дар бораи як қатор масъалаҳои ҳаёт баҳс менамоянд. Иқбол ба Мир Саидалии Ҳамадонӣ саволҳо дода, аз ӯ ҷавобҳои қаноатбахш мегирад. Намунаи яке аз он гуна саволу ҷавобҳо ин аст.

Зиндаруд:

Аз ту хоҳам сирри яздонро калид,
Тоат аз мо ҷусту шайтон офарид.
Зишту нохушро чунон оростан,
Дар амал аз мо накӯӣ хостан.
Аз ту пурсам ин фусунсозӣ, ки чӣ?
Бо қимори баднишин бозӣ, ки чӣ?
Мушти хоку ин сипеҳри гирд гард,
Худ бигу мезебадаш коре, ки кард?
Кори мо, афкори мо, озори мо,
Даст бо дандон газидан кори мо.[30]

Шоҳи Хамадон (Мир Саидалии Ҳамадонӣ):

Бандае к-аз хештан дорад хабар,
Офаринад манфиатро аз зарар.
Базм бо дев аст одамро вабол,
Разм бо дев аст одамро ҷамол.
Хешро бар Аҳриман бояд задан,
Ту ҳама теғ, он ҳама санги фасан.
Тезтар шав, то фитад зарби ту сахт,
Варна бошӣ дар ду гетӣ тирабахт.[31]

Дар ҳамин қисмат аз забони Зиндаруд — Иқбол, Мир Саидалии Ҳамадонӣ ва Ғании Кашмирӣ аҳволи вазнини табақаҳои меҳнаткаши Қашмир тасвир карда мешаванд. Дар сӯҳбати охирини худ Ғании Кашмирӣ ба Иқбол муроҷиат намуда мегӯяд, ки ӯ аз дидани аҳволи тоқатфарсои ҳамватанони худ набояд маъюсу ноумед шавад, балки бо эҷод кардани ашъори шӯрангез барои беҳтар гардонидани шароити зиндагии онҳо кӯмак расонад. Ғании Кашмирӣ дар вақти бо Иқбол видоъ кардан аз ӯ хоҳиш мекунад ки «навои мастонае» саройд. Иқбол шеъре мехонад, ки байти аввалаш ин аст:

Бо нашъаи дарвешӣ дарсозу дамодам зан,
Чун пухта шавӣ, худро бар салтанати Ҷам зан.[32]

Иқбол дар сайёҳати «он сӯи афлок», яъне ҷаннат бо шоири ҳиндӣ  Бартарии Ҳарӣ низ дучор мегардад. Онҳо ба тариқи саволу ҷавоб дар бораи масъалаҳои шеъру шоирӣ суҳбат мекунанд. Ин аст яке аз саволҳои Зиндаруд (Иқбол):

Эй ки гуфтӣ нуктаҳои дилнавоз,
Машриқ аз гуфтори ту донои роз.
Шеърро сӯз аз куҷо ояд, бигӯй,
Аз худӣ ё аз Худо ояд, бигӯй![33]

Ҷавоби Бартарии Ҳарӣ:

Кас надонад дар ҷаҳон шоир куҷост,
Пардаи ӯ аз баму зери навост.
Он дили гарме, ки дорад дар канор,
Пеши яздон ҳам намегирад қарор.
Ҷони моро лаззат андар ҷустуҷӯст,
Шеърро сӯз аз мақоми орзуст.
Эй ту, аз токи сухан масти мудом,
Гар туро ояд муяссар ин мақом.
Бо ду байте дар ҷаҳони сангу хишт,
Метавон бурдан дил аз ҳури биҳишт.[34]

Румӣ ва Иқбол аз ин пас ба сӯи «коҳи салотини Машриқ» ҳаракат мекунанд ва дар он ҷо Нодир,[35] Абдолӣ[36] ва Султони шаҳидро[37] мебинанд. Румӣ Иқболро бо ин се шахс шинос менамояд. Вақте, ки Нодир аз рӯи тавсифи Румӣ аз шоирони машҳури имрӯзаи Шарқ будани Иқболро мефаҳмад, ба ӯ рӯ оварда мегӯяд:

Хуш биё, эй нуктасанҷи ховарӣ,
Эй, ки мезебад туро ҳарфи дарӣ.
Маҳрами розем, бо мо роз гӯй,
Он чӣ медонӣ зи Эрон, боз гӯй![38]

Иқбол дар ҷавоби Нодир  мегӯяд, ки  эрониён ба доми макру фиреби Фаранг, яъне давлатҳои Ғарб гирифтор гардидаанд:

Баъди муддат чашми худ бо худ кушод,
Лекин андар ҳалқаи доме фитод.
Куштаи нози бутони шӯху шанг,
Холики таҳзибу таклиди фаранг...
Нақши ботил мепазирад аз фаранг,
Саргузашти худ бигирад аз фаранг[39]

Рӯҳи Носири Хусрави Алавӣ намудор шуда, яке аз ғазалҳои худро хонда ғоиб мегардад. Иқбол ба Абдолӣ дар бораи афғонҳо, ба Ғарб кӯр-кӯрона тақлид кардани баъзе мамла-

катхои Шарқ, аҳамияти илму фан ва ғайра нақл намуда, дар охир таъкид мекунад, ки:

Осиё як пайкари обу гил аст,
Миллати афғон дар он пайкар дил аст.
Аз фасоди ӯ фасоди Осиё,
Дар кушоди ӯ кушоди Осиё.[40]

Султони шаҳид дар вақти бо Иқбол мулоқот намудан аз ӯ хоҳиш мекунад, ки:

Боз гӯ аз Ҳинду аз Ҳиндустон,
Он ки бо коҳаш наярзад бӯстон.
Он ки дил аз баҳри ӯ хун кардаем,
Он ки ёдашро ба ҷон парвардаем
Аз ғами мо кун, ғами ӯро қиёс,
Оҳ аз он маъшуқи ошиқношинос.[41]

Иқбол баъд аз шунидани суханони Султони шаҳид мегӯяд:

Ҳиндиён мункир зи қонуни фаранг,
Дарнагирад сеҳру афсуни фаранг.
Рӯҳро бори гарон оини ғайр,
Гарчи ояд з-осмон оини ғайр.[42]

Султони шаҳид ва Иқбол дар вақти сӯҳбат оид ба вазъияти вилояти Дакан, ҳақиқати ҳаёт ва маргу шаҳодат низ даҳо-лат намуда мегузаранд. Султони шаҳид ба яке аз калонтарин дарьёҳои Дакан—Коверӣ пайғоме фиристода, ватани худро бо ҳасрат ба ёд меорад.

Дар вақти аз «он сӯи афлок» (ҷаннат) берун шудани Иқбол, ҳурони биҳиштӣ хоҳиш мекунанд, ки ӯ ғазале сарояд. Иқбол ғазале мегӯяд. Байни худо ва Иқбол ба тариқи саволу ҷавоб сӯҳбат ба вуҷуд меояд. Иқбол дар сӯҳбати охиринаш бо худо мегӯяд:

Пӯзиши ин марди нодон дарпазир,
Пардаро аз чеҳраи тақдир гир.
Инқилоби русу олмон дидаам,
Шӯр дар ҷони мусулмон дидаам.
Дидаам тадбирҳои Ғарбу Шарқ,
Во намо тақдирҳои Ғарбу Шарқ![43]

Ба ҳамин сайри афлок ба охир мерасад ва Иқбол худро дар хоки мамлакаташ Ҳиндустон мебинад:

Ногаҳон дидам ҷаҳони хешро,
Он замину осмони хешро,
Ғарқ дар нури шафақгун дидамаш,
Сурх монанди табархун дидамаш.[44]

Дар охири «Ҷовиднома» зери унвони «Хитоб ба Ҷовид» (сухане ба нажоди нав) пандномаи ба фарзанди худ — Ҷовид ва насли ҷавон навиштаи Иқбол оварда мешавад.

Бояд гуфт, ки ин асари рамзии Иқбол аз ҷиҳати шакл ва тарзи баён ба «Ал-футӯҳот-ул-маккията фӣ маърифат-ал-асрор ал-моликията вал мулкията»-и Шайх Муҳиддин Ибн-ал-Арабӣ (1165—1240) ва «Мазҳакаи илоҳӣ»-и шоири бузурги Италия Данте (1265—1321) хеле шабоҳат дорад.

Шайх Муҳиддин Ибн-ал-Арабӣ бо роҳбарии ду нафар донишмандони соҳаи илмҳои фалсафа ва ақоиду дин ба сайёраҳои гуногун сафар карда, дар он ҷо бо олимон ва намояндагони ақоиду дини даврахои гузашта мулоқот намуда, назарияҳои фалсафӣ ва динии худро баён кардааст. Ӯ аз забони ду нафар донишмандон бештар дар бораи масъалаҳои мазҳаб ва ахлоқи динӣ ба таври мубоҳиса сухан меронад.

Данте аввалин шоири Ғарб аст, ки дар «Мазҳакаи илоҳӣ»-и худ аз ривоятҳои меъроҷ истифода бурдааст. Ӯ дар «Мазҳакаи илоҳӣ» тахти роҳнамоии шоири қадими Италия — Вергелий (70—19 пеш аз мелод) ба нӯҳ табақи дӯзах, ҳафт сайёра ва ҷаннат сафар кардани худро тасвир мекунад. Ӯ дар табақаҳои гуногуни дӯзах ба азобу машаққатҳои вазнину тоқатфарсо гирифтор будани хиёнаткорони ишқу муҳаббат, судхӯрону муфтхӯрон, аҳли бидъат, хоинони ватан ва дигар гунаҳкоронро мебинад. Бо ҳамроҳии Вергилий аз дӯзах ба аъроф мегузарад. Онҳо дар аъроф дар интизории ҳукм дар азият будани рӯҳи мурдагонро мушоҳида менамоянд. Дар ҳамин ҷо Вергилий аз Данте ҷудо мешавад. Аз ин пас рӯҳи маҳбубаи соҳибҷамоли дар синни ҷавонӣ ба чанголи аҷал гирифтор шудаи Данте — Беатриче пайдо шуда, ба ӯ роҳнамоӣ мекунад. Данте баъд аз сайри ҷаннат ба сайёраҳо, ки дар он ҷо одамони порсо ва неккирдор хушбахтии абадӣ пайдо кардаанд, сафар карда, аз он пас ба замин бармегардад. Ҳаминро низ қайд кардан лозим аст, ки Данте табақот ва манзилҳои биҳишт, дӯзах ва аърофро аз асари Шайх Муҳиддин Ибн-ал-Арабӣ ахз кардааст. Дар масъалаи доир ба вазъияти илму дониши замон баён кардани нуктаи назари худ ҳам равиши Ибн-ал-Арабиро ихтиёр намудааст. Фарқи намоёне, ки дар «Мазҳакаи илоҳӣ» дида мешавад, дар он инъикос гардидани бисьёр воқеаҳои сиёсӣ ва таърихӣ мебошад.

Дар ҷустуҷӯи ҳақоиқи ҳаёти баъд аз мамот Ибн-ал-Арабӣ ва Данте ҳар ду ба гардиши ҳафт сайёраҳои рафта, ба ҷаннат ва дӯзах дохил мешаванд. Онҳо саҳнаҳои биҳишту дӯзах ва аърофро ҳамон тавр тасвир намудаанд, ки дар ҳадисҳои дар

борап меъроҷи пайғамбар мавҷудбуда омадаанд. Тафовути бузурге, ки ба чашм мерасад, ин аст, ки дар ривоятҳои меъроҷи Муҳаммад аз масҷиди Ақсо гирифта, то он сӯи афлок фалаке ё сайёрае зикр намеёбад.

Чи навъе, ки зикр намудем, Ибн-ал-Арабӣ ва Данте ҳар ду ҳафт сайёраро сайру гашт намуда, ба ҷаннат ва дӯзах дохил мешаванд. Иқбол бошад, дар саёҳати худ танҳо ба шаш сайёра сафар мекунад. Ӯ ба сӯи дӯзах ва аъроф ҳам аслан роҳ намепаймояд. Ба ҷои сайёраи ҳафтум ба он сӯи афлок меравад. Иқбол касонеро, ки мехост дар ҷаҳаннам бинад, онҳоро дар як қулзуми ҳавлноки хунини фалаки Зуҳал мубталои азобу шиканҷаи абадӣ мебинад. Онҳо он гурӯҳи мардумоне нестанд, ки фақат аз назари ахлоқу дин ҷинояткор бошанд, балки касоне ҳастанд, ки нисбат ба мулку ватани худ хиёнат кардаанд ва оташи дӯзах ҳам онҳоро қабул намекунад.

Муаллифони «Ал-футӯҳот-ул-маккията...» ва «Мазҳакаи илоҳӣ» аз паи дарки ҳақиқи ҳаёти баъд аз марг мегарданд, вале дар мавридҳои зиёд ҳар ду китоб равиши ҷудогона дорад. Китоби нахустин ба таври ом ҳомили мушоҳидоти ирфонӣ ва дуюмин дорои мазмунҳои баланди сиёсию адабӣ мебошад.

Иқбол ба ҳаёти баъд аз марг не, балки бештар ба масъалаҳои имрӯзаи ҳаёти инсонӣ аҳамият медиҳад. Баъд аз марг зиндагонии одам дар ҷаннат ва дӯзах ё аъроф чи тавр мегузарад, барои Иқбол аҳамият надорад. Чизе, ки вайро тамоми умр музтариб сохтааст, масъалаҳои ҳаёти ҳамаи халқҳои Шарқу Ғарб мебошад. Иқбол ба воситаи мулоқотҳои дар сайёраҳои гуногун бо шахсҳои таърихиву афсонавӣ кардаи худ ҳам доир ба масъалаҳои муҳимми замон баҳс менамояд.

Дар «Ҷовиднома», махсусан ба сохту тартиботи феодаливу капиталистӣ ва мустамликадорони Ғарбу амалдорони золими маҳаллӣ нафрат ва кинаву адовати бепоён доштани Иқбол хеле равшан инъикос ёфтааст. Иқбол дар ин достони худ аз кадом ҳодисае сухан наронад, мо дар ҳама ҷо шоирро ба ҳаяҷономада, аламдида ва азобкашидаро мебинем, ки ба халқҳои мазлуми Ҳиндустон ва мамлакатҳои дигари Шарқи мустамликавӣ муҳаббати беканор дорад.

«Ҷовиднома» аз соли 1932 инҷониб дар Ҳинду Покистон борҳо нашр гардидааст.

7. **«Мусофир»**— маснавии форсиест, ки онро ӯ баъди аз сафари Афғонистон баргаштанаш дар соли 1934 навиштааст.

Ин маснавӣ асосан таассуроти ҳангоми сафари Афғонистон дар бораи Қобул, Ғазна, Қандаҳор ва аҳолии он чо пайдо кардаи Иқболро баён менамояд. Дар ин асар Иқбол инчунин шоҳи Афғонистон — Муҳаммад Нодиршоҳ (1929—1933) ва фарзанди ӯ Муҳаммад Зоҳиршоҳро даъват мекунад, ки маорифу маданияти мамлакати худро инкишоф диҳанд.

8. **«Боли Чабраил»**. Мачмӯаи дуюми ашъори урдуи Иқбол мебошад, ки шеърҳои дар байни солҳои 1924—1935 эчод кардаи ӯро дар бар мегирад. Ба ин девон «Парвона ва шамъ», «Ба Човид» (фарзанди худи ӯ), «Малоикаҳо одамро аз чаннат гусел мекунанд», «Рӯҳи замин одамро пешвоз мегирад», «Ба деҳқонони Панчоб», «Парвоз», «Номаи ситораҳо», «Хун», «Мӯрча ва уқоб» барин шеърҳо, инчунин рубоиву дубайтаҳои шоир дохил карда шудаанд. Баъзе шеърҳо ба тариқи саволу чавоб гуфта шудаанд. Дар ин навъ шеърҳо «Муриди ҳиндӣ», яъне Иқбол ба «Пири Румӣ», яъне Чалолиддини Румӣ саволҳо медиҳад. Румӣ дар чавоби ҳар як саволи Иқбол аз «Маснавӣ»-и худ абъёте меховад. Дар ин саволу чавоб ақидаҳои фалсафӣ, ичтимоию сиёсӣ ва тарбиявию ахлоқии Иқбол тачассум гардидаанд. «Боли Чабраил» бори аввал соли 1935 дар Лоҳур чоп шудааст.

9. **«Зарби Калим»**— сеюмин мачмӯаи ашъори урдуи Иқбол аст, ки дар он шеърҳои дар солҳои 1935—1936 навиштаи ӯ фароҳам оварда шудаанд. Навои Иқбол дар «Зарби Калим» талхтару пурсӯзтар ва оҳанги ӯ баландтар гардидааст. Иқбол қисме аз ашъори ин девонро дар вақти дар Бҳӯпол ба муолича машғул будан эчод кардааст. Дар ин шеърҳо низ Иқбол пеш аз ҳама фалсафаи худиро талқин намуда, таъкид мекунад, ки тақдир ҳамеша тобеи чидду чаҳди башар мебошад. Вай инчунин ба маданият ва тарзи таълими аврупоӣ кӯр-кӯрона тақлид карданро накӯҳиш менамояд. Дар шеърҳои дар мавзӯъҳои адабиёт ва «фунуни латифа» офаридааш мегӯяд, ки бояд аҳли сухан ва санъату ҳунар ҳама барои тараққию такмили чамъияти инсонӣ саъю кӯшиш намоянд.

Иқбол дар «Иштирокият», «Садои Карл Маркс», «Инқилоб», «Аврупо ва яҳуд», «Большевики рус», «Сиёсати афранг», «Хочагӣ», «Барои ғуломон», «Хитоб ба аҳли Миср», «Фармони иблис ба номи фарзандони сиёсии худ», «Чамъият-ул-ақвоми Машриқ», «Султонии човид», «Чумҳурият», «Пешвоёни сиёсӣ» ва «Чамъият-ул-ақвом» барин шеърҳои «Зарби Калим» дар бораи сиёсати истисморгаронаи давлатҳои Ғарб ва маҳкумии халқҳои Шарқ сухан меронад. Ӯ сиёсати дар кишварҳои Осиё ва Африқо доштаи давлатҳои империалистӣ

ниҳитоти ахлоқии дар натиҷаи он ба вуҷудомада ва торикии ботину фасоди рӯҳии Ғарбро фош месозад.

Шоир аз ғалабаи Революцияи Октябрь ба шавқ омада, аз натиҷаҳои ба даст овардани он изҳори хурсандӣ менамояд ва мегӯяд, ки тартиботи кӯҳнаю фарсуда бояд бархам дода шавад.

Иқбол дар бисьёрии ин шеърҳо инчунин ба халқҳои Шарқ муроҷиат карда, онҳоро водор менамояд, ки ба суханони макқоронаи давлатҳои истисморгари Ғарб фирефта нашаванд. Онҳо бояд машғули саъю кӯшиш ва тарбияти худӣ бошанд ва худро барои ба муқобили ҳар гуна навъи истисмор мубориза бурдан омода созанд.

«Зарби Калим» нахустин маротиба соли 1936 ба табъ расидааст.

10. **«Пас чӣ бояд кард, эй ақвоми Шарқ».** Охирин маснавии форсии Иқбол буда, дар он сиёсати давлатҳои истисморкунандаи Европа зери танқиди сахт гирифта мешавад. Дар ин маснавӣ ҳам шоир халқҳои мазлуми мамлакатҳои мустамликавии Шарқро огоҳ мекунад, ки онҳо набояд мафтуни суханони пур аз макру фиреби торочгарони бедодгари Ғарб шуда, дучори ғуломиву бадбахтӣ гарданд.

Иқбол халқҳои Шарқро барои дар байнашон ба вуҷуд овардани равобити иқтисодӣ ва маданӣ низ талқин мекунад.

Ҳамон тавре, ки аввалин маснавии Иқбол —«Асрори худӣ» дар натиҷаи ташвиқи «Муршиди Рум» навишта шудааст, охирин маснавии ӯ —«Пас чӣ бояд кард, эй ақвоми Шарқ?» низ аз ҳамон сарчашма илҳом гирифтааст. Дар ин хусус дар тамҳиди маснавӣ мегӯяд:

Пири Румӣ муршиди равшанзамир,
Корвони ишқу мастиро амир...
Аз нави он найнавози покзод,
Боз шӯре дар ниҳоди ман фитод.
Гуфт: «Ҷонҳо маҳрами асрор шуд,
Ховар аз хоби гарон бедор шуд.
Ҷазбаҳои тоза ӯро додаанд,
Бандҳои кӯҳнаро бикшодаанд.
Ҷуз ту, эй дониои асрори фаранг,
Кас накӯ нанишаст дар нори фаранг...
Маънии дину сиёсат боз гӯй,
Аҳли ҳақро з-ин ду ҳикмат боз гӯй.[41]

Иқбол мардуми Шарқро водор мекунад, ки онҳо набояд ноумеду маъюс ва дуньёбезор бошанд, балки барои муҳайё сохтани шароити хуби зиндагӣ мубориза баранд. Ӯ изҳори

умедворӣ менамояд, ки шарқиён аз таъсири идеологияи Ғарб озод хоҳанд шуд:

Фикри Шарқ озод гардад аз фаранг,
Аз суруди ман бигирад обу ранг.[46]

Иқбол дар охири маснавӣ ба халқҳои мазлуми Шарқ мужда мерасонад, ки давраи тираву тори онон ба поён расида истодааст. Онҳо ба озодӣ ва хушбахтӣ хоҳанд расид:

Пас чӣ бояд кард, эй ақвоми Шарқ?
Боз равшан мешавад айёми Шарқ.
Дар замираш инқилоб омад падид,
Шаб гузашту офтоб омад падид.[47]

Маснавии «Пас чӣ бояд кард, эй ақвоми Шарқ?» дар соли 1935 гуфта шуда, соли 1936 ба табъ расидааст.

11. **«Армуғони Ҳиҷоз».** Охирин маҷмӯаи ашъори Иқбол аст, ки баъд аз чанд моҳи вафоти ӯ моҳи ноябри соли 1938 дар Лоҳур нашр шудааст. Маҷмӯа аз ду ҳисса иборат аст. Ҳиссаи якум 394 рубоӣ, дубайта ва қитъаҳои форсӣ ва ҳиссаи дуюм 50 шеъри урдуро дар бар мегирад. Чӣ дар рубоиву дубайта ва қитъаҳои форсӣ ва чӣ дар шеърҳои урдуи ин маҷмӯа ақидаҳои фалсафӣ, иҷтимоию сиёсӣ, тарбиявию ахлоқӣ ва динии Иқбол инъикос гардидаанд.

**Мактубҳои Иқбол.** Асарҳои мансури адабии Иқбол асосан аз мактубҳо иборатанд. Иқбол дар давраи зиндагии худ ба забонҳои урду ва англисӣ ба номи дӯстон ва ҳамзамононаш, ки аз намояндагони табақаҳои гуногуни ҷамъият иборат буданд, мактубҳои зиёде навиштааст, ки онҳо бо номҳои «Мактуботи Иқбол», «Иқболнома» ва ғайра борҳо ба чоп расидаанд. Мактубҳои шоир дар бораи ҳаёт ва фаъолияти адабию илмӣ ва ҷамъиятиву сиёсии худи ӯ, муносибати бо шахсони гуногунаш доштаи вай маълумотҳои хеле пурарзиш медиҳанд. Аз мактубҳои Иқбол инчунин нисбат ба масъалаҳои мухталифи ҳаёт чӣ хел ақида доштани ӯро нағз фаҳмидан мумкин аст. Дар мактубҳои Иқбол ҳунари публицистӣ, тарзи шоирона, мулоҳизаҳои таърихию фалсафӣ ва лирикаи чуқури ӯ ҳама дар як ҷо ҳамдасту ҳамоҳанг шуда меоянд.

**Асарҳои илмии Иқбол.**

1) **«Илм-ул-иқтисод».** Нахустин асари илмии Иқбол ва якумин китоби оид ба илми иқтисодиёт дар Ҳиндустон мебошад. Ин китоб ба забони урду навишта шудааст. Чӣ навъе, ки худи Иқбол навиштааст, ин китобро пеш аз нашр шуданаш донишманд ва адиби мумтози Ҳинд Шиблии Нӯъмонӣ хонда, таҳрир карда будааст.[48]

Китоб аз чахор хисса ва бист боб иборат буда, дар он оид ба масъалахои мохият ва тарихи таҳқиқи илми иқтисодиёт, замин, меҳнат, сармоя, тиҷорати байналхалқӣ, моҳияти пули нақд, пули коғазӣ, молгузорӣ ва ғайра баҳс карда мешавад.

«Илм-ул-иқтисод» солҳои 1903 ва 1961 дар Лоҳур ба табъ расидааст.

2) **«Таҳаввули илми мовароуттабиа дар Эрон».** Калонтарин ва муҳимтарин асари илмии доир ба фалсафа навиштаи Иқбол мебошад. Ин асар аз ду ҳисса иборат мебошад. Ҳиссаи аввал ба фалсафаи то исломии Эрон (Зардушт, Монӣ ва Маздак) ва ҳиссаи дуюм ба таърихи фалсафаи баъд аз исломӣ бахшида шудааст.

Иқбол ин рисоларо соли 1908 ба сифати диссертация ба шӯрои олимони университети Мюнхени Германия пешниҳод карда, ба гирифтани унвони илмии доктори фанҳои фалсафа ноил гардидааст. Асари мазкур бори аввал соли 1908 ба забони англисӣ дар Берлин чоп шудааст ва баъдтар ба забонҳои немисӣ, урду ва форсӣ низ тарҷума гардидааст.

3) **«Таҷаддуди фалсафаи ислом».** Дар ин асар маърӯзаҳои доир ба масъалаҳои фалсафа ва ислом ба забони англисӣ эрод кардаи Иқбол фароҳам оварда шудаанд. Яке аз масъалаҳои муҳимме, ки Иқбол дар ин асар ба миён мегузорад, аҳамияти саъю кӯшиши инсон дар корҳо мебошад. Ин асар бори аввал соли 1930 ба забони англисӣ нашр гардидааст. Ба забони урду низ тарҷума шудааст.

4) **«Ислом ва аҳмадизм».** Иқбол ин асарро низ ба забони англисӣ навиштааст. Асар асосан аз ҷавобҳои доир ба масъалаҳои ислом ва аҳмадизм ба Ҷавоҳирлол Неҳру додаи Иқбол иборат мебошад ва он нахустин дафъа соли 1936 дар Лоҳур ба чоп расидааст.

Ба ғайр аз асарҳои номбаршуда, Иқбол доир ба масъалаҳои мураккабу баҳсталаби фалсафа, сиёсат, адабиёти халқҳои Ҳиндустон, Эрон, Европа мақолаҳои бисьёре навиштааст, ки онҳо дар маҷаллаҳо ва маҷмӯаҳои мухталифи Ҳинду Покистон ба забонҳои урду ва англисӣ чоп шудаанд.

Иқбол инчунин ба навиштани «Мантиқ-ут-тайр», «Эҳьёи равияи қазоии ислом», «Пайғамбари фаромӯшшуда», «Усули исломии таҷаддуди фиқҳ», «Таърихи тасаввуф», «Ислом аз нуқтаи назари ман» ва «Мулоҳизаҳои ман дар бораи «Қуръон» барин асарҳои манзуму мансур шурӯъ карда будааст, аммо барои ба итмом расонидани онҳо марги ӯ имконият надодааст.[49]

## МАВЗӮЪ ВА МУНДАРИҶАИ ҒОЯВИИ НАЗМИ ФОРСИИ МУҲАММАД ИҚБОЛ

Гарчанде ки Муҳаммад Иқбол дар давоми фаъолияти адабии худ ба забони урду шеърҳои пурҳарорат эҷод карда, дар онҳо проблемаҳои муҳимми ҳаёти онрӯзаи Ҳиндустонро бардошта, ба адабиёти давраи нави урду асос гузоштааст, аммо чи навъе ки дар боби боло дида гузаштем, қисми зиёди асарҳои манзуми дорои мазмунҳои баланди иҷтимоию сиёсӣ ва фалсафии ӯ ба забони форсӣ навишта шудаанд.

Иқбол дар натиҷаи мутолиаи асарҳои бузургтарин сухансароёни форсу тоҷик нисбат ба забони форсӣ муҳаббати зиёд пайдо карда буд. Ӯ дар мактубе ки 26 августи соли 1932 ба номи профессор Саид Нафисӣ навиштааст, мегӯяд: «Ягона маҳсули заррапамои вуҷудро сухани форсӣ медонам».[1]

Донюлислом дар бораи сабаби бештар ба забони форсӣ асар навиштани Иқбол менависад: «Доктор Иқбол охир эҳсос намуд, ки қолиби урду барои афкори васеи ӯ танг аст ва фақат форсӣ, ки забони оми Осиё ва забони илмии қадимии дунё буда, метавонад, хазонаи ганҷи тасаввуроти ӯ бошад. Аз ин ҷиҳат чанд сол аст, ки афкори олияи худро дар қолиби форсӣ мерезад ва тӯтии шакаршикан шуда ё булбули Шероз гаштааст».[2] Ин фикри Донюлислом дуруст мебошад. Иқбол дар ҳақиқат танҳо халқҳои Ҳиндустонро не, балки тамоми Аҷам, яъне мардуми Эрон, Афғонистон, Туркия ва ғайраро ба муттаҳидӣ ва мубориза дар роҳи озодию истиқлолияти миллӣ даъват кардан мехост.

Вай боварии комил дошт, ки ба воситаи асарҳои форсиаш халқҳои мамлакатҳои зикршударо бо афкору ақидаҳои худ шинос гардонида, барои дар онҳо ба вуҷуд овардани шуури озодихоҳӣ ва истиқлолталабӣ кӯмак расонида метавонад.

Дар шеърҳои дертар эҷод намудааш ба ин масъала ишораҳо ҳам кардааст:

Аҷам аз нағмаҳои ман ҷавон шуд,
Зи савдоям матои ӯ гарон шуд.
Ҳуҷуме буд раҳ гумкарда дар дашт,
Зи овози дароям корвон шуд.[3]

Аҷам аз нағмаам оташ ба ҷон аст,
Садои ман дарои корвон аст.
Худоро тезтар хонам чу Урфӣ,
Ки раҳ хобидаю маҳмил гарон аст.[4]

Сабаби дигари бисьёртар ба форсӣ асар офаридани Иқбол дар он аст, ки ӯ ин забонро нисбат ба дигар забонҳои роиҷи вақт ширинтару фасеҳтар ва барои баёни мақсад муносибтар шумоadmidaаст:

Гарчи ҳиндӣ дар узубат шаккар аст,
Тарзи гуфтори дарӣ ширинтар аст.
Фикри ман аз ҷилвааш масҳур гашт,
Хомаи ман шохи нахли Тур гашт.
Порси аз рифъати андешаам,
Дархурад бо фитрати андешаам.[5]

Шоири ватандӯст ва инсониятпарвар аз даврони хурдсолӣ манзараи даҳшатноки ҳаёти оммаи меҳнаткаши ба панҷаи хунини сармоядорону заминдорони маҳаллӣ ва мустамликадорони ғоратгар гирифтор гардидаро дида, ҳанӯз аз ибтидои фаъолияти адабиаш қарор медиҳад, ки назми худро ба овози ҳақиқии халқ, ба ифодакунандаи фикру ҳиссиёти вай мубаддал гардонад. Ба назари Иқбол мақсад аз шоирӣ, монанди ҳамаи санъатҳо аз он иборат аст, ки зиндагии маънавии инсонро ғанӣ ва зебо созад. Шоире, ки бо ин мақсад асар эҷод накунад, вазифаи масъулу боифтихори гражданини худро анҷом дода наметавонад. Ба қавли ӯ агар адабиёт ба зиндагии мардум кӯмак нарасонад ва ба кушодани уқдаҳои мушкилоти башарият хизмат накунад ва роҳи истиқлол ба рӯи вай боз нагардонад, амри беҳуда ва бемаънии мебошад. Аз ин гузашта, ба ақидаи Иқбол адабиёт бояд инсонро дар дарки ҳақиқати ҳаёт ба саъю талош водор намояд. Худи Иқбол ҳамеша кӯшиш менамуд, ки ба хонандагони ашъораш дар тақаллои зиндагӣ ва кашмакашҳои ҳаёт ёрӣ расонад. Вай аз ҳамон вақте ки ба майдони адабиёти урдуву форсизабони Ҳинд қадам гузошт, дар бораи аҳамияти бузурги ҷамъиятии назм, роли тарбиявии он сухан меронд, назмро аслиҳаи тавонои муборизаи ҷамъиятӣ мешумурд ва мартабаи баланди шоирро дар ҷамъият ба хубӣ ҳис мекард.

Сад нолаи шабгире, сад субҳи балохезе,
Сад оҳи шарар резе — як шеъри диловезе.[6]

Иқбол миллатро ҷисму шоирро чашми ӯ ҳукм карда, обрӯ ва иззати ҷисмро аз чашми равшан донистааст. Вай ба ин восита вазифа ва масъулияти бузурги иҷтимоии шоир, роли ӯро дар ҳаёти ҷомеа боз як маротибаи дигар таъкид намудааст.

Миллат ар ҷисмаст, шоир чашми ӯст,
Ҷисмро аз чашми бино обрӯст.[7]

Яке аз муҳимтарин ҷиҳатҳои осори бадеии Иқбол дар ҳамин аст, ки ӯ проблемаҳои зарутаринро, ки халқҳои Ҳиндустон ва дигар мамлакатҳои Шарқро ба ҳаяҷон меоварданд, ба майдони адабиёт мегузошт, ӯ қаҳрамони нав, яъне мубориэро дид ва ӯро тасвир намуд. Ӯ қувва, зебоӣ, ифтихор, устуворӣ, мардонагӣ ва тавоноии халқро ёфту тараннум кард. Вай аз санъаткорон эҷодиётеро талаб мекунад, ки ба манфиати халқи меҳнатӣ хизмат кунад.

Ӯ ба он гуна адибоне, ки «санъат барои санъат»-ро шиори худ қарор дода буданд ва адабиётро аз ҳаёти халқ дур меандохтанд, нафрат дорад. Чи навъе ки қайд намудем, дар назари ӯ мақсаду маромн адабиёт ва санъат таҳлиқу тавлид ва таъмиру такмили анвои зиндагӣ аст.

Шоир, адиб ё санъаткор ҳақиқӣ зиндагиро дар чашми афроди башар ба воситаи қувваи таҳлиқ ва қувваи изҳор ошкор месозад ва мардумро ба мақому кайфияти баландтар роҳнамоӣ мекунад. Иқбол дар маснавии «Асрори худӣ» нуқтаи назари худро дар бораи ҳақиқати шеър ва нақши ҳидояи шоир чунин баён мекунад:

Синаи шоир таҷаллизори ҳусн,
Хезад аз синои ӯ анвори ҳусн.
Аз нигоҳаш хуб гардад хубтар,
Фитрат аз афсуни ӯ маҳбубтар.
Сӯзи ӯ андар дили парвонаҳо,
Ишқро рангин аз ӯ афсонаҳо.
Хизру дар зулмоти ӯ оби ҳаёт,
Зиндатар аз оби чашмаш коинот.
То кашад моро ба фирдавси ҳаёт,
Халқаи комил шавад кавси ҳаёт.
Корвонҳо аз бароиш гомзан,
Дар паи овози нояш гомзан.[8]

Шоироне, ки бо осори худ халқро аз кору талош боз медоранд ва гумроҳ мекунанд, дар назари Иқбол раҳзани марду-

манд. Ин гуна шоирон дар натиҷаи ҳақиқатҳои ҳаётро таъбири худхоҳонаву хаёлӣ кардан халқро ба пастӣ мебаранд.

Вои қавме к-аз аҷал гирад барот,
Шоираш вобӯсад аз завқи ҳаёт.
Хуш намояд зиштро оинааш,
Дар ҷигар сад наштар аз нӯшинааш
Бӯсаи ӯ тозагӣ аз гул барад,
Завқи парвоз аз дили булбул барад.
Мерабояд завқи раънои зи сарв,
Чуррашоҳин аз дами сардаш тазарв.
Моҳию аз сина то сар одам аст,
Чун наботи ошьён андар ям аст.
Аз наво бар ноxудо афсун занад,
Киштияш дар қаъри дарьё афканад.
Нағмаҳояш аз дилат дуздад субот,
Маргро аз сеҳри ӯ дони ҳаёт.
Эй дилат аз нағмаҳояш сарди ҷӯш,
Заҳри котил хӯрдаӣ аз роҳи гӯш.[9]

Эй басо шоир, ки аз сеҳри ҳунар,
Раҳзани қалб асту иблиси назар.[10]

Чунон ки мебинем, Иқбол шоиронеро, ки эҷодиёти онҳо ба мардум зарари маънавӣ мерасонад, сахт накӯҳишу мазаммат менамояд. Ӯ ин қабил сухансароёнро ба наботошьён, ки гӯё дар синаи дарьё зиндагӣ мекунаду ба воситаи овози ширин киштирононро ба вартаҳои тӯфону туғьёнҳои барбодӣ мекашад, монанд кардааст. Халқияти мазмун — асосан ғоявии ашъори Иқбол мебошад.

Назар ба ақидаи Иқбол шоир бояд ба набзи ҳаёти ҷамъиятӣ гӯш диҳад, эҷодиёти ӯ ба халқ судманд бошад, ба мақсадҳои олӣ хизмат кунад, оммаи халқро рӯҳбаланд гардонад ва ба сӯи мақсуд пеш барад:

Фитрати шоир сароло ҷустуҷӯст,
Ҳолиқу парвардигори орзуст.
Шоир андар синаи миллат чу дил,
Миллате бе шоире анбори гил.
Сӯзу мастӣ нақшбанди оламест,
Шоирӣ бе сӯзу мастӣ мотамест.
Шеърро мақсуд гар одамгарист,
Шоирӣ ҳам ворисе пайғамбарист.[11]

Дар ҷои дигар мегӯяд:

Зи ман бо шоири рангинбаён гӯй,
Чӣ суд аз сӯз, агар чун лола сӯзӣ?
На худро мегудозӣ з-оташи хеш,
На шоми дардмандеро фурӯзӣ.[12]

Назм мегӯяд,— Иқбол, дар он сурат зинда аст, ки монанди ҳаёт дар ҳаракат бошад, ба оянда нигоҳ карда қадам гузорад:

Дамодам нақшҳои тоза резад.
Ба як сурат қарори зиндагӣ нест.
Агар имрӯзи ту тасвири дӯш аст,
Ба хоки ту шарори зиндагӣ нест.[13]

Иқбол, ки ҳамеша барои ба қувваи азими пешбаранда табдил додани шеър саъю кӯшиш намудааст, назми аз ҳаёт дур ва мазмуни ҷамъиятиву мақсади муайян надоштаро назм намешуморад, ин навъ назм ба ӯ бегона аст. Ӯ хусусан, адибонеро, ки дар асарҳояшон мардумро ба гӯшанишинӣ, қаноат, тарки дунъё ва аз амалиёту кӯшиш даст кашидан тарғибу ташвиқ намуда, яке аз сабабҳои ба хоки мазаллат нишастани онҳо мегардиданд, ба зери танқиди сахт мегирад. Иқбол мунодии ин аст, ки назм бояд ба ҳаёти ҷамъият марбут шавад, ба амалӣ гардидани идеалҳои ҷамъиятӣ хизмат кунад.

Бояд гуфт, ки назарияёти Афлотун, ки ҳаёти дунъёи ҳастиро як навъ партав ва ҳақиқи зиндагониро фиреби чашму гӯш мепиндорад, дар шеъри мамлакатҳои исломӣ, аз он ҷумла, адабиёти форсизабони Ҳинд нуфузи зиёде доштааст. Бинобар он Иқбол назарияҳои Афлотунро мавриди танқид қарор медиҳад ва одамонро водор менамояд, ки фирефтаи таълимоти ӯ нашаванд:

Роҳиби дерина Афлотун ҳаким,
Аз гурӯҳи гӯсфандони қадим.
Он чунон афсуни номаҳсус хӯрд,
Эътибор аз дасту чашму гӯш бурд.
Гуфт: «сирри зиндагонӣ мурдан аст,
Шамъро сад ҷилва аз афсурдан аст».
Бар тахайюлҳои мо фармонравост,
Ҷоми ӯ хобовару гетирабост.
Ақли худро бар сари гардун расонд,
Олами асбобро афсона хонд.
Фикри Афлотун зиёнро суд гуфт,
Ҳикмати ӯ будро нобуд гуфт.
Фитраташ хобиду хобе офарид,
Чашми ҳуши ӯ саробе офарид.
Мункири ҳангомаи мавҷуд гашт,
Холиқи аъёни номашҳуд гашт.
Қавмҳо аз сакри ӯ масмум гашт,
Хуфту аз завқи амал маҳрум гашт.[14]

Иқбол хеле таассуф мехӯрад, ки гурӯҳе аз шоирони машриқзамин дунъёи хобу афсонаро, ки фикри Афлотун ба вуҷуд овард, пазируфтанд ва аз ҷидду ҷаҳду муборизаи ҳаёт даст

кашиданд. Ў дар «Паёми Машриқ» аз хонандагони каломи худ гила дорад ва изҳори таассуф намуда мегўяд, ки ман мехоҳам ба воситаи шеър дар рўҳияи миллат «оташ бизанам», ин мардуми хобидаро мувофиқи гуфтаҳои Ҷалолиддини Румӣ паёми бедорӣ диҳам, аммо ошноёни ман ҷунон ба афсонаҳои ширину хобовар ва ба дунёи хаёлу тасаввуроти рангин хў кардаанд, ки аз шеъри ман канора мегиранд. Онҳо дарк намекунанд, ки шеъри ман аз истеъдоди шоиронаи ман не, балки аз эҳсоси гражданӣ ва гармии хунам сарчашма мегирад:

Ошнои ман зи ман бегона рафт,
Аз хумистонам тиҳипаймона рафт.
Ман шукўҳи хусравӣ ўро диҳам,
Тахти Кисро зери пои ў ниҳам.
Ў ҳадиси дилбарӣ хоҳад зи ман,
Рангу оби шоирӣ хоҳад зи ман
Камназар бетобии ҷонам надид,
Ошкорам диду пинҳонам надид.
Фитрати ман ишқро дар бар гирифт,
Сўҳбати хошоку оташ даргирифт,
Барги гул рангин зи мазмуни ман аст.[15]
Мисраи ман қатраи хуни ман аст.[15]

Ҳамон навъе, ки дар боби замони Иқбол зикр намудем, халқҳои Ҳиндустон дар натиҷаи аз тарафи англисҳо ва амалдорони маҳаллӣ бераҳмона истисмор шудан ниҳоятдараҷа кашшоқу нотавон гардида буданд. Дар чунин вақт мардони бузург аз қабили Иқбол бо ҳар восита, аз ҷумла бо ашъори худ роҳҳои беҳтар гардонидани шароити зиндагии гурўҳҳои меҳнатии аҳолӣ ва ба даст овардани озодию истиқлолияти миллиро ҷустуҷў мекарданд. Аммо адибоне, ки ба монанди шоирони дарбории гузашта ба лафзбозии хушку холӣ машғул мешуданд, моҳияти иҷтимоии афкори Иқболро пай намебурданд ва андешаи онон мутаваҷҷеҳи роҳи дигаре буд. Онҳо фақат ба сабку тарзи шоироне, ки мазмунро фидои шакл метардониданд, тақлид карда, осорашонро сармашқи ҷовидон мешумориданд. Иқбол ба ин навъ сухангўёни аҳд ишора намуда гуфтааст:

Ба он розе, ки гуфтам, пай набурданд,
Зи шохи нахли ман хурмо нахўрданд.
Ман, эй мири умам, дод аз ту хоҳам,
Маро ёрон ғазалхоне шумурданд.[16]

Онҳо аз шоир талаб мекарданд, «ки таърихи вафоти ину он гўй».[17] Вале дар тамҳиди маснавии «Асрори худӣ» Ҷалолиддини Румӣ ба Иқбол тавсия мекунад, ки:

Оташастӣ базми олам барфурӯз,
Дигаронро ҳам зи сӯзи худ бисӯз...
Хезу ҷони нав бидеҳ ҳар зиндаро,
Аз қуми худ зиндатар кун зиндаро.
Хезу по дар ҷодаи дигар бинеҳ,
Ҷӯши савдои куҳан аз сар бинеҳ,
Ошнои лаззати гуфтор шав,
Эй дарои корвон, бедор шав![18]

Диққати Иқболро муаммо, шаклпарастӣ, мусиқӣ, тасаввуроти ширин ва дунъёи рангини олами хаёл не, балки тақдири таърихии халқҳои Шарқ ба худ ҷалб менамояд. Ӯ мехоҳад, ки ба воситаи ашъораш халқҳои парешонро бо ҳам ҷамъ гардонида, барои дар зери ливои як мақсаду маром муттаҳид шудани онҳо ёрӣ расонад:

Нағма куҷою ман куҷо?
Сози сухан баҳонаест,
Сӯи қатор мекашам ноқаи безимомро.[19]

Ба ҳамин тариқ Иқбол мавқеъ ва роли калони ғоявӣ, тарбиявӣ-ахлоқӣ ва эстетикии шеърро дар ҳаёти ҷамъияти инсонӣ ба хубӣ дарк намудааст. Аз ҳамин сабаб ӯ тамоми умр кӯшиш кардааст, ки ба набзи ҳаёти ҷамъиятӣ гӯш диҳад ва назми худро ба овози ҳамчун халқ, ба ифодакунандаи фикру ҳиссиёти вай табдил дода, барои аз асорат раҳо додани мазлумон ёрӣ расонад, моҳияти зиддихалқии амалиёти синфи истисморгарро фош кунад, бар зидди бедодгариҳои мустамликадорон ошӯб бардорад, халқҳои гуногунзабону гуногунмазҳаби Ҳиндустонро ба муттаҳидӣ даъват намояд ва дар роҳи озодии инсон такопӯ карда, орзую умеди халқро сарояду роҳи наҷоти вайро дурахшон созад.

Дар асарҳои манзуми форсии Иқбол ғояҳои пешқадам, ба мисли ситоиши инсон, ҳимояи аҳли меҳнат, танқиду мазаммати зулму золимон, танқиди сохту тартиботи капиталистӣ, фош намудани сиёсати ғоратгаронаву авомфиребонаи мамлакатҳои мустамликадори Ғарб, мазаммату сарзаниши ватанфурӯшони Ҳинд, танқиди рӯҳониёни риёкор, ақидаҳои озодихоҳӣ, ватанпарварӣ, халқдӯстӣ, фалсафӣ, тарбиявию ахлоқӣ хеле бисьёранд. Ин мазмунҳоро ӯ бо маҳорати баланд ба шаддан назм кашидааст, ки ҳоло дар хусуси ҳар яке аз ин қисматҳои маҳсули фикрии ӯ ба таври ҷудогона таваққуф хоҳем кард.

**Инсон аз нуқтаи назари Иқбол.** Иқбол ба тадқиқи баҳеии инсон ва роли ӯ дар ҷамъият аз мавқеи гуманизми фаъол мепардозад. Шоир як қатор шеърҳо дорад, ки дар онҳо инсон ҳамчун мутеъкунандаву тағьирдиҳандаи табиат, офарандаи

маданияти ҷаҳон ва ҳаман боигариҳои моддиву маънавии олам тасвир карда мешавад. Ӯ дар шароите, ки табақаҳои меҳнаткаш дар натиҷаи аз тарафи синфи ҳукмрон бераҳмона истисмор шудан ниҳоятдараҷа хору зор гардида буданд, кувваи бузургу тавонои онҳоро васф карда, дар ҷамъият эҳтиром доштанашонро таъкид мекунад. Вай мардумро водор менамояд, ки имконияти эҷодии инсон номаҳдуд буда, бароящ ҳама чиз имконпазир мебошад.

Аз вуҷудаш эътибори мумкинот,
Эътидоли ӯ иёри мумкинот.
Бартар аз гардун мақоми одам аст,
Асли таҳзиб эҳтироми одам аст.[20]

Ҳунук инсон, ки ҷонаш беқарор аст,
Савори роҳвори рӯзгор аст.
Қабои зиндагӣ бар қоматаш рост,
Ки ӯ навофарину тозакор аст.[21]

Назар ба ақидаи Иқбол оламе, ки худо офарида буд, сафою ҷамоле надошт ва ҳар як покӣ, зебоӣ ва некӯии онро инсон ба вуҷуд овардааст. Ин ақидаи ӯ дар шеъри «Муҳовара мобайни худо ва инсон» хеле равшан ифода ёфтааст. Дар ин шеър худо ба инсон эрод мегирад, ки вай дар олам ихтилофот ва аслиҳаҳои ҷангӣ ба вуҷуд овардааст:

Ҷаҳонро зи як обу гил офаридам,
Ту Эрону Тотору Занг офаридӣ.
Ман аз хок пӯлоди ноб офаридам,
Ту шамшеру тиру туфанг офаридӣ
Табар офаридӣ ниҳоли ҷаманро,
Қафас сохтӣ тоири нағмазанро.[22]

Аммо инсон ҳам аз ҷавоб додани ин эроди худо оҷизӣ намекашад ва дар бораи қудрату тавоноии худ мегӯяд:

Ту шаб офаридӣ, чароғ офаридам,
Сафол офаридӣ, аёғ офаридам.
Биёбону кӯҳсору роғ офаридӣ,
Хиёбону гулзору боғ офаридам.
Ман онам, ки аз санг оина созам,
Ман онам, ки аз заҳр нӯшина созам.[23]

Боиси ҳусну қубҳ ва зиштию некӯӣ ҳамон ташхиси ҷашму завқи инсон аст. Ӯст, ки як чизро ҷамил ва чизи дигареро зишт ном медиҳад. Ӯро худо чун ҳайвони ваҳшӣ офарида буд, ки аз махлуқоти дигар чандон фарқе надошт ва аз баъзе ҷиҳат аз онҳо бадтар буд.

Ба ҳиммати шахсӣ худро беҳтар аз он кард, ки буд:

Навои ишқро соз аст одам,
Кушояд розу худ роз аст одам.
Ҷаҳон ӯ офарид, ин хубтар сохт,
Магар бо эзид анбоз аст одам.[24]

Рӯзе, ки,—мегӯяд,—Иқбол аз мушти ғуборе ва чанд қатраи обе гили одамро сириштанд, дари гуфту шунидро боз карданд ва рози вуҷудро аз пӯшидагӣ берун оварданд:

Бархез, ки одамро ҳангоми намуд омад,
Ин мушти ғубореро анҷум ба суҷуд омад,
Он роз, ки пӯшида дар синаи ҳастӣ буд,
Аз шӯхии обу гил дар гуфтушунуд омад.[25]

Ҳатто Ҷабраил бо он баландии ному мақом ба мартабаи ин мушти ғубор расида наметавонад:

Ба авҷи мушти ғуборе куҷо расад Ҷабрил,
Баландномии ӯ аз баландии боз аст.
Ту аз шумори нафас зиндаӣ, намедонӣ,
Ки зиндагӣ ба шикасти тилисми айём аст.[26]

Аслан он чиро, ки олами вуҷуд меномем, фақат дар нишонаи инсон вуҷуд дорад. Он чи мо мебинем, ҳаёт ва он чи намебинем, нест: Аз ин нуқтаи назар оламро нишонаи халлоқияти парвардигор шумоpидан мумкин нест:

Ин ҷаҳон чист? Санамхонаи пиндорӣ ман аст,
Ҷилваи ӯ ғарави дидаи бедори ман аст.
Ҳастию нестӣ аз диданy нодидани ман,
Чӣ замону чӣ макон шӯхии афкори ман аст.
Он ҷаҳоне, ки дарӯ коштаро медараванд,
Нуру нораш ҳама аз сабхаву зуннори ман аст.
Сози тақдираму сад нағмаи пинҳон дорам,
Ҳар куҷо захмаи андеша расад, тори ман аст.
Эй ман аз файзи ту поянда! Нишони ту куҷост?
Ин ду гетӣ асари мост, ҷаҳони ту куҷост?[27]

Ҳатто он чи ҳам, ки сабаби заъиф шудани одамизод ҳисобида мешавад, мояи имтиёзи ӯ мебошад. Дарду бетобӣ ва ашки равону ғами рӯзгор ҳама аз хусусиёт ва мояи сарбаландии инсон аст.

Дар «Забури Аҷам» шоир ба худо мурочиат намуда, мепурсад, ки оё ту аз инҳо баҳрае дорӣ:

Ба ҷаҳони дардмандон, ту бигӯ чӣ кор дорӣ?
Табу тоби мо шиносӣ? Дили беқарор дорӣ?
Чӣ хабар туро зи ашке, ки фурӯ чакад зи чашме?

Ту ба барги гул зи шабнам дури шоҳвор дорӣ!
Чӣ бигӯямат зи ҷоне, ки нафас-нафас шуморад,
Дами мустаор дорӣ? Ғами рӯзгор дорӣ?[28]

Агар шоирони мутасаввиф ишқро натиҷаи ҷилвагариҳои ҳусни парвардигор пиндошта, одамизодро амонатгоҳи он ишқ донанд, Иқбол инсонро ҳосили такопӯи ишқ меҳисобад ва ин як мушти хокеро, ки дорои дил аст, аз ҳамаи олам гаронбаҳотар мешуморад:

Ишқ андар ҷустуҷӯ афтоду одам ҳосил аст,
Ҷилваи ӯ ошкор аз пардаи обу гил аст.
Офтобу моҳу анҷум метавон додан зи даст,
Дар баҳои он кафи хоке, ки дорои дил аст.[29]

Аз рӯи тасвири шоир пайдо шудани одам заминy осмонро ба ларза дароварда, дуньёро нав мегардонад, одам мутеи қувваҳои табиат нест, балки қувваи фаъолест:

...Фитрат ошуфт, ки аз хоки ҷаҳони маҷбур,
Худгаре, худшикане, худнигаре пайдо шуд
Хабаре рафт зи гардун ба шабистони азал
«Ҳазар, эй пардагиён, пардадаре пайдо шуд!»[30]

Вақте ки инсон ба вуҷуд меояд ва дуньёро мебинад, бо камоли шодиву сарбаландӣ месарояд:

Чӣ хуш аст, зиндагиро ҳама сӯзу соз кардан,
Дили кӯҳу дашту саҳро ба даме гудоз кардан,
Зи қафас даре кушодам ба фазои гулситоне,
Раҳи осмон навардан, ба ситора роз кардан...
Ҳама сӯзи нотамомам, ҳама дарду орзуям,
Ба гумон диҳам яқинро, ки шаҳиди ҷустуҷӯям.[31]

Инсон барои ба амал татбиқ намудани орзуҳояш ҳамеша роҳҳо ва чораҳои нав ба нави ҷустуҷӯ менамояд ва дар натиҷа чизҳоеро анҷом медиҳад, ки дар иҷрои онҳо ҳатто худо оҷизӣ мекашад. Бо ин шоир инсони мубориэро ба қуввai илоҳӣ муқобил гузоштааст.

Амалиёти инсон, ирода, ақли расо ва қудрату тавоноии ӯро на танҳо ишқ, хун, фитрат, орзу ва зиндагӣ эътироф мекунанд, балки ниҷунин малоик ҳам, ки дар тасаввури мардуми қадим рамзи покӣ мебошад, нисбат ба қуввai бе интиҳову истеъдоди бузурги вай боварии комил ҳосил менамоянд:

Фурӯғи хокиён аз нуриён афзун шавад рӯзе
Замин аз кавкаби тақдири мо гардун шавад рӯзе.

Яке дар маънии одам нигар! Аз ман чӣ мепурсӣ,
Ҳанӯз андар табиат мехалад, мавзун шавад рӯзе.
Чунон мавзун шавад ин пешпоафтода мазмуне,
Ки яздонро дил аз таъсири ӯ пурхун шавад рӯзе.[32]

Дар тасвири Иқбол одам аз се ҷиҳат қобили ситоиш аст: аввалан ӯ қувваи фаъоли дигаргунсози ҳаёт, сониян, марди меҳнатӣ-эҷодкори неъматҳои моддию маънавӣ ва ниҳоят, соҳиби ахлоқи накӯ ва маънавиёти пок аст.

Иқбол мегӯяд, ки одам соҳиби замину замон буда, тамоми зебоию покӣ ва некии ҷаҳон натиҷаи меҳнати вай мебошад. Бинобар он вай бояд қуваю истеъдоди бузургашро дарк намуда, сарбаландона зиндагӣ ба сар барад:

Замири кунфакон ғайр аз ту кас нест,
Нишони бенишон ғайр аз ту кас нест.
Қадам бебоктар неҳ дар раҳи зист,
Ба паҳнои ҷаҳон ғайр аз ту кас нест.[33]

Ҳамин тавр Иқбол инсон ва наҷобату қобилияти бузурги вайро бо камоли ифтихор васфу ситоиш намуда, ба ин восита нисбат ба қувваи инсоният, боварӣ пайдо кунонида, мақому мартабаи вайро дар ҷамъият хеле баланд мебардорад ва талқин мекунад, ки агар вай ирода кунад, аз ӯҳдаи ҳама гуна корҳои душвор ба хубӣ баромада метавонад. Ин навъ шеърҳои шоир ба инсонпарварии бузург будани ӯ шаҳодат медиҳанд.

**Танқиди золимон ва ҳимояи мазлумон.** Фикру ақидаи Иқбол дар давоми фаъолияти эҷодии ӯ якранг нест. Афкори иҷтимоии Иқбол аз дараҷаи эътирози пассив то ба дараҷаи танқиди фаъолонаи нуқсонҳои ҷамъият роҳи эволюциониро тай кардааст. Садои шеъри шоир дар давраҳои аввали эҷодиёташ фақат оҳанги шиквой ва эътирозӣ дошт. Тадриҷан оҳанги сиёсию иҷтимоӣ дар ашъори Иқбол тезу тундтар ва ба воқеаҳои зиндагии ватанаш наздиктар мешавад. Агар дар «Асрори худӣ» ва «Румузи бехудӣ» барин аввалин асарҳои фалсафии шоир дар бораи аз тарафи сармоядорон ва мустамликадорон бераҳмона истисмор шудани коргарону деҳқонон зикре дида нашавад, дар «Паёми Машриқ», «Забури Аҷам», «Ҷовидднома» ва дигар асарҳои баъдинаи ӯ доир ба ин масъала ақидаи равшан баён ёфтааст.

Иқбол дар қисмати «Сӯҳбати рафтагон дар олами боло»-и «Паёми Машриқ» аз забони Лев Толстой, Карл Маркс, Гегель, Маздак ва Кӯҳкан (Фарҳод) дар бораи сармоя ва кор-

гар, сиёсат фалсафа ва дигар масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ сухан меронад, гӯё ба ҷамъият бо чашми онҳо менигарад.

Масалан, аз забони Лев Толстой синфҳои истисморгар — подшоҳон ва намояндагони дину мазҳабро, ки молу мулки худро аз ҳисоби халқи заҳматкаш зиёд мекунанд, ба зери танқиди сахт мегирад:

Боркаши Аҳриман лашкарии шаҳриёр,
Аз паи нони ҷавин теғи ситам баркашид.
Зишт ба чашмаш накӯст мағз надонад зи пӯст,
Мардаки бегонадӯст сиhan хешон дарид
Доруи беҳушӣ аст тоҷ, калисо, ватан,
Ҷони худододро ҳоҷа ба ҷоме харид.[34]

Ё ин ки аз номи Карл Маркс асоси зиддияти синфҳоро мекушояд ва дар боран душмани ашаддии инсоният будани сармоядорӣ мегӯяд:

Роздони ҷузву кул аз хеш номаҳрам шудаст,
Одам аз сармоядорӣ қотили одам шудаст.[35]

Ва ё аз забони сардори ҳаракати бузурги халқии зидди зулму истибдоди замони феодализм Маздак ба «куштан Хусрав», яъне Кӯҳкан (Фарҳод), ки ҳамчун намояндаи синфи меҳнаткаш тасвир шудааст, муроҷиат намуда, вайро барои ба муқобили синфи доро ошкоро ва далерона мубориза бурдан даъват кардааст.

Донаи Эрон зи кишти зору * кайсар бардамид,
Марги нав мерақсад андар қасри султону амир.
Муддате дар оташи Намруд месӯзад Халил,
То тиҳӣ гардад ҳаримаш аз худовандони пир.
Даври парвизӣ гузашта, эй куштаи Парвиз хез!
Неъмати гумгаштаи худро зи Хисрав боз гир.[36]

Шоир мавзӯъҳои таърихӣ ва асотириро дар роҳи ифрози ақидаҳои иҷтимоии замонавӣ истифода мебарад. Дар ин маврид воқеаҳои гузашта барои инкори зулми замона хизмат мекунанд.

Намояндаи табақаи меҳнаткаш Кӯҳкан дар ҷавоби Маздак изҳор мекунад, ки синфи ҳукмрони замони ҳозира низ золиму маккор ва мисли Чингиз бераҳму бешафқат аст. Ҳанӯз маҳсули дастранҷи аҳли меҳнат ба кисаи ин корфармоён меравад:

---

* Зор — дар инҷо шоир царь — паризмро дар назар дорад.

Нигори ман, ки басе соддаву камомез аст,
Ситезакешу ситамкешу фитнаангез аст.
Буруни ӯ ҳама базму даруни ӯ ҳама разм,
Забони ӯ зи Масеҳу дилаш зи Чингиз аст.
Агарчи тешаи ман кӯҳро зи по овард,
Ҳанӯз гардиши гардун ба коми Парвиз аст.[37]

Шоир нуктаи назари худро доир ба меҳнаткаш ва сармоядор дар «Мубоҳисаи байни ҳакими франсавӣ Огюст Конт [38] ва марди муздур» ном шеъраш хеле равшан ифода мекунад. Ҳакими франсавӣ, ки намояндаи мустамликадорони Ғарб мебошад, ба муздур «насиҳат» мекунад, ки вай бояд бо доштааш қаноат намояд. Назар ба ақидаи ӯ, бо вуҷуди он ки одамҳо шоху барги як нахл мебошанд, бояд дар ҳаёт яке корфармо ва дигаре коргар бошад:

«Банидодам аъзои якдигаранд»[39]
Ҳамон нахлро шоху баргу баранд.
Димоғ ар хирадзост, аз фитрат аст,
Агар по заминсост аз фитрат аст.
Яке корфармо, яке корсоз.
Наёяд, зи Маҳмуд кори Аёз,
Набинӣ, ки аз қисмати кори зист,
Сароно чаман мешавад хори зист?[40]

Марди муздур, яъне намояндаи синфи коргар, ки дар замони Иқбол шуури озодихоҳӣ ва истиқлолталабӣ пайдо намуда буд, ба ин «насиҳат»-и ҳакими франсавӣ фирефта намешавад, балки гуфтаҳои ӯро сафсатаи пуч пиндошта, ба вай чунин ҷавоб медиҳад:

Фиребӣ ба ҳикмат маро, эй ҳаким,
Ки натвон шикаст ин тилисми қадим.
Миси хомро аз зар андудаӣ.
Маро хӯи таслим фармудаӣ.
Кунад баҳрро обноим асир,
Зи хоро бурад тешаам ҷӯи шир.[41]

Коргар, ки аз хоби ғафлат бедор шуда макру фиреби мустамликадорони Ғарбро ба хубӣ дарк намудааст, мувофиқи завқу шавқи синфи доро амал кардани «ҳакимон»-и аврупоиро ошкор сохта мегӯяд:

Ҳақи Кӯҳкан додӣ, эй нуктасанҷ,
Ба Парвизи пуркору нобурда ранҷ?
Хаторо ба ҳикмат магардон савоб,
Хазарро нагирӣ ба доми сароб.[42]

Нафрату ғазаби муздур ба сармоядорони танпарвар, ки аз ҳисоби меҳнати синфи коргар айшу ишрат мекунанд, бештар

мегардад ва ӯ ба чунин хулоса меояд, ки «сармоядор бар дӯши замин бор» мебошад. Азбаски ҳакими франсавӣ низ тарғибкунандаи ғояву мақсади синфи истисморгар мебошад, бинобар он муздур на фақат суханони вайро ба эътибор мегирад, балки кушоду равшан мегӯяд, ки бо ин гуна фикру мароми худро фиреб медиҳад:

Ба дӯши замин бор сармоядор.
Надорад гузашт аз хӯру хоб кор.
Ҷаҳонрост беҳрӯзӣ аз дасти музд,
Надонӣ, ки ин хеҷ корасту дузд.
Пан ҷурми ӯ пӯзиш овардаӣ,
Ба ин ақлу дониш фусун хӯрдаӣ.[43]

Ҷолиби диққат аст, ки Иқбол асосҳои фалсафии истисморгариро фош мекунад ва образи коргарро ба файласуфи иртиҷоӣ муқобил мегузорад. Ин мавқеи иҷтимоии шоир аст.

Иқбол, ки тамоми умр аз ранҷу машаққати зиндагӣ раҳоӣ ёфта, соҳиби бахту саодат шудани мардуми меҳнатиро орзу менамуд, хеле хуб мефаҳмид, ки сабабгори ин ҳама мазаллату хории синфи меҳнаткаш истисмори бераҳмонаи сармоядорон мебошад.

Иқбол дар шеъри «Қисматномаи сармоядор ва муздур» амалиёт ва муносибати нисбат ба гурӯҳҳои меҳнатии аҳолӣ доштаи сармоядорон ва қонуни беадолатонаи тақсимоти неъматҳои моддиро хеле реалистона тасвир менамояд:

Ғавғои корхонаи оҳангарӣ зи ман,
Гулбонги арғунуни калисо аз они ту,
Нахле ки шаҳ хироҷ бар ӯ мениҳад зи ман,
Боғи биҳишту сидраву тубо аз они ту
Талхобае ки дарди сар орад аз они ман,
Саҳбои поки Одаму Ҳавво аз они ту.
Мурғобию тазарву кабӯтар аз они ман,
Зилли Ҳумову шахпари Анқо аз они ту.
Ин хоку он чи дар шикамӣ ӯ, аз они ман,
В-аз хок то ба арши муалло аз они ту.[44]

Шоир баробари инъикос намудани зиндагии пурмашаққат ва аз тарафи синфи ҳукмрон бераҳмона истисмор карда шудани гурӯҳҳои меҳнатӣ таъкид мекунад, ки тараққиёту иқтидори давлат ва неъматҳои моддии ҷамъиятро худи коргарон ба вуҷуд овардаанд. Вай дар шеъри «Навои муздур» қайд мекунад, ки дар натиҷаи меҳнати халқи ранҷбар амалдор рахти ҳарир мепӯшад, волию амир соҳиби лаълу гавҳар мешавад, калисо даромади зиёд ба даст меорад ва давлат иқтидор пайдо менамояд:

Зи музди бандаи карбоспӯшу меҳнаткаш,
Насиби хоҷаи нокардакор рахти ҳарир.
Зи хайфишонии ман лаъли хотами волӣ,
Зи ашки кӯдаки ман гавҳари ситоми амир.
Зи хуни ман чу зулу фарбеҳӣ калисоро,
Ба зӯри бозуи ман дасти салтанат ҳамагир,
Хароби рашки гулистон зи гиръяи саҳарам,
Шабоби лолаву гул аз тароватн ҷигарам.[45]

Иқбол аҳволи вазнину фоҷианоки табақаҳои меҳнатиро дида, ба изтироб меомад ва хеле таассуф меҳӯрд, ки самараи меҳнати ба вуҷуд оварандагони неъматҳои моддӣ ва ободии ҷамъият, яъне оммаи халқ ба коми амалдорони ғоратгар меравад:

Хоҷа нони бандаи муздур ҳӯрд,
Обрӯи духтари муздур бурд.
Дар ҳузураш банда меколад чу най,
Бар лаби ӯ нолаҳои пай ба пай.
Не ба ҷомаш бодаву не дар сабӯст,
Коҳҳо таъмир карду худ ба кӯст.[46]

Дар шеъри зерин низ таъкид мекунад, ки амалдорони золиму авомфиреб бо ҳар гуна қонунҳои мустабидона хуни оммаи меҳнаткашонро мемаканд ва аз паси меҳнати онҳо айшу ишрат мекунанд:

Қоҳири омир, ки бошад пухтакор,
Аз ҷавонии гирди худ бандад ҳисор.
Қоҳириро шаръу дастуре диҳад,
Бе басират сурма бо кӯре диҳад.
Ҳосилаш онву дастури мулук,
Деҳхудоён фарбеҳу деҳқон чу дук.[47]

Иқбол ба мулукият нафрати зиёде дорад. Ӯ дар шеъри «Иштирок ва мулукият» муносибати худро нисбат ба мулукият чунин баён кардааст:

Ҳам мулукият баданро фарбеҳист,
Синаи бе нури ӯ аз дил тиҳист.
Мисли занбӯре, ки бар гул мечарад,
Баргро бигзораду шаҳдаш барад.[48]

Дар ҷои дигар мегӯяд:

Чист тақдири мулукият? Шиқоқ.
Маҳкамӣ ҷустан зи тақдири нифоқ.
Аз бадомӯзӣ забун тақдири мулк.
Боткилу ошуфтатар тадбири мулк.[49]

Дар замони Иқбол сармоядорону заминдорон, махсусан мардуми Кашмирро бераҳмона истисмор мекарданд. Вақте ки дар аввалҳои асри XIX Ранҷит Сингҳ ном яке аз роҷаҳои бедодгари сикҳҳо Кашмирро ба худ тобеъ месозад, аҳволи мардуми он аз ҳарвақта дида, вазнинтару ҳузнангезтар мегардад.

Хоҷа Абдулҳамиди Ирфонӣ дар хусуси зулму тааддии нисбат ба мардуми Қашмир кардаи сикҳҳо баҳс намуда, менависад: «Агар сикҳ як нафар кашмириро мекушт, дар ҳудуди ду рупия ҷаримааш мекарданд ва ин маблағ ба бозмондагони мақтул пардохта мешуд».[50]

Аз таърихнигорони асри XIX Ҳиндустон Ҳасаншоҳ дар «Қашмир» ном асари худ дар бораи мардуми ҷафокашу меҳнатии Кашмирро ба бадбахтиву нокомӣ гирифтор кардани сикҳҳо навиштааст: «Ба ҷои рафоху хушҳолӣ бадбахтиву бечорагӣ ҳукмфармост. Рафоҳ ва масаррату нишот аз дасти зулму шиканҷаҳои бераҳмонаи сикҳҳо аз кишвар рахт барбастааст».[51]

Сикҳҳо ҳатто куштани говро манъ мекунанд. Агар ягон нафар меҳнаткаши кашмирӣ говеро мекушт, албатта аз дами теғи сикҳҳои бераҳм мегузашт.

Ҳасаншоҳ дар ин бора мегӯяд: «Ба гӯши ҳокими сикҳ гузориш расид, ки як мусулмони Ҳинд Бобо Қодирӣ дар яке аз маҳаллаҳои Сринагар як говро куштааст. Раиси шаҳрбонӣ ба дастури ҳукумати вақт ба маҳал рафта ва тамоми 17 нафар афроди он хонаводаи бадбахтро бо чӯбҳои хушки бед бастанд ва миқдори зиёди типолаи гов даврашон чиданд ва ҳамаашонро сӯзониданд».[52]

Дар натиҷаи ин гуна зулму истибдоди сикҳҳо оммаи меҳнаткаши Қашмир ниҳоятдараҷа афтодаҳол мегардад.

Иқбол аз аҳволи вазнину тоқатфарсои табақаҳои меҳнатии Қашмир хеле ба изтироб омада гуфтааст:

Зери гардун одам одамро хӯрад,
Миллате бар миллати дигар чарад.
Ҷон зи аҳли хитта сӯзад чун сипанд,
Хезад аз дил нолаҳои дардманд
Зираку даррок хушгил миллатест,
Дар ҷаҳон тардастии ӯ оятест.
Соғараш ғалтанда андар хуни ӯст,
Дар найи ман нола аз мазмуни ӯст.
Аз худӣ то бенасиб афтодааст,
Дар диёри худ ғариб афтодааст.
Дастмузди ӯ ба дасти дигарон,
Моҳии рудаш ба шасти дигарон.

Аз ғуломӣ чазбахон ӯ бимурд,
Оташе андар раги токаш фусурд.[53]

Дар шеъри дигар изҳори таассуф мекунад, ки самараи меҳнати мардуми Кашмир ба коми амалдорон меравад:

Кашмирӣ, ки бо бандагӣ хӯ гирифта,
Буте метарошад зи санги мазоре.
Бирешимкабо хоча аз меҳнати ӯ,
Насиби танаш чомаи тор-торе.[54]

Савдогарон низ ба хонавайрониву камбағалии коргарону деҳқонони Ҳинд сабаб мешуданд. Деҳқонону коргарон маҷбур мешуданд, ки барои таъмини эҳтиёҷоти моддию иқтисодиашон қисми бештари маҳсули кор карда баровардаашонро ба савдогарони судхӯр фурӯшанд.

Ин муносибати додугирифт бошад, коргару деҳқонро мутеи савдогарон мекард. Ҳамчунин нарасидани пул коргару деҳқононро маҷбур мекард, ки аз савдогарони судхӯр пул қарз гиранд. Савдогарон мисли судхӯрон ба ивази пулашон замини деҳқон ва ё хонаву ҷои коргарро гарав мегирифтанд. Агар коргар, ё деҳқон қарзи худро дар вақти муайянкардаи савдогари судхӯр адо карда наметавонист, аз замин ва ё хонаву ҷо маҳрум гардида, ба ҳолати нодориву камбағалӣ гирифтор мешуд. Бинобар он Иқбол ба савдогарӣ нафрати зиёд дошт ва ҳар чи зудтар аз байн рафтани ин табақаи истисморгарро орзу мекард:

Шеваи таҳзиби нав одамдарист,
Пардаи одамдарӣ савдогарист.
То таху боло нагардад ин низом,
Донишу таҳзибу дин савдои хом.[55]

Иқбол медид, ки гурӯҳҳои дигари муфтхӯри ҷамъият, аз қабили судхӯрону волиён ва муллоёну рӯҳониёни риёкор низ боиси хонахаробии табақаҳои заҳматкаш мешуданд. Бинобар он ӯ дар шеърҳояш:

Чор марг андар пайи ин дермир,
Судхору волию муллою пир[56]

гӯён кирдорҳои разилонаи онҳоро фош менамояд.

Шоир дар як қатор шеърҳои дигараш ҳам золимонро сарзаниш намудааст.

Назар ба қавли нависандаи тараққипарвари Ҳинд Алӣ Сардори Ҷаъфарӣ «дар адабиёти Ҳинд касе пеш аз Иқбол

сохти сармоядориро ин тавр фош карда, ба он нафрати зиёд баён карда натавониста буд. Иқбол сохти сармоядориро чунон мешуморид, ки аз ҳисоби меҳнати коргарон вуҷуд дорад ва он ҳамеша хуни ситамкашонро мемакад».[57]

Шеърхое, ки ба танқиди сармоядорон ва тавсифи ранҷбарон бахшида шудаанд, Иқболро ҳамчун шоири бузурги инсониятпарвар нишон медиҳанд. Яке аз шаклҳои зуҳуроти ғояҳои маънавиятпарварии назми Иқбол дар ҳамин аст, ки шоир бар зидди сармоядорону заминдорон ва дигар унсурҳои муфтхӯри ҷамъият мубориза бурда, ҳама гуна хислату муносибатҳои зишти онҳоро кушода медиҳад ва ба оммаи меҳнаткаши мазлум изҳори ҳамдардӣ менамояд.

**Танқиди мустамликадорони Ғарб.** Дар миёнаи асри XVIII империяи Муғулҳои Бузурги Ҳиндустон дар натиҷаи задухӯрдҳои феодалон ва шӯришҳои деҳқонон ба мулкҳои ҷудогона пароканда мешавад. Кашмакашҳои дохилӣ ба парокандагиву камқувватии мамлакати бузург ва сайди истилогарони европой гардидани он сабаб мешаванд. Давлатҳои Ғарб — Португалия, Голландия, Франция ва Англия ба Ҳиндустон роҳ мeёбанд. Аз байни давлатҳои мазкур Англия ва Франция барои тамоман ба тахти идораи худ даровардани Ҳиндустон кӯшиш мекунанд. Барои ба Ҳиндустон соҳиб шудан солҳои дароз байни англисҳову французҳо муборизаи шадид давом мекунад ва ниҳоят дар нимаи дуюми асри XVIII омада, идора кардани мамлакат ба дасти ширкати тиҷоратии Ҳиндустони Шарқии Англия мегузарад. Саркардаҳои ин ширкат оҳиста-оҳиста роҷаю маҳороҷа ва ҳокиму наввобҳои Ҳиндустонро маҷбур мекунанд, ки аз ҳокимият даст кашанд ва ба нафақаи аз тарафи онҳо муқаррар кардашуда қаноат намоянд. Англисҳои ғоратгар солҳои дароз аз Ҳиндустон боигариҳои бепоён — пахта, биринҷ, равғани пальма, қаҳва, чой, мис, қӯрғошим, тилло, алмос ва чизҳои дигари гаронбаҳоро мекашонанд. Вақте ки дар соли 1858 Ҳиндустон ба мустамликаи ҳақиқии Англия мубаддал мегардад, ғоратшавии вай даҳ чандон меафзояд. Аз нимаи дуюми асри XVIII то ибтидои асри XIX буржуазияи Англия аз Ҳиндустон боигариҳои зиёдеро, ки арзиши онҳо камаш ба 12 миллиард сӯми тилло мерасидааст, ғорат мекунанд.

«Ганҷе ки аз Ҳиндустон ба Англия мерехт...— таъкид кардааст К. Маркс,— на он қадар бо роҳи савдои нисбатан камтаре, балки бештар, бо роҳи бевосита истисмор карда шудани мамлакат ва зада гирифтани сарвати бепоёне ба даст оварда шуда, сонӣ ба Англия фиристода мешуд».[58]

Дар шароити ҳукмронии англисҳо дар Ҳиндустон миллион-миллион деҳқонон аз бемориҳои гуногун ва аз гуруснагӣ нобуд мешуд. Истисмори бераҳмонаи англисҳо ба тараққии Ҳиндустон монеаи калон мегардад.

Дар замони зиндагии Иқбол мустамликадорони англис оммаи меҳнаткаши Ҳиндустонро беш аз пеш истисмор мекарданд. Шоири инсонпарвар ва озодихоҳ аз ин кирдори мустамликадорон ба хашму ғазаб меомад ва дар шеърҳояш онҳоро ба зери тозиёнаи танқид мегирифт. Асоси чунин шеърҳои Иқболро воқеияти реалӣ ташкил медиҳад. Дар маркази онҳо зиддияти иҷтимоии мардуми Ҳинд ва аҷнабиёни ғоратгар қарор гирифтааст.

Ӯ фарангиҳо,— яъне ғарбиҳои истисморгарро душмани ашаддитарини инсоният эълон мекунад:

Одамият зор нолид аз фаранг,
Зиндагӣ ҳангома барчид аз фаранг.
Гурге андар пӯстини барраe,
Ҳар замон андар камини барраe.
Мушкилоти ҳазрати инсон аз ӯст,
Одамиятро ғами пинҳон аз ӯст.
Дар нигоҳаш одамӣ обу гил аст,
Корвони зиндагӣ беманзил аст.[59]

Иқбол савдогарони фиребгари мамлакатҳои Европаи Ғарбиро низ аз ғоратгарони асосии халқҳои Ҳиндустон мешуморад. Ӯ ахлоқи савдогарони европоӣ, кибру нихват, виқор ва феълу атвори номатбӯи ин муфтхӯрон ва ҳарисонро ҳаққонӣ тасвир намуда, мардумро водор мекунад, ки ба онҳо наздик нашаванд ва ба доми макру фиреби онон наафтанд:

Доӣ аз афрангу аз кори фаранг,
То куҷо дар банди зуннори фаранг.
Захм аз ӯ, наштар аз ӯ, сӯзан аз ӯ.
Мову ҷӯи хуну уммеди руфӯ.
Худ бидонӣ, подшоҳӣ коҳирист.
Қоҳирӣ дар асри мо савдогарист.
Тахтаи дӯкон шарики тахту тоҷ.
Аз тиҷорат нафъу аз шоҳӣ хироҷ.
Он ҷаҳонбоне, ки ҳам савдогар аст,
Бар забонаш хайру андар дил шар аст.
Гар ту медонӣ ҳисобашро дуруст,
Аз ҳарираш нармтар карбоси туст.
Бе ниёз аз коргоҳи ӯ гузар,
Дар зимистон пӯстини ӯ маxар.
Куштани беҳарбу зарб оини ӯст,
Маргҳо дар гардиши мошини ӯст.
Бӯрьёи худ ба қолинаш маде[х],
Байдақи худро ба фарзинаш маде[х]...

Гавҳараш тафдору дар лаълаш раг аст,
Мушки ин савдогар аз нофи саг аст.
Хушманде аз хуми ӯ май нахӯрд,
Ҳар кӣ хӯрд, андар ҳамин майхона мурд.
Вақти савдо ханд-ханду камхурӯш,
Мо чу тифловем ӯ шаккарфурӯш.
Он чӣ аз хоки ту раст, эй марди ҳар,
Он фурӯшу он бипӯшу он бихар.
Он накӯбинон, ки худро диданд,
Худ гилеми хешро бофидаанд.
Эй зи кори асри ҳозир бехабар,
Чарбдастиҳои Яврупро нигар.
Қолӣ аз абрешими ту сохтанд,
Боз ӯро пеши ту андохтанд.
Чашми ту аз зоҳираш афсун хӯрад,
Рангу оби ӯ туро аз чон барад.
Вои он дарьё, ки мавчаш кам тапид
Гавҳари худро зи ғаввосон харид.[60]

Шоир дар давоми солҳои 1905—1908 дар Англия зиндагонӣ карданаш, инчунин дар ҳангоми сафари шаҳрҳои гуногуни Германия, Испания ва Италия сиёсати зиддихалқии сохти буржуазиро аз наздик дида, мефаҳмад, ки капиталистон ба ҳирси бепоёни сарватчамъкунӣ дода шуда, қадру қимати одамӣ ва эҳсосоти баланди инсонро ваҳшиёна помол мекунанд, ба табиати капитализм инсонпарварӣ мухолиф аст:

Вой бар дастури чумҳури фаранг,
Мурдатар шуд мурда аз сури фаранг.
Ҳуққабозон чун сипеҳри гирдгард,
Аз умам бар тахтаи худ чида нард.
Шотирон ин ганчвар он ранчбар,
Ҳар замон андар камини якдигар,
Фош бояд гуфт сирри дилбарон,
Мо матоу ин ҳама савдогарон.
Дидаҳо бенам зи ҳубби симу зар,
Модаронро бори дӯш омад писар.
Вой бар қавме, ки аз бими самар
Мебарад намро зи андози шачар.
То наёрад захма аз тораш суруд,
Мекушад нозодаро андар вучуд.
Гарчи дорад шеваҳои ранг — ранг,
Ман ба чуз ибрат нагирам аз фаранг.[61]

Иқбол дар даврае дар Европа зиндагӣ карданаш пӯсида ва қалбакӣ будани моҳияти «демократияи» буржуазиро аз наздик мушоҳида карда буд. Ӯ дар натичаи ҳаматарафа омӯхтани тарзи гузашти ҳаёти мамлакатҳои капиталистӣ имконият пайдо намуд, ки ахлоқ ва идеологияи фосиқи буржуазиро боз ҳам равшантар дида, фош ва танқид кунад. Дар Ев-

ропа шоир тазоди ичтимой — аз як тараф ҳаёти боҳашамат ва пурдабдабаи табақаи бойҳо ва аз тарафи дигар ҳаёти мудҳиши қашшоқонаи меҳнаткашонро бо чашмони худ дид.

Вай дар шеъри «Хароботи Фаранг» таассуроти худро доир ба Европа ва ахлоқу идеологияи фосиқи он чунин баён мекунад:

Дӯш рафтам ба тамошои хароботи Фаранг,
Шӯхгуфтории ринде дилам аз даст рабуд.
Гуфт: «Ин нест калисо, ки биёбӣ дар вай,
Сӯҳбати духтараки зӯҳравашу нойю суруд.
Ин хароботи Фаранг асту зи таъсири маяш,
Он чӣ мазмум шуморанд намояд маҳмуд».
Неку бадро ба тароӯзи дигар санчидам,
Чашмае дошт тарозуи насорою яҳуд.
Хуб зишт аст, агар панчаи гирот шикаст,
Зишт, хуб аст, агар тобу тавони ту фузуд.
Ту, агар дар нигарӣ чуз ба риё нест ҳаёт,
Ҳар кӣ андар гарави сидқу сафо буд, набуд.
Даъвии сидқу сафо пардаи номуси риёст,
Пири мо гуфт: «Мис аз сим бибояд андуд».[82]

Шоир таъкид мекунад, ки ҳатто ҳикмату дониши фаранг ба маҳв намудани инсоният хидмат мекунад. Ӯ он гуна мағрибиҳоеро, ки худро одамони бо фазлу камол мешуморанду аммо дар амал ба каллобиву авомфиребӣ машғул мешаванд, сахт мазаммат менамояд:

Дониши афрангиён теғе ба дӯш,
Дар ҳалоки навъи инсон сахткӯш.[83]

Кашад гирди андеша паркори марг
Ҳама ҳикмати ӯ парастори марг...
Туфангаш ба куштан чунон тездаст,
Ки африштаи маргро дам гусаст.[84]

Ӯ надонад аз ҳалолу аз ҳаром,
Ҳикматаш хом асту кораш нотамом.
Уммате бар уммати дигар чарад,
Дона ин мекорад, он хосил барад.
Аз заифон нон рабудан ҳикмат аст?
Аз танишон чон рабудан ҳикмат аст?[85]

Иқбол мағрибиёни зулмпешаро дар макру фиреб ҳатто аз шайтон ҳам риёкортар шуморида моҳияти мардумфиребонаи амалиёти онҳоро фош мекунад:

Фаранг онки раззоқӣ бидонад
Ба ин бахшад аз ӯ воме ситонад

Ба шайтон он чунон рӯзе расонад,
Ки яздон андар он хайрон бимонад.[66]

Шоир на фақат кирдорҳои носавоб ва зулму тааддии мустамликадорони замони худро сарзаниш ва мазаммат мекунад, балки бедодгариҳое, ки онҳо дар давраҳои гузашта ҳам нисбат ба халқҳои меҳнаткаши Ҳиндустон карда буданд, ба зери тозиёнаи танқид мегирад.

Мустамликадорони Англия дар соли 1849 қисми шимоли ғарбии Ҳиндустонро ба зери тасарруфи худ даровdefinitely, ба ҳукмронии сикҳҳо хотима медиҳанд. Аммо онҳо Кашмирро ба маблағи панҷ миллион рупия ба Гулоб Сингх Дугра ном феодали золим мефурӯшанд. Дар натиҷа табақаҳои меҳнатии он ҷо боз ҳам хонахаробтар мегарданд. Аз ин хиёнаткорӣ ва худсарии мустамликадорони англис, ки тақрибан як аср пеш аз ин содир намуда буданд, Иқбол ба Лигаи Миллатҳо, ки марказн он Женева буд, шикоят мекунад:

Боди сабо агар ба Ҷенево гузар кунӣ,
Ҳарфе зи мо ба Маҷлиси Ақвом боз гӯй,
Деҳқону кишту ҷӯю хиёбон фурӯхтанд,
Қавме фурӯхтанду чи арзон фурӯхтанд.[67]

Шоир гумон мекард, ки Лигаи Миллатҳо ба бедодгариҳое, ки мустамликадорони англис солҳои дароз инҷониб нисбат ба оммаи халқи Ҳиндустон мекарданд, хотима дода, барои мамлакати ӯро тарк намудани мағрибиён чораву тадбирҳо мебинад. Аммо дертар ӯ хуб мефаҳмад, ки Лигаи Миллатҳо асосан ба манфиати давлатҳои истисморкунандаи империалистӣ ва пеш аз ҳама барои ба амал баровардани сиёсати мустамликадории «тақсим кун ва фармонравоӣ намо» хизмат мекунад. Вақте ки шоир аз чӣ иборат будани сиёсат ва мақсади Лигаи Миллатҳоро пай мебарад, нисбат ба он ташкилот ҳам нафрат пайдо мекунад. Иқбол аз ин пас халқҳои дар зери асорат будаи Шарқро огоҳ менамояд, ки Лигаи Миллатҳоро «муҳофизаткунандаи истиқлолият ва сулҳу осоиши халқҳо» эълон кардани давлатҳои Ғарб тамоман беасос ва дурӯғ мебошад. Бинобар он вай Лигаи Миллатҳоро марказ ва маҷлисгоҳи чанд нафар кафандуздон меномад.

Барфитад то равиши разм дар ин базми куҳан,
Дардмандони ҷаҳон тарҳи нав андохтаанд
Ман аз ин беш надонам, ки кафандузде чанд,
Баҳри тақсими қубур анҷумане сохтаанд.[68]

Зиндагонӣ ҳар замон дар кашмакаш,
Ибратомӯз аст аҳволи ҳабаш.[69]
Шаръи Яврупо бе низоъи қилу қол,
Барраро кардаст бар гургон ҳалол.
Нақши нав андар ҷаҳон бояд ниҳод,
Аз кафандуздон чӣ уммеди кушод?!
Дар Ҷенева чист ғайр аз макру фан,
Сайди ту ин мешу он наҳчири ман.[70]

Шоир дар шеъри «Сиёсати ҳозира» ба «Ҷомеъаи ақвом», яъне Лигаи Миллатҳо низ фармонравой кардани давлатҳои империалистии Ғарбро хотиррасон мекунад:

Салтанатро Ҷомеи Ақвом гуфт,
Қори худро пухта карду хом гуфт.
Дар фазояш болу пар натвон кушуд,
Бо калидаш ҳеч дар натвон кушуд.[71]

Иқбол мебинад, ки моҳияти «демократияи» буржуазӣ тамоман қалбакӣ буда, ба муқобили озодии меҳнаткашон равона шудааст ва давлатҳои империалистии Ғарб дар ҳама ҷо ба қатлу ғорати оммаи халқ машғул мебошанд. Онҳо ҳатто дар зери пардаи ғаразкоронаи таассуби динию миллӣ тӯдаҳои соддадилро ба ҳам ҷанг меандохтанд, то ки занҷири асорати халқҳои мамлакатҳои мустамликавиро пурқувват карда, ба иттиҳоди онҳо монеъ шаванд ва ҳукмронии худро мустаҳкамтар намоянд:

Лорди мағриб он сарояю макру фан,
Аҳли динро дод таълими ватан.
Ӯ ба фикри марказу ту дар нифоқ,
Бигзар аз Шому Фаластину Ироқ.[72]

Ҳиндиён бо якдигар овехтанд,
Фитнаҳои кӯҳна боз ангехтанд.
То фарангикавме аз мағрибзамин,
Солус омад дар низоъи куфру дин.[73]

Шоир дар ҷои дигар ҳамин фикрро идома дода, ҳамватанони худро водор мекунад, ки асири макру ҳилаи мағрибиён нагарданд. Ғарбиён,— мегӯяд ӯ,— барои ба худ ғулом кардани мардум ҳатто дину мазҳабу ониро низ ба кор мебаранд ва дину оини бегона барои ҳар як халқ гарон мебошад:

Ғарбиёнро шеваҳои соҳирист,
Такья ҷуз бар хеш кардан кофирист...
Рӯҳро бори гарон оини ғайр,
Гарчи ояд з-осмон оини ғайр.[74]

Иқбол тамоми умр ҳамватанони худ ва дигар халқҳои мазлуми Шарқро огоҳ менамояд, ки ҳушьёру бедор бошанд ва набояд ба мағрибиҳои золиму торочгару маккор бовар кунанд ва аз онҳо ғамхориву беҳбудиро интизор шаванд. Ӯ ба мағрибиён умед карданро кори одамони нодон мешуморад:

Туро нодон, умеди ғамгусориҳо зи афранг аст,
Дили шоҳин насӯзад баҳри он мурғе, ки дар чанг аст.[75]

Даргузар аз чилваҳои ранг-ранг,
Хешро дарьёб аз тарки фаранг.
Гар зи макри ғарбиён боши хабир,
Рӯбаҳӣ бигзору шерӣ пеша гир.
Чист рӯбоҳӣ? Талоши созу барг,
Шер мавло ҷӯяд озодию марг.[76]

Шоир дар натиҷаи ҳаракатҳои миллию озодихоҳӣ дар мамлакатҳои Шарқ ба зарбаҳои сахти ҳалокатовар дучор шуда истодани мустамликадорони Ғарбро мушоҳида намуда, бо боварии комил ба халқҳои дар зери юғи аҷнабиён гирифторбуда чунин мужда расонидааст:

Биё, ки сози фаранг аз наво барафтодаст,
Даруни пардаи ӯ нағма нест, фарьёд аст.[77]

Шоир ранҷбаронро даъват мекунад, ки мустамликадоронро аз мамлакат дур андохта, олами наве барпо созанд:

Шӯълаи афрангиён намхӯрдаест,
Чашмашон соҳибназар, дил мурдаест.
Захмҳо хӯрданд аз шамшери хеш,
Бисмил афтоданд чун нахчири хеш
Сӯзу мастиро маҷӯ аз токашон,
Асри дигар нест дар афлокашон.
Зиндагиро сӯзу соз аз нори туст,
Олами нав офаридан кори туст.[78]

Ин пешгӯии шоир рост баромад. Дар натиҷаи муборизаи ҷасуронаи халқҳои Ҳиндустон мустамликадорони Ғарб аз хоки он ронда шуданд. Дар айни замон дар он ҷо сохтмонҳои бузург сар бардошта истодаанд ва имрӯз мо гуфта метавонем, ки ба пойдевори ин биноҳои саодати халқҳои Ҳинду Покистон меҳнату муборизаи ҷиддии бисьёрсолаи шоир — граждании бузурги он ду кишвар — Муҳаммад Иқбол низ гузошта шудааст.

**Танқиди ватанфурӯшони Ҳиндустон.** Дар замони ҳукмронии мустамликадорони Голландия, Португалия, Франция ва

Англия, баъзе аз намояндагони доираҳои ҳукмрони Ҳиндустон бо мақсади ба ягон мансабе соҳиб шудан ва ё барои нигоҳ доштани вазифаҳои доштаашон ба ғоратгарони Ғарб ёрӣ мерасониданд ва ҳамчун хоинон амал карда, халқу мамлакати худро ба онҳо мефурӯхтанд.

Иқбол дар достони «Ҷовиднома» ҳамин гуна хоинони ватанфурӯши Ҳиндустонро, ки боиси ба азобу машаққатҳои токатшикан мубтало гардидани миллионҳо нафар одамони меҳнатӣ шуда буданд, ба зери танқиди сахт мегирад. Ӯ махсусан, ба кирдорҳои разилонаи наввоби вилояти Бангола Мир Ҷаъфар (даврани наввобиаш солҳои 1757—1760 ва бори дуюм солҳои 1763—1765) ва субадори вилояти Дакан Содиқ нафрату лаънат мехонад.

Бояд гуфт, ки дар нимаи дуюми асри XVIII барои ба Ҳиндустон соҳиб шудан дар байни французҳо ва англисҳо мубориза шадид давом мекунад. Ҳар кадоми онҳо ин муборизаро бо ёрии армияҳои роҷаҳои Ҳинд мебурданд. Муҳорибаи назди Плесси, ки дар соли 1757 иттифоқ меафтад, дар муносибати Англия ва Франция барои ба Ҳиндустон ҳукмрон шудан дигаргунии намоёне ба амал меорад. Пеш аз рӯй додани ин муҳориба Мир Ҷаъфар, Рой Дурлабх ва Ёрлатифхон, ки аз сипаҳсолорони ҳокими Бангола — Сироҷуддавла буданд, пинҳонӣ бо генерал Роберт Клайв аҳду паймон мекунанд. Онҳо ваъда медиҳанд, ки дар вақти рӯй додани муборизаи англисҳо ба ҳиндустониҳову французҳо ҳеҷ гуна муқобилият нишон надиҳанд. Дар натиҷаи хиёнати Мир Ҷаъфар бари саркардаҳои ҳарбии хоин Роберт Клайв фақат бо 900 нафар солдатҳои англис ва 2000 нафар солдатҳои ҳиндуи аз англисҳо таълимгирифта армияи 70 ҳазор нафарии ҳокими Банголаро мағлуб мегардонад. Ин ғалабаи англисҳо ба ҳукмронии дуру дарози онҳо дар Шарқ асос мегузорад.

Баъд аз кушта шудани душмани ашаддии ҳукмронии англисҳо дар Ҳиндустон — Сироҷуддавла Роберт Клайв хоини Ҳинд Мир Ҷаъфарро ҳокими вилояти Бангола таъин мекунад.

Субадори вилояти Дакан — Содиқ низ ба англисҳо забон як намуда, ба халқу ватани худ хиёнат карда, ба сари онҳо мусибатҳои вазнин меорад. Аз ҳамин давра мавқеи англисҳо дар Ҳиндустон мустаҳкамтар шудан мегирад ва онҳо сол аз сол ба дарунтари ин мамлакати бузург ҳаракат мекунанд ва ҳама гуна муқобилиятҳои халқҳои онро бераҳмона пахш менамоянд.

Иқбол дар достони «Ҷовиднома», ки хаёлан бо роҳбарии

Ҷалолиддини Румӣ ба сайёраҳои гуногун сафар карда, дар он ҷо бо шахсҳои гуногуни таърихии давраҳои гузашта мулоқот намудани худро инъикос кардааст, Мир Ҷаъфар ва Содиқро дар як қулзуми ҳавлноки хунини фалаки Зуҳал дар ҳолати ниҳоят саргардонӣ, мубталои азобу шиканҷаи абадӣ тасвир кардааст:

Он чи дидам менагунҷад дар баён,
Тан зи саҳмаш бехабар гардад зи ҷон.
Ман чи дидам? Қулзуме дидам зи хун,
Қулзуме тӯфон бурун, тӯфон дарун.
Дар ҳаво морон чу дар қулзум наҳанг,
Кафча шабгун болу пар симобранг.
Мавҷҳо дарранда монанди паланг,
Аз ниҳебаш мурда бар соҳил паланг.
Баҳр соҳилро амон як дам надод,
Ҳар замон кӯҳпорае дар хун фитод
Мавҷи хун бо мавҷи хун андар ситез,
Дар миёнаш завраке дар афту хез.
Андар он завраҳ ду марди зардрӯй,
Зардрӯ, урьёнбадан, ошуфтамӯй.[79]

Аз сӯзонидани Мир Ҷаъфар ва Содиқ ҳатто дӯзах саркашӣ мекунад. Марг низ ин ду шахси мунофиқу разилро рад менамояд. Бинобар он онҳо аз завраке, ки миёни қулзуми хунин шино мекард, нолаю фиғон мекунанд:

Не адам моро пазирад, не вуҷуд.
Вой аз бемеҳрии буду набуд,
То гузаштем аз ҷаҳони Шарқу Ғарб,
Бар дари дӯзах шудем аз дарду карб
Як шарар бар Содиқу Ҷаъфар назад,
Бар сари мо мушти хокистар назад
Гуфт: «Дӯзахро хасу хошок беҳ,
Шӯълаи ман з-ин ду кофир пок беҳ».
Он сӯи нӯҳ осмон рафтем мо,
Пеши марги ногаҳон рафтем мо.
Гуфт: «Ҷон сирре зи асрори ман аст,
Ҳифзи ҷону ҳадми тан кори ман аст...
Инчунин коре намеояд зи марг,
Ҷони ғаддоре наёсояд зи марг».[80]

Шоир Мир Ҷаъфару Содиқро нанги одаму нанги ватан номида, онҳоро сабабгори ба бадбахтиву ғуломӣ гирифтор гардидани Ҳиндустон ва мардуми он мешуморад ва кирдорҳои хоинонаашонро мазаммат менамояд.

Албатта, сабабгори асосии харобии мамлакат сохти ҷамъияти буржуазист, вале хизмати Иқбол дар ҳамин, ки сардору ҳокимони ҷамъияти истисморгариро ба марг маҳкум мекунад.

Чаъфар аз Бонголу Содиқ аз Дакан,
Нанги одам, нанги дин, нанги ватан.
Нокабулу ноумеду номурод,
Миллате аз корашон андар фасод
Миллате, к-ӯ банди ҳар миллат кушод.
Мулку динаш аз макоми худ фитод
Менадонӣ хиттаи Ҳиндустон,
Он азизи хотири соҳибдилон,
Хиттае ҳар чилваащ гетифирӯз,
Дар миёни хоку хун ғалтад ҳанӯз.
Дар гилаш тухми ғуломиро ки кишт?
Ин ҳама кирдори он арвоҳи зишт.[81]

Дар ин сатрҳои пур аз нафрату ғазаб Иқбол ҳисси бадбинии нисбат ба душманони халқу ватани худ доштаашро хеле равшан нишон додааст. Ӯ гунаҳкорони ин хорию зории «хиттаи Ҳиндустон» ва халқҳои меҳнатию ҷафокаши он — Мир Ҷаъфар ва Содиқро зери тозиёнаи сахт гирифта, ҳамватанонашро огоҳ менамояд, ки дар замони ҳозира ҳам монанди Мир Ҷаъфар ватанфурӯшон мавҷуданд:

Кай шаби Ҳиндустон ояд ба рӯз,
Мурд Ҷаъфар зинда рӯҳи ӯ ҳанӯз.
То зи қайди як бадан номераҳад,
Ошьён андар тани дигар ниҳад...
Дини ӯ, оини ӯ савдогарист,
Антаре андар либоси ҳайдарист...
Ҷаъфар андар ҳар бадан миллаткуш аст,
Ин мусулмоне кӯҳан миллаткуш аст.
Ханд — хандон асту бо кас ёр нест,
Мор агар хандон шавад, ҷуз мор нест.
Аз нифоқаш ваҳдати қавмӣ дуним,
Миллати ӯ аз вуҷуди ӯ лаим.
Миллатеро ҳар куҷо ғоратгарест,
Асли ӯ аз Содиқе ё Ҷаъфарест.
Алъамон аз рӯҳи Ҷаъфар, алъамон!
Алъамон аз Ҷаъфарони ин замон![82]

Мир Ҷаъфар ва Содиқ барин хиёнаткорони халқу ватанро бо хашму ғазаб танқиду маломат намудани Иқбол боз як далели дигари ватанпарварию истиқлолталабии ӯ мебошад.

**Ақидаҳои озодихоҳӣ.** Чи навъе ки дар боло қайд намудем, Иқбол мустамликадорони Ғарбро ғоратгарону истисморкунандагони оммаи меҳнаткаши Шарқ шуморида, ба кирдорҳои разилонаи онҳо нафрат баён мекунад. Шоир нағз медонист, ки агар дар Шарқ ба ҳукмронии англисҳо хотима дода нашавад, халқҳои он озодӣ ва истиқлолияти миллӣ ба даст оварда наметавонанд. Бинобар он ӯ бо забони шеър ба халқҳои Шарқ фаҳмониданӣ мешавад, ки онҳо бояд аз Ғарб ва таъсири

идеологияи вай озод шаванд, зеро ки ғуломӣ ба тарзи тафаккур ва олами маънавии мардум таъсири манфӣ расонда, афкорро хароб, фахмро кӯтоҳ сохтааст. Аз ин сабаб бояд фикри мардумро аз олоиши зарароварн мағрибиён пок кард:

То ба рӯз орам шаби афгори Шарқ,
Бар фурӯзам синаи аҳрори Шарқ.
Аз навое пухта созам хомро,
Гардиши дигар диҳам айёмро.
Фикри Шарқ озод гардад аз фаранг,
Аз суруди ман бигирад обу ранг.
Зиндагӣ аз гармии зикр асту бас,
Хуррият аз иффати фикр асту бас.
Чун шавад андешаи қавме хароб,
Носара гардад ба дасташ сими ноб.
Мирад андар синааш қалби салим,
Дар нигоҳи ӯ кач ояд мустақим...
Пас нахустин боядаш таҳйири фикр,
Баъд аз он осон шавад таъмири фикр.[83]

Иқбол халқро қувваи асосии ҷамъият мешуморад. Вай аз тарафи чингизиҳон нав, яъне мустамликадорони ғаддори Ғарб вайрон шуда истодани оламро дида халқҳоро даъват мекунад, ки ба муҳофизати номусу шарафи ватанашон ба мубориза бархезанд:

Фарьёд зи афрангу диловезии афранг,
Фарьёд зи ширинию парвизии афранг
Олам ҳама вайрона зи чингизии афранг,
Меъмори ҳарам! Боз ба таъмири ҷаҳон хез,
Аз хоби гарон, хоби гарон, хоби гарон хез!
Аз хоби гарон ҳез![84]

Шоир баҳри дафъи иллат ва нуқсонҳои иҷтимоии ҷамъият ба вуҷуд овардани инқилобро орзу мекунад. Зеро назар ба ақидаи ӯ беадолатии иҷтимоии ҷамъияти синфиро фақат ба воситаи инқилоб барҳам додан мумкин аст:

Хоҷа аз хуни раги муздур созад лаъли ноб,
Аз ҷафои деҳхудоён кишти деҳқонон хароб!
Инқилоб! Эй инқилоб! Эй инқилоб!
Миру султон нардбозу каъбатайни шон дағал,
Ҷони маҳкумон зи тан бурданду маҳкумон ба хоб!
Инқилоб! Эй инқилоб! Эй инқилоб!
Ман даруни шишаҳои асри ҳозир дидаам,
Ончунон захре ки аз вай морҳо дар печутоб.
Инқилоб! Эй инқилоб! Эй инқилоб!
Бо заифон гоҳ нерӯи палангон медиҳанд,
Шӯълае шояд бурун ояд зи фонуси ҳубоб.
Инқилоб! Эй инқилоб! Эй инқилоб![85]

Ӯ Ҳиндустони онвақтаро барои зиндагии осудаҳолонаи

одамон номувофиқ мешуморид ва ба ҷои он бунёд шудани ҷамъияти навро орзу мекард:

Гуфтанд: «Ҷаҳони мо оё ба ту месозад?»
Гуфтам, ки «Намесозад» Гуфтанд, ки бархам зан»,[86]

Ё бикуш дар синаи ман орзуи инқилоб,
Ё дигар бинмо ниҳоди ин замону ин замин
Ё чунон кун, ё чунин.[87]

Аз сохту тартиботи онвақтаи Ҳиндустон норозӣ ва тамоман бархам хӯрдани онро орзу кардани шоир дар шеърҳои дигари ӯ низ инъикос гардидааст.

Масалан, дар шеъри «Навои муздур», ки як навъ оҳанги Ҳофизона дар бар дорад, аз забони марди меҳнаткаш мегӯяд:

Биё, ки тоза наво метаровад аз раги соз,
Мае, ки шиша гудозад, ба соғар андозем.
Мугону дайри муғонро низоми тоза диҳем,
Бинои майкадаҳои куҳан барандозем.
Зи раҳзанони чаман интиқоми лола кашем,
Ба базми ғунчаву гул тарҳи дигар андозем.
Ба тавфи шамъ чу парвона зистан то кай?
Зи хеш ин ҳама бегона зистан то кай?[88]

Иқбол маъюсӣ ва нотавонбинии халқҳои Шарқро яке аз сабабҳои ба доми ғуломӣ гирифтор гардидани онҳо медонад. Аз ин ҷост, ки ӯ дар шеърҳояш қувваи бузурги маънавии халқҳои Шарқро васф намуда, бо ин роҳ дар онҳо ҳиссиёти ба қувваи худ боварӣ карданро ба вуҷуд оварда, ба ин васила онҳоро барои нигоҳ доштани истиқлолияти миллиашон ба мубориза даъват мекунад.

Сӯзу сознӯ дарду доғ аз Осиёст,
Ҳам шаробу ҳам аёғ аз Осиёст.
Ҳам ҳунар ҳам дин зи хоки Ховар аст,
Рашки гардун хоки поки Ховар аст...
Эй амини давлату таҳзибу дин,
Он яди байзо барор аз остин.
Риштаи суду зиён дар дасти туст,
Обрӯи ховарон дар дасти туст.[89]

Назар ба ақидаи шоир барои ба вуҷуд овардани ҳисси ифтихори миллӣ, ки гарави нигоҳдории озодӣ ва мустақилияти ҳар як халқ мебошад, ба таърихи гузаштаи вай муроҷиат кардан ва онро донистан аҳамияти бағоят калон дорад:

Чист таърих, эй зи худ бегонае,
Достоне, қиссае, афсонае.
Ин туро аз хештан огаҳ кунад,
Ошнои кору марди раҳ кунад.

Рӯхро сармояи тоб аст ин,
Ҷисми миллатро чу аъсоб аст ин...
Забт кун таърихро, поянда шав,
Аз нафасҳои рамида зинда шав.
Дӯшро пайванд бо имрӯз кун,
Зиндагиро мурғи дастомӯз кун.
Риштаи айёмро овар ба даст,
Варна гардӣ рӯзкӯру шабпараст.
Сар занад аз мозии ту ҳоли ту,
Хезад аз ҳоли ту истиқболи ту.[30]

Иқбол дар оммаи халқ қуввai бузурги мағлубнашаванда, қаҳрамони асосии таърихро медид ва озоду хушбахтона зиндагӣ ба сар бурдани вайро орзу мекард. Ӯ боварӣ дошт, ки танҳо оммаи халқ ҷамъияти барои зиндагии инсоният мувофиқро бунёд карда метавонад. Аз ин ҷост, ки вай ба халқҳои мазлуми Шарқ чунин муроҷиат мекунад:

То куҷо ин хавфу васвосу ҳарос
Андарин кишвар мақоми худ шинос.
Ин чаман дорад басе шохи баланд,
Бар нагуншох ошьёни худ мабанд.
Андаруни туст сели бепаноҳ,
Пеши ӯ кӯҳи гарон монанди коҳ.[31]

Шоир халқҳои мамлакатҳои арабро, ки дар чанголи давлатҳои империалистии Ғарб гирифтор буданд, низ даъват мекунад, ки барои озодӣ ва истиқлолияти миллиашон мубориза баранд. Ӯ дар достони «Ҷовиднома» аз забони Муҳаммад Аҳмад маъруф ба Маҳдии Судонӣ, ки солҳои дароз ба ҳаракати зидди мустамликадорони Ғарб нигаронидашуда роҳбарӣ менамуд, ба халқҳои араб ва ҳукуматдорони онвақтаи онҳо чунин хитоб мекунад.

Гуфт: «Эй рӯҳи араб, бедор шав,
Чун ниёкон холиқи аъсор шав.
Эй Фуод, эй Файсал, эй Ибни Сауд,
То куҷо бар хеш печидан чу дуд?!
Зинда кун дар сина он сӯзе, ки рафт,
Дар ҷаҳон боз овар он рӯзе, ки рафт...
Зиндагоӣ то куҷо бе завқи сайр?
То куҷо тақдири ту дар дасти ғайр?
Бар мақоми худ ниёӣ то ба кай?
Устухонам дар яме[32] нолад чу най.[33]

Иқбол революцияи буржуазӣ-миллии Туркияро, ки ба муқобили империалистони хориҷӣ ва феодалҳои маҳаллӣ нигаронида шуда буд ва дар таърих бо номи «ҳаракати камолӣ»

машҳур аст, низ бо камоли хурсандӣ истиқбол менамояд. Иштироккунандагони ҳаракати камолӣ солҳои 1919—1922 бар зидди аз Туркия барандохтани ҳукумати мағрибиён мубориза бурда, ниҳоят аз болои онҳо ва феодалҳои маҳаллӣ ғалаба мекунанд.

Иқбол соли 1922 зери унвони «Хитоб ба Мустафо Камолпошшо» шеъре навишта, дар он муносибати худро нисбат ба ҳаракати камолии Туркия, ки ба он Мустафо Камол Отатурк [94] (1880—1938) роҳбарӣ менамуд, ба тарзи зайл изҳор доштааст:

Уммае буд, ки мо аз асари ҳикмати ӯ,
Воқиф аз сири ниҳонхонаи тақдир шудем.
Асли мо як шарари боҳтаранге будаст,
Назаре кард, ки хуршеди ҷаҳонгир шудем.
Нуктаи ишқ фурӯ шуст зи дил пири ҳарам,
Дар ҷаҳон хор ба андозаи тақсир шудем.
Боди саҳрост, ки бо фитрати мо дарсозад,
Аз нафасҳои сабо ғунчаи дилгир шудем.
Оҳи он ғул-ғула, к-аз гунбади афлок гузашт,
Нола гардид чу побанди баму зер шудем.
Эй басо сайд, ки бедом ба фитрок задем,
Дар бағал тиру камон, куштаи нахчир шудем.
«Хар[97] кучо роҳ диҳад, асп бар он тоз, ки мо
Борҳо мот дар ин арса ба тадбир шудем».[98]

Шоир дар «Тулӯи ислом» ном манзумаи урдуи (соли 1922) худ низ ба ҳаракати камолии Туркия таҳсину офарин мехонад. «Тулӯи ислом» дар шакли таркиббанд офарида шуда, банди охирини он ба забони форсист. Ҳамин як банд ҳам аз революцияи буржуазӣ-миллии Туркия ниҳоятдараҷа шод гардидани Иқболро нишон медиҳад:

Биё соқӣ, навои мурғзор аз шохсор омад,
Баҳор омад, нигор омад, нигор омад қарор омад.
Кашид абри баҳорӣ хайма андар водиву саҳро,
Садои обшорон аз фарози кӯҳсор омад.
Сарат гардам, ту ҳам қонуни пешин соз деҳ, соқӣ,
Ки хайли нағмапардозон қатор андар қатор омад
Канор аз зоҳидон баргиру бебокона соғар каш,
Пас аз муддат аз ин шохи куҳан бонги ҳазор омад
Сари хоки шаҳиде баргҳои лола мепӯшам,
Ки хунаш бо ниҳоди миллати мо созгор омад
«Биё, то гул биафшонему май дар соғар андозем[97]
Фалакро сақф бишкофему тарҳи дигар андозем».[98]

Аз шеърҳои зерини шоир низ нағз пай бурдан мумкин аст, ки ӯ ҳаракати камолии Туркияро бо мамнуният пешвоз гирифта будааст:

Хунук мардон, ки сеҳри ӯ шикастанд,
Ба паймони фаранге дил набастанд.
Машав навмеду бо худ ошно бош,
Ки мардон пеш аз ин буданду ҳастанд.[99]

Ба туркон орзуи тоза доданд.
Бинои корашон дигар ниҳоданд![100]

Иқбол то дақиқаҳои охирини ҳаёташ мазлумони Ҳиндустон ва мамлакатҳои дигари Шарқро даъват мекунад, ки дар роҳи озодӣ ва бахту саодати худ мубориза баранд. Вай тамоми умр оянда хуби мардумони ҷафокаши Шарқро самимона орзу мекард ва бовар дошт, ки онҳо бо роҳи мубориза, албатта, ба озодӣ ва хушбахтӣ расида, истиқлолияти миллӣ ба даст хоҳанд овард:

Чун чароғи лола сӯзам дар хиёбони шумо,
Эй ҷавонони Аҷам, ҷони ману ҷони шумо...
Мерасад марде, ки занҷири ғуломон бишканад,
Дидаам аз равзани девори зиндони шумо.[101]

Чашм бикшой, агар чашми ту соҳибназар аст
Зиндагӣ дар паи таъмири ҷаҳони дигар аст.
Инқилобе, ки нагунҷад ба замири афлок
Бинаму ҳеч надонам, ки чи сон мебинам.[102]

Паёме деҳ зи ман Ҳиндустонро,
Ғулом озод аз бедории ӯст.[103]

Дар достони «Ҷовиднома» аз забони Ҷаҳондӯст ном орифи ҳиндӣ мегӯяд:

Гуфт: «Ҳангоми тулӯи Ховар аст,
Офтоби тоза ӯро дар бар аст.
Лаълҳо аз санги раҳ оянд бурун,
Юсуфони он зи чаҳ оянд бурун
Растахезе дар канораш дидаам,
Ларза андар кӯҳсораш дидаам».[104]

Ҳамин тавр шоири ватанпарвару озодихоҳ дар бисьёр шеърҳояш халқҳои Шарқро ба инқилоб, барои озодии миллӣ даъват мекард ва ба ғалабаи онҳо боварии комил дошт. Ин навъ шеърҳои Иқбол халқҳои дар давоми асрҳо дар зери зулму фишори мустамликадорони Ғарб будаи Ҳиндустон ва мамлакатҳои дигари Шарқро рӯҳбаланд карда, ӯро ҳамчун бузургтарин сароянда таронаҳои пурҳарорати озодӣ ва саодати инсон машҳур намудаанд.

**Иқбол дар бораи Революцияи Октябрь.** Муҳаммад Иқбол яке аз аввалин шоирони Ҳиндустон аст, ки Революцияи Социалистии Октябрьро бо хурсандӣ истиқбол намуда, фаъолияти пешвои пролетариати ҷаҳон В. И. Ленинро маъқул ёфтааст ва нисбат ба нахустин мамлакати социалистӣ эътиқоду эҳтироми зиёд пайдо кардааст.

Алӣ Сардори Ҷаъфарӣ менависад: «Вақте ки дар соли 1917 революция ба вуҷуд омад ва синфи коргар ҳокимияти капиталистиро сарнагун намуд, Иқбол бо мароқи калон ба он назар мекард ва чунин башорат медод, ки «аз батни гетӣ офтоби тозае» пайдо шуд».[105]

Социализм, назар ба қавли Иқбол, тартиботи кӯҳнаро барҳам дода, давраҳои феодализм, истибдоду нифоқи капитализмро маҳкум сохтааст. Гуфтан лозим аст, ки Иқбол асосгузори коммунизми илмӣ Карл Марксро ҳатто, ба дараҷаи пайғамбарӣ бароварда, қалби ӯро бо рӯҳу қалби мардуми кишварҳои исломӣ мувофиқ медонад:

Соҳиби «Сармоя» аз насли Халил,
Яъне он пайғамбари бе Ҷабраил.
З-он, ки ҳақ дар ботини ӯ музмар аст,
Қалби ӯ мӯъмин, димоғаш кофар аст.[106]

Шоир дар як қатор шеърҳояш назарияҳои классикони марксизм-ленинизмро писандида, сохти социалистиро мавриди ташвиқ қарор дода, кӯшиш намудааст, ки моҳияти Революцияи Октябрь ва ҷамъияти социалистиро ба ҳамватанони худ фаҳмонад ва онҳоро ба муқобили истисморкунандагони маҳалливу хориҷӣ ба по хезонад.

Иқбол ба ғалабаи Революцияи Октябрь, ки ба муқобили тартиботи ҳукумати подшоҳӣ ва ҳама гуна зулму истибдод нигаронида шуда буд, ишора намуда мегӯяд:

Ҳамчунон биниӣ, ки дар дайри Фаранг
Бандагӣ бо хоҷагӣ омад ба ҷанг.
Русро қалбу ҷигар гардида хун.
Аз замираш ҳарфи ло омад бурун.
Он низоми кӯҳнаро барҳам задаст,
Тезнеше бар рағи олам задаст.
Кардаам андар мақомоташ нигаҳ,
Ло салотин, ло калисо, ло илаҳ.[107]

Шоир дар шеъри «Пайғоми Афғонӣ ба миллати Руссия»-и достони «Ҷовиднома» низ аз Революцияи Социалистии Октябрь ва барпо шудани сохти ҷамъияти социалистӣ шод буданашро баён мекунад. Дар он шеър ба халқҳои советӣ чунин хитоб менамояд:

Ту, ки тарҳи дигаре андохтӣ,
Дил зи дастури кухан пардохтӣ
Ҳамчу мо исломиёни андар ҷаҳон,
Қайсариятро шикастӣ устухон.
Ту ба ҷон афкандаӣ сӯзи дигар,
Дар замири ту шабу рӯзе дигар
Кӯҳна шуд афрангро оину дин,
Сӯи он дайри кухан дигар мабин.
Кардаӣ кори худовандон тамом,
Бигзар аз ло ҷониби илло хиром.
Достони кӯҳна шустӣ боб-боб,
Фикрро равшан куи аз уммулкитоб.[108]

Ғалабаи Революцияи Октябрь дар Россия аз нопойдории дуньёи капиталистӣ шаҳодат дод. Мардуми ҷафокаш дар роҳи озодӣ сар бардошт ва дар натиҷа ҳукумати худро ба вуҷуд оварда, ба озодӣ ва бахту саодат соҳиб гардид.

Иқбол Революцияи Социалистии Октябрьро наҷотбахши ҳақиқии меҳнаткашон мешуморад. Вай ин фикру ақидаи худро аз забони Ленини муаззам ин тавр баён мекунад.

Басе гузашт, ки одам дар ин сарои кухан,
Мисоли дона тахи санги осиё будаст.
Фиреби зореву афсуни қайсаре хӯрдаст,
Асири ҳалқаи доми калисиё будаст.
Ғуломи гурсуна диди, ки бардарид охир,
Қамиси хоҷа, ки рангии зи хуни мо будаст.
Шарори оташи ҷумҳур кӯҳна сомон сӯхт,
Ридои пири калисо, қабои султон сӯхт.[109]

Муносибати Иқбол нисбат ба Революцияи Социалистии Октябрь, доҳии меҳнаткашони ҷаҳон В. И. Ленин ва ҷамъияти социалистӣ дар манзумаҳои урдуи «Хизри роҳ» ва «Офтоб»-и ӯ боз ҳам равшантар инъикос ёфтаанд.[110]

**Ҷамъияти идеалии Иқбол.** Дар эҷодиёти Иқбол ба мисли адибону мутафаккирони бузурги гузаштаи Шарқ идеяи хаёлии ҷамъияти идеалиро, ки ҳамаи аъзоёни он озоду баробарҳуқуқ буда, гуруснагию ҷанг ва дигар бадбахтиҳоро намедонанд, дучор мекунем. Шоир ҷамъияти бесинфро орзу мекард, ки дар он золиму мазлум вуҷуд надошта бошад, ҳама чун бародар бо иттифоқ хушу хурсандона умр ба сар бурда, аз ҳама гуна ғаму андӯҳ ва машаққат озод бошанд. Вай дар достони «Ҷовиднома» дар тасвири шаҳри Марғдин ақида ва орзуҳои худро дар бораи ҷамъияти идеалӣ чунин ифода намудааст:

Марғдину он имороти баланд,
Ман чӣ гӯям з-он мақоми арҷманд,

Сокинонаш дар сухан ширин чу нӯш,
Хубрӯю нармхӯю содапӯш.
Фикрашон бедарду сӯзи иктисоб,
Роздони кимиёи офтоб.
Ҳар кӣ хоҳад симу зар гирад зи нур,
Чун намак гирем мо аз оби шӯр!
Хидмат омад максади илму хунар,
Корҳоро кас намесанҷад ба зар.
Кас зи динору дирам огоҳ нест,
Ин бутонро дар ҳарамҳо роҳ нест.
Сахткаш деҳкон чароғаш равшан аст,
Аз ниҳоби деҳхудоён эман аст.
Кишту кораш бениёзи оби ҷӯст,
Ҳосилаш беширкати ғайрӣ аз ӯст.
Андар он олам на лашкар, не қушун,
Не касе рузӣ хӯрад аз кушту хун.
Не қалам дар Марғдин гирад фуруғ,
Аз фани таҳрину ташҳири дуруғ.
Не ба бозорон зи бекорон хурӯш,
Не садоҳои гадоён дарди гӯш.[111]

Дар ин ҷо Иқбол аз як тараф утопияи дар «Искандарнома»-и Низомӣ ва «Хирадномаи Искандарӣ»-и Ҷомӣ мавҷудбударо давом ва такмил дода, дар бораи одамони нексирати Марғдин ҳикоят кардааст. Чунин аст, ба ақидаи Иқбол, баъзе хусусиятҳои ҷамъияти идеалие, ки дар он зулму истибдод ҷой надорад, ҷамъияте ки ҳамаи аъзоёнаш баробарҳуқуқу хушбахтанд. Аз тарафи дигар ҷамъияти баробарӣ ва озод, ки орзуи хаёлии ӯ мебошад, бешубҳа дар зери таъсири ғояҳои социализм ба вуҷуд омадааст. Зеро шоир ба туфайли ғалабаи Революцияи Октябрь чунин ҷамъияти озоду баробарҳуқуқ бунёд намудани халқи советиро нағз медонист ва ҳамеша ба мамлакати Советҳо мароқи зиёд зоҳир месохт.

Ҷавоҳирлол Неҳру навишта буд, ки «Иқбол дар солҳои охири ҳаёташ гаштаю баргашта ба социализм мурочиат мекард. Дар натиҷаи диққати ӯро ба худ ҷалб кардани Россияи Советӣ ҳатто шеърҳояш равиши дигар гирифта буданд».[112]

Алӣ Сардори Ҷаъфарӣ ҳам менависад, ки «ҷамъияти социалистӣ ва тараққиёти Иттифоқи Советӣ ба Иқбол таъсири калон расонидаанд. Ӯ хусусан дар пояи умраш ба тарафи сохти ҷамъияти социалистӣ бештар моил гардид ва бисьёр вақт мегуфт, ки «бе суд набувад гармии рафтори Россия».[113]

**Танқиди намояндагони дин.** Як қисми шеърҳои Иқбол ба муқобили рӯҳониёни ислом, тасаввуроти динӣ ва фош намудани хислатҳои ношоистаи арбобони дин, ки паҳнкунан-

дагони ҷаҳолатпарастӣ буданд, равона шудаанд. Дар замони Иқбол ҷараёнҳои динӣ бо намудҳои гуногунаш ба ҳиссу фикри меҳнаткаш таъсири бад мерасонд. Дар сар то сари мамлакат гурӯҳ-гурӯҳ рӯҳониёни муфтхӯрро дидан мумкин буд, ки аксарияти онҳо чи ба феодалҳои золими маҳаллӣ ва чи ба ғоратгарони аврупоӣ кӯмак мерасониданд. Иқбол ҳаман найрангҳои онҳоро фош мекард ва мардумро аз ҳиллаҳои онҳо огоҳ менамуд:

Дини ҳақ аз кофирӣ расвотар аст,
З-он, ки мулло мӯъмини кофиргар аст.
Шабнами мо дар нигоҳи мо им аст.
Аз нигоҳи ӯ ими мо шабнам аст.
Аз шигарфиҳои он қуръонфурӯш,
Дидаам рӯҳуламинро дар хурӯш.
Қамнигоҳу кӯрзавқу ҳарзагард,
Миллат аз қолу ақулаш фард-фард.
Дини кофир кард тадбири ҷиҳод,
Дини мулло фи сабилуллоҳ фасод.[114]

Шайхи ӯ лӯрди фарангиро мурид,
Гарчи гӯяд аз мақоми Боязид.[115]

Ӯ дар шеъри дигари худ низ кирдорҳои воизону сӯфиёни мансабпарастро, ки дар либоси дин мардумфиребӣ ва амалиёти қабеҳ карда аз ҳоли миллату ватан ғафлат меварзиданд, мазаммат менамояд. Ақидаи Иқбол бо фикри машҳури К. Маркс, ки диниро афъюни халқ номида буд, наздик аст:

Мешавад ҳар мӯдарозе хирқапӯш,
Оҳ аз ин савдогарони динфурӯш.
Бо муридон рӯзу шаб андар сафар
Аз заруратҳои миллат бехабар.
Дидаҳо бенур мисли наргисанд.
Синаҳо аз давлати дил муфлисанд.
Воизон ҳам сӯфиён мансабпараст,
Эътибори миллати байзо шикаст.
Воизи мо чашм бар бутхона дӯхт,
Муфтии дини мабин фатво фурӯхт.[116]

Иқбол кирдорҳои разилонаи муллоёнро бебо ва рӯйрост фош месохт. Дар шеъри зерин аз мавқеи динӣ ҳам бошад, уламои дину сӯфиёни риёкорро гурги дарранда ва аҳли кин номида, аз хайру хубӣ тамоман дур будани онҳоро таъкид намудааст:

Олимон аз илми Қуръон бениёз,
Сӯфиён даррандагургу мӯдароз.

Ҳам мусулмонони афрангимаоб,
Чашмаи кавсар биҷуянд аз сароб.
Бехабар аз сирри динанд ин ҳама,
Аҳли кинанд, аҳли кинанд ин ҳама.
Хайру хубӣ бар хавос омад ҳаром,
Дидаам сидку сафоро дар авом.[117]

Шоир сӯфиёну муллоёни хушк ва дур аз сафоро, ки барои ба амал баровардани мақсаду муддаояшон мардумфиребона оёти Қуръонро ҳам нодуруст таъбиру таъвил менамуданд, маломат карда гуфтааст:

Зи ман, бар сӯфию мулло саломе,
Ки пайғоми худо гуфтанд, моро,
Вале таъвилашон дар ҳайрат андохт,
Худою Ҷабраилу Мустафоро.[118]

Иқбол дар як қатор шеърҳои дигари худ низ ҷаҳолатпарастӣ, риёкорӣ ва дурӯягии рӯҳониёнро ба зери тозиёнаи танқид мегирад. Ӯ рӯҳониёнро ҳамчун тоифаи ҷоҳил ба қатори аҳли фазлу дониш дохил намекунад, бо онҳо ҳамроҳӣ ва ҳамкорӣ карданро ба худ муносиб намебинад ва инро ба мардумони дигар ҳам маслиҳат намедиҳад:

На ин ҷо чашмаки соқӣ, на ин ҷо ҳарфи муштоқӣ,
Зи базми сӯфию мулло басе ғамнок меоям.[119]

Дили мулло гирифтори ғаме нест,
Нигоҳе ҳаст дар чашмаш, наме нест.
Аз он бигрехтам аз мактаби ӯ,
Ки дар реги Ҳиҷозаш замзаме нест.[120]

Зи таъвилоти муллоён накӯтар,
Нишастан бо худогоҳе даме чанд.[121]

Иқбол бо шоирони мутасаввифи гузашта, ки дар асарҳояшон аз лаззатҳои дунёи ҳастӣ гузар карданро талқин менамуданд, муқобил аст.

Дар як қатор шеърҳои дигари шоир ҳам ақидаҳои фошкунандаи баъзе қонунҳои дину хурофот ва найрангҳои рӯҳониёни мутаассиб дучор мешаванд, ки онҳо аҳамияти худро ҳанӯз гум накардаанд. Ҳаминро низ бояд гуфт, ки Иқбол бедин набуд ва мусулмониро инкор ҳам намекард. Вале ӯ мусулмонӣ ва диндориро ҳамчун ахлоқи некӯ ва яке аз сифатҳои хуби маънавӣ эътироф мекард. Диндорӣ ва мусулмонӣ мувофиқи фаҳмиши Иқбол маҷмӯи ҳамагуна фазилатҳои эътирофи умумгардидаи одамон мебошад. Шоир фа-

қат бар зидди доираҳои ҳукмрон ва уламои иртиҷой, ки диниро ба олоти истисмори халқ ва воситаи ҷамъоварии сарват табдил дода буданд, мубориза мебарад. Ин яке аз зуҳуроти муборизаи ӯ ба муқобили идеологияи феодалӣ — буржуазӣ, мубориза бар зидди надстройкаи ҷамъияти истисморгарист.

**Ақидаҳои ахлоқӣ ва фалсафӣ.** Иқбол аз ибтидои фаъолияти адабиаш мехост, ки пеш аз ҳама дар тарзи тафаккури халқҳои мустамликавии Шарқ, хусусан, мусулмонони ба чанголи хунини истилогарони Ғарбу феодалҳои маҳаллӣ гирифтор гардида, ки дар натиҷаи ба таълимоти динӣ-идеалистии ислом фирефта шуданашон барои ба даст овардани озодӣ саъю кӯшиш намекарданд ва ба тақдир тан дода бахту саодатро дар гӯшагирию қаноат דониста, аз тамоми лаззатҳои дунёи ҳастӣ чашм пӯшида буданд, таҳаввуле ба вуҷуд оварад. Ӯ саъй мекард, ки онҳоро ба мубориза барангезад. Тамоми осори манзуми форсии Иқбол асосан ба ҳамин масъала бахшида шудааст.

Шоири озодихоҳу инсонпарвар ҳамеша талқин менамуд, ки халқҳои мамлакатҳои мустамликавии Шарқ бо ҳам муттаҳид гардида, дар зери ливои як фикру маром занҷирҳои гарони пояшонро пора карда, ба қофилаи тамаддуни ҷаҳон пайванданд. Вай саъю кӯшиш мекард, ки ба халқҳои маъюсу ноумеди Шарқ ҷуръат, ҷасорат ва мардонагӣ бахшад ва ба онҳо фаҳмонад, ки зиндагӣ аз кӯшиши доимӣ ва талошу мубориза иборат мебошад.

Назар ба ақидаи Иқбол маҳз бо парваришу тарбия намудани «худӣ» руҳияи бад, яъне маъюсӣ, коҳилӣ ва нотавонбинии мардуми Шарқро барҳам додан мумкин аст.

Бояд қайд намуд, ки калимаи «худӣ» дар луғатҳои қадиму нав ба маънии такаббур, ғурур, худрой ва худситой шарҳ дода мешавад, ниҷунки истеъмоли он калима мафҳуми хубе намедиҳад ва дар давоми асрҳо ин калима ба ҳамин маънӣ кор фармуда мешуд. Аммо Иқбол «худӣ»-ро ба маънии дигаре истеъмол кардааст ва ба фикри ӯ мавқеи кор фармудани ин калима низ ҷудогона аст. Ба фикри ӯ «худӣ» аз як силсила ҷараёнҳои нерӯи ҳаёт иборат мебошад, ки доимо дар фаъолияту ҳаракат буда, сукун надорад ва оромии ӯ маргу фанои ӯст. Вай дар маснавии «Асрори худӣ» таъкид мекунад, ки боиси ниҳоятдараҷа хору зор гардидани мардуми кишварҳои Шарқ аз қудрати ҷавҳари инсоният —«худӣ»-и худ бехабар шудани онҳо мебошад. Бинобар он ӯ чунин таълимотро талқин менамояд, ки инсон

кобили тарбият аст ва бояд шахсияти фардӣ ва зотии худро тарбияву парвариш кунад; он қудрати азимеро, ки дар вуҷудаш дорад, зоеъ ва ботил нагардонад, бо мушкилиҳои рӯзгор мубориза барад, зеро зиндагии инсонӣ аз набарду ситез ва сахткушӣ иборат аст. Ба фикри Иқбол шахсе, ки дар дунъё зиндагӣ кардан мехоҳад, набояд аз хатару мушкилиҳои рӯзгор биму ҳарос дошта бошад. Инсон мегӯяд,— ӯ дар давроии зиндагии худ ба бисьёр сахтиҳову бадбахтиҳо дучор мегардад, ки вай бояд ба онҳо тоб оварда тавонад.

Шоир ин ақидаи худро дар шеъри «Агар хоҳӣ ҳаёт, андар хатар зӣ» бо шакли рамзии гуфтугӯи ғизолон чунин ифода кардааст:

Ғизоле бо ғизоле дарди дил гуфт:
«Аз ин пас дар ҳарам гирам куноме.
Ба саҳро сайдбандон дар каминанд,
Ба коми оҳувон субҳе, на шоме.
Амон аз фитнаи сайёд хоҳам,
Дил аз андешаҳо озод хоҳам».
Рафиқаш гуфт: «Эй ёри хирадманд,
Агар хоҳӣ ҳаёт, андар хатар зӣ.
Дамодам хештанро бар фасан зан,
Зи теғи покгавҳар тезтар зӣ.
Хатар тобу тавонро имтиҳон аст,
Иёри мумкиноти ҷисму ҷон аст».[122]

Иқбол сукуну оромишро марг ва зиндагиро кӯшишу талош дониста мегӯяд:

Эй бародар, ман туро аз зиндагӣ додам хабар,
Хобро марги сабук дон, маргро хоби гарон.[123]

Шоир ақидаҳои муҳими тарбиявию ахлоқии худро гоҳ ба сурати тамсилу ҳикоят ва гоҳ аз забони ашхоси машҳури таърихӣ баён мекунад. Инсон бар ҳасби ақидаи ӯ ҳамчун мавҷҳои баҳру дарьё мебошад, ки агар ҳаракат дорад, вуҷуд дорад ва агар надорад, маълум аст. Масалан, ӯ дар тамсили мавҷу дарьё ба лаҳнҳову таъбироти мухталиф кӯшиш кардааст, ки мардумро ба ҳаракату бедорӣ водор намояд:

Чу мавҷ мasти худӣ бошу сар ба тӯфон каш,
Туро ки гуфт, ки биншину по ба домон каш.[124]

Зиндагонӣ аз хироми пайҳам аст,
Баргу сози ҳастии мавҷ аз рам аст.[125]

Ба дарьё ғалту бо мавҷаш даровез,
Ҳаёти ҷовидон андар ситез аст.[126]

Шоир ин матлабро дар шахси худ бо байти зайл сурат бахшидааст:

Дар ин дарьё чу мавчи беқарорам,
Агар бар худ напечам, нестам ман.[127]

Дар «Паёми Машриқ» боз бори дигар таъкид кардааст:

Сохили афтода гуфт: «Гарчи басе зистам,
Ҳеҷ на маълум шуд оҳ, ки ман чистам?»
Мавчи зи худ рафтае тез хиромиду гуфт:
«Ҳастам, агар меравам, гар наравам, нестам».[128]

Иқбол одамонеро, ки бо мушкилиҳои ҳаёт мубориза набурда, худро дар назди сахтиҳои рӯзгор очизу нотавон мешуморанд, накӯҳиш менамояд. Ӯ яке аз сабабҳои ба бадбахтӣ гирифтор гардидани инсонро вобаста ба пайдо шудани ақидаҳои ноумедии вай медонад. Бинобар он вай зарарҳои ноумедиро нишон дода, одамонро водор мекунад, ки ба доми ин хислати бад, ки ҳама гуна қудрату тавоноии инсонро барҳам медиҳад, гирифтор нашаванд.

Ноумедӣ ҳамчу гӯр афшорадат.
Гарчи Алвандӣ, зи по меорадат.
Нотавонӣ бандаи эҳсони ӯ,
Номуродӣ бастаи домони ӯ.
Зиндагиро яъс хобовар бувад,
Ин далели сустии унсар бувад
Чашми чонро сурмааш аъмо кунад,
Рӯзи равшанро шаби ялдо кунад
Аз дамаш мирад кувои зиндагӣ,
Хушк гардад чашмаҳои зиндагӣ.
Хуфта бо ғам дар таҳи як чодар аст,
Ғам раги чонро мисоли ништар аст.[129]

Шоир таъкид мекунад, ки биму харос ва ҳиммати паст низ инсонро ба хоки мазаллат мешинонад, ӯро дар назди душман очизу мағлуб месозад, барои ба мақсадҳои олӣ расидани вай мамониат мерасонад. Аз ин чост, ки ӯ тарсу харосро душмани сарбаландию саодатмандии инсон шуморида, мардумро ба тарки ин хислати зараровар даъват менамояд.

Душманат тарсон агар бинад туро,
Аз хиёбонат чу гул чинад туро.
Зарби теги ӯ кавитар мешавад
Ҳам нигоҳаш мисли ханчар мешавад.
Бим чун банд аст андар пои мо,
Варна сад сел аст дар дарьёи мо.

Бим ҷосусест аз иқлими марг,
Андаруниш тира мисли мими марг...
Ҳар шари пинҳон, ки андар қалби туст,
Асли ӯ бим аст, агар бинӣ дуруст.
Лобаю маккорию кину дурӯғ,
Ин ҳама аз хавф мегирад фурӯғ.[130]

Иқбол биму ҳарос, узлату қаноат ва таваккул барин хислатҳоро сахт танқид намуда, ба халқҳои дар гузашта сарбаланди Шарқ муроҷиат карда мегӯяд, ки онҳо маҳз дар натиҷаи ба хислатҳои зишти зикршуда мубтало шудан ба ҳақирию нодорӣ расидаанд.

Он ки кушти шерро чун гӯсфанд,
Гашт аз помоли мӯре дардманд.
Он ки азмаш кӯҳро коҳе шумурд,
Бо таваккул дасту пои худ супурд
Он ки зарбаш гардани аъдо шикаст,
Қалби хеш аз зарбҳои сина хаст.
Он ки гомаш нақши сад ҳангома баст,
Пой андар гӯшаи узлат шикаст.
Он ки фармонаш ҷаҳонро ногузир,
Бар дараш Искандару Доро фақир.
Кушиши ӯ бо қаноат соз кард,
То ба кашкӯли гадоӣ ноз кард.[131]

Далерию бебокӣ яке аз категорияҳои ахлоқ аст, ки Иқбол дар роҳи аз душман наҷот ёфтан ва мутеи дигарон нашудан ногузир донистааст:

Дили бебокро заргом ранг аст,
Дили тарсандаро оҳу паланг аст.
Агар биме надорӣ, баҳр саҳрост,
Агар тарсӣ, ба ҳар мавҷаш наҳанг аст.[132]

Инсон ҳамон вақт бар душман ва дигар қувваҳои бадӣ ғалаба карда ва хушбахтона зиндагӣ ба сар бурда метавонад, ки ҳамеша ба муқобили онҳо муборизаи оштинопазир бурда тавонад:

Бандае, к-аз хештан дорад хабар,
Офаринад манфаатро аз зарар.
Базм бо дев аст одамро вабол.
Разм бо дев аст одамро ҷамол.
Хешро бар Аҳриман бояд задан,
Ту ҳама тег, он ҳама санги фасан.
Тезтар шав, то фитад зарби ту сахт
Варна бошӣ дар ду гетӣ тирабахт.[133]

Иқбол дар «Панди боз ба бачаи хеш» ном шеъри худ низ тарғибу ташвиқ мекунад, ки инсон бояд дар зиндагӣ далер, сахтгир ва бо таҳаммул бошад:

Накӯшеваю пухтатадбир бош,
Ҷасуру ғаюру калонгир бош.
Нигаҳ дор худрову хурсанд зӣ,
Далеру дурушту тануманд зӣ,
Тани нарму нозук ба тайҳу гузор,
Раги сахт чун шохи оҳу биёр.[134]

Шоир ҳамин матлабро дар байти зер чунин ифода кардааст:

Ба худ ҳазидаву маҳкам чу кӯҳсорон зӣ,
Чу хас мазӣ, ки ҳаво тезу шуъла бебок аст.[135]

Дар шеъри дигараш ҳам ба мардум панд медиҳад, ки худро аз ҳар бобат обу тоб диҳанд ва дорои дили дардошно бошанд:

Тане пайдо кун аз мушти ғуборе,
Тане маҳкамтар аз санги ҳисоре
Даруни ӯ дили дардошное,
Чу ҷӯе дар даруни кӯҳсоре.[136]

Инсон ба ақидаи ӯ набояд мисли гул нозук, балки ҳамчун хори биёбон қавӣ бошад, зеро ки қувваи ҷисмонӣ сабаби бақои мавҷудот аст. Ин ақида дар китъаи зайл ба тарзи тамсил чунин ифода ёфтааст.

Саҳар мегуфт булбул боғбонро,
Дар ин гил ҷуз ниҳоли ғам нагирад,
Ба пирӣ мерасад хори биёбон,
Вале гул чун ҷавон гардад, бимирад.[137]

Назар ба ақидаи Иқбол инсони комил бояд сахткӯш ва мубориз бошад. Зеро ороми ҳаётии ӯ дар ҷидду ҷаҳд аст. Ӯ аз гӯшагирӣ ва узлатнишинӣ худдорӣ мекунад, дар арсаи ҳаёт шефтаи кӯшишу кор мебошад ва бо вазъияти номусоид муросову созиш намекунад. Вай худро дар вартаи мушкилоту сахтиҳо андохта, неруяшро озмоиш менамояд. Сукуну оромиш ва хобу мастӣ барои ӯ ҳукми марг дорад. Чунки мафҳум ва моҳияти зиндагии ӯ танҳо дар амалу кор ва кӯшиш ниҳон мебошад.

Иқбол халқҳои Шарқро ба кӯшишу фаъолият, обутоб ёфтан, бо мушкилиҳои замон мубориза бурдан, ба мотаму

фарьёду синакубиҳои панҳам машғул нашуда, халлоқи ҷаҳони нав гардидан даъват менамояд.

Санг шав, эй ҳамчу гул нозукбадан,
То шави бунёди девори чаман.
Аз гили худ одаме таъмир кун,
Одамиро оламе таъмир кун.
Нолаю фарьёду мотам то кучо?
Синакубиҳо панҳам то кучо?
Дар амал пушида мазмуни ҳаёт,
Лаззати таҳлиқ қонуни ҳаёт.
Хезу халлоқи ҷаҳони тоза шав,
Шуъла дар бар куи халиловоза[138] шав.[139]

Мувофиқи фикри шоир мафҳуми аслии зиндагӣ кудрату неру мебошад ва касе, ки аз онҳо бе насиб аст, ҳақиқатан аз зиндагӣ маҳрум аст. Зеро дар ҷаҳон ҳар чиз қисмати худро аз неру ва мубориза ба даст меоварад. Бинобар он ҳар касе ҳамон андоза аз зиндагӣ баҳраманд мебошад, ки неру дорад; нотавонӣ ва заъф роҳзани қофилаи ҳаёт аст. Аз ин ҷиҳат аз нотавонию заъифӣ дар ҳазар будан шарт аст:
Иқбол мегӯяд, ки агар санг низ худро заифу ночиз шуморад, ҳамчун шиша нозук гардида, одати шикастан пайдо мекунад. Ӯ ҳиммати баланд, қавиродагӣ ва маҳкаму устувориро шарти вуҷуди инсон медонад:

Санг чун бар худ гумони шиша кард,
Шиша гардиду шикастан пеша кард.
Нотавон худро агар раҳрав шумурд,
Нақди ҷони хеш бо раҳзан супурд.
Санги раҳ об аст, агар ҳиммат қавист,
Селро пасту баланди ҷода чист.
Санги раҳ гардад фасони теги азм,
Қатъи манзил имтиҳони теги азм.
Мисли ҳайвон хӯрдан, осудан чӣ суд,
Гар ба худ маҳкам най, будан чӣ суд?!
Хешро чун аз худӣ маҳкам кунӣ,
Ту агар хоҳӣ ҷаҳон барҳам кунӣ.[140]

Ӯ дар шеъри дигар низ фикри болоро бори дигар ба қалам оварда, ташвиқ ва таъкид мекунад, ки инсон бояд дар ҷараёни зиндагӣ ҳамчун алмос пухта, сахт, бурранда ва тобандаю дурахшанда гардад:

Фориғ аз хавфу ғаму васвос бош,
Пухта мисли санг шав, алмос бош.
Мешавад аз вай ду олам мустанир,
Ҳар кӣ бошад сахткӯшу сахтгир.

Дар салобат обрўи зиндагист,
Нотавонй — чокаси, нопухтагист.[141]

Дар ҳамин мавзўъ Иқбол ҳикояти тамсилии алмос ва зуғолро нақл мекунад. Вай аз забони зуғол ба алмос хитоб намуда мегўяд, ки аз лиҳози асл мо ҳар ду як мебошем, аммо сабаб чист, ки ту:

Гоҳ нури дидаи қайсар шавй,
Гоҳ зеби дастаи ханҷар шавй.[142]

Дар ҷавоби ин саволи зуғол:

Гуфт алмос: «Эй рафиқи нуктабин!
Тираҳок аз пухтагй гардад нигин.
То ба пиромуни худ дар ҷанг шуд,
Пухта аз пайкор мисли санг шуд.
Пайкарам аз пухтагй зуннур шуд,
Синаам аз ҷилваҳо маъмур шуд».[143]

Шоир ақидаи раҳбониятро, ки нерўю қудрати инсонро аз байн мебарад, ба зери танқиди сахт мегирад ва мегўяд, ки қаноату тараҳҳум, шикастанафасию фурўтанй ва маҷбурй ҳама дар натиҷаи қудрату тавоногии худро дарк карда натавонистани башар ба вуҷуд меояд. Аз рўи ақидаи ў халқҳои ғолибу забардаст ба ин гуна масъалаҳои манфй на ин, ки эътибор намедиҳанд, балки тавоноиро боиси сарбаландии худ дониста, дар дунё бо саркашию ғурур зиндагй ба сар мебаранд. Маҳсули кишти ҳаёт нерў ва қудрат аст ва ҳар он кас, ки соҳиби нерў мебошад, бидуни ҳуҷҷату далел зиндагии обрўмандонае мегузаронад, чунки беҳтарин ва пурарзиштарин далелу ҳуҷҷати ў қудрати қуввват ва ғалаба мебошад:

Нотавонй зиндагиро раҳзан аст,
Батнаш аз хавфу дурўғ обистан аст.
Шакли ў аҳли назар нашнохтанд,
Пардаҳо бар рўи ў андохтанд.
Гоҳ ўро раҳму нармй пардадор,
Гоҳ мепўшад ридои инкисор.
Бо тавоной саодат тавъам аст,
Гар худ огоҳй, ҳамин ҷоми Ҷам аст.
Зиндагй кишт аст, ҳосил қувват аст.
Шарҳи рамзи ҳаққу ботил қувват аст
Муддао гар моядор аз қувват аст,
Даъвии ў бениёз аз ҳуҷҷат аст.[144]

Инсон бояд худро дорои бузургтарин қувва тасаввур кунад ва аз ҳеҷ чиз тарсу биме надошта бошад.

Иқбол мартабаи инсонро боло бардошта истода, вуҷуди ӯро дар назди тамоми махлуқоти олам дорои нерӯи мутлақ қаламдод намудааст. Чунончи:

Аз худ андешу аз ин бодия тарсон магузар,
Ки ту ҳастию вуҷуди ду ҷаҳон чизе нест.[145]

Шоир таълим медиҳад, ки инсон бояд озоду мустақил бошад ва арзишу мартабаи худро донад. Вай ин ақидаи худро чи навъе ки дар боло қайд намудем, бо калимаи «худӣ» таъбир мекунад.

Бояд гуфт, ки ин таълимоти ӯ аз аҳамияти калони тарбиявӣ холӣ нест. Зеро бе истиқлоли фардӣ истиқлолияти миллӣ имконнопазир аст ва ҳар як кишвар он вақт бақулдӣ мустақил шуда метавонад, ки вай аз афроди мустақил ташкил шуда бошад. Афроде, ки аз сифлагию чоплусӣ ва бандагӣ бипарҳезанд ва ба таъбири Иқбол каркасе набошанд, ки аз мурдаву бозмондаи дигарон рӯз гузаронанд, мисли шоҳин бошанд ва донанд, ки шоҳинзодаанд ва шоҳин набояд аз афлок гурезад ва хору забун дар кунче монад. Вай бояд дар фазои нилгун шаҳпар кушояд. Инчунин фарди мустақил ба монанди мурғе, ки дар бӯстон мувофиқи табъи худ ошьён мегузорад, метавонад хонаашро тавре, ки мехоҳад, созад ва онро обод гардонад.

Аз мақоми хеш дур афтодаӣ,
Каркасӣ гум кун, ки шоҳинзодаӣ.
Мурғак андар шохсори бӯстон,
Бар муроди хеш бандад ошьён.
Ту, ки дорӣ фикрати гардунмасир,
Хешро аз мурғаке камтар магир.
Дигар ин нуҳ осмон таъмир кун,
Бар муроди худ ҷаҳон таъмир кун.[146]

Иқбол ин суханони пандомезу ҳикматангезро дар шаклҳои мухталифи шеърӣ дар гӯши халқҳои Шарқ мехонад. Ба онҳо панд медиҳад, ки ба парвоз оянду шоҳинӣ биёмӯзанд, ки талош дар хок дар паи хошок беҳудааст.[147] Миллатро теғи дурахшандае мебинад, ки бояд ҷавҳари худро нишон диҳад ва аз наём берун ояд.[148] Ӯ аз забони боз ба бачааш мегӯяд: «Далеру дурушту тануманд зӣ». «Аз рӯи замин дона чидан хатост, ки паҳнои гардун мулки худоди мост».[149]

Зиндагӣ дар назари шоир саросар ҷаҳду талош ва ба қавли худи ӯ ҳама «тапиш» аст,[150] ва ё ба манзилаи парвозест дар уфуқи орзуҳо, бинобар он дар ошьён нишастан ба фитрати ҳаёт созгор нест.[151]

Синас дорӣ агар дархӯрди тир,
Дар ҷаҳон шоҳин бизӣ, шоҳин бимир.[152]

Даршикан онро, ки н-ояд созгор,
Аз замири худ дигар олам биёр,
Марди ҳақ бурранда чун шамшер бош,
Худ ҷаҳони хешро тақдир бош.[153]

Ба қавли Иқбол инсон дар натиҷаи саъю кӯшиш ба муқобили ҳама гуна мамониатҳои рӯҳию ҷисмонӣ мубориза бурда метавонад, ва метавонад «аз гили худ қаъбаҳо таъмир кунад» ва қодир аст зиндагонии бедавомро ба ҳаёти ҷовидон мубаддал гардонад.

Ӯ, ки ба қувваи бузурги оммаи халқ боварии калон дошт, тасдиқ мекунад, ки агар шахс ирода намояд, мувофиқи майлу хоҳиши худ шароит муҳайё карда метавонад. Агар Ҳофиз аз ҷамъияти бароии зиндагӣ номувофиқи замони худ норозӣ шуда

Чарх бархам занам ар ҷуз ба муродам гардад,
Ман на онам, ки забунӣ кашам аз чархи фалак[154]

гуфта бошад, Иқбол таъкид мекунад, ки:

Марди худдоре, ки бошад пухтакор,
Бо мизоҷи ӯ бисозад рӯзгор.
Гар насозад бо мизоҷи ӯ ҷаҳон,
Мешавад ҷангозмо бо осмон.
Гардиши айёмро бархам занад,
Чархи нилуфомро бархам занад.
Мекунад аз қуввати худ ошкор,
Рӯзгори нав, ки бошад созгор.[155]

Шоир дар муборизаи ҳаёт, яъне озодию истиқлолият қурбон шуданро аз таслим гардидан ҳазор бор авлотар мешуморад ва он маргро шарафу мардонагӣ меҳисобад. Ӯ одамонеро, ки аз мубориза баҳри беҳбуди ҳаёт даст мекашанд, накӯҳиш менамояд:

Дар ҷаҳон натвон агар мардона зист,
Ҳамчу мардон ҷон супурдан зиндагист.
Озмояд соҳиби қалби салим,
Зӯри худро аз муҳимоти азим.
Ишқ бо душвор варзидан хуш аст,
Чун Халил аз шӯъла гул чидан хуш аст.
Мумкиноти қуввати мардони кор,
Гардад аз мушкилписандӣ ошкор.
Зиндагонӣ қуввати пайдостӣ,
Асли ӯ аз завқи истиллостӣ.[156]

Иқбол ба фикри онҳое, ки ихтиёру иродаи инсониро ба худи онҳо бетааллуқ мешуморанд, муқобил буда, онҳоро «ҳарфбофон» меномад. Шоир вуҷудро дар такопӯи доимӣ донистааст ва ин ақидаи ӯ дар чандин қисматҳои маҳсули фикрии вай таъкид карда шудааст. Абёти зайл низ тасдиқи ин матлаб мебошад:

Саропо маънии сарбастаам ман,
Нигоҳи ҳарфбофон барнатобам.
На мухторам тавон гуфтан, на маҷбур,
Ки хоки зиндаам, дар инқилобам.[157]

Ӯ мегӯяд, ки инсон набояд тақдири худро тағйирнаёбанда пиндошта, ба ҳамон ҳолати доштааш қаноат кунад, балки барои боз ҳам ба дараҷаи олитар расидан, ба муваффақиятҳову беҳбудиҳои ҳаётӣ ноил гардидан, ҷидду ҷаҳд намояд:

Ба пои худ мазан занҷири тақдир,
Таҳи ин гунбази гардон раҳе ҳаст.
Агар бовар надорӣ, хезу дарёб,
Ки чун по во кунӣ, ҷавлонгаҳе ҳаст.[158]

Дар назари Иқбол худо ҳеҷ миллатеро тираруз ва ё бадбахт наофаридааст. Афроди ҳар миллат сарнавишти худро ба даст гирифта комронию хушбахтиашонро таъмин карда метавонанд. Оромӣ ва осудагиро, ки шоир бо ифодаи «сарварӣ» таъкид кардааст, насиби он миллате донистааст, ки худ худованди тақдири худ ва тағйирдиҳандаи вазъи зиндагии хеш бошад. Бо иборати дигар гӯем, шоир тақдири инсон, хушбахтию бадбахтии онро вобаста ба худи ӯ медонад:

Худо он миллатеро сарварӣ дод,
Ки тақдираш ба дасти хеш бинвишт.
Ба он миллат сару коре надорад,
Ки деҳқонаш барои дигарон кишт.[159]

Чунон ки болотар қайд карда шуд, Иқбол аз оғози фаъолияти адабиаш мехост, ки пеш аз ҳама дар тарзи тафаккури халқҳои Шарқ таҳаввуле ба вуҷуд оварад ва онҳоро ба мубориза барои ба даст овардани озодиву истиқлолияти миллӣ барангезад. Аз ин ҷост, ки шоир тамоми умр онхонеро, ки ба хӯи ғуломӣ одат карда буданд, сарзаниш мекунад. Чунончи, дар маснавии «Бандагинома» дар бораи зарарҳои ғуломӣ мегӯяд:

Аз ғуломӣ дил бимирад дар бадан,
Аз ғуломӣ рӯҳ гардад бори тан.
Аз ғуломӣ заъфи пирӣ дар шабоб,
Аз ғуломӣ шери ғоб афканда ноб.
Аз ғуломӣ базми миллат фард-фард,
Ину он бо ину он андар набард...
Аз ғуломӣ марди ҳақ зуннорбанд,
Аз ғуломӣ гавҳараш ноарҷманд
Шохи ӯ бе меҳргон урьён зи барг,
Нест андар ҷони ӯ ҷуз бими марг.
Кӯрзавқу нешро донista нӯш,
Мурдаи бемаргу наъши худ ба дӯш.
Обрӯи зиндагӣ дарбохта,
Чун харон бо коҳу ҷав дарсохта...
Рӯзҳо дар мотами якдигаранд,
Дар ҳипом аз реги соат камтаранд.[160]

Иқбол одамони бесаъю кӯшиш, мутеъ ва ба ҳаёти ғуломӣ тан додаро бадтар аз сагон мешуморад:

Одам аз бебасарӣ бандагии одам кард,
Гавҳаре дошт, вале назри Қубоду Ҷам кард.
Яъне аз хӯи ғуломӣ зи сагон хортар аст,
Ман надидам, ки саге пеши саге сар хам кард.[161]

Зоҳиран, Иқбол дар зери таъсири ақидаи классикҳои марксизм-ленинизм ба фикре омадааст, ки бояд занҷири ғуломиро пора кард.

В. И. Ленин низ ғуломиро танқид карда буд. Вай бедории ғуломонро як прогресси ҷамъиятӣ шуморида мегуфт: ғуломе ки вазъи ғуломонаашро фаҳмида, дар роҳи барҳамзании он даромад, инқилобист.

Ба ақидаи шоир дунё размгоҳе мебошад, ки дар он хайру шар муборизаи оштинопазирона мебарад. Ӯ дар ҳамон размгоҳ мубориза бурданро зиндагии ҷовид ва шоёни таҳсин медонад:

Сикандар бо Хазар хуш нуктае гуфт:
«Шарики сӯзу сози баҳру бар шав,
Ту ин ҷанг аз канори арса бинӣ,
Бимир андар набарду зиндатар шав».[162]

Ба ақидаи Иқбол ҳар кас бояд дорои идеяи иҷтимоие бошад. Вай таъкид мекунад, ки дар коинот ҳар як мавҷудот мақсади муайяне дорад ва агар ӯ барои ба мақсади худ расидан саъю кӯшиш нанамояд, ҳастии он дар зери хатар мемонад. Аз ин ҷост, ки ӯ ҳар лаҳза масъалаи барои ба амал баровардан ва такмил додани мақсадҳои худ орзу кардан

ва аз манфиатҳои он огаҳӣ ёфта, он орзуро дар дил парвар-данро тарғибу ташвиқ менамояд:

Зиндагониро бақо аз муддаост,
Корвонашро даро аз муддаост
Зиндагӣ дар ҷустуҷӯ пӯшидааст,
Асли ӯ дар орзу пӯшидааст.
Орзуро дар дили худ зинда дор,
То нагардад мушти хоки ту мазор.
Орзу ҷони ҷаҳони рангу бӯст,
Фитрати ҳар шай амини орзуст...
Орзу сайди мақосидро каманд,
Дафтари афъолро шерозабанд.[103]

Шоир ниҷунин тавлиди мақсадҳо ва ҳадафҳои поённопа-зирро аз шартҳои муҳими пешрафти инсон меҳисобад. Тав-лиди ҳамаи мақсад ва орзуҳост, ки қувваҳои хобидаи ин-сонро бедор намуда, ба ҷунбишу ҳаракат меорад. Агар мар-дум дар зери ливои як мақсад бошад, ба қувваи бузурги мағлубнашаванда табдил ёфта, ҳама гуна мушкилиҳоро ба осонӣ бартараф карда метавонад. Пас идеали иҷтимоии Иқ-бол дар ҳамин аст, ки мехоҳад халқҳоро муттаҳид созад ва ба муборизаи озодихоҳона бархезонад.

Муддао гардад агар маҳмизи мо,
Ҳамчу сарсар меравад шабдизи мо.
Муддао рози бақои зиндагӣ,
Ҷамъи симоби қувои зиндагӣ.
Чун ҳаёт аз мақсаде маҳрам шавад,
Зобити асбоби ин олам шавад...
Гардиши хуне, ки дар рагҳои мост,
Тез аз саъйи ҳусули муддаост.
Аз тафи ӯ хешро сӯзад ҳаёт,
Оташе чун лола андӯзад ҳаёт.
Муддао мизроби сози ҳиммат аст,
Марказе, к-ӯ ҷозиби ҳар қуввват аст.
Дасту пои қавмро ҷунбонад ӯ,
Як назар сад чашмро гардонад ӯ.[104]

Иқбол ба масъалаи фард ва миллат низ аҳамияти мах-сус дода, қавию нерӯмандии фарду миллатро ба робитаи мустаҳками онҳо алоқаманд мешуморад. Бинобар он ӯ одa-монро даъват менамояд, ки аз ҷамъият худро канор наги-ранд, балки ба он пайваста, иқтидору пешрафташро таъмин кунанд. Шоир бо ин масъалаи ваҳдатро хеле ҷиддӣ ба миён гузоштааст:

То тавонӣ бо ҷамоат ёр бош,
Равнақи ҳангомаи аҳрор бош...

Фарду кавм оинаи якдигаранд,
Силку гавҳар каҳкашону ахтаранд
Фард мегирад зи миллат эҳтиром,
Миллат аз афрод меёбад низом.
Фарди танҳо аз макосид ғофил аст,
Қувваташ ошуфтагиро моил аст.[165]

Иқбол дар шеърҳояш шуарои тамаллуқпеша ва гадотабъро низ мазаммат намудааст.

Дар назари Иқбол шоири ҳақиқӣ касе мебошад, ки ороста ба фазлу ҳунар, дорои ахлоқи нек, дили аз қаноат пур ва аз тамаъ холӣ дошта бошад. Худи Иқбол аз ҳамин қабил сухансароён ба шумор мерафт.

Иқбол кашидани бори миннати касонро разилтарин сифати инсонӣ мешуморид. Ӯ дар тамоми осораш одамонро ба нигаҳ доштани қадру мартабаи инсонӣ, шарофати инсонӣ даъват менамуд. Аз ашхосе ки баҳри тамаъ ба дари ину он медавиданд, сахт нафрат дошт. Ӯ бо меҳнати худ таъмин кардани ризқу рӯзии худро баландтарин шарафи инсонӣ меҳисобид ва мардумро даъват мекард, ки назди аҳли ҷоҳу мансаб аз тангдастию нодоришон шикоят накунанд ва озоду сарбаландона зиндагӣ кунанд:

Пеши мунъим шикваи гардун макун,
Дасти хеш аз остин берун макун.
Миннат аз аҳли карам бурдан чаро?
Ништари лоу наам хӯрдан чаро?
Ризқи худро аз кафи дунон магир,
Юсуфастӣ хешро арзон магир.
Гарчи бошӣ мӯру ҳам бе болу пар,
Ҳоҷате пеши Сулаймоне мабар.
Роҳ душвор аст сомон кам бигир,
Дар ҷаҳон озод зӣ, озор мир.
То тавонӣ кимиё шав гил машав,
Дар ҷаҳон мунъим шаву соил машав.
Эй шиносои мақоми Бӯ Алӣ[166]
Ҷуръае орам зи ҷоми Бӯ Алӣ.
«Пушти по зан тахти Кайковусро,
Сар бидеҳ, аз каф мадеҳ номусро».[167]
Бенёзӣ нозҳо дорад басе,
Нози ӯ андозҳо дорад басе.[168]

Бояд гуфт, ки ин масъала дар эҷодиёти Иқбол аз масъалаҳои тоза нест, то ӯ дар ин боб як силсила адибони тоҷику форс фикру мулоҳизаҳои хешро баён карда гузаштаанд. Вале дар аҳди зиндагии худ мувофиқи тақозои вазъи ҳаёт дубора ба миён гузошта шудани ин мавзӯъ беаҳамият намебошад.

Назар ба ақидаи Иқбол инсон дар давраи зиндагонии худ бо меҳнату машаққати зиёд матоъе ба даст меоварад, ки он мояи ҳаёти ӯ мегардад. Дуздҳое, ки дар камин менишинанд, мехоҳанд, ки фурсате пайдо намуда, он матоъи гаронбаҳоро дузданд ва соҳиби онро аз баракоти он маҳрум созанд. Он чӣ гуна дузд аст? Ба қавли шоир он дузд ҳамон одати савол, яъне ҳоҷат хостан аст, ки на фақат қувваи худии соилро заиф мегардонад, балки ба тадриҷ он гавҳари нафисро аз байн мебарад. Бинобар он бояд шахс аз одати савол дар ҳазар бошад. Мушкили шахс ҳеҷ гоҳ бо кӯмаки дигарон ҳал намешавад. Ҳар як шахс бояд, ки қуввати таҳаммулу мудофиа дошта бошад ва худро бо аслиҳае мусаллаҳ созад, ки дар мушкилтарин лаҳзаҳо вуҷудашро ҳифз карда тавонад. Иқбол аз дигарон ҳоҷате хостанро хислати баду манфии инсонӣ дониста, мардумро аз зарарҳои он огоҳ месозад. Ӯ таълим медиҳад, ки одамон ҳангоми ба мушкилиҳои моддӣ гирифтор шудан ҳам, набояд бо ҳоҷате ба дари касе раванд. Онҳо бояд шаъну шарафи инсониро ҳифз доранд ва эҳтиёҷоти дар зиндагӣ доштаашонро худашон таъмин намоянд:

Фитрате к-ӯ бар фалак бандад назар,
Паст мегардад зи эҳсони дигар.
Аз савол ифлос гардад хортар,
Аз гадоӣ кадьягар нодортар.
Мушти хоки хешро аз ҳам мапош,
Мисли маҳ ризқи худ аз паҳлу тарош,
Гарчи бошӣ тангрӯзу тангбахт,
Дар раҳи сели бало афканда рахт.
Ризқи хеш аз неъмати дигар маҷӯ,
Мавҷи об аз чашмаи ховар маҷӯ.
Вой бар миннатпазири хони ғайр,
Гарданаш ҳамгаштаи эҳсони ғайр.
Хешро аз барқи лутфи ғайр сӯхт,
Бо пашизе мояи ғайрат фурӯхт.
Эй хунук он ташна, к-андар офтоб,
Менахоҳад аз Хизир як ҷоми об.
Тарҷабин аз хиҷлати соил нашуд,
Шакли одам монду мушти гил нашуд...
Чун ҳубоб аз ғайрати мардона бош,
Ҳам ба баҳр андар нагун паймона бош![169]

Иқбол нисбат ба одамоне, ки аз ҳисоби меҳнати дигарон зиндагӣ кардан мехоҳанд, бадбин аст. Ӯ ин қабил одамони муфтхӯрро ба парвона, ки бе вуҷуди шамъ ҳаёти лаззатбахш надорад, монанд мекунад ва панд медиҳад, ки ҳар як

шахс чароғи шаби тори худ шуда тавонад, ба умеди дигарон нашуда, ҳар як чизро худаш анҷом диҳад:

Дило нороии парвона то кай?
Нагирӣ шеваи мардона то кай?
Яке худро ба сӯзи хештан сӯз,
Тавофи оташи бегона то кай?[170]

Шоир ҳамин мазмун, яъне бо меҳнат ва саъю кӯшиши шахсии худ зиндагӣ карданро дар абьёти зер чунин ифода кардааст:

Шунидам кирмаки шабтоб мегуфт,
На он мӯрам, ки кас нолад зи нешам
Тавон бе миннати бегонагон сӯхт,
Напиндорӣ, ки ман парвонакешам.
Агар шаб тиратар аз чашми оҳуст,
Худафрӯзам, чароғи роҳи хешам.[171]

Дар ҷаҳон болу пари хеш кушудан омӯз,
Ки паридан натавон бо пару боли дигарон.[172]

Баркаш он нағма, ки сармояи обу гили туст,
Эй зи худ рафта, тиҳӣ шав зи навои дигарон.[173]

Иқбол ба масъалаи забти нафс, яъне ба даст гирифтани зимоми ихтиёр низ диққати калон додааст. Вай мегӯяд, ки агар инсон нафси худро идора карда натавонад, фармонбардори дигарон мегардад. Ҳарчанд ба даст гирифтани зимоми нафс коре басо душвор ва тоқатшикан аст, аммо вай инсонро сарфароз месозад:

Нафси ту мисли шутур худпарвар аст,
Худпарасту худсавору худсар аст.
Мард шав, овар зимоми ӯ ба каф,
То шавӣ гавҳар, агар бошӣ хазаф.
Ҳар кӣ бар худ нест фармонаш равон,
Мешавад фармонпазир аз дигарон.[174]

Дар асарҳои форсии Иқбол оид ба хулқу одоби шоистаи инсонӣ низ хеле фикрҳои нодир гуфта шудаанд. Шоир одоби неку шоистаро ситоиш намуда, хусусан ҷавононро ба аз худ кардани он даъват мекунад, ӯ он гуна шахсонро, ки ба қуллаҳои баланди илму дониш мерасанду аммо аз одобу ахлоқи ҳамидаю писандида маҳруманд, накӯҳиш менамояд.

Адаб пирояи нодону доност,
Хуш он к-ӯ аз адаб худро биёрост.
Надорам он мусулмонзодаро дӯст,
Ки дар дониш фузуду дар адаб кост.[175]

Обрӯи гул зи рангу бӯи ӯст,
Беадаб беранту бӯ беобрӯст,
Навчавонеро чу бинам беадаб,
Рузи ман торик мегардад чу шаб.[176]

Эчодиёти Иқбол пур аз муҳаббату эҳтиром ба ҳамаи халқҳост. Вай хоҳони бахту саодати онҳо, сулҳу дӯстӣ, ягонагӣ ва иттифоқу иттиҳод мебошад. Ӯ бо ҳамдигар дӯстона зиндагӣ кардани одамонро самимона орзу мекард:

Одамӣ аз рабту забти тан ба тан,
Бар тарики дустӣ гоме бизан![177]

Хуштар зи ҳазор порсой,
Гоме ба тарики ошной.[178]

Иқбол тарафдори дӯстии халқу миллатҳои гуногун буд ва ин ақидаи худро дар шеърҳояш таҷассум мегардонид. Ӯ боварии комил дошт, ки агар халқҳо ба ҳамдигар равобити наздики дӯстона пайдо кунанд, ба қувваи бузург табдил ёфта, ҳар масъаларо ҳал карда, ба авҷи камол ва тараққӣ мерасанд:

Мардумо хӯгар ба якдигар шаванд,
Суфта дар як ришта чун гавҳар шаванд.
Дар набарди зиндагӣ ёри ҳаманд,
Мисли ҳамкорон гирифтори ҳаманд
Маҳфили анҷум зи ҷазби бо ҳам аст,
Ҳастии кавкаб зи кавкаб маҳкам аст.[179]

Шоир чунин ақида дорад, ки халқу миллатҳо аз ҳамдигар тафовуте надоранд ва ҳама авлоди одам буда, шохаҳои як чаману парвардаи як навбаҳор мебошанд: Шоир дар ин абьёт ҳамон фикри машҳури Саъдии Шерозиро мувофиқи тақозои муҳити иҷтимоии худ тағьир ва такмил намудааст.

Ҳанӯз аз банди обу гил нарастӣ,
Ту гӯӣ: «...румию афғониям ман».
Ман аввал одами берангу бӯям,
Аз он пас ҳиндию тӯрониям ман.[180]

На афғонему не турку таторем,
Чаманзодему аз як шохсорем.
Тамизи рангу бӯ бар мо ҳаром аст,
Ки мо парвардаи як навбаҳорем.[181]

Ба фикри Иқбол касоне, ки ихтилофоти халқҳоро ба вуҷуд овардаанд, аз бутгару буттарош фарқе надоранд. Ин қабил одамон барои дар пеши пои ин бути ночизу беарзиш

кушта шудани ҳазорҳо нафар мардуми бегуноҳ сабаб мешаванд:

Фикри инсон бутпарастӣ, буттарӣ,
Ҳар замон дар ҷустуҷӯи пайкаре.
Боз тарҳи озаре андохтаст,
Тозатар парвардигоре сохтаст.
Қ-оид аз хуи рехтан андар тараб,
Номи ӯ ранг асту ҳам мулку насаб.
Одамият кушта шуд чун гӯсфанд,
Пеши пои ин бути ноарҷманд.[142]

Чи тавре ки мебинем, Иқбол ҳамчун муаллими ахлоқ дар асарҳояш фикру ақидаҳои тарбиявию ахлоқии муҳимро баён кардааст. Вай ҳамеша манфиат ва шарафи инсонпро бо камоли матонат ҳимоя намуда, ба муқобили рӯҳониёни ҷоҳил, ки мардумро ба сӯи коҳиливу гумроҳӣ даъват мекунанд, муборизаи оштинопазирона мебарад. Ӯ дар зери таъсири ғояҳои замон асарҳои худро бо панду насиҳат ва маслиҳатҳои бисьёре сероб гардонидааст. Вай танбалӣ, мусоҳилакорӣ ва дигар хислатҳои бадро сахт танқид намуда, зебоӣ ва самараҳои меҳнатро мадҳу ситоиш мекунад. Яке аз ҷиҳатҳои асосие, ки Иқбол ба халқ фаҳмондан мехост, ин буд, ки таваккул, тоқат кардан ба ҷабру зулм, интизори марҳамат аз худо, фалсафаи ризову таслим ва умеди инсоф маъное надоранд. Шоир ақида дошт, ки шахсияти башар фақат дар муҳити озод метавонад рушд кунад. Бинобар он кӯшиш менамуд, ки ҳуқуқи озоди башарӣ ба ҳамаи миллатҳо ва тамоми мардуми ҷаҳон бидуни ба назар гирифтани нажод, ақида ё табақа таъмин шавад.

Дар ашъори Иқбол оҳангҳои байналмилалӣ ва инсониятпарварӣ баланд садо медиҳад. Вай халқҳоро ба дӯстӣ ва ҳамдилӣ, кӯмак расондан ба ҳамдигар даъват мекунад. Ин ақидаҳои ӯ ба замони мо ҳамсадо мебошанд ва таъсири шоирро ба ҳаёти иҷтимоӣ ва ҳаракати прогрессивии дуньё нишон медиҳанд.

Иқбол тамоми таҷрибаи ҳаётӣ ва истеъдоди шоирии худро истифода бурда, ҳам бо роҳи панду насиҳати бевосита, ҳам бо роҳи овардани тамсилҳои ибратшаванда мардумро ба далерию шуҷоатнокӣ, ҳаётдӯстӣ, зиндадилӣ, қавипродагӣ, дӯстиву рафоқат ва амсоли ин тарғибу ташвиқ мекунад. Ақидаҳои тарбиявию ахлоқии шоир халқҳои Ҳиндустон ва дигар мамлакатҳои Шарқро рӯҳбаланд гардонида, ӯро ҳамчун бузургтарин сароянда шеърҳои пурҳарорати озодию бахту саодати инсоният машҳур гардонидаанд.

***

Чи навъе ки дар боло қайд намуда гузаштем, Иқбол сабаби ниҳоятдарача хору зор гардидани халқҳои Шарқро аз қудрати чавҳари инсоният — худии худ бехабар шудани онҳо мешуморид. Ӯ медид, ки халқҳои Шарқ, хусусан, мусулмонон дар натичаи ба таълимоти сӯфиёну воизон фирефта гардидан ба танбалию маъюсӣ, нотавонбинию дуньёбезорӣ, узлатнишинӣ ва амсоли ин одат кардаанд. Бинобар он вай чунин таълимотро талқин менамояд, ки халқҳои Шарқ қудрати бузурги дар вучудашон будаpo дарк кунанд, қувваи чиддии фаъолиятро афзоиш диҳанд ва дар назди худу чамъият масъулияташонро ҳис намоянд. Шоир ин назарияи фалсафии худро аввалин маротиба дар маснавии «Асрори худӣ» инъикос менамояд. Ин таълимоти Иқбол минбаъд дар асарҳои дигари ӯ низ талқин карда мешавад. Назар ба ақидаи Иқбол худӣ аз як силсила чараёнҳои нерӯи ҳаётӣ иборат мебошад, ки ҳамеша дар фаъолият буда, сукун надорад ва агар вай аз ҳаракат боз монад, фано мегардад. Агар бо ибораи дигар гӯем, вучуд доим дар ҳаракат ва зиндагонии инсонӣ аз набарду ситез иборат мебошад. Аз ин чост, ки фалсафаи Иқболро фалсафаи худӣ ва сахткӯшӣ мегӯянд. Мувофиқи фикри шоир инсон дар натичаи саъю амалиёти фаъолона ва бар зидди ҳама гуна мамониатҳои рӯҳию чисмонӣ мубоизаи чиддӣ бурдан, метавонад «аз гили худ каъбаҳо таъмир кунад». Иқбол ба воситаи ин таълимоти фалсафии худ барои мардум «аз даруни коргоҳи мумкинот» пардаи асрори зиндагиро кушодан мехост.

Бояд гуфт, ки худии Иқбол ба ақидаи пантеистҳо, яъне тарафдорони ваҳдати вучуд, ки чаҳони осор ва падидаҳоро ғайри ҳақиқӣ ва мавҳум мепиндоранд, муқобил аст. Иқбол бо шахсоне, ки ваҳдати вучудро бовар доранд, эътироз мекунад ва мухолифи онҳост. Аз рӯи ақидаи ӯ ваҳдати вучуд инсонро ба чое мебарад, ки шахс бояд мӯътақид шавад ба ин, ки худо вучудест собиту лоязол ва он чи дар чаҳон хаст, аз вай ба вучуд омадааст. Назар ба ақидаи Саид Ғуломризои Саидӣ равиши тасаввуф, ки бар асоси ваҳдати вучуд пайдо шудааст, мусулмононро ба тарафи нафрат доштан нисбат ба кору фаъолият ва зиндагии саъю амал ва ба лоуболигарӣ даъват менамояд. Афкоре, ки бар ин ақида ва бар асоси ин таълимот ба вучуд омадааст нерӯҳои мардумро тамоман хароб намуда буд. Тарафдорони ин ақида мардумро ташвиқ мекарданд, ки аз мубориза ба муқобили мушкилиҳо

даст кашанд ва дар мардум як навъ эхсосоте ба вуҷуд оварда буданд, ки ё ба умеди дуньёи охират ҳамаи вақташонро дар тафаккуроти лазизе сарф кунанд ва бо лаззатхои илохӣ ё худ фанои мутлақ дилхушу саргарм бошанд. Аз рӯи ин таълимот хаёт фақат ба сурати хоб ҷилвагар мешавад, ки ҳеҷ гуна саъю кӯшише дар зиндагӣ арзиш нахоҳад дошт. Аммо мувофиқи ақидаи Иқбол мо мустақиман метавонем, мушохида кунем, ки худӣ ҳақиқатест мусаллам ва мавҷуд ва он омили иршод аст. Аз рӯи таълимоти шоир инсон ҳарчанд дар муҳите зиндагӣ мекунад, ки пештар барои ӯ омода шудааст, аммо вай қудрати онро дорад, ки хамови муҳитро мувофиқи иродаи худаш ташкил кунад. Бинобар он мушкилиҳо ва монеаҳо фақат ин хосиятро доранд, ки нерӯи басират ва қудрати худиро ташдид кунанд. Ин ҷараён мӯҷиби он мешавад, ки инсонро бедор намояд ва вуҷудашро барангезад, то ба тааммул бипардозад ва чораҷӯӣ кунад ва аз аъмоқи шахсияти озод ва рамузи ниҳонии вуҷудаш бохабар шавад ва озодона рохи ҳалли мақсадро ба даст орад. Худӣ дар марҳалаи аввал бояд бо муҳиташ ба мубориза бархезад ва онро мағлуб кунад. Дар натиҷаи ин ғалаба ба озодӣ мерасад. Дар марҳалаи дуюми худӣ бояд ба воситаи аз шаҳвату ҳавасҳо худдорӣ кардан, дар фишору маҳрумият таҳаммул намудан, мақоми ҷовидониро ба даст орад. Асоси ин фалсафа имони қавии инсон ба ду ваҷҳа, яъне такомул ва тараққӣ аст ва он ду ваҷҳа аз озодии шахсӣ ва ҷовидонии шахсӣ иборат аст. Ин сайри такомулро чӣ гуна бояд ҳосил намуд? Инсон бояд аз тамоми воситаҳое, ки сабаби тақвияти шахсияти вай мешавад, истифода кунад ва аз он чи, ки боиси заъфи шахсияти ӯ мешавад, эҳтироз намояд. Ба ақидаи Иқбол инҳо боиси тақвияти худӣ мебошанд: 1) **Ишқ.** Чун худӣ,— мегӯяд Иқбол,— ба ишқу муҳаббат истеҳком мепазирад, қувваи ӯ тамоми оламро ба дасти худ мегирад ва ҳеҷ чиз наметавонад аз фармони вай саркашӣ намояд. 2) **Фақр.** Мақсади Иқбол аз баёни ин калима беэътиноӣ ва эҳтироз аз подошҳои ин ҷаҳон аст. Дар мантиқи шоир маънии ин истилоҳ иборат аз беалоқагии комили шахс ба имтиёзоту бартариҳо ва дороиҳои дигарон мебошад. Ё худ Иқбол фақрро ба ҷои истиғно ба кор мебарад. 3) **Ғайрат.** Бе доштани ғайрати чи ҷисмонӣ ва чи ахлоқӣ дар ҳақиқат ба амал овардани ягон иқдоми нек номумкин аст. Ғайрат иборат аз муқобилият нишон додан ба хатарҳои ҷисмонӣ нест, балки дар он аст, ки инсон дар ҳангоми ба мусибатҳо гирифтор гардидан имони худро дар ҳифзи арзишҳои маъна-

вй аз даст надиҳад. 4) **Таҳаммул ва бурдборӣ.** 5) **Касби ҳалол.** 6) **Халлоқият ва фаъолияти асил.** Иқбол фаъолияти доимии инсонро зарур мешуморад ва ба фикри вай бояд ин фаъолиятҳо сазовор ва асил бошанд. Назар ба фикри Иқбол тарс, гадоӣ (савол), бардагӣ ва насабпарастӣ ё ғурури нажодӣ худиро заиф мегардонанд.

Шоир мегӯяд, ки тарс анвоъу ақсоми осори ҳаяҷоноти зараровокро дар инсон ба вуҷуд меорад. Тарс табиати инсонро хира гардонида, рушди ахлоқи вайро боз медорад. Барои худӣ зарур аст, ки қабл аз ба камол расидан, аз ин чизи заифкунанда ғалаба кунад. Иқбол гадоӣ (савол)-ро ба маънии роиче, ки дорад, ба кор намебарад. Ба фикри ӯ ҳар навъ комьёбӣ ва муваффақияте, ки бидуни кӯшиш ба дастояд, гадоӣ аст. Писари сарватманде, ки боигариеро аз падар мерос гирифтааст, гадо мебошад ва низ шахсе, ки афкорашро аз дигарон иқтибос мекунад, дар ҳамин ҳукм аст.

Бардагӣ ба ақидаи Иқбол ахлоқро фосиқ мегардонад ва табиати башарро аз роҳи рост мебарорад ва вайро ба марҳалаи ҳайвонӣ даъват мекунад. Бинобар он табиист, ки ин гуна одат худии инсонро заиф мегардонад. Барои рушд ва ба марҳалаи камол расидани худии инсон зарур аст, ки бардагӣ решакан шавад. Ғурури нажодӣ ва ба асли хонаводагии худ фахр кардан,— мегӯяд Иқбол,— бояд маҳву нобуд шавад. Фахру ғурури хонаводагӣ, нажодӣ ё миллӣ боиси таъхири рушди худӣ мегардад.[183]

Чи навъе ки мебинем, таълимоти фалсафии шоир ангехтани мардум аз коҳилию бекорагӣ, тарғиби кӯшишу озодагӣ ва мубориза мардонагӣ мебошад. Шоир ба воситаи таълимоти фалсафии худ низ кӯшиш намудааст, ки имону эътиқоди халқҳои Шарқро нисбат ба қувваҳои маънавию моддии худашон ду бора зинда кунад ва онҳоро аз ақибмонии фикрӣ ва иқтисодию сиёсӣ наҷот диҳад. Худии ӯ ва нағмае, ки барои ҳамраҳони худ ва корвониён месарояд ҷуз ин нест: «Тезтарак гом зан, манзили мо дур нест».[184] Вай мехоҳад фалакро сақф бишкофад ва ба ёрии ҳамватанонаш тарҳе нав дарандозад. Мо талқини ин фикрро дар тамоми осори ӯ мебинем.[185] Иқбол ба воситаи фалсафаи худиаш мехоҳад рӯҳи шахсият ва истиқлолиятро ба вуҷуд орад, ба инсон фаҳмонад, ки то худро нашиносад ва бо арзиши вуҷуди худ ошно нашавад, бар пой истода наметавонад. Дар назари Иқбол касе, ки талабе ва орзуе надорад, зинда нест ва миллате, ки аз ин гуна мардум ташкил шудааст, иродаву истиқлолияте надорад. Аммо ҳар як орзу шарифу олӣ нест. Худиро

бо худхоҳӣ ва худпарастӣ набояд омехт. Одамӣ метавонад ба воситаи парвариши шахсият ва хештани хеш аз тирарӯзиҳо ва нокомиҳо раҳоӣ ёбад ва аз пастӣ ба авҷ пар кушояд. Агар ба тарзи дигар гӯем, Иқбол инсонро марказу меҳвари фалсафаи худ қарор додааст:

Ту, эй шохин нишиман дар чаман кардӣ аз он тарсам,
Ҳавои ӯ ба боли ту диҳад парвози кӯтоҳе.
Ғуборе гаштаӣ, осуда натвон зистан ин ҷо,
Ба боди субҳидам дарпечу манишин бар сари роҳе.
Зи ҷӯи каҳкашон бигзар, зи нили осмон бигзар,
Зи манзил дил бимирад, гарчи бошад манзили моҳе.[186]

Вақте, ки афроди миллате ҳама чунин андешанд, миллат низ худӣ пайдо мекунад, ҳар фард ногузир дар миллати худ маҳв мешавад, дилҳо ҳама муттаҳид мегардад ва кори миллат бо муваффақият меанҷомад. Ин ҳамон нуктаест, ки шоир дар маснавии «Румузи бехудӣ» шарҳ додааст:

Дил мақоми хешиву бегонагист,
Шавқро мастӣ зи ҳампаймонагист.
Миллат аз якрангии дилҳостӣ.
Равшан аз як ҷилва ин синостӣ.
Қавмро андешаҳо бояд яке,
Дар замираш муддао бояд яке.[187]

Ба қавли Иқбол мақсади фитрат ва табиат аз гардишу инқилобҳои гуногуни фикру назар ва ҷисму ҷон ин аст, ки барои тарбияти худӣ воситаҳо тайёр кунад ва таҷаллии ин ҷавҳари пурбаҳоро ошкор кунад:

Дар дашти ҷунуни ман, Ҷабрил забуни сайде.
Яздон ба камар овар, эй ҳиммати мардона.[188]

Ӯ бо ҷӯшу ҳарорат инсонро ба ҷустуҷӯ, талаб, азму субот ва тасхири фитрату табиат даъват мекунад:

Гарчи медонам хаёли манзил эҷоди ман аст,
Дар сафар аз по нишастан ҳиммати мардона нест,
Ҳар замон як тоза ҷавлонгоҳ меҳоҳам аз ӯ,
То ҷунунфармои ман гӯяд: дигар вайрона нест.[189]

Аз рӯи таълимоти шоир аввалин шарти иртиқои худӣ тавлиди мақсадҳо ва ҳадафҳои поённопазир мебошад. Тавлиди мақсадҳо ва орзуҳост, ки қувваҳои хобидаи инсонро бедор намуда, ба ҷунбишу ҳаракат меорад. Ҷидду ҷаҳди доимӣ ва сайри нотамом шарти пешрафту иртиқои одам мебошад. Дар манзумаи «Ҳур ва шоир», ки дар ҷавоби Гёте

гуфта шудааст, тавлиди ҳадафҳои тозаю навро чунин шарҳ медиҳад:

Чӣ кунам, ки фитрати ман ба мақом дарнасозад,
Дили носабур дорам чу сабо ба лолазоре..
Зи шарар ситора ҷӯям, зи ситора офтобе
Сари манзиле надорам, ки бимирам аз қароре.
Талабам ниҳояти он, ки ниҳояте надорад
Ба нигоҳи ношикебе ба дили умедворе.[180]

Орзу, таманно, саъю кӯшиши тавлид ва ташкили ҳадафҳои нав асоси иртиқо аст. Ақлу дониш, пешрафти илмӣ, ибтикорҳои хирад ҳама аз зинаҳои таманнию орзу ба амал меоянд.

Иқбол дар тамоми асарҳояш мардумро ба кору кӯшиш тарғиб мекунад, коҳилию сустии нафс ва гӯшагириро мазаммат менамояд. Ӯ ба қувваю иқтидори инсон баҳои баланд медиҳад. Одамонро барои ба муқобили қазову қадар мубориза бурдан водор мекунад. Ҳатто ба ҷое мерасад, ки тақдири илоҳиро сохтаи ақлу тасаввури башар мешуморад. Ба фикри ӯ инсон метавонад аз худо тақдири дигаре хоҳад ва он чиро, ки муқаддар шудааст, тағйир диҳад. Иқбол образи марди ошӯбгар ва муборизро эҷод кардааст. Дар «Ҷовидинома» аз забони яке аз ҳукамои Миррих мегӯяд:

Гар зи як тақдир хун гардад ҷигар,
Хоҳ аз ҳақ ҳукми тақдири дигар.
Ту агар тақдири нав хоҳӣ, равост,
З-он, ки тақдироти ҳақ лоинтиҳост.
Арзиёни нақди худӣ дарбохтанд,
Нуктаи тақдирро нашнохтанд.
Рамзи борикаш ба ҳарфе музмар аст,
Ту агар дигар шавӣ, ӯ дигар аст.
Хок шав, назри ҳаво созад туро,
Санг шав, бар шиша андозад туро.
Шабнамӣ, афтодагӣ тақдири туст,
Қулзумӣ, поиндагӣ тақдири туст.
То ба худ носохтан имони туст,
Оламӣ афгори ту зиндони туст.
Навъи дигар бин, ҷаҳон дигар шавад,
Ин замину осмон дигар шавад.[181]

Иқбол чунин фикрро такрор ба такрор таъкид мекунад, ки зиндагӣ мисли рӯз зудгузар мебошад ва ҳамчун бӯқаламун ҳар дам ранги дигар мепазирад. Гузашта сокин, вақти аз даст рафта тири аз камон ҷаста аст ва оби ба ҷӯй рафтаро боз гардонидан мумкин нест. Замони кунунӣ ҳаргиз интизори касе намешавад, вай фаъолу беқарор ва мутағайир

аст, вале оянда бо бесабрии тамом мунтазири он аст, ки аз шиками модари вақт мезояд. Корвони ҳаёт, ки бар аспи тезрави айём савор аст, тезтар гом мезанад ва шахси дармондаю хаста ва ғофилу суст аз қофилаи ҳаёт ақиб мемонад. Соати умри гаронбаҳои одам набояд ба сустию бекорӣ ва таносонию хобу ғафлат гузарад. Инсон бояд, ки ҳама вақт барои беҳбудии худ мубориза барад, саъю ҷунбишу фаъолият ва кӯшишу корро пешаи худ созад. Зеро, ки инсон барои кору зиндагии обрӯмандона офарида шудааст ва вуҷуди одамӣ бар ҷиддияту фаъолият устувору побарҷост:

Зиндагии сӯзу соз, беҳ зи сукуни давом,
Фохта шоҳин шавад, аз тапиши зери дом.
Ҳеҷ наёяд зи ту ғайри суҷуди ниёз,
Хез чу сарви баланд, эй ба амал нармгом.
Кавсару тасним бурд аз ту ништоти амал,
Гир зи минои ток бодаи оинафом.
Зишту накӯ зодаи ваҳми худованди туст,
Лаззати кирдор гир, гом бинеҳ, ҷӯй ком
Хез, ки бинмоимат, мамлакати тозае,
Чашми ҷаҳонбини кушо, баҳри тамошо хиром.
Қатраи бемоя, гавҳари тобанда шав,
Аз сари гардун биафт, гир ба дарё мақом.
Теғи дурахшандае, ҷони ҷаҳоне гусил,
Ҷавҳари худро намо, ой бурун аз наём,
Бозуи шоҳин кушо, хуни тазарвон бирез,
Марг бувад бозро, зистан андар кунам.
Ту нашиносӣ ҳануз шавқ бимирад зи васл,
Чист ҳаёти давом? Сӯхтани нотамом.[168]

Иқбол дар шеърҳои фалсафии худ низ ҳамчун як инсонпарвари бузург истеъдод ва баландии қадру мартабаи инсонии меҳнаткаши эҷодкорро васф мекунад. Қайд кардан лозим аст, ки ақидаҳои фалсафии Иқбол дар зери таъсири Ҷалолиддини Румӣ, Маҳмуди Шабистарӣ, Носири Хусрав, Саъдӣ, Бедил, Гегель, Огюст Кант, Ницше, Анри Бергсон, Шопенгауэр ва дигар файласуфону мутафаккирони Шарқу Ғарб ташаккул ёфтаанд. Шоир мафҳуму андешаҳои онҳоро ҳам дар асарҳояш инъикос гардонидааст. Аз ҳамин ҷиҳат дар маснавиҳои «Асрори худӣ», «Румузи бехудӣ» ва «Гулшани рози ҷадид» ҳам назариҳои ортодоксалии ислом ва ҳам таъсири идеализми объективии Ғарбро дидан мумкин аст. Дар нуктаи назари ӯ роҷеъ ба ҳастӣ ва маърифат махсусан, таъсири Гегель равшан ҳис карда мешавад. Ҳарчанд Иқбол дар маснавиҳои мазкур доир ба бисёр масъалаҳои ҳаёт андешаҳои пурарзиш баён кардааст, аммо ӯ дар фалсафа ҳамчун идеалист боқӣ мондааст.

**Тарғиби илм ва маърифат.** Дар эҷодиёти Иқбол мавзӯи илму маърифат ва ташвиқу тарғиби он ба таври намоён таҷассум ёфтааст.

Иқбол илму маърифатро яке аз воситаҳои муҳими ба камол расидани инсон медонад. Илму маърифат ба ақидаи Иқбол на танҳо ба инсон ғизои рӯҳӣ ва маънавӣ мебахшад, балки барои беҳбудии зиндагӣ, пешравии маданият низ аҳамияти калон дорад. Бинобар он у ба масъалаи омӯхтани илму маърифат дар асарҳояш бисёр эътибор медиҳад.

Шоир дар даврае зиндагӣ ба сар мебурд, ки дар Ҳиндустон чараёнҳои бешумори динӣ — мазҳабӣ вуҷуд доштанд. Ҳазорҳо нафар одамон аз ҳаёти моддӣ-маишӣ, аз меҳнату фаъолият дасту домаи кашида, узлатгирӣ ва гӯшанишинӣ мекарданд. Намояндагони динҳои гуногун узлатгирӣ ва гӯшанишиниро воситаи аз ҳақиқат огаҳшавӣ медонистанд ва ниро дараҷаи баланди камолот ҳисоб мекарданд. Иқбол бар зидди ин гуна «огоҳшавӣ» ва ин гуна «камолот» мебарояд. Ӯ ҳақиқату камолотро на аз олами ғайб, балки аз дунёи реалӣ ҷустуҷӯ мекунад. Ин ҷустуҷӯи зиндадилона ва ҳаётдӯстона аст. Ин ҷустуҷӯ вақте ба хайр меанҷомад, ки халқ аз касрати гӯшанишинӣ озод шуда, ба олам чашми ҳақиқат кушояд, илму маърифат омӯзад. Илму маърифат инсонро аз торикию ҷаҳолат ва гумроҳӣ наҷот дода, аз ҳар гуна табаҳкориҳо парҳезгор менамояд ва дар мушкилтарин лаҳзаҳои ҳаёт раҳнамои он мебошад. Қиматбаҳотарин ганҷи инсонӣ — илму маърифат аст. Китоб ва ҳикмат,— мегӯяд Иқбол,—«эътибори миллат аст»:

> Баргу сози мо китобу ҳикмат аст,
> Ин ду қувват эътибори миллат аст.
> Он футӯҳоти ҷаҳони завқу шавқ,
> Ин футуҳоти ҷаҳони тахту фавқ.[193]

Ӯ бо мақсади диққати мардумро ба илму маърифат ҷалб намудан, пеш аз ҳама манфиату аҳамияти онро нишон медиҳад:

> Илм ҳарфу савтро шаҳпар диҳад,
> Покии гавҳар ба ногавҳар диҳад
> Илмро бар авҷи афлок аст раҳ,
> То зи чашми меҳр баркандад нигаҳ
> Нусхаи ӯ нусхаи тафсири кул,
> Бастаи тадбири ӯ тақдири кул![194]

Иқбол одамонро, махсусан ба омӯхтани илмҳои табиатшиносӣ ва техникӣ талқин менамояд. Зеро ӯ нағз медонист,

ки омӯхтани илмҳои табиатшиносиву техникӣ ба мардум имконият медиҳанд, ки аз сиру асрори коинот огоҳ шавад, онро ба манфиатҳои худ истифода барад ва бойгариҳои бепоёни зеризаминиро кашф кунад. Шоир ҳама гуна пешрафту муваффақиятҳои дар соҳаи саноат ва техника ба даст овардаи давлатҳои Ғарбро вобаста ба илмҳои табиатшиносиву техникӣ, пиндошта, ҳамватанони худро огоҳ менамояд, ки аз илму дониши замон баҳра набурдани онон сабаби ақибмонию бечорагии онҳо гардидааст. Шоир ба аҳли ватан хитоб карда мегӯяд:

Хезу во кун дидаи маҳмурро,
Дун маҳон ин оламн маҷбурро...
Даст рангин кун зи хуни кӯҳсор,
Ҷӯи оби гавҳар аз дарьё барор.
Сад ҷаҳон дар як фазо пушидаанд,
Меҳрҳо дар зарраҳо пӯшидаанд.
Аз шуоъаш дида кун нодидаро,
Во намо асрори нофаҳмидаро.
Тобиш аз хуршеди оламтоб гир,
Барқи токафруз аз селоб гир...
Ҷустуҷӯро маҳкам аз тадбир кун,
Анфусу офоқро тасхир кун.
Чашми худ бикшову дар ашьё нигар,
Нашъа зери пардаи саҳбо нигар.
То насиб аз ҳикмати ашьё барад,
Нотавон боҷ аз тавоноён х(в)арад.
Сурати ҳастӣ зи маънӣ сода нест,
Ин куҳан соз аз наво афтода нест.
Барқ оҳанг аст хушьёраш зананд,
Хешро чун захма бар тораш зананд...
Он ки бар ашьё каманд андохтаст,
Марка аз барқу ҳарорат сохтаст.
Ҳарф чун тоир ба парвоз оварад,
Нағмаро безахма аз соз оварад.[185]
Эй ҳарат ланг аз раҳи душвори зист,
Ғофил аз ҳангомаи пайкори зист.
Ҳамраҳонат пай ба манзил бурдаанд,
Лаъли маънӣ зи маҳмил бурдаанд.
Ту ба саҳро мисли Қайс оворае,
Хастае, вомондае, бечорае.[186]

Иқбол дар ҷои дигар пешрафтҳои илмиву техникии аврупоиёнро тасвир карда, нишон медиҳад, ки ин комьёбиҳо аз нағмаи чангу рубоб, таннозии духтарони беҳиҷоб ва хати лотинӣ набуда, балки аз тараққиёти илму фан мебошад.

Қуввати Мағриб на аз чангу рубоб,
Не зи рақси духтарони беҳиҷоб.

Не зи сеҳри соҳирони лоларўст,
Не зи урьёнсоқу не аз катъи мўст,
Мҳками уро на аз лодиний аст
Не фурўғаш аз хати лотиний аст.
Қуввати афранг аз илму фан аст,
Аз ҳамин оташ чароғаш равшан аст.[187]

Шоир таълим медиҳад, ки халқҳои Шарқ бояд пеш аз ҳама илмҳои табиатшиносиро аз худ карда, аз сарватҳои бепоёни зеризаминӣ истифода баранд. Ў дар вақти дар Афғонистон будани худ боигариҳои зеризаминӣ, яъне маъданҳои нодири он ҷоро пай бурда, ба Амонуллоҳхон панд медиҳад, ки бояд илми ашьёро омўхта, ба воситаи он боигариҳои мамлакати худро ба даст оварад. Ў таълим медиҳад, ки дар роҳи омўхтан ва фароҳам овардани илму дониш бояд камарро маҳкам баст, ҳиммати бузург ва мақсади олӣ ба пеш гузошт:

Зиндагӣ ҷаҳд асту истеҳқоқ нест,
Ҷуз ба илми анфусу офоқ нест
Гуфт ҳикматро худо хайри касир,
Ҳар куҷо ин хайрро бинӣ бигир.
Илми ашьё алламулаасмости,
Ҳам асову ҳам яди байзости.
Илми ашьё дод Мағрибро фурўғ,
Ҳикмати ў мост мебандад зи дўғ.
Ҷони моро лаззати эҳсос нест,
Хоки раҳ ҷуз резаи алмос нест.
Илму давлат назми кори миллат аст,
Илму давлат эътибори миллат аст.
Он яке аз синаи аҳрор гир,
В-он дигар аз синаи куҳсор гир.
Дашна зан дар пайкари ин коинот,
Дар шикам дорад гуҳар чун сумнот.
Лаъли ноб андар Бадахшони ту ҳаст,
Барқи Сино дар қаҳистони ту ҳаст.[188]

Иқбол бо мақсади дар халқҳои Шарқ ба вуҷуд овардани ҳисси ифтихори миллӣ, ки омили муҳими бедории иҷтимоист, гузаштаи пурифтихори онҳоро зикр мекунад. Ў таъкид мекунад, ки «ҳикмати ашьё»-ро нахустин дафъа ғарбиҳо не, балки шарқиҳо кашф кардаанд ва онҳо бояд дар оянда низ ба омўхтану дар ҳаёт истифода бурдани он машғул шаванд.

Ҳикмати ашьё фарангизод нест,
Асли ў ҷуз лаззати эҷод нест.
Нек агар бинӣ мусулмонзодааст.
Ин гуҳар аз дасти мо афтодааст.
Чун араб андар Урупо пар кушод,

Илму ҳикматро бино дигар ниҳод
Дона он саҳронишинон коштанд,
Ҳосилаш афрангиён бардоштанд
Ин парӣ аз шишаи аслофи мост,
Боз сайдаш кун, ки ӯ аз қофи мост.[199]

Шоир аз он сабаб ҳамватанонашро, хусусан, ба омӯхтани илмҳои табиӣ даъват кардааст, ки онҳо маъданҳои зеризаминии мамлакатро пайдо карда, барои эҳтиёҷоти худ истифода баранд, саноатро тараққӣ диҳанд. Ба фикри ӯ инсон набояд, ки танҳо бо фаро гирифтани илму фан қаноат кунад, балки илму фанро барои манфиатҳои зиндагиаш ба кор барад, ҷамъият бояд аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ ҳамвора пеш равад.

Огаҳӣ аз илму фан мақсуд нест,
Ғунчаю гул аз чаман мақсуд нест.
Илм аз сомони ҳифзи зиндагист,
Илм аз асбоби тақвияти худист.
Илму фан аз пешхезони ҳаёт,
Илму фан аз хоназодони ҳаёт.[200]

Аз тарафи Иқбол ташвиқу тарғиб карда шудани илмҳое, ки барои эҳтиёҷоти моддии одамон аҳамиятноканд, ба инсондӯстии ӯ шаҳодат медиҳад. Муаллими беҳтарини одам худи зиндагӣ мебошад. Илме, ки аз ҳаёт ҷудо аст ва бо таҷрибаи зиндагӣ санҷиш ва тасдиқ намеёбад фоидае надорад. Ин гуна илм дар вақти зарурӣ ба одам кор намеояд. Ин фикр дар шеърҳои Иқбол хеле равшан ифода ёфтааст.

Илм то сӯзе нагирад аз ҳаёт,
Дил нагирад лаззате аз воридот
Илм ҷуз шарҳи мақомоти ту нест,
Илм ҷуз тафсири оёти ту нест
Сад китоб омӯзӣ аз аҳли ҳунар,
Хуштар он дарсе, ки гирӣ аз назар.[201]

Мавзӯи ситоиши хирад ва дониш дар эҷодиёти Иқбол бо мавзӯи донишомӯзӣ зич вобаста аст. Гуфтан лозим аст, ки аҳамияти прогрессивии ин мавзӯъ дар эҷодиёти шоир ба воситаи тарғиб ва ташвиқ намудани он бештар ва равшантар зоҳир мегардад. Ситоиши умумӣ ва абстрактии хирад ва илму дониш ҳанӯз чандон таъсирбахш шуда наметавонад, вале агар шоир дар баробари ин ба фаъолона омӯхтан ва аз худ кардани он низ даъват кунад, таъсири он ниҳоят тақвият меёбад.

Ба воситаи хирад кас имконият дорад зиндагии худро беҳ кунад. Иқбол хиради инсониро ба вуҷудорандаи ҳама гуна мӯъҷизаҳову некиҳои олам медонад. Хиради инсонӣ ба ҳалли ҳар як кор қодир аст.

Хирад карбосро зарриа созад,
Камолаш сангро оина созад.[202]

Ӯ кашф карда шудани тайёраро маҳз самараи илму хиради инсонӣ шуморида, онро бо як ҳаяҷони махсус васфу ситоиш намудааст:

Сари шохи гул тоире як саҳар,
Ҳамегуфт бо тоирони дигар:
«Надоданд бол одамизодаро,
Замингир карданд ин соддаро».
Бад-ӯ гуфтам — «Эй мурғаки бодсанҷ,
Агар ҳарфи ҳақ бо ту гӯям, маранҷ.
Зи тайёра мо болу пар сохтем,
Сӯи осмон раҳгузар сохтем.
Чӣ тайёра он мурғи гардунсипар,
Пари ӯ зи боли малак тезтар.
Ба парвоз шоҳин, ба перӯ уқоб,
Ба чашмаш зи Лоҳур то Форьёб.
Ба гардун хурӯшандаю тундҷӯш,
Миёни нишеман чу моҳӣ хамӯш.
Хирад з-обу гил Ҷабраил офарид,
Заминро ба гардун далил офарид».
Чу он мурғи зирак каломам шунид,
Маро як назар ошноёна дид.
Парашро ба минкор хориду гуфт:
Ки — «Ман он чи гӯй надорам шигуфт.
Магар, ай нигоҳи ту бар ҷӯну чанд.
Асири тилисми ту пасту баланд.
«Ту кори заминро накӯ сохтӣ,[203]
Ки бо осмон низ пардохтӣ».[204]

Моҳияти илму маърифатро ба воситаи асарҳои худ дар байни омма паҳн намудани Иқбол далели равшани маорифпарварии ӯст.

В. И. Ленин ба фаъолияти маорифпарварони рус баҳо дода, тарафдори гарму ҷӯшони илму маданияти аврупоӣ ва манфиатхоҳи халқ будани онҳоро ҷиҳати мусбати фаъолияти онҳо шуморида буд. Ин тавсифотро ба фаъолияти Иқбол низ нисбат додан мумкин аст.

Шеърҳои дар мавзӯи илму маърифат эҷодкардаи шоир аҳамияти прогрессивиашонро то ҳол гум накардаанд. Он шеърҳо дар муборизаи мафкуравие, ки дар аввалҳои асри

XX дар Ҳинд мегузашт, дар дасти намояндагони ҷараёни прогрессивии афкори ҷамъиятӣ, ки дар асл манфиатҳои табақаҳои васеи меҳнаткашони шаҳру деҳотро ифода менамуд, як аслиҳаи пурзӯре буд.

Иқбол бо ин навъ шеърҳояш бар зидди ҷаҳолатпарастӣ ва маърифатбезорӣ муборизаи оштинопазирона бурдааст.

**Ишқ ва ақл аз назари Иқбол.** Назар ба ақидаи Иқбол ақлу ҳикмат барои ҳал кардани муаммои коинот кофӣ нест. Ба ақлу ҳикмат ишқро низ илова кардан шарт аст. Зеро ишқ дорои ҳамаи қувваи бузург аст. Ба фикри шоир маънии ишқ танҳо аз ишқу муҳаббати байни зану мард иборат нест. Мафҳуми он васеъ аст. Ишқ иборат аз рӯхе аст, ки ҷаҳонро таҷаддуд мебахшад ва ин рӯх дорои чунин маънию хосиятест, ки бояд уқдаи печидаи ҳайрат ва саргаштагиро кушояд ва ҳамаи маразҳои башариро муолиҷа намояд. Бинобар он Иқбол ишқро аз ақлу ҳикмат афзалтар мешуморад:

Ишқ Афлотуни иллатҳои ақл,
Беҳ шавад аз ништараш савдои ақл.
Ҷумла олам соҷиду масҷуд ишқ,
Суминоти ақлро Маҳмуд ишқ.[205]

Ишқ оини ҳаёти олам аст,
Имтизоҷи солимоти олам аст.[206]

Ишқ зи по даровaрад хаймаи шаш ҷиҳотро,
Даст дароз мекунад то ба таноби каҳкашон.[207]

Ақл ҳам ишқ асту аз завқи нигаҳ бегона нест,
Лекин ин бечораро он ҷуръати риндона нест.[208]

Ман бандаи озодам, ишқ аст имоми ман,
Ишқ аст имоми ман, ақл аст ғуломи ман.[209]

Ишқ инсонро ба кайфиятҳои ҳаёт ошно месозад ва ба идроку румузи коинот роҳнамоӣ мекунад. Ҳастии ҳамаи мумкинот асари як қонуни азалист, ки он ишқ аст:

Ақле, ки ҷаҳон сӯзад як ҷилваи бебокаш,
Аз ишқ биёмӯзад оини ҷаҳондорӣ.
Ишқ аст, ки дар ҷонат ҳар кайфият ангезад,
Аз тобу таби Румӣ то ҳайрати Форобӣ.[210]

Иқбол бо садои баланд фалсафаи аврупоиро маҳкум менамояд ва собит мекунад, ки аврупоиён бо ин ҳама пешравиҳои илмӣ барои инсоният сулҳу амонӣ ва шароити мувофиқ

мухайё карда натавонистаанд. Ба қавли ӯ ақл дар Ғарб «бол кушод», аммо аз ҳамон рӯз «гирифтортар» шудааст. Мувофиқи фикри Иқбол аврупоиён, ки тамоми масъалаҳои мураккаби зиндагиро танҳо ба воситаи ақлу ҳикмат ҳал кардан мехоҳанд, иштибоҳ мекунанд. Аз ин ҷиҳат ӯ дар шеъри машҳури худ «Нақши фаранг» ба «донои фаранг» муроҷиат намуда мегӯяд.

Аз ман, эй боди сабо, гӯй ба донои фаранг,
Ақл то бол кушудаст, гирифтортар аст.
Барқро ин ба ҷигар мезанад, он ром кунад,
Ишқ аз ақли фисунпеша ҷигардортар аст.[211]

Зебоиҳои бепоён, ки дар сафаҳоти офариниш мебинем, танҳо асари ирода нест, балки дар асл асари ишқ аст. Ҳикмат аз тадқиқ кардани зоҳири ин қудрат, ки ишқ аст ва дар ботини ҳукмрон аст, ба вуҷуд меояд.

Иқбол достони ишқу муҳаббатро дар «Асрори худӣ» ин тавр месарояд:

Нуқтаи нуре, ки номи ӯ худист,
Зери хоки мо шарори зиндагист.
Аз муҳаббат мешавад пояндатар,
Зиндатар, сӯзандатар, тобандатар.
Фитрати ӯ оташ андӯзад зи ишқ,
Оламафрӯзӣ биёмӯзад зи ишқ.
Ишқро аз тегу ханҷар бок нест,
Асли ишқ аз обу боду хок нест.
То ҷаҳон ҳам сулҳу ҳам пайкор ишқ,
Оби ҳайвон, теғи ҷавҳардор ишқ.[212]

Шоир мегӯяд, ки чун худӣ ба ишқу муҳаббати ҳақиқӣ истеҳком мепазирад, қуввaи ӯ тамоми оламро иҳота мекунад, низоми оламро ба дасти худ мегирад ва ҳеҷ чиз наметавонад аз фармони ӯ саркашӣ намояд. Ӯ фармондеҳи ҳақиқии олам мегардад:

Аз муҳаббат чун худӣ маҳкам шавад,
Қувваташ фармондеҳи олам шавад..
Дар хусумоти ҷаҳон гардад ҳакам,
Тобеъи фармони ӯ Дорову Ҷам.[213]

Тафовути асосие, ки байни соҳибназарони мағрибзамин ва соҳибдилони машриқзамин мавҷуд аст,— мегӯяд Иқбол,— аз ҳамин иборат аст, ки шарқиён ишқу назарро муҳим медонанд ва ба он пайравӣ мекунанд ва аҳли Ғарб аз паи ақл мераванд:

Нишони роҳ зи ақли ҳазорҳила мапурс,
Биё, ки ишқ камоле зи якфане дорад.
Фаранг гарчи сухан бо ситора мегӯяд
Ҳазар, ки шеваи ӯ ранги ҷавзане дорад.[214]

Бо вуҷуди он, ки Иқбол нисбат ба файласуфону ҳукамои Ғарб эҳтироми зиёд дорад ва таҳсили илму ҳикмат ва фалсафаи аврупоиро барои шарқиён зарур мешуморад, аммо боварии комил дорад, ки натоиҷи матлубро шарқиён бо ин роҳ ба даст намеоянд. Зеро фалсафа ва ҳикмат аз ишқ холӣ мебошад:

Ҳикмату фалсафа корест, ки поёнаш нест,
Силии ишқу муҳаббат ба дабистонаш нест.
Дашту кӯҳсор навардиду ғизоле нагирифт,
Тавфи гулшан заду як гул ба гиребонаш нест.
Чора ин аст, ки аз ишқ кушоде талабем,
Пеши ӯ саҷда гузорему муроде талабем.[215]

Дар достони «Ҷовиднома» аз забони Саид Ҳалимпошшо панд медиҳад, ки бояд ишқро бо зиракӣ, яъне ақлу ҳикмат омезиш дода, барои беҳбудии зиндагӣ истифода баранд.

Ғарбиёнро зиракӣ сози ҳаёт,
Шарқиёнро ишқ рози коинот
Зиракӣ аз ишқ гардад ҳақшинос,
Кори ишқ аз зиракӣ маҳкамасос.
Ишқ чун бо зиракӣ андар шавад,
Нақшбанди олами дигар шавад
Хезу нақши олами дигар биниҳ,
Ишқро бо зиракӣ омез деҳ.[216]

Иқбол дар як қатор шеърҳои дигари худ низ аҳамияти ишқро дар муқобили илм ва мақоми илмро дар баробари ишқ хеле моҳирона муҷассам гардонида, барои тараққию пешравиҳои ҷамъият ва такомули худӣ аҳамияти калон доштани созиши байни ишқу ақлро нишон додааст:

Ӯ кӯшиш намудааст, ки дар мардум ишқи пурҳароратп ба навъи мардум хидмат карданро ба вуҷуд орад. Дар таълимоти Иқбол ишқ на танҳо категорияи ахлоқ аст, балки аҳамияти иҷтимоӣ дорад. Ӯ навсозии тартиботи зиндагиро низ ба ишқ вобаста мекунад.

**Инъикоси манзараҳои табиат.** Осори манзуми форсии Иқбол нафақат аз нуқтаи назари дар бар гирифтани афкори сиёсӣ, иҷтимоӣ, фалсафӣ, тарбиявию ахлоқӣ ва ишқу муҳаббат қобили диққат мебошад, балки аз ҷиҳати инъикоси манзараҳои зебои табиат низ хеле назаррабост. Иқбол манзараҳои дилфиреби табиат, ҷилваҳои гуногуни ҳаётро бо қа-

лами сеҳрнигори худ рангоранг, бо услуби хеле фасеҳ ва соддаю оммафаҳм, дар ҳолати ҷунбиш ва тағьирот тасвир мекунад. Яке аз хусусиятҳои шоёни диққат ва услуби дар ин соҳа пешгирифтаи шоир ин аст, ки ҳодиса ва дигаргуниҳои табиатро ба хусусиятҳои хоси зиндагӣ татбиқ карда нишон медиҳад. Бо ибораи дигар тасвири табиат дар осори Иқбол вазифаи иҷтимоӣ дорад. Иқбол, хусусан, ба фасли баҳор, ки аз дигар фаслҳои сол бо сабзиву хуррамӣ ва зебоиву дилрабоияш фарқ мекунад, аҳамияти зиёдтар дода, дар мавридҳои лозима лавҳаҳои пурнақшу нигори ҳаётро дар ин фасл бо устодии ба худ хосе тасвир намудааст.

Дар фасли баҳор ҳар навъ гиёҳу наботот барои оғози зиндагӣ ба ҷунбишу ҷӯш даромада, шодӣ ва фараҳро пешаи худ месозад. Бинобар ин инсон, ки дорои ҳушу фаросат ва ақлу идрок аст,— мегӯяд шоир,— бояд аз насими форами баҳорӣ, аз шукуфонии гулҳои рангоранг, ки воситаи фараҳбахши одамист, истифода намояд:

Хез, ки дар кӯҳу дашт хайма зад абри баҳор
Мастӣ тараннум ҳазор
Тӯтию дурроҷу сор,
Бар тарафи ҷӯйбор,
Кишти гулу лолазор.
Чашми тамошо биёр.

Хез, ки дар кӯҳу дашт, хайма зад абри баҳор.

Хез, ки дар боғу роғ, қофилаи гул расид.

Боди баҳорон вазид,
Мурғ наво офарид,
Лола гиребон дарид,
Ҳусни гули тоза чид,
Ишқ ғами нав харид.

Хез, ки дар боғу роғ, қофилаи гул расид.

Булбулакон дар сафир, сулсулакон дар хурӯш
Хуни чаман гарми ҷӯш,
Эй, ки нишинӣ хамӯш,
Дар шикани они ҳуш,
Бодаи маънӣ бинӯш,
Нағма саро, гул бипӯш.

Булбулакон дар сафир, сулсулакон дар хурӯш...[117]

Ҳиндустон дорои манзараҳои бой ва мафтункунандаи беҳисоб мебошад. Манзараҳои аҷоиби ин мамлакат диққати

ҳар як шоири ватандӯстро ба худ ҷалб накарда наметавонад. Иқбол аз манзараҳои дилфиребн Ҳиндустон, махсусан Кашмир ба ваҷд омада, дар мавридҳои ҷудогона дар тасвири лавҳаҳои манозири табиати он доди суханварӣ додааст. Масалан, дар шеъри «Нишотбоғи[218] Кашмир» манзараҳои зебо ва сабзу хуррам, обу ҳавои гуворо, чаҳчаҳи булбулон, навои кумриён ва овози садҳо мурғони хушилҳон чунин тасвир шудааст:

Хушо рӯзгоре, хушо навбахоре,
Нуҷуми парам раст аз марғзоре.
Замин аз баҳорон чу боли тазарве.
Зи фаввора алмосбор обшоре.
Напечад нигаҳ ҷуз, ки дар лолаю гул,
Нағалтад ҳаво ҷуз, ки бар сабзазоре.
Лаби ҷӯ ҳудорони ғунча дидӣ?
Чӣ зебо нигоре, чи оинадоре.
Чӣ ширин навое, чӣ дилкаш садое.
Ки меояд аз хилвати шохсоре.
Ба тиъ ҷон, ба ҷон орзу зинда гардад.
Зи овои соре, зи бонги ҳазоре
Навоҳои мурғи баландошьёне,
Дарομехт бо нағмаи ҷӯйборе.
Ту гӯй, ки яздон биҳишти бариниро
Ниҳодаст дар домани кӯҳсоре.[219]

Шоир дар «Кашмир» ном шеъри дигари худ низ манзараҳои дилрабои фасли баҳорро ба тарзи бадеӣ хеле барҷаста ва шавқангез тасвир карда, истифодаи зебоиҳои табиат, ҳаёти моддиро таблиғу ташвиқ намудааст. Манзараҳои табиат низ аз нуқтаи назари муҳаббат ба инсон тасвир ёфтааст.

Рахт ба Кашмир кушо, кӯҳу талу доман нигар,
Сабза ҷаҳон-ҷаҳон бубин, лола чаман-чаман нигар.
Боди баҳор мавҷ-мавҷ, мурғи баҳор фавҷ-фавҷ,
Сулҷулу сор зavҷ-зavҷ бар сари норван нигар.
То нафитад ба зинаташ чашми сипеҳри фитнабоз,
Баста ба чеҳраи замин бурқаъи настаран нигар.
Лола зи хок бардамид, мавҷ ба оби ҷӯ тапид.
Хок шарар-шарар бубин, об шикан-шикан нигар.
Захма ба тори соз зан, бода ба соғари бирез,
Қофилаи баҳорро анҷуман-анҷуман нигар.[220]

Тасвири лавҳаҳои табиат, ки Иқбол дар осори бадеии худ хеле санъаткорона муњъакис сохтааст, низ яке аз қисматҳои муҳимми афкори ҳаётии ӯро ташкил менамояд. Иқбол бо ин қабил шеърҳояш ҳам бар хилофи солиҳони аки-

дахои сӯфигӣ, ки мардумро аз фаъолияти корхои дуньёвӣ ба гӯшаи узлат даъват мекарданд, баромад мекунад.

Чи навъе ки дида мешавад, Иқбол дар асархои манзуми форсии худ ба бисьёр масъалахои мухимми иҷтимоию сиёсӣ, тарбиявию ахлоқӣ ва хаётдӯстии замони худ дахл кардааст. Ӯ дар айёми тираи Хиндустони мустамликавӣ машъали хирадро афрӯхта, байрақи инсонпарвариро баланд бардошта, бар зидди зулму истибдод, барои идеалхои олии инсонӣ, бехтаршавии зиндагии оммаи халқ, барои адолат ва хақиқат далерона мубориза бурдааст.

Иқбол ба таърих хамчун ватандӯсти шӯълавар, хамчун сарояндаи бузурги инсонпарварию дӯстии халқхо дохил мешавад. Мухаббат ба ватан, ғамхорӣ барои нашъунамои он, эхтиром ба мехнат, саъю кӯшиш барои камол ёфтан ва озод шудани шахс ва истиқлолиятталабӣ мазмуни асосии асархои ӯ мебошанд. Ин инсонпарвари бузург хамеша аз зулм озод шудани хамаи халқхо, ба боғи шукуфон табдил ёфтани ҷахонро орзу мекард. Дар назми шоир ватандӯстӣ бо идеяхои гуманизм узван пайвастааст. Шоир инсониятпарвариро на ба маънии хиссиёти танг ва махдуди як халқ, як миллат, балки хамчун мухаббат ба хамаи миллатхо, тамоми инсонияти мехнаткаш тараннум ва ситоиш мекунад. Аз ин ҷост, ки шоир на фақат ба халқхои дар чанголи хукуматдорони махаллиroutine мустамликадорони Ғарб гирифтор будаи Хиндустон хисси дилсӯзӣ менамуд, балки ғами табақахои мехнатии мамлакатхои дигари Шарқро низ мехурд.

Вай дар ашъораш орзухои олии инсониро ифода намуда, фасоди ахлоқ, риёву фиребҳи шайхон ва рӯхониёни замонашро фош намуда, ба халқ зиндагонии хушбахтона ва шарофатмандонаеро орзу карда, ӯро ба мехнати халол ва хислатхои нек рахнамой намудааст ва ба вай ғизои маънавӣ додааст.

Иқбол каломи худро, чунон ки худаш мегуфт, ба хизмати имрӯза гузошт. Дар эҷодиёти ӯ аввалин бор дар таърихи адабиёти форсизабони Хиндустон равияи сиёсӣ ва эстетикӣ равияи яклухту ягона гардид. Сиёсат на фақат мазмуни идеявии ӯ, балки принципи эҷодии ӯ гардид, ки тасвири бадеии хақиқати зиндагиро муайян мекунад. Ӯ дар асархояш нависандагони дигарро хам даъват менамуд, ки ба халқи мазлум хизмат кунанд, манфиатхои асосии ҷамъиятро ифода намоянд, барои хуқуқ ва шарафи инсонӣ мубориза баранд.

Шоир ба идеяхои пешқадами умумиинсонӣ такья намуда, дар хамаи асархои худ, ки ба мавзӯи таърихӣ ё ба мав-

зӯи замони ҳозира навишта шудаанд, қаҳрамононеро, ки ба муқобили истисмор, ҷабру зулми феодалӣ ва капиталистӣ, ба муқобили ғуломӣ, барои озодии халқҳо мубориза мебаранд, қаҳрамонони ба дил наздики худ мешуморад. Ӯ номҳои машҳури қаҳрамононеро, ки барои мақсадҳои умумиинсонӣ ҷон бохтаанд, на бо мақсади суханпардозӣ, балки ҳамчун ишораи зиндаи муҳаббат нисбат ба озодӣ ва ҳақиқат зикр карда, дар шахси онҳо одамонро ба мубориза барои ғалабаи кори бузурги озодӣ, сулҳ, демократия ва ба муборизаи зидди қувваҳои тираи иртиҷоъ даъват мекунад. Аммо ҳаминро ҳам фаромӯш кардан лозим нест, ки дар эҷодиёт, таълимот ва назариёти Иқбол зиддиятҳо ҷой доранд.

Шоир дар асарҳояш чи навъе ки дида гузаштем, аз як тараф ба ҳимояи адлу инсоф, инсондӯстӣ, бародарию баробарӣ садои худро баланд менамояд, зулму ситам ва беадолатии ҳокимону золимонро мазаммат мекунад, ба Ленин, Октябрь ва сохти ҷамъияти социалистӣ, ки озодӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳамкориро ба вуҷуд овардаанд, таҳсин мегӯяд, аз тарафи дигар Россияро ба бединию даҳригӣ айбдор мекунад ва нишон медиҳад, ки ӯ яъне Иқбол ҳомию тарғиботчии дини ислом мебошад. Вай дар муқоисаи сохти социалистӣ ва феодалӣ бадтарин сохти ҷамъиятӣ будани феодализмро таъкид мекунад. Аммо дар пайғоми дар достони «Ҷовиднома» аз номи Ҷамолиддини Афғонӣ ба халқи Россия фиристодааш талқин мекунад, ки «миллати ҷавонфикр», яъне халқи советӣ бояд аз таълимоти «Қуръон» истифода барад. Аз рӯи ақидаи шоир гӯё дар бисьёр мавридҳо мақсаду мароми социализм бо нишондодҳои «Қуръон» мувофиқат дорад. Бинобар он ӯ халқи советиро барои бо фаранг, яъне давлатҳои Ғарб не, балки бо кишварҳои Шарқ пайваст гардидан даъват мекунад. Ягона чизи асосие, ки аз сохти давлати социалистӣ ба Иқбол маъқул нест, ин бединии раияти вай мебошад. Бинобар он ӯ ба меҳнаткашони СССР маслиҳат медиҳад, ки «бигзар аз ло ҷониби илло хиром». Аз забони Ҷамолиддини Афғонӣ ба халқи советӣ чунин муроҷиат мекунад:

Пои худ маҳкам гузор андар кабард,
Гирди ин лоту ҳубал дигар магард.
Миллате меҳоҳад ин дуньён пир,
Он ки бошад ҳам баширу ҳам назир.
Боз меой сӯи ақвоми Шарқ,
Баста айёми ту бо айёми Шарқ.
То ба ҷон афкандай сӯзе дигар,
Дар замири ту шабу рӯзе дигар.
Кӯҳна шуд, афрангро оину дин,

Сӯи он дайри кухан дигар мабин,
Кардай кори худовандон тамом,
Бигзар аз ло ҷониби илло хиром,
Даргузар аз ло агар ҷӯяндай,
То рахи исбот гирӣ зиндай...
Офаридӣ шаръу оине дигар,
Андаке бо нури Қуръонаш нигар.
Аз байну зери ҳаёт огаҳ шавӣ,
Ҳам зи тақдири ҳаёт огаҳ шавӣ.[221]

Албатта ин фикр далели маҳдудиятҳои ғоявии шоир мебошад. Вале ҳаминро низ бояд ба назар гирифт, ки ӯ дар ҳамон муҳит ва замон шахси тамоман бедин набуд ва ё сохти ҷамъиятиро бе дин тасаввур карда наметавонист.

Дар вақти аз назар гузаронидани зиддиятҳое, ки дар ҷаҳонбинии Иқбол мушоҳида мешавад, диққати моро баҳои ба эҷодиёти зиддиятноки нависандаи бузурги рус Лев Толстой додаи В. И. Ленин ба худ ҷалб менамояд. В. И. Ленин дар мақолаи «Лев Толстой ҳамчун оинаи Революцияи рус» тарафҳои пурқуввату сусти эҷодиёти нависандаи забардастро нишон дода, қайд намудааст, ки «зиддиятҳо дар ақидаҳо ва таълимоти Толстой тасодуфӣ набуда, балки ифодаи он шароити зиддиятноке мебошанд, ки ҳаёти рус дар сеяки охирини асри XIX дар ҳамин шароит мегузашт».[222]

Шароити таърихии хеле мураккабу пур аз зиддиятҳои замони Иқбол низ ба ҷаҳонбинӣ ва эҷодиёти вай таъсири намоёне гузоштааст. Иқбол бинобар маҳдудияти таърихӣ то охири умр ҳамчун мӯътақиди дини ислом боқӣ монда, моҳияти таълимоти марксистӣ-ленинӣро пурра фаҳмида натавонистааст. Ӯ исломро аз ҳамаи диниҳо баланд медонад ва пурқувват будани инсонро бо диндории вай имконпазир мешуморад ва ба зуҳуроти замон аз нуқтаи назари фалсафаи ислом нигоҳ мекунад.

Шоир тақдири сиёсии худро бо лигаи умумиҳиндустонии мусулмонон алоқаманд намуда буд. Соли 1930 дар маҷлиси солонаи ин лига масъалаи ба ҳукмронии мустамликадорони англис хотима дода, барпо кардани Федерацияи Ҳиндустон ва дар ҳайати он аз вилояти Панҷоб, музофотҳои сарҳади Шимоли Ғарбӣ, Синд ва Булуҷистон ташкил намудани давлати мусулмононро гузошта буд.

Бисьёре аз муаллифони доираҳои иртиҷоии Ҳинду Покистон маҳз ҳамин гуна тарафҳои ҷаҳонбинӣ, эҷодиёт ва фаъолияти Иқболро ба назар гирифта ба чунин хулоса омадаанд, ки гӯё суханвари бузург фақат тарғибкунандаи ғояҳои ислом, ҳамчун Муҳаммадалии Ҷиннох (1876—1948) «Пада-

ри миллати мусулмонон», ташкилкунандаи Покистон ва яке аз идеологҳои «миллатчигии мусулмонӣ» мебошад. Албатта ин тавр яктарафа ба эҷодиёти Иқбол баҳо додан нодуруст аст. Чунки ӯ бо вуҷуди ба дини ислом эътиқоди комил доштан, чи навъе ки дар боло дида гузаштем, дар даврони зиндагиаш саъю кӯшиш намудааст, ки бо асарҳои худ ба халқҳои меҳнатию ҷафокаш хизмат кунад, манфиатҳои асосии ҷамъиятро ифода намояд, барои ҳуқуқ ва шарафи инсонӣ муборизa барад. Дар давраи ҳаракатҳои инқилобии солҳои 1906—1908 ва 1918—1922 шеърҳои оташбори ӯ вирди забони мубориэони озодии Шарқ гардида буданд. Бо вуҷуди он, ки назарияи дар бораи ташкил додани Федератсияи Ҳиндустон ва дар ҳайати он барпо кардани давлати мусулмонон доштаи Иқбол низ характери динӣ дошт, лекин ӯ ҳеҷ вақт масъалаи ба ду қисмат ҷудо кардани мамлакати бузурги худро, ки аз ҷон ҳам бештар дӯст медошт, ба миён нагузошта буд. Идеяи барпо кардани Покистон аз доираи англисҳо ва дигар роҳбарони лигаи мусулмонон сар зада буд.

Иқбол дар маҷлисҳои лигаи умумиҳиндии мусулмонон ва корҳои давлативу ҷамъиятии музофоти Панҷоб ширкат намуда бошад ҳам, аммо тамоми умри худро бо эҷод кардани асарҳои пурмазмуни бадеию илмӣ гузаронидааст. Ӯ дар асарҳои худ, хусусан асарҳои манзуми форсиаш манфиати гурӯҳҳои меҳнатии аҳолиро ҳимоя намуда, ғоратгариву разолат ва зулму истибдоди ҳокимон, сармоядорон ва давлатҳои мустамликадори Ғарбро ҷасурона фош карда, хушбахтии инсоният, сулҳу амният, эҳтироми ҳамдигариро суруда, халқҳои мустамликавиро ба инқилоб даъват намудааст, ки мо ба ҳамин тарафи эҷодиёти вай аҳамияти махсус медиҳем. Зиддиятҳое, ки дар тарзи тафаккури Иқбол, дар ҷаҳонбинии вай буд ва дар осораш акс ёфтааст, ба бузургии вай ҳамчун як шоири озодихоҳ, гуманист, наққоши зебоиҳои ҳаёт, вассофи одамият, ходими халқ ба роҳи саодату осудагӣ, фошкунандаи зулм, фасод, нифоку риё халал расонда наметавонанд ва қатраи ночизе дар баҳри бузурганд. Иқбол шоире буд, ки шеъри худро марҳами дилҳои афгори халқҳои меҳнаткаши Шарқ кардан мехост. Маҳз ҳамин гуна ҷиҳатҳои пешқадами эҷодиёти Иқбол уро дар байни халқҳои тараққипарвари ҷаҳон машҳур кардаанд. Мероси адабии Иқбол, аз он ҷумла асарҳои манзуми форсии ӯ ба ганҷинаи маданияти тараққипарвари демократии Ҳинду Покистон ва халқҳои дигари ҷаҳон дохил мешавад. Ғояҳои пешқадами ин шоир ва мутафаккири оламшумул, махсусан дар шарои-

ти хозира ба тамоми халкхои мазлум ва аз он ҷумла ба халкхои муборизи зидди тартиботи мустамликави кувват мебахшанд ва онхоро муттаҳиду рӯҳбаланд менамоянд.

Зи ҷони беқарор оташ кушодам
Диле дар синаи Машриқ ниходам.
Гили ӯ шӯълазор аз нолаи ман,
Чу барқ андар ниходи ӯ фитодам.[227]

---

## РАВОБИТИ ЭҶОДИИ МУҲАММАД ИҚБОЛ БО АДИБОНИ ФОРСУ ТОҶИК

Ҳамон навъе ки дар муқаддимаи китоби якум қайд намудем, равобити эҷодии шоирони Ҳинду Покистон ва сухансароёни форсу тоҷик аз ибтидои асри XI, аз замони дар он ҷо ҳукумати худро барқарор кардани Ғазнавиён оғоз ёфта, дар давраи фармонравоии Ғӯриён, Ғуломон, Хилҷиён, Туғлуқиён, Содот, Лудиён ва Муғулҳои Бузург, ки забони форсӣ ҳамчун забони расмии давлатӣ ҷараён дошт, хеле пурқувват мегардад. Ин вазъ то ба ҳадде таҳким ва тавсиа ёфта буд, ки ҳатто дар асрҳои XIX ва XX ҳам мавҷудияти худро ҳамчунон нигоҳ дошта омад.

Ҳарчанд сухансароёни форсигӯи асрҳои XIX—XX Ҳинду Покистон бештар ба намояндагони маъруфи эронии сабки ҳиндӣ — Урфии Шерозӣ (1555—1590), Назирии Нишопурӣ (ваф. 1613), Зуҳурии Туршезӣ (ваф. 1615), Соиби Исфаҳонӣ (тав. 1602), Толиби Омулӣ (ваф. 1626), Абӯ Толиби Калим (ваф. 1651), Хоҷа Муҳаммадҷони Қудсӣ (ваф. 1647), инчунин ба намояндагони машҳури ҳиндустонии сабки ҳиндӣ — Ғании Кашмирӣ (1608—1669), Ғаниматн Кунҷоҳӣ (ваф. 1696), Носиралии Сарҳиндӣ (ваф. 1696) ва Мирзо Абдулқодири Бедил (1644—1721) пайравӣ кардаанд, лекин чӣ тарзе ки таъкид намудем, аз давраи бозгашти адабӣ дар равия ва татаббӯи осори Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Хоқонӣ, Низомӣ, Ҷалолиддини Румӣ, Хайём, Саъдӣ, Ҳофиз ва Ҷомӣ барин адибони забардасти форсу тоҷик навиштани асарро ҳам тарк накардаанд. Мирзо Асадулло Ғолиб (1797—1869), Мустафохони Ҳасратӣ (1806—1869) Мӯъминхони Мӯъмин (1800—1852), Шиблии Нӯъмонӣ (1857—1914), Алтоф Ҳусайни Ҳолӣ (1837—1914), Туғроӣ (1882—1931), Бисмили Амритсарӣ (ваф. 1938) ва Гиромии Ҷоландарӣ (ваф. 1927) аз ҳамин қабил устодони сухани Ҳинду Покистон ба шумор

мераванд. Ин адибон чи бо услуби сабки ҳиндӣ ва чи бо сабку услуби хуросонию ироқӣ асарҳои марғуб ба вуҷуд оварда, анъанаи сухангӯёни мумтози даврахои гузаштаи тоҷику форсро идома додаанд.

Мо ҳоло дар ин ҷо оид ба шарҳи муфассали таърихи ин масъала таваққуф накарда, танҳо дар хусуси равобити эҷодии бо устодони маъруфи назми форсу тоҷик доштаи Муҳаммад Иқбол сухан хохем ронд. Муҳаммад Иқбол барои давом додани анъанаҳои адибони мумтози форсу тоҷик саъю кӯшиши зиёде ба кор бурда, дар ин соҳа нисбат ба ҳамасрони худ бештар муваффақият пайдо кардааст.

У дар тамоми даврахои фаъолияти адабиаш аз омӯхтани шоҳасарҳои адибони барҷастаи тоҷику форс даст накашида, бо эҷод кардани асарҳои пурарзишаш сабки сухани онҳоро дар Ҳинду Покистон зинда нигоҳ доштааст.

**Иқбол ва Ҷалолиддини Румӣ.** Яке аз симоҳои намоёни адабиёт ва афкори фалсафии асри XIII тоҷику форс, ки Муҳаммад Иқболро тахти таъсири худ карор додааст, Ҷалолиддини Румӣ мебошад.

Азбаски Иқбол аз солҳои аввали фаъолияти адабии худ тахти таъсири афкору осори Румӣ карор гирифта буд, бинобар он эҷодиёти Румӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии ӯ роли калон бозидааст.

Румӣ дар мунозира ва мухокимаронихои худ ҳамеша мафҳуми худо, моҳияти олам ва азалию абадияти он, ҳаракаткунанда будани ҷаҳон, муносибати сурату модда ва шууру дуньёи воқеиро бо максади муайян истифода мебурд. Ин навъ ақидаҳои Румӣ дар ин ё он тадбир ва шакл дар ашъори мазмунҳои фалсафӣ доштаи Иқбол ҷои худро ёфтааст.

Мо ишораҳои Иқболро нисбат ба эҷодиёти Ҷалолиддини Румӣ дар тамоми осори манзуму мансури урдую форсии вай мебинем.

Марҳум Саид Нафисӣ дар бораи дар эҷодиёти Иқбол низ ҳоятдараҷа пурқувват будани таъсири «Маснавӣ»-и Румӣ баҳс намуда менависад: «Нуқтае, ки бояд бештар ба он таваҷҷӯҳ кард, ин аст, ки дар миёни садҳо шоири бузург ва кӯчак, ки тақлид аз «Маснавӣ» кардаанд, ҳеҷ кас ба андозаи Иқбол ба он наздик нашудааст. На танҳо бисьёре аз ақоид ва афкори Мавлоноро (Румиро.—А. Ғ.) дар шеъри урдуи худ баён карда, балки дар шеъри форсӣ гоҳе ба андозае ба Мавлоно наздик шуда, ки инро навъе аз эъҷоз бояд донист».[1]

Ин баҳои нисбат ба Иқбол додаи Саид Нафисӣ муболи-

ға нест. Зеро дар байни шахсоне, ки ба «Маснавӣ»-и Румӣ пайравӣ кардаанд, ҳеҷ кадоме мисли Иқбол муваффақият ба даст оварда натавонистаанд. Сабаби асосии дар ин соҳа пешдаст будани Иқбол дар он аст, ки ӯ илова ба шоирӣ мутафаккир ва файласуфи бузург ҳам буд ва бо афкори фалсафии Форобӣ, Ибни Сино, Закариёи Розӣ, хусусан, Румӣ ба таври бояду шояд шинос буд. Вай «Маснавӣ»-и Румиро чуқур ва ҳаматарафа омӯхта, ақоиди фалсафии онро бо баъзе қисматҳои осори файласуфҳои Ғарб ба мисли Гегель, Нитше, Эйнштейн, Август Қант ва Анри Бергсон, ки ба гуфтаҳои Румӣ мутобиқат доранд, муқоиса карда, беҳтарини онҳоро дар асарҳои худ истифода бурдааст.

Иқбол дар бисёр шеърҳояш номи Ҷалолиддини Румиро бо камоли эҳтиром ба забон мегирад ва аз эҷодиёти вай баҳраи калон бурданашро зикр менамояд:

Нуктаҳо аз Пири Рум омӯхтам,
Хешро дар ҳарфи ӯ восӯхтам.[2]

Пири Румӣ он имоми ростон,
Ошнои ҳар мақоми ростон.[3]

Биё, ки ман зи хуми Пири Рум овардам
Май сухан, ки ҷавонтар зи бодаи инабист.[4]

Мутриб ғазале, байте аз муршиди Рум овар,
То ғӯта занад ҷонам дар оташи Табрезӣ.[5]

Румӣ он ишқу муҳаббатро далел,
Ташнакомонро каломаш салсабил.[6]

Иқбол ҳатто худро Румии асри ҳозир ва шогирди рӯҳонии ӯ қаламдод мекунад:

Чу Румӣ дар ҳарам додам аз он ман,
Аз ӯ омӯхтам асрори ҷон ман.
Ба даври фитнаи асри куҳан ӯ,
Ба даври фитнаи асри равон ман.[7]

Шароре ҷастае гир аз дарунам,
Ки ман монанди Румӣ гармхунам.[8]

Ҳеҷ як аз осори манзуму мансури ба забонҳои урду ва форсӣ навиштаи Иқбол аз зикри Румӣ холӣ намебошад. Маснавиҳои форсии ӯ: «Асрори худӣ», «Румузи бехудӣ», «Ҷовиднома», «Мусофир», «Бандагинома» ва «Пас чӣ бояд кард, эй ақвоми Шарқ» дар баҳри мусаддаси мақсур ё маҳзуфи рамал, яъне дар баҳри «Маснавӣ»-и Румӣ суруда шу-

даанд. Иқбол дар муқаддимаи аввалин маснавии фалсафии форсии худ «Асрори худӣ» қайд мекунад, ки «аз файзи Пири Румӣ дафтари сарбастаи улум»-ро аз нав хонда ба мардум раҳнамоӣ кардан мехоҳад.[9]

Иқбол дар ғазалсароӣ ҳам ба Румӣ пайравӣ мекунад. Бисьёре аз ғазалҳои девонҳои «Паёми Машриқ» ва «Забури Аҷам» дар татаббӯи Румӣ гуфта шудаанд. Дар ин қабил ғазалҳояш ӯ илова ба вазну қофия ва радиф қисмате аз таркиботи дар ғазалиёти Румӣ истеъмол шударо низ айнан иқтибос кардааст ва дар бисьёр маврид аз ҳайси мазмуну фикр ҳам ба Румӣ хеле наздик мешавад. Ғазалҳои дар татаббӯи Румӣ эҷод кардаи Иқбол шоҳиди онанд, ки ӯ аз ӯҳдаи ин кор бо муваффақият баромада тавонистааст. Барои намуна ғазалҳои ихтисоршудаи поёнро гирем:

Р у м ӣ:

Ҳар нафас овози ишқ мерасад аз чапу рост,
Мо ба фалак меравем, азми тамошо кирост.
Худ зи фалак бартарем в-аз малак афзунтарем,
З-ин ду чаро нагзарем, манзили мо кибриёст.[10]

И қ б о л:

Гирьяи мо бе асар, нолаи мо норасост,
Ҳосили ин сӯзу соз, як дили хунинновост.
Шӯълаи даргир, зад дар хасу хошоки ман,
Муршиди Румӣ, ки гуфт: «манзили мо кибриёст».[11]

Р у м ӣ:

Бинмой рух, ки боғу гулистонам орзуст,
Бикшой лаб, ки қанди фаровонам орзуст.
Як даст ҷоми бодаю як даст зулфи ёр,
Рақсе чунин миёнаи майдонам орзуст.
Дӣ шайх бо чароғ ҳамегашт гирди шаҳр,
Қ-аз деву дад малуламу инсонам орзуст.[12]

И қ б о л:

Тиру синону ханҷару шамшерам орзуст.
Бо ман маё, ки маслаки шаббирам орзуст.
Аз баҳри ошьёна хасандӯзиям нигар,
Боз ин нигар, ки шӯълаи даргирам орзуст.
Аз рӯзгори хеш надонам ҷуз ин қадар,
Хобам зи ёд рафтаву таъбирам орзуст.[13]

Як қисмати хеле ҷолиби девони урдуи шоир «Боли Ҷабраил»-ро саволу ҷавоби байни Иқбол ва Румӣ ташкил медиҳад. Дар ин девон Иқбол худро бо номи «Муриди ҳиндӣ» ва Ҷалолиддини Румиро бо номи «Пири Румӣ» зикр мекунад.

Иқбол доир ба як қатор масъалаҳои ҳаёт, фалсафа, адабиёт, маърифат ва ғайра ба забони урду саволҳо медиҳад ва Румӣ дар ҷавоби ҳар савол аз «Маснавӣ»-и худ абьёте мехонад. Бояд қайд намуд, ки ин саволу ҷавобҳо баъзе аз муҳимтарин ақоиди Иқболро шарҳ медиҳанд. Чуноҷи:

Иқбол:

Дӯстони ман салотинро надим,
Ман фақири бе кулоҳу бе гилем.[14]

Румӣ:

Бандаи як марди равшандил шавӣ,
Беҳ, ки бар фарқи сари шоҳон равӣ.[15]

Иқбол:

Эй шарики мастии хосони бадр,
Ман нафаҳмидам ҳадиси ҷабру қадр.[16]

Румӣ:

Бол бозонро сӯи султон барад,
Бол зоғонро ба гӯристон барад.[17]

Иқбол чи дар ашъори форсӣ ва чи дар ашъори урдуаш бисьёр мисраъ ва байтҳои Румиро хеле санъаткорона тазмин кардааст:

Эй, ки бошӣ дар пайи касби улум,
Бо ту мегӯям паёми Пири Рум:
«Илмро бар тан занӣ, море бувад,
Илмро бар дил занӣ, ёре бувад».[18]

Шарҳи роз аз достонҳо мекунам,
Ғунча аз зӯри нафас во мекунам.
«Хуштар он бошад, ки сирри дилбарон,
Гуфта ояд дар ҳадиси дигарон».[19]

Нағма гар маънӣ надорад, мурдаест,
Сӯзи ӯ аз оташи афсурдаест.
Рози маънӣ Муршиди Румӣ кушуд,
Фикри ман дар остонаш дар суҷуд:
«Маънӣ он бошад, ки бистонад туро,
Бениёз аз нақш гардонад туро.
Маънӣ он набвад, ки кӯру кар кунад,
Мардро бар нақш ошиқтар кунад».[20]

Иқбол, ки тамоми умр ба омӯхтани эҷодиёти Ҷалолиддини Румӣ шуғл варзида, дар бисьёр масъалаҳои фалсафа ва ахлоқ ба ӯ пайравӣ намудааст, ба хонандагони осораш

ҳам панд медиҳад, ки онҳо бо ақидаҳои нодири сухансарои баландмақоми тоҷику форс — Румӣ шинос шаванд:

Ба коми худ дигар он кӯҳна май рез,
Ки бо ҷомаш наярзад мулки Парвиз.
Зи ашъори Ҷалолиддини Румӣ,
Ба девори ҳарими дил биёвез![21]

Далелҳои овардашуда ба он гувоҳӣ медиҳанд, ки эҳтироми Иқбол нисбат ба мероси адабии Ҷалолиддини Румӣ ва равобити эҷодии ӯ бо ин мутафаккир хеле бузург будааст.

**Иқбол ва Ҳофизи Шерозӣ.** Мо дар эҷодиёти Иқбол, хусусан дар ғазалҳои ӯ, таъсири бузургтарин шоири ғазалсарои тоҷику форс Ҳофизи Шерозиро ҳам нағз мушоҳида мекунем.

Ҳофиз дар олами адаб чун шоири ғазалсаро ва инсонпарвари бузург, чун сарояндаи ҷӯшиши дилу рӯҳияи поки инсон шӯҳрат дорад. Ф. Энгельс менависад, ки «хондани асари пири айёш — Ҳофиз басе форам аст. Забони ӯ дар нусхаи асл боз ҳам хушоҳангтар мебошад».[22]

Девони Ҳофиз аз замони зиндагии ӯ сар карда, то имрӯз сармашқи бисьёр шоирони кишварҳои форсизабон қарор гирифта меояд. Зеро «дар миёни гӯяндагони бузург ва фасеҳзабон Ҳофиз дурахшандагии хоссе дорад, ки метавон онро намунаи камоли забони форсӣ гуфт. Ин виқор, ин зарофату наҷобат, ки дар забони Ҳофиз дида мешавад, ӯро дар авҷи адабиёт ва ҳадди камоли баён қарор медиҳад».[23]

Номи Ҳофиз аз он сабаб ҷовид гардидааст, ки ӯ дар сурудаҳояш зебоиҳои ҳаётро тараннум намуда, зиштиҳои онро маҳкум кардааст. Ба таъбири Н. Г. Чернышевский Ҳофиз шоирест, ки сурудаҳояш мисли гулҳои рангини ҳаёт шукуфон ва хушбӯй мебошанд. Шоир ҳар он чи дидаасту шунидааст, ба назм овардааст.[24]

Ғояҳои олии эҷодиёти Ҳофиз, хусусан салосату равонии ғазалҳои ӯ асрҳо инҷониб диққати суханварони Ҳинду Покистонро ба худ ҷалб карда меояд. Бисьёре аз сухансароёни ин ду кишвар дар пайравии Ҳофиз табъозмоӣ кардаанд. Вале чи навъе ки доктор Муҳаммадриёз менависад, «аз байни ин шоирон тавре, ки муҳаққиқини эронӣ ҳам мӯътақиданд, ғайр аз Назирии Нишопурӣ ва Иқболи Лоҳурӣ дигарон натавонистаанд, ки бебокона ва ҳамчашмона дар «замин»-и Ҳофиз гом бизананд».[25]

Ҳаминро ҳам бояд гуфт, ки Иқбол дар оғоз аз рӯи иштибоҳ ва аз мавқеи динӣ ба эҷодиёти Ҳофиз таваҷҷӯҳе на-

дошт ва ҳатто дигаронро водор мекард, ки аз афкори тасаввуфии Ҳофиз дар эҳтироз бошанд. Дар таҳрири аввалии достони «Асрори худӣ» шоир дар ин бора чунин фармудааст:

Ҳушьёр аз Ҳофизи саҳбогусор,
Ҷомаш аз заҳри аҷал сармоядор.
Раҳни соқӣ хирқаи парҳези ӯ,
Май илоҷи ҳавли растохези ӯ.
Нест ғайр аз бода дар бозори ӯ,
Аз ду ҷом ошуфта шуд дастори ӯ.
Муслиму имони ӯ зуннордор,
Рахна андар динаш аз мижгони ёр.
Даъвии ӯ нест ғайр аз қолу қил,
«Дасти ӯ кӯтоҳу хурмо бар нахил».
Гӯсфанд асту наво омӯхтаст,
Ишваю нозу адо омӯхтаст.
Дилрабоиҳои ӯ заҳр асту бас,
Чашми ӯ ғоратгари даҳр асту бас.
Заъфро номи тавоноӣ диҳад..
Сози ӯ ақвомро ғиво кунад.
Маҳфили ӯ дархӯри аброр нест,
Соғари ӯ қобили аҳрор нест.
Бениёз аз маҳфили Ҳофиз гузар,
Алҳазар, аз гӯсфандон, алҳазар.[26]

Он вақт Иқбол гумон мекард, ки нуқтаи назари Ҳофиз барои беҳбудии зиндагии мардум кӯмаке намерасонад. Аммо вақте ки ӯ бо эҷодиёти Ҳофиз ба таври мукаммал ошно шуд, аз андешаҳои аввалаи худ баргашт ва шеъри болоро аз маснавии «Асрори худӣ» хат зад. Иқбол пай бурд, ки Ҳофиз истеъдоди бузурги суханварии худро дар роҳи хизмати халқу ватан сарф кардааст. Ғояҳои пешқадаму шаклҳои бои санъати шеърии Ҳофиз Иқболро мӯътақиди худ мегардонд ва ӯ дар соҳаи ғазалсароӣ анъанаҳои беҳтарини Ҳофизро идома додааст.

Ӯ дар мактуби 28 январи соли 1915 ба номи Малик-ушшуаро Ғуломқодир Гиромии Ҷоландарӣ (ваф. 1927) навиштааш як ғазали форсии худро ҳам илова намудааст, ки ду байти он аз мухлисони Ҳофиз будани ӯро исбот менамояд:

Аҷаб мадор зи сармастиям, ки пири муғон
Қабои риндии Ҳофиз ба қомати ман дӯхт.
Сабо ба мавлиди Ҳофиз саломи мо бирасон,
Ки чашми нуктаварон хоки он диёр афрӯхт.[27]

Иқбол дар ғазалсароӣ беш аз ҳама таҳти таъсири Ҳофиз аст. Ғазалҳои дар татаббӯи Ҳофиз гуфтаи Иқбол ба он шаҳодат медиҳанд, ки ӯ дар назирасароӣ маҳорати тамом дорад.

Барои намуна ба таври ихтисор ғазалҳои зеринро аз назар мегузаронем:

Ҳ о ф и з:

То зи майхонаву май ному нишон хоҳад буд,
Сари мо хоки раҳи пири муғон хоҳад буд.
Ҳалқаи пири муғонам зи азал дар гӯш аст,
Мо ҳамонем, ки будему ҳамон хоҳад буд.
Бар сари турбати мо чун гузарӣ, ҳиммат хоҳ,
Ки зиёратгаҳи риндони ҷаҳон хоҳад буд.
Бар замине, ки нишони кафи пои ту бувад,
Солҳо саҷдаи соҳибназарон хоҳад буд.[28]

И қ б о л:

Зиндагӣ ҷӯи равон асту равон хоҳад буд,
Ин маи кӯҳна ҷавон асту ҷавон хоҳад буд.
Он чӣ будасту набояд зи миён хоҳад рафт,
Он чӣ бонсту набудаст, ҳамон хоҳад буд.
Ишқ аз лаззати дидор саропо назар аст,
Ҳусн муштоқи намуд асту аён хоҳад буд.
Он замине, ки бар ӯ гиръяи хунин задаам,
Ашки ман дар ҷигараш лаъли гарон хоҳад буд.[29]

Иқбол, ки эҷодиёти худро асосан ба тарафи масъалаҳои муҳимми зиндагӣ нигаронида буд, дар шеърҳои дар пайрави Ҳофиз гуфтааш сабку вазн ва қофияву радифи ашъори ӯро нигоҳ дошта бошад ҳам, аммо ба онҳо мазмунҳои тозаи замонавӣ, хусусан озодихоҳиву истиқлолталабӣ дохил намудааст. Шеърҳои зерин далели ин фикр шуда метавонанд:

Ҳ о ф и з:

Эй фурӯғи ҳусни моҳ аз рӯи рахшони шумо,
Обрӯи хубӣ аз чоҳи занахдони шумо...
Кай диҳад даст ин ғараз, ё раб, ки ҳамдастон шаванд,
Хотири маҷмӯи мо, зулфи парешони шумо?
Бахти хоболуди мо бедор хоҳад шуд магар,
З-он ки зад бар дида об аз рӯи рахшони шумо?
Дил харобӣ мекунад дилдорро огаҳ кунед,
Зинҳор, эй дӯстон, ҷони ману ҷони шумо.
Эй сабо, бо соканони шаҳри Язд аз мо бигӯй,
К-эй сари ҳақношиносон гӯи майдони шумо.
Дур дор аз хоку хун домаи чу бар мо бигзарӣ,
К-андарин раҳ гашта бисьёранд қурбони шумо.
Мекунад Ҳофиз дуое, бишнаву омин бигӯ,
Рӯзии мо бол лаъли шаккарафшони шумо.[30]

И қ б о л:

Чун чароғи лола сӯзам дар хиёбони шумо,
Эй ҷавонони Аҷам, ҷони ману ҷони шумо

Ғӯтаҳо зад дар замири зиндагӣ андешаам,
То ба даст овардаам афкори пинҳони шумо.
Меҳру маҳ дидам, нигоҳам бартар аз парвин гузашт,
Рехтам тарҳи ҳарам дар кофаристони шумо.
То синонаш тезтар гардад, фурӯ печидамаш,
Шӯълае ошуфта буд андар биёбони шумо.
Фикри рангинам кунад назри тиҳидастони Шарқ,
Пораи лаъле, ки дорам аз Бадахшони шумо.
Мерасад марде, ки занҷири ғуломон бишканад,
Дидаам аз равзани девори зиндони шумо.
Ҳалқа гирди ман занед, эй пайкарони обу гил,
Оташе дар сина дорам, аз ниёкони шумо.[21]

Дар девонҳои Ҳофиз ва Иқбол ғазалҳои зиёде дида мешаванд, ки аз ҳайси вазну қофия комилан ба ҳамдигар шабоҳат доранд. Баъзан мумкин аст, ки шоире дар пайравии шоири дигар асарҳо офаринад, вале баъзан мумкин аст, ки як вазн, қофия ва ҳатто як фикрро бидуни иттилоъ аз он, ки дигаре гуфтааст, ба кор барад. Дар бораи ғазалиёти Ҳофиз ва Иқбол, ки дар вазну қофия бо якдигар шабоҳат доранд, ба таври қатъӣ ва яқин гуфтан мумкин нест, ки Иқбол дар тамоми онҳо ба Ҳофиз тақлид кардааст. Бисьёр ғазалҳои Иқбол аз лиҳози фикру мазмун ба ғазалҳои Ҳофиз хеле наздиканд. Мо ҳоло дар ин ҷо бо мақсади тӯл надодани сухан аз шарҳи муфассали ғазалҳои ба якдигар монанди Ҳофиз ва Иқбол худдорӣ карда, фақат бо овардани чанд матлаи ғазалҳои аз ҷиҳати қофия ва вазн ба ҳам шабеҳи онҳо иктифо намудем:

Ҳофиз:

Агарчи арзи ҳунар пеши ёр беадабист,
Забон хамӯш, валекин даҳон пур аз арабист.[22]

Иқбол:

Ба шохи зиндагии мо намӣ зи ташналабист,
Талоши чашмаи ҳайвон далели камталабист.[23]

Ҳофиз:

Хезу дар косаи зар оби тарабнок андоз,
Пеш аз оне, ки шавад косаи сар хок андоз![24]

Иқбол:

Соқиё, бар ҷигарам шӯълаи намнок андоз
Дигар ошӯби қиёмат ба кафи хок андоз![25]

Ҳофиз:

Равшан аз партави рӯят назаре нест, ки нест,
Миннати хоки дарат бар басаре нест, ки нест.[26]

Иқбол:

Сархуш аз бодаи ту хумшикане нест, ки нест,
Масти лаълини ту ширинсухане нест, ки нест.[37]

Ҳофиз:

На ҳар кӣ чеҳра барафрӯхт дилбарӣ донад,
На ҳар кӣ оина созад Сикандарӣ донад.[38]

Иқбол:

Ҷаҳони ишқ на мирӣ, на сарварӣ донад,
Ҳамин бас аст, ки онии чокарӣ донад.[39]

Ҳофиз:

Мо ба ин дар на пайи ҳашмату ҷоҳ омадаем,
Аз бади ҳодиса ин ҷо ба паноҳ омадаем.[40]

Иқбол:

Мо, ки афтандатар аз партави моҳ омадаем,
Кас чӣ донад, ки чӣ сон ин ҳама роҳ омадаем.[41]

Аз мисолҳои овардашуда ҳам маълум мешавад, ки ғазалҳои Ҳофиз ва Иқбол аз рӯи мазмуну мундариҷа ва шаклу услубашон дар байни худ умумият ва шабоҳат доранд. Айнан ҳамин ҳолатро мо дар ғазалҳои дигари Иқбол низ мушоҳида мекунем.[42]

Қисми зиёди шеърҳои ҳиссаи сеюми «Паёми Машриқ»-и Иқбол, ки ғазалҳои то соли 1923 эҷод кардаи ӯро дар бар мегирад, дар татаббӯи Ҳофиз гуфта шудаанд. Бесабаб нест, ки шоир ба ин ҳиссаи «Паёми Машриқ» «Май боқӣ» сарлавҳа гузоштааст.

Ба фикри мо, сабаби дар соҳаи ғазалсароӣ беш аз ҳама ба Ҳофиз пайравӣ кардани Иқбол дар он аст, ки қаҳрамони лирикии Ҳофиз ҳам ба мисли қаҳрамони лирикии ӯ аз тартиботи номусоиди муҳиташ на фақат шикоят мекунад, балки онро тағйир додан, дунёи созгор ба вуҷуд овардан мехоҳад. Дар лирикаи Ҳофиз ақидаҳои иҷтимоию сиёсӣ, фалсафӣ, ҳаётдӯстӣ хеле пурсӯз ва оптимистона садо медиҳад.

Алии Даштӣ дар бораи ғазалиёти Ҳофиз чунин арзи ақида кардааст: «Ҳофиз барои баёни андеша шеър гуфтааст... Аз касонест, ки ба воқеияти зиндагӣ фурӯ рафта ва ба умқи ин дарьё расидааст, ки халоиқ бар сатҳи он машғули дасту по задан ва об пошидан бар якдигаранд. Ӯ монанди Хайём барои баёни андеша шеър гуфтааст. Фишори андеша ин ҳама қавлу ғазалро аз забони фоҳири ӯ ҷорӣ сохтааст».[43]

Иқбол ба пояи Ҳофиз расонидани ғазалро ҳунари бузург

мешуморид. Бинобар он ҳамеша барои дар пайравии Ҳофиз эҷод кардани ғазалҳои дилошӯб ва ба ин восита нигоҳ доштани анъанаҳои ӯ саъю кӯшиш менамояд. Шоир ба дӯстони худ гуфта будааст, ки баъзан рӯҳи Ҳофиз бо рӯҳи ӯ ҳамкалом мешудааст ва дар он гуна мавкеъ вай ба тарзи Ҳофиз шеър месароидааст.[44]

Ҳамин тавр, Иқбол дар эҷод кардани ғазал анъанаҳои бехтарини Ҳофизро давом додааст. Анъанаҳои Ҳофиз фаъолияти шоирии Икболро маҳдуд накарда, онро инкишоф дода, барои ёфтани мавзӯъҳои пурмазмуни шавқовар ба ӯ ёрӣ расонидаанд.

**Иқбол ва Саъдӣ.**

Иқбол бо намояндаи дигари адабиёти тоҷику форс — шоир, мутафаккир ва инсондӯсти бузург Саъдии Шерозӣ низ алоқаи наздики эҷодӣ дорад.

Саъдӣ аз он гуна сухансароёни баландмақом аст, ки на танхо дар ватани худ, балки дар тамоми ҷаҳон шӯҳрати азим дорад. Шӯҳрати шоирӣ ва суханҳои пуробу тоби хирадмандонаи вай ҳанӯз дар замони зиндагиаш дар Шарқ аз Шероз то Қошғар, Ҳиндустон, дар Ғарб, Миср ва Африкаи Шимолӣ паҳн шуда буд.

Вай на танҳо бузургтарини шоири форсу тоҷик аст, балки мусалламан шоири номии ҷаҳон, ҳаким ва муаллими ахлоқ аст, ки мақсадаш аз эҷод кардан некӯӣ ва раҳнамоии инсоният мебошад.

Халқҳои Ҳинду Покистон Саъдиро аз замони худи ӯ сар карда, то имрӯз бузургтарин шоири форсизабон мешуморанд.

Шӯҳрати шоирии Саъдӣ ҳатто ҳангоми дар қайди ҳаёт будани ӯ ба Ҳиндустон расида буд. Чунон ки аз рӯи ахбороти сарчашмаҳои муътабар собит шудааст, писари Султон Ғиёсиддини Балбан — Султон Муҳаммади Қоон, ки ҳокими Мултон буд, ду маротиба Саъдиро ба Мултон даъват кардааст ва ашъори Амир Хусрави Деҳлавиро, ки аз надимонаш ба шумор мерафтааст, назди вай ба Шероз фиристодааст. Султони мазкур гуфта будааст, ки агар Саъдӣ ба Мултон биёяд, хонақоҳи бузурге барояш месозанд ва хироҷи чанд шаҳрро ҳамеша ба ӯ медиҳанд. Аммо Саъдӣ бинобар пирӣ узр мехоҳад ва даъвати султонро қабул намекунад ва дар ҷавоб як нусха «Гулистон»-ро ба хати худ ба Мултон мефиристад ва роҷеъ ба Амир Хусрав менависад, ки «ин ҷавҳари қобилро бояд тарбият ва тақдир намоӣ».[45]

Он шӯҳрати калоне, ки Саъдӣ ҳангоми зинда будани худ дар Ҳиндустон пайдо карда буд, баъд аз вафоташ ҳам беш

аз пеш афзудан мегирад. Шоирону нависандагон дар пайравии Саъдӣ асарҳои манзуму мансур офарида, барои пойдор мондани анъанаҳои ӯ саъю кӯшиши зиёд менамоянд, ки яке аз тавонотарини онҳо Иқбол мебошад.

Номи Саъдӣ дар бисьёр асарҳою навиштаҳои Иқбол зикр шуда, ашъораш мавриди тақлиду тазмини ӯ қарор гирифтааст.

Иқбол дар ғазалсарой пас аз Румӣ ва Ҳофиз ба Саъдӣ зиёдтар пайравӣ намуда, ба як қатор ғазалҳои ӯ ҷавоб навиштааст.

Дар Ҳиндустон ва Покистон дар давоми асрҳо шоирони зиёде дар ҷавоби ғазали машҳури Саъдӣ, ки бо матлаи:

Хубрӯёни ҷафопеша вафо низ кунанд,
Ба касони дард фиристанду даво низ кунанд

оғоз меёбад, ғазалҳо гуфтаанд. Аммо дар байни онҳо ғазали Иқбол, ки дар зер оварда мешавад, хеле латиф ва дилoвез буда, он низ дар назира гуфтан устоди беназир будани ӯро собит менамояд:

Такья бар ҳуҷҷату эъҷозу баён низ кунанд,
Кори ҳақ гоҳ ба шамшеру синон низ кунанд.
Гоҳ бошад, ки таҳи хирқа зиреҳ мепӯшанд,
Ошиқони бандаи ҳоланду чунон низ кунанд.
Чун ҷаҳон кӯҳна шавад пок бисӯзанд ӯро
В-аз ҳамон обу гил эҷоди ҷаҳон низ кунанд.
Ҳама сармояи худро ба нигоҳе бидиҳанд,
Ин чӣ қавмест, ки савдо ба зиён низ кунанд.
Он чӣ аз мавҷи ҳаво бо пари коҳе карданд,
Аҷабе нест, ки бо кӯҳи гарон низ кунанд.
Ишқ монанди матоъест ба бозори ҳаёт,
Гоҳ арзон бифурӯшанду гарон низ кунанд.
То ту бедор шавӣ, нола кашидам, варна
Ишқ корест, ки бе оҳу фиғон низ кунанд.[47]

Саъдӣ ғазале дорад, ки бо матлаи:

Ба поён омад ин дафтар, ҳикоят ҳамчунон боқӣ,
Ба сад дафтар нашояд гуфт ҳасбулҳоли муштоқӣ[48]

шурӯъ мешавад. Иқбол дар ҷавоби ин ғазали Саъдӣ шеъре гуфтааст, ки он ҳам ниҳоятдараҷа хушоҳанг ва равон мебошад. Ду байти он шеър ин аст:

Дар ин маҳфил, ки кори ӯ гузашт аз бодаю соқӣ,
Надиме ку, ки дар ҷомаш фурӯ резам май боқӣ?
Шарор аз хоки ман хезад, куҷо резам, киро сӯзам,
Ғалат кардӣ, ки дар ҷонам фиканди сӯзи муштоқӣ.[49]

Иқбол аз эчодиёти Саъдӣ бисьёртар он чиро, ки барои ифода кардани ақидаҳои иҷтимоию сиёсӣ, фалсафӣ ва тарбиявию ахлоқиаш кӯмак расонида метавонад, истифода мебарад. Масалан, аз шеъри зерини Саъдӣ:

Агар дониш ба рӯзӣ бар фузудӣ,
Зи нодон тангрӯзитар набудӣ.
Ба нодон ончунон рӯзӣ расонад,
Ки доно андар он оҷиз бимонад[50]

истифода бурда, ду байти поёнро гуфта, мардуми дар зери зулму фишори мустамликадорони Ғарб гирифтор будаи Шарқро водор менамояд, ки онҳо аз макру фиреби сармоядорони мағрибӣ ҳушьёр бошанд:

Фаранг оини раззоқӣ бидонад,
Ба ин бахшад, аз ӯ вомеситонад.
Ба шайтон ончунон рӯзӣ расонад,
Ки яздон андар он ҳайрон бимонад.[51]

Баъзан дар асоси мазмуни асарҳои Саъдӣ шеърҳои наву тозаеро ба вуҷуд меорад. Масалан, дар шеъри поён ду байти Саъдиро, ки дар борaи аҳамияти тавозӯъ мебошад, оварда, пас ақидаи тарбиявию ахлоқии худро чунин баён мекунад:

Маро маънии тозае муддаост,
Агар гуфтаро боз гӯям равост.
«Яке қатра борон зи абре чакид,
Хиҷил шуд чу паҳнои дарьё бидид.
Ки ҷое, ки дарьёст, ман кистам?
Гар ӯ ҳаст, ҳаққо, ки ман нестам!»
Валекин зи дарьё баромад хурӯш,
Зи шарми тунукмоягӣ рӯ мапӯш.
Тамошои шому саҳар дидай,
Чаман дидай, дашту дар дидай.
Ба барги гиёҳе, ба дӯши саҳоб
Дурахшидӣ аз партави офтоб.
Гаҳе ҳамдами ташнакомони роғ,
Гаҳе маҳрами синачокони боғ.
Гаҳе хуфта дар тоқу тоқатгудоз,
Гаҳе хуфта дар хоки бе сӯзу соз.
Зи мавҷи сабуксайри ман зодай,
Зи ман зодай, дар ман афтодай.
Биёсой дар хилвати синаам,
Чу гавҳар дурахш андар оинаам.
Гуҳар шав дар оғӯши қулзум бизӣ,
Фурӯзонтар аз моҳу анҷум бизӣ.[52]

Иқбол дар аксар шеърҳои худ мисраъ ва байтҳои Саъдиро хеле моҳирона тазмин мекунад. Чунончӣ, шеъри «Мубоҳисаи байни ҳакими франсавӣ Огюст Қант ва марди муздур»-и ӯ бо мисраи Саъдӣ сар мешавад:

«Бани одам аъзои якдигаранд»,
Ҳамон нахлро шоху баргу баранд.[53]

Иқбол дар баҳри «Бӯстон»-и Саъдӣ зери унвони «Тайёра» маснавии ҳаҷман хурд ҳам навиштааст. Ин маснавӣ, ки шоир дар он бо камоли хурсандӣ аз тарафи инсон ихтироъ карда шудани тайёраро васф менамояд, бо байти:

Сари шохи гул тоире як саҳар
Ҳамегуфт бо тоирони дигар

шурӯъ шуда, бо ин байти Саъдӣ ба охир мерасад:

«Ту кори заминро накӯ сохтӣ,
Ки бо осмон низ пардохтӣ».[54]

Дар яке аз дубайтаҳои худ як мисраи Саъдиро чунин тазмин кардааст:

Ба он қавм аз ту меҳоҳам кушоде,
Фақеҳаш беяқине, камсаводе.
Басе нодиданиро дидаам ман,
«Маро эй кошкӣ модарназоде».[55]

Ин гуна мисолҳоро мумкин аст афзуд, вале мо бо мақсади тӯл надодани сухан бо овардани намунаҳои боло иктифо намудем.

Таъсири Саъдӣ ба Иқбол аз таъсири Румӣ ва Ҳофиз кам нест. Таҷаллии се гӯяндаи бузург: Румӣ, Ҳофиз ва Саъдӣ дар осори Иқбол ба шакли хоссе ҷилвагар мешавад. Дар зери таъсири адибону мутафаккирони мумтози мазкур қарор гирифтани Иқбол чунин маъно надорад, ки ӯ маҳз тақлидкори онҳо бошад, балки вай ин нуктаи дақиқро нишон медиҳад, ки миёни онҳо шабоҳати фикру салиқа вуҷуд доштааст. Алии Даштӣ дар бораи сабабҳои ба ҳамдигар таъсир расониданӣ сухангӯёни бузург сухан ронда, навиштааст: «Агар Саъдӣ аз Мутанаббӣ — шоири бузурги араб ва Манучеҳрӣ аз шуарои ҷоҳилият мутаассир шудаанд, барои ин аст, ки ҳамон навъ эҳсосу завқ қарехаи ононро ба кор андохтааст. Ё агар мутафаккири бузурги олмон «Девони шарқӣ»-и худро таҳти таъсири Ҳофиз меофаринад, аз ин рӯст, ки миёни тарзи фикри Гёте аз Ҳофиз ташобеҳе мавҷуд аст».[56]

Ба монанди ҳамин агар афкоре аз Ҷалолиддини Румӣ ва осоре аз Ҳофиз ва Саъдӣ дар эҷодиёти Иқбол ба чашм мехӯрад, дар натиҷаи он аст, ки дар мағзи вай ҳамон андешаҳо ва дар вуҷуди ӯ ҳамон рӯҳи шоирони бузурги зикршуда саркашӣ мекардааст.

Иқбол дар афкори фалсафии худ аз Румӣ ва дар ғазал аз Ҳофиз ва Саъдӣ ранг пазируфтааст. Маснавиҳо, инчунин девонҳои «Забури Аҷам» ва «Паёми Машриқ», ки як қисми онҳо ғазалҳои дар татаббӯи Румӣ, Ҳофиз ва Саъдӣ сароидаи Иқболро дар бар мегиранд, фикри моро тасдиқ менамоянд. Мо дар ғазалҳои дар сабки Румӣ, Ҳофиз ва Саъдӣ эҷод кардаи Иқбол хусусиятҳои зеринро мушоҳида мекунем: а) шоир лафзу маънииро аз ашъори Румӣ, Ҳофиз ва Саъдӣ гирифта дар ғазалҳояш истифода бурдааст. Дар ин қабил ғазалҳои худ шоир илова ба вазну қофия ва радиф қисмате аз таркиботи дар ғазалиёти шоирони боло истеъмол шударо низ айнан иқтибос карда, ба кор бурдааст ва дар бисьёр маврид аз лиҳози мазмун ва фикр ҳам ба онҳо хеле наздик мешавад; б) ғазалҳое, ки ҳарчанд мустақиман тақлиди Румӣ, Ҳофиз ва Саъдӣ нест, лекин дар он аз ҳайси сабк ба истиснои луғоту истилоҳоте, ки гоҳ-гоҳ хориҷ аз ҳудуди сабки ироқӣ ба кор мебарад, комилан таҳти равиши ин се шоири забардасти ғазалсаро қарор дорад ва дар ҳамин гуна шеърҳояш Иқбол радифҳое интихоб мекунад, ки мо онҳоро дар ғазалҳои Румӣ, Ҳофиз ва Саъдӣ дучор намекунем.

Иқбол ҳамаи онҳоро бо маҳорати баланд ба сабк ва шеваи хоси худ даровардааст.

**Иқбол ва Маҳмуди Шабистарӣ.** Яке аз адибони дигари форсу тоҷик, ки дар андешаи Иқбол таъсири муайяне дорад, Шайх Саъдиддини Маҳмуди Шабистарӣ (ваф. 1320 ё 1330) мебошад. Маснавии «Гулшани рози ҷадид»-и Иқбол дар ҷавоби «Гулшани роз»-и Маҳмуди Шабистарӣ эҷод шудааст.

Маҳмуди Шабистарӣ дар «Гулшани роз» оид ба понздаҳ масъалаи тасаввуф, ки дар «Мақомоти тасаввуф»-и Мир Ҳусайни Содот (ваф. 1318) гузошта шудааст, баҳс менамояд. Назар ба қавли нависандаи чех Ян Рипка «Гулшани роз» «аз қадимтарин асарҳоест, ки дар он истилоҳоти рамзии аҳли тасаввуф ба таври хеле равшан тасвир шудааст».[57]

«Гулшани роз»-и Маҳмуди Шабистарӣ 17 саволу ҷавоби манзум дорад. Иқбол аз он ёздаҳ саволро интихоб намуда, дар сурати нӯҳ савол даровардa ба ҷавоби онҳо пардохтааст. Ӯ дар муқаддимаи «Гулшани рози ҷадид» мегӯяд:

Зи чони Ховар он сӯзи куҳан рафт,
Дамаш во монду чони ӯ зи тан рафт.
Чу тасвире, ки бе тори нафас зист,
Намедонад, ки завқи зиндагӣ чист.
Дилаш аз муддао бегона гардид,
Наи ӯ аз наво бегона гардид.
Ба тарзи дигар аз мақсуд гуфтам,
Ҷавоби номаи Маҳмуд гуфтам.
Зи аҳди Шайх то ин рӯзгоре,
Назад марде ба чони мо шароре.
Кафан дар бар ба хоке орамидем,
Вале як фитнаи маҳшар надидем.
Гузашт аз пеши он донои Табрез,
Қиёматҳо, ки раст аз кушти Чингиз,
Нигоҳам инқилоби дигаре дид,
Тулӯи офтоби дигаре дид.[18]

Иқбол дар оғози маснавӣ инчунин қайд мекунад, ки агар Маҳмуди Шабистарӣ хунрезиҳову фитнагариҳои даҳшатангези чингизиёнро бо чашми худ дида бошад, ӯ чингизиёни нав, яъне мустамликадорони Европаи Ғарбиро мебинад, ки халқҳои мамлакатҳои Шарқро бераҳмона ва ваҳшиёна истисмор мекунанд. Ба ғайр аз ин шоир эътироф мекунад, ки мақсади ӯ аз эҷод кардани шеър мардумро аз хоби гарони ғафлат бедор кардан ва ҷалб намудани таваҷҷӯҳи вай ба мубориза барои беҳбудии зиндагӣ мебошад:

«Маро з-ин шоирӣ худ ор н-ояд,
Ки дар сад қарн як Аттор н-ояд».
Ба ҷонам разму маргу зиндагонист,
Нигоҳам бар ҳаёти ҷовидонист.
Зи ҷон хоки туро бегона дидам,
Ба андоми ту ҷони худ дамидам.
Аз он норе, ки дорам, доғ-доғам,
Шаби худро биафрӯз аз чароғам.[19]

Аз тарафи дигар ҳаминро низ бояд хотиррасон намуд, ки Иқбол барои баёни мақсад ва мароми иҷтимоӣ маснавиҳои ирфониро низ хеле устодона истифода намудааст:

**Иқбол ва дигар шоирони сабки ироқӣ.** Иқбол дар офаридани дубайтаҳо бештар сабку равиши Бобо Тоҳири Урьёнро истифода бурдааст.

«Ишқ» ва «Ҳикмати фаранг» ном шеърҳои шоир дар вазну сабки достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Низомӣ навишта шудаанд. Иқбол илова ба адибони зикршудаи тоҷику форс сабки ашъори Фахриддини Ироқӣ (ваф. 1289)-ро низ писандидааст:

Гахе шеъри Ирокиро бихонам,
Гахе Ҷомӣ занад оташ ба ҷонам.[60]

Фахриддини Ироқӣ аз устодони маъруфи сабки ироқӣ буда, осораш дар Ҳиндустон шӯҳрати бағоят калон пайдо кардааст. Хусусан ғазали машҳури ӯ, ки матлааш:

Нахустин бода к-андар ҷом карданд,
Зи чашми масти соқӣ вом карданд,

мебошад, мақбули сухансанҷони Ҳинду Покистон гардидааст. Иқбол ин матлаъро дар ду маврид (дар «Паёми Машриқ» ва «Армуғони Ҳиҷоз») тазмин намудааст:

Ба худ боз оварад ринди кӯҳанро,
Ман барно, ки ман дар ҷом кардам.
Ман ин май чун муғони даври пешин,
«Зи чашми масти соқӣ вом кардам.[61]

Гунохи ишқу мастӣ ом карданд,
Далели пухтагонро хом карданд.
Ба оханги Ҳиҷозӣ месароям:
«Нахустин бода, к-андар ҷом карданд».[62]

Ӯ инчунин дар пайравии Ироқӣ ин ғазалро эҷод карда, фалсафаи худии худро талқин намудааст:

Фанoро бодаи ҳар ҷом карданд,
Чӣ бедардона ӯро ом карданд.
Тамошогоҳи марги ногаҳонро
Ҷаҳони моҳу анҷум ном карданд.
Агар як заррааш хӯи рам омӯхт,
Ба афсуни нигоҳе ром карданд.
Қарор аз мо чӣ меҷӯй, ки моро
Асири гардиши айём карданд.
Худӣ дар синаи чоке нигаҳ дор,
Аз ин кавкаб чароғи шом карданд.[63]

Иқбол ба эҷодиёти Амир Хусрави Деҳлавӣ низ рағбати калон дошта, баъзе аз ашъори ӯро ҳам санъаткорона тазмин намудааст:

Ба рӯи аклу дил бикшой ҳар дар,
Бигир аз пири ҳар майхона соғар.
«Дар он кӯш аз ниёзи синапарвар,
Ки домаи пок дорӣ, остин тар».[64]

Ё худ:

«Басо кас андӯҳи фардо кашиданд,
Ки дӣ мурдаиду фардоро надиданд».

Хунук мардон, ки дар домони умрӯ,
Ҳазорон тозатар ҳангома чиданд.[65]

Аз адибони дигари точику форс, ки эҷодиёти ӯ диққати Иқболро ба худ ҷалб намудааст, Абдураҳмони Ҷомӣ мебошад:

Ба рӯям баста дарҳоро кушоянд,
Ду байт аз Пири Румӣ ё зи Ҷомӣ.[66]

Куштаи андози Мулло Ҷомиям,
Назму насри ӯ илоҷи хомиям.[67]

Ҷомӣ ғазале дорад, ки мақтаъи он

Бандаи ишқ шудӣ, тарки насаб кун, Ҷомӣ,
К-андар ин роҳ фалон ибни фалон чизе нест

мебошад. Иқбол ҳамин мазмунро дар яке аз шеърҳояш ин тавр баён кардааст:

Дар раҳи ишқ фалон ибни фалон чизе нест,
Ялли байзои Калиме ба сиёҳе бахшанд[68]

**Иқбол ва шоирони сабкҳои хуросонию ҳиндӣ.** Аз мутолиаи эҷодиёти Иқбол маълум мешавад, ки ӯ асарҳои шоирони мумтози сабки хуросониро ҳам ба таври бояду шояд омӯхта будааст. Аммо шоир бо сабки хуросонӣ асар навиштанро мақсади худ қарор надодааст. Шояд аз ҳамин ҷиҳат ҳам бошад, ки дар эҷодиёти ӯ қасида тақрибан дида намешавад.

Иқбол танҳо дар мавридҳои муносиб аз эҷодиёти шоироңи барҷастаи сабки хуросонӣ истифода мебарад. Масалан, як байти Манучеҳриро чунин тазмин намудааст:

«Алоӣ хаймагӣ, хайма фурӯ ҳил,
Ки пешоҳанг берун шуд зи манзил».
Хирад аз мондани маҳмил фурӯ монд,
Зимоми хеш додам дар кафи дил.[69]

Шоир инчунин эҷодиёти классики намоёни адабиёти тоҷику форс Носири Хусравро, ки низ аз устодони сабки хуросонӣ мебошад, ҳартарафа омӯхта, аз вай ҳам истифода бурдааст. Ӯ дар достони «Ҷовидинома» зери унвони «Намудор мешавад рӯҳи Носири Хусрави Алавӣ ва ғазале мастона саронда ғоиб мешавад» иборат аз панҷ байт шеъри вайро намуна меорад, ки яке аз байтҳояш ин аст:

Аз сари шамшеру аз нӯки қалам зояд ҳунар,
Эй бародар,ҳамчу нур аз нору нор аз норвац.[70]

Носири Хусрав шеъре дорад, ки бо байти:

Рӯзе зи сари санг уқобе ба ҳаво хост,
Аз баҳри тамаъ болу пари хеш биёрост[71]

сар шуда, дар бораи зарарҳои ғуруру манманӣ ва хӯрдагирӣ баҳс менамояд. Дар девони «Паёми Машриқ», «Шоҳин ва моҳӣ» ном қитъае ҳаст, ки он чи аз лиҳози шаклу вазн ва чи аз лиҳози мундариҷа ба шеъри Носири Хусрав хеле наздик аст:

Моҳибачае шӯх ба шоҳинбачае гуфт:
Ин силсилаи мавҷ, ки бинӣ ҳама дарьёст.
Дорои наҳангони хурӯшандатар аз мег,
Дар оина ӯ дидаю нодида балоҳост.
Бо сели гаронсангу замингиру сабуксея,
Бо гавҳари тобандаю бо лулуи лолост.
Беруи натавон рафт зи сели ҳамагираш,
Болои сари мост, тахи пост, ҳама чост.
Ҳар лаҳза ҷавон асту равон асту давон аст,
Аз гардиши айём на афзун шуду не кост».
Моҳибачаро сӯзи сухан чеҳра барафрӯхт,
Шоҳинбача ханди ду зи соҳил ба ҳаво хост.
Зад бонг, ки: «Шоҳинаму корам ба замин чист,
Саҳрост, ки дарьёст таҳи болу пари мост.
Бигзар зи сари обу ба паҳнои ҳаво соз,
Ин нукта набинад магар он дида, ки биност».[72]

Бояд қайд намуд, ки маҳсули адабии яке аз адибаҳои фасеҳзабони форсу тоҷик Қуратулайни Тоҳира низ диққати Иқболро ба худ ҷалб намуда будааст.

Шоир дар фасли «Фалаки Муштарӣ»-и достони «Ҷовиднома» бо арвоҳи Ҳаллоҷ, Мирзо Асадулло Ғолиб ва Тоҳира дучор омадани худро тасвир менамояд. Шахсони зикршуда ҳар кадом «наво», яъне шеъре мехонанд, ки ба онҳо Иқбол баҳои хеле баланд додааст:

Ғолибу Ҳаллоҷу Хотуни Аҷам,[73]
Шӯрҳо афканда дар ҷони ҳарам.
Ин навоҳо рӯҳро бахшад субот,
Гармии ӯ аз даруни коинот.[74]

Матлаи «Наво», ё худ шеъри Тоҳира, ки онро Иқбол хеле писандидааст; ин аст:

Гар ба ту афтадам назар чеҳра ба чеҳра, рӯ ба рӯ,
Шарҳ диҳам ғами туро нукта ба нукта, мӯ ба мӯ.[75]

Иқбол ба эҷодиёти ду устоди тавонои эронии сабки ҳиндӣ Урфии Шерозӣ ва Назирии Нишопурӣ ҳам таваҷҷӯҳи зиёд дошта, дар бисьёр ҷойҳо аз ашъори онҳо ҳам истифода мебарад:

Аҷам аз нағмаам оташ ба ҷон аст,
Садои ман садои корвон аст.
Ҳудоро тезтар хонам чу Урфӣ,
Ки раҳ хобидаю маҳмил гарон аст.[76]

Дар ин ҷо Иқбол ба шеъри зерини Урфӣ ишора намудааст:

Наворо талхтар мезан, чу завқи нағма кам ёбӣ,
Ҳудоро тезтар мехон чу маҳмилро гарон бинӣ.

Дар яке аз шеъри ҳояш дар бораи як мисраи Назирии Нишопурӣ чунин изҳори ақида кардааст:

Ба мулки Ҷам надиҳам мисраи Назириро:
«Қасе, ки кушта нашуд, аз қабилаи мо нест».[77]

Ҳамон навъе ки болотар қайд намуда будем, Иқбол моҳи июли соли 1922 ба унвони «Хитоб ба Мустафо Қамолпошшо» шеъре навишта, дар он революцияи буржуазию миллии бо сардории Мустафо Қамол Ототурк дар Туркия ба амал омадаро бо мамнуният табрик мекунад. Он шеър бо яке аз байтҳои Назирии Нишопурӣ ба охир мерасад.

„Оҳ он ғул-ғула, к-аз гунбади афлок гузашт,
Нола гардид, чу побанди баму зер шудем.
Эй басо сайд, ки бе дом ба фитрок задем,
Дар бағал тиру камон, куштаи наҳчир шудем.
«Ҳар куҷо роҳ диҳад асп бар он тоз, ки мо
Борҳо мот дар ин арса ба тадбир шудем».[78]

Чи навъе ки мебинем, Иқбол бо намояндагони маъруфи адабиёти форсу тоҷик муносибати хеле наздики эҷодӣ дошта, беҳтарин анъанаҳои онҳоро давом дода ва мавриди истифода қарор додааст. Вай кӯшиш кардааст, ки дар истеъмоли лафзу ибора ҳам сабки худро ба ҳамон пояи ашъори адибони гузаштаи тоҷику форс устувор созад ва ниғоҳ дорад.

Дар хотима бояд қайд намуд, ки осори адибони намоёни форсу тоҷик барои Иқбол сарчашмаи илҳом ва намунаи ибрат будааст. Иқбол дар натиҷаи аз сабку афкори сухансароёни форсу тоҷик устодона истифода бурдан ва хеле моҳирона ба ҳам пайваста тавонистани фалсафаю шеър ва тарзи фикри Шарқу Ғарб омезишу ягонагии маънавии қадиму навро ба вуҷуд овардааст.

## САБКИ ИҚБОЛ ВА ПАЙРАВОНИ НАЗМИ ФОРСИИ Ӯ

Чунон ки маълум аст, шеъри форсӣ асосан дорои се сабки мухталиф: сабки туркистонӣ ё хуросонӣ, сабки ироқӣ ва сабки ҳиндӣ мебошад.

Сабки туркистонӣ ё хуросонӣ аз асри X то аввали асри XIII, яъне дар худуди се сад сол давом кардааст. Дар ин давра тамоми шоирони Мовароуннахр, Хуросон ва мамлакатҳои дигари форсизабон ҳама тахти таъсири ин сабк будаанд ва ба ин шеваю равиш шеър мегуфтаанд. Шоироне, ки бо сабки хуросонӣ асар эҷод мекарданд, пеш аз ҳама аз истеъмоли луғати арабӣ эҳтирос менамуданд.

«Шеъри давраи сабки хуросонӣ,— менависад Фазлуллоҳи Сафо,— аз назари маъонӣ содда аст. Тасаввуф ва ирфон, ки баъдҳо пояи махками биноии шеър шуда буд, дар шеъри ин давра дида намешавад. Маъонии узлат, тарки дунъё, бадгӯӣ ба мазоҳири ҳаёт дар шеъри ин давра роҳ надорад».[1] Агар мо асарҳои суханварони ин давраро мутолиа намоем, ба хубӣ маълум мешавад, ки онҳо дар ҳақиқат мақсадҳои худро хоҳ ичтимоию сиёсӣ, хоҳ тарбиявию ахлоқӣ ва хоҳ таърифу тавсифӣ ба тарзи содда, бе пироя ва қобили фаҳм баён кардаанд. Онҳо аз киноявӯ истиора ва дигар санъатҳои шеърӣ аксар вақт худдорӣ менамуданд.

Рӯдакӣ, Унсурӣ, Фаррухӣ ва дигар шоирони машҳури он давр бо сабки хуросонӣ шеър гуфтаанд. Дар асри XIII дуюмин ва диловезтарин сабки шеъри форсӣ дар Ироқ ба вуҷуд меояд, ки он минбаъд бо номи сабки ироқӣ маъруф гардида, дар тамоми кишварҳои форсизабон нуфузи зиёде пайдо менамояд. Ин сабк то охирҳои асри XV давом мекунад.

Бузургтарини сухансароёни форсизабони асрҳои XIII—XV аз қабили Ҷалолиддини Румӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Амир Хусрави Деҳлавӣ ва Абдурраҳмони Ҷомӣ шоҳасарҳои худро бо сабки ироқӣ офаридаанд.

Аз охирҳои асри XV ва аввалҳои асри XVI сеюмин сабки шеъри форсӣ бо номи «сабки ҳиндӣ» ба вуҷуд меояд. Азбаски гӯяндагони ин сабк бештар шоирони форсизабоне буданд, ки дар Ҳиндустон мезистанд ё ба он сарзамин муҳоҷират карда буданд, аз ин ҷиҳат номи ин услубро «сабки ҳиндӣ» гуфтаанд. Малик-уш-шуаро Баҳор дар хусуси пайдоиши сабки ҳиндӣ менависад: «Ин сабк (сабки ҳиндӣ.— А. Ғ.) марбут ба Ҳиндустон ба танҳоӣ набуда, балки ин сабк аз Ҳирот ва Исфаҳон сироят карда ва аз Ҳироту Исфаҳон ба Ҳиндустон рафта, мунтаҳо дар Ҳиндустон ба ҳадди камол расид ва шуарои ин сабк дар он ҷо ғалаба гирифтанд».[2]

Адабиётшиноси Афғонистон Муҳаммад Ҳайдари Жӯбал пайдоиши сабки ҳиндиро маҳз дар Ҳиндустон медонад. Ӯ менависад: «Сабки ҳиндӣ дар Ҳинд бо муҳити ҷуғрофиёӣ ва моддӣ, афкору талқиёт ва фалсафаҳои махсуси Ҳинд омехта, дар ҳамон ҷо такомул кард ва дар Афғонистону Мовароуннаҳр истиқболи том ёфт... Баъд устодони бузурге чун Соиб, Калим, Бедил ин сабкро ба мақоми баланде расониданд».[3]

Ба фикри мо ин ақидаи Жӯбал ба ҳақиқат наздиктар аст. Холо мо дар ин ҷо масъалаи муайян намудани пайдоиши сабки ҳиндиро мавқуф гузошта, танҳо ҳаминро қайд мекунем, ки ин сабк ба тавассути устодони забардасти сухан ҳамчун Урфии Шерозӣ, Назирии Нишопурӣ, Файзӣ, Соиб, Бедил, Носиралии Сарҳиндӣ ва амсоли онон дар Ҳиндустон хеле ривоҷ ёфта, ба авҷи такаллуфу тафаннун расидааст. Гӯяндагони ин сабк бештар мазмунҳову маъниҳои дур аз зеҳн офаридаанд. Бештарини шоирони ин сабк тамоми кӯшиши худро барои эҷод кардани иҳому истиора ба кор бурдаанд. Садҳо шоирони Ҳиндустон, Эрон, Афғонистон ва Осиёи Миёна барои бо ин сабк эҷод намудани асарҳо саъю кушиш кардаанд. Асарҳои бисьёре аз намояндагони сабки ҳиндӣ дорои мазмунҳои печ дар печ ва ибороти сунъӣ мебошанд.

Сабки ҳиндӣ то асри XIX каму беш идома меёбад ва пас аз он давраи таҷаддуди адабӣ ё таҷдиди сабк ба вуҷуд меояд. Малик-уш-шуаро Баҳор дар бораи давраи бозгашти адабӣ баҳс намуда мегӯяд: «Давраест, ки шуарои Эрон сабки шеъри ҳиндиро написандида ва онро тарк гуфта ва ба сабки ироқӣ бозгашт намуданд ва ба тадриҷ ба сабки қадим, яъне сабки шуарои Хуросон пардохтанд. Ин давра то охири қарни сездаҳуми ҳиҷрӣ давом дошт».[4]

Ин фикри Баҳор аз ҳақиқат дур нест. Зеро аз нимаи ду-

юми асри XIX сар карда, на фақат адибони эронӣ аз сабки ҳиндӣ даст кашида, ба сабки шоирони пешин пайравӣ намудаанд, балки устодони назми форсии Ҳиндустон ҳам аз он услуб худдорӣ карда, дар сабкҳои хуросонӣ ва ироқӣ асарҳо навиштаанд. Агар мо Мирзо Асадулло Ғолиб, Мӯъминхони Мӯъмин, Мустафохони Ҳасратӣ ва баъзе шоирони дигарро истисно намоем, дигар адибони намоёни урдуву форсизабони охирҳои асри XIX ва аввалҳои асри XX Ҳинду Покистон ҳама дар сабкҳои ироқию хуросонӣ шеър сароидаанд.

Яке аз барҷастатарин устодони назми форсии ин давра, ки барои бо тамоми сабкҳои маъмулии шеъри форсӣ офаридани асарҳо қувваозмоӣ намуда ва аз ӯҳдаи он ба хубӣ баромада тавонистааст, Иқбол ба шумор меравад. Мо дар эҷодиёти ин даҳои назми форсии Ҳинду Покистон сабкҳои мухталифи шеъри форсиро мушоҳида мекунем.

Марҳум Донюлислом ҳангоме, ки аввалин асарҳои форсии Иқбол интишор ёфта буданд, навишта буд: «Сабки Иқбол шабоҳати бештаре ба сабки Мирзо Асадуллохони Ғолиб дорад. Метавонам бигӯям: баъд аз Ғолиб чашми Ҳиндустон ба вуҷуди Иқбол равшан аст. Яке аз шуарои қадим маснавие дар боби ҷонишинии устодони сухан гуфта, ки шеъри охираш ин аст:

> Зи Хусрав чу навбат ба Ҷомӣ расид,
> Ба Ҷоми суханро тамомӣ расид.

Марҳум Ғолиб бар он ин шеърро изофа намуд:

> Зи Ҷомӣ ба Урфию Толиб расид,
> Зи Урфию Толиб ба Ғолиб расид.

Ҳоло мо метавонем, ба он ин ду шеърро изофа кунем:

> Чу Ғолиб зи Ҳиндустон рахт баст,
> Ба ҷои вай Иқболи доно нишаст.
> Яқин дон сухандонии бостон,
> Бимонад ба Ҳиндустон ҷовидон»[7]

Мо ба ақидаи Донюлислом, ки Иқболро пас аз Ғолиб барҷастатарин шоири форсизабони Ҳиндустон мешуморад, ҳамовозӣ мекунем, аммо ба он фикри ӯ, ки« сабки Иқбол шабоҳати бештаре ба сабки Ғолиб дорад» мегӯяд, розӣ шуда наметавонем. Зеро Иқбол бо вуҷуди он, ки баъзан дар ашъораш мазмуну афкори дар асарҳои худ истифода бурдаи Ғолибро истеъмол менамояд, аммо сабки ӯ ба услуби Ғолиб,

ки аз намояндагони сабки ҳиндӣ мебошад, камтар шабоҳат дорад. Дар байни мероси адабии хеле бои Иқбол фақат чанд ғазалро дидан мумкин аст, ки ба сабки ҳиндӣ наздикӣ дорад. Ҳатто дар ин қисмати кам ҳам бештар таваҷҷӯҳи ӯ ба даврай аввали сабки ҳиндӣ мебошад ва ашъораш аз ҷиҳати лафзу маънӣ ва такаллуфот ва сустиҳои маънавию лафзии давраҳои охирини ин сабк ба куллӣ дур аст.

Профессор Саид Нафисӣ фикри он адабиётшиносонеро, ки Иқболро шоири сабки ҳиндӣ шуморидаанд, тамомая рад намуда навиштааст: «Бархе аз муосирон, ки дар бораи шеъри форсии Иқбол баҳс кардаанд, гуфтаанд, ки вай охирин шоири бузурги сабки маъруф ба ҳиндустонӣ ё ба истилоҳи адабӣ импрессионизм аст. Агар дуруст ашъори ӯро бо бузургони шуарои Эрон бисанҷем, мебинем, ки ин матлаб дуруст нест ва шеъри Иқбол бо ашъори шоирони сабки импрессионизм масалан, Урфӣ ва Файзӣ, Зуҳурӣ ва Назирӣ, Бедил ва Соиб, Ғолиб ва дигарон шабоҳати комил надорад».[6]

Профессори университети Истамбул доктор Алиниҳоди Торлон низ бо сабки ҳиндӣ шеър эҷод кардани Иқболро ба таври қатъӣ инкор менамояд: «Бар онам, ки Иқболро аз шуарои эронӣ, ки ба сабки ҳиндӣ шеър нависанд, тафриқ бояд кард. Шуарои сабки ҳиндӣ пеш аз ҳама мекӯшанд, ки равнақи шеъру хаёлро фароҳам кунанд, то он ҷое, ки дар ин ҳайронии асроролуд сарҳадҳои тафаккур аз байн биравад. Дар шеъри Иқбол тафаккури амиқ аст ва бо вуҷуди ин ҳеҷ вақт қотеъияти худро гум намекунад. Аз ин ҷост, ки Иқболро дар радифи шуарои импрессионист маҳсуб доштан хатост».[7]

Ин ақидаҳои Саид Нафисӣ ва Алиниҳоди Торлон комилан дурустанд. Иқбол дар ҳақиқат намояндаи сабки ҳиндӣ ба шумор намеравад. Ӯ аз ибтидои фаъолияти адабии худ сар карда, то поёни умр асосан дар сабки ироқӣ ва хусусан, дар сабки устодони барҷастаи он Ҷалолиддини Румӣ, Маҳмуди Шабистарӣ, Саъдӣ, Ҳофиз ва дигарон, қисман дар сабки хуросонӣ ва бештар дар равияи намояндагони маъруфи вай Манучеҳрӣ ва Носири Хусрав асарҳо эҷод кардааст, ки мо дар ин хусус дар боби боло таваққуф намудем.

Иқбол дар шаклҳои шеър, қолиби он ва вазну қофия ҳам ба сабки ироқӣ пайравӣ намудааст.

Аммо ҳаминро ҳам гуфтан лозим аст, ки ӯ дар баробари аз сабкҳои ироқӣ ва хуросонӣ истифода бурдан, соҳиби сабки махсуси худ низ мебошад. Ӯ кӯшиш кардааст, ки дар ис-

теъмоли лафзу ибора ҳам сабки худро ба ҳамон пояи сабки ашъори қадими форсӣ устувор созад ва нигоҳ дорад. Дар ашъори шоир лафзе ё таркибе, ки аз рӯи қоидаи сарфу наҳви забони форсӣ онҳоро мавриди танқид қарор додан мумкин бошад, дучор намешавад. У ба пирояҳои лафзӣ, санъатҳои шеърӣ ва такаллуфоте, ки бисьёре аз суханварони гузашта дар асарҳояшон ба кор мебурданд, эътиборе намедиҳад ва кушиш менамояд, ки дар осораш маъонӣ ва афкори наву тозаро истеъмол кунад.

Доктор Ҳусайни Хатибӣ менависад, ки «равиши ӯ (Иқбол. — А. Ғ.) дар шоирӣ аз ҷанбаи лафзӣ ба сабкҳои маъруф ба хуросонӣ ва ироқии қадим наздиктар аст, аммо аз ҷанбаи маънӣ ва вусъати фикр ва диққати назар осори ӯ ба манзалаи дарьёест».[8]

Бояд қайд намуд, ки агар Иқбол аз як тараф равишу сабки сухансароёни барҷастаи форсу тоҷикро дар Ҳинд зинда гардонида, афкору мазмунҳои адабии форсиро бо маҳорати тамом боз гуфта бошад, аз тарафи дигар дар шеъри форсӣ сабку мактаби наве таъсис намуд, ки онро ба номи ӯ «Сабки Иқбол» номидаанд.[9]

Доктор Абдулҳамиди Ирфонӣ дар ин бора дуруст навиштааст: «Чизе, ки сабки махсуси Иқболро ба вуҷуд овардааст, тозафикрӣ ва таркиби истилоҳоти ҷадид ва нуфузи афкор ва тарзи баёни мутафаккирини Мағриб мебошад. Иқбол бидуни ин, ки рӯҳияи Машриқро аз даст бидиҳад, солимтарин ва ҷолибтарин сифати адабиёти ҷадиди Мағрибро касб кардааст».[10]

Доктор Муҳаммадриёз низ ба сабки ироқӣ наздик будани ашъори Иқболро таъкид намуда, менависад, ки азбаски ӯ фалсафа ва шеърро бо маҳорату ҷазолати камназир ба ҳам омехтааст, бинобар он тарзи сухансароии вайро ба таври куллӣ «Сабки Иқбол» биномем.[11]

Мулоҳизаҳои Ирфонӣ ва Муҳаммадриёз дуруст мебошанд. Чунки Иқбол дар ҳақиқат тарзи фикри Шарқу Ғарбро ба ҳам пайванд дода, ваҳдату ягонагии маънавии қадиму ҷадидро ба вуҷуд овардааст. Вай бо тамаддуну вазъияти аср ошно ва бо осори адибону мутафаккирони Ғарб нағз шинос буд. Аз ин ҷост, ки ӯ дақиқтарин афкори ирфонӣ ва мушкилтарин маъонии фалсафӣ ва илмию ахлоқиро дар қолиби фасеҳтарин алфоз ва комилтарин таркиботи забони форсӣ рехта тавонистааст.

Иқбол аз тору пуди «деринаю нав» ба иртиқои фикр, на-

зару тамоюлот ва эҳтиёҷоти рӯзафзуни башар замини тозае ба вуҷуд овардааст.

Аз ин лиҳоз ҳам тарзи сухансароии ӯро «Сабки Иқбол» номидаанд.

***

Чунон ки дар бобҳои боло дидем, Муҳаммад Иқбол яке аз бузургтарин ва бонуфузтарин адибони мутафаккир ва инсонпарвару озодихоҳи назми форсизабони Ҳинду Покистон мебошад. Ба қавли Муҳаммад Ҳусайн Машонхи Фаридани «Иқбол забони форсиро, ки дар он аср фақат барои навиштани лавҳи қабр ё кутуби мазор ё нусхаи ҳакимони юнонӣ ба кор мерафт, дубора ба шакли як забони адабӣ зинда кард».[12]

Саид Нафисӣ дар бораи маҳорати шоирии Иқбол менависад: «Дар ҷаҳони мо шоирон бисьёр будаанд, аммо дар олами ҳақиқат танҳо касоне аз миёни эшон бузург ва дархӯри ситоишанд, ки паёмбари асру замони худ буда бошанд. Яъне на танҳо орзуҳои мардуми диёри худро баён карда бошанд, балки роҳи расидан ба он орзуҳоро ҳам нишон дода бошанд. Қатъан аллома Муҳаммад Иқбол яке аз ин мардони бузург аст, ки метавон ӯро паёмбари шоирон ё шоири паёмбарон донист».[13]

Аз ин ҷост, ки бисьёре аз шоирони равияи пешқадами адабиёти халқҳои Ҳинду Покистон, хусусан адибоне, ки ба забони форсӣ шеър гуфтаанд, бо Иқбол дар муносибати наздик буда, аз мӯътақидони эҷодиёти ӯ гардидаанд.

Ин шоирон аз Ғуломкодир Гиромии Ҷоландарӣ (ваф. 1927), Хоҷа Муҳаммадамини Дороб (тав. 1891), Ғулом Ғавсӣ мутахаллис ба Самадонӣ, Ашраф Маҳмуди Шаҷари Сиёлкутӣ (тав. 1872), Шайх Муҳаммад Айюби Гурдоспурӣ мутахаллис ба Айюб (тав. 1909), Ғулом Ҷелонии Барқ (тав. 1901), Муҳаммад Айюбалӣ Қавкаби Панҷобӣ (таб. 1910), Абдулқайюми Боқӣ, Ҷаганнотх Озод ва Содиқи Қветавӣ иборатанд.[14]

Бояд гуфт, ки нисбат ба эҷодиёти Иқбол нуқтаи назари адибони форсизабони замони ӯ як хела нест. Вақте ки маснавии фалсафии «Асрори худӣ»-и Иқбол нашр гардид, намояндагони тасаввуф ва доираҳои иртиҷоии Ҳинд ба муқобили ӯ бархостанд. Чи навъе ки маълум аст, тасаввуф бештар аз ҳазор сол ниҷониб ба мафкураи мардуми мамлакатҳои исломӣ таъсири пурқуввате расонида меояд. Дар давоми бисьёр асрҳо мардуми машриқзамин дар натиҷаи ба таълимоти бе-

худии тасаввуф фирефта шуданашон ба гумроҳиву коҳилӣ ва нокомиҳо мубтало мегардиданд. Зеро таълимоти бехудии тасаввуф ба ҷои он ки мардумро ба далерӣ ва саъю кӯшишу фаъолият даъват кунад, барои ба тақдир тан додан талқин менамуд, вайро танбалу ғофил ва тарсон месохт, ҳар бадбахтиро аз қисмат медонист ва бештар ба дуньёбезор будану аз лаззатҳои олами ҳастӣ чашм пӯшидан ташвиқ мекард. Таълимоти дар «Асрори худӣ» гузоштаи Иқбол бар хилофи ақоиди бехудии аҳли тасаввуф буд.

Шоирони мутаассиби замон дар ҷавоби «Асрори худӣ»-и Иқбол як қатор асарҳо навишта, нисбат ба ӯ суханҳои таҳқиромез мегуфтанд. Баъзеи онҳо шеъри дар бораи ақидаҳои Ҳофиз гуфтаи Иқболро асос карда, ба ҳимояи ӯ мебароянд. Ин шоирон, албатта, ба ҷиҳатҳои пешқадами эҷодиёти Ҳофиз не, балки ба шеърҳои мазмунҳои динӣ-идеалистӣ доштаи ӯ аҳамият медоданд ва онҳоро дар байни мардум талқин мекарданд.

Чунон ки дар боло зикр намудем, Иқбол ба ҳаракатҳои миллию озодихоҳӣ аҳамияти ҷиддӣ медод ва тамоми умр халқҳои дар асорати аҷнабиён будаи Шарқро барои ба даст овардани истиқлолият ба мубориза даъват менамуд. Вай ба ҳаракати миллӣ-озодихоҳии Туркия низ таваҷҷуҳи зиёд дошт ва орзу мекард, ки ин ҳаракат барои озодии мардуми Шарқ роли калон мебозад. Аммо вақте ки англисҳо Байнаннаҳрайнро аз туркҳо мегиранд, орзуҳои шоир барбод мераванд.

Иқбол пас аз ин воқеа ба чунин хулоса меояд, ки ба умеди дигарон шудан ва ба қувваи ғайр такья кардан, ҳеҷ суде надорад. Аз ҳамин вақт ӯ фалсафаи наву махсуси худро дар асоси худпарварӣ ва тарбияи насли нав, ки сабаби беҳтар гардидани аҳволи мардум шавад, ба вуҷуд меорад. Ӯ маснавии «Асрори худӣ»-ро бо ҳамин мақсад эҷод мекунад.

Ҳаминро низ гуфтан лозим аст, ки Иқбол баъди аз сафари Европа баргаштан пайрави фикри иттиҳоди ислом гардида буд, ки онро Саид Ҷамолиддини Афғонӣ, Мирзо Оқохонии Кирмонӣ ва Саид Халимпошшо ба вуҷуд оварда буданд. Вале ҷанги ҷаҳонии якум ин ақидаи ӯро ҳам тағьир медиҳад. Ӯ дигар боварӣ надошт, ки дар байни ин кишварҳои аз ҳам дурафтода як ваҳдати сиёсӣ ба амал овардан мумкин бошад. Вай чунин ақидае пайдо намуд, ки мардуми ҳар яке аз ин кишварҳо бояд барои ҳосил намудани озодиву истиқлолияти худ кӯшиш намоянд. Ҳанӯз оташи ҷанг хомӯш ва тақдири он маълум нашуда, маснавии «Асрори худӣ» интишор меёбад.

Мухит Таботабой дар бораи сабабҳои ба гурӯҳе аз мусулмонони Ҳинд писанд наомадани «Асрори худӣ» мегӯяд: «Ин маснавӣ («Асрори худӣ».— *А. Ғ.*) дар миёни тӯдаҳои анбӯҳи мусулмони Ҳинд таъсири ғарибе бахшид ва Иқболро пас аз як давраи тӯлонии маҳбубияти умумӣ аз назарҳо афканд. Зеро дар он маснавӣ ба ирфони суст ва тасаввуфи роқиду хомӯш тофта буд ва ҳатто аз куллияи суханвароне, ки дар ин бобат сухан суруда буданд, хӯрдаҳо гирифта, андешаҳои ҳар якро мавриди интиқод қарор дода буд».[15]

Сарҳанг Хоҷа Абдуррашид онд ба мубоҳисаи тезу тунде, ки баъди нашри «Асрори худӣ»-и Иқбол ба вуҷуд омада буд, баҳс намуда менависад: «Шоири миллии Покистон Мавлоно Иқболи Лоҳурӣ дар зиндагии худ таҳти унвони «Асрори худӣ» китоби манзуме ба чоп расонида буд. Вале азбаски рӯҳониёни он замон ин китобро ба назари таассуб дида ва фалсафаи онро намефаҳмиданд, бинобар он ҳангомаи аҷоибе барпо карданд. Онҳо мехостанд, ки мардумро дар ақидаҳои ишроқият, афлотуният ва қабрпарастию кароматҳи фавқулодда тарбия намуда, ба ин восита ба ҳадафҳои шахсии худ расанд. Аммо Иқболи Лоҳурӣ мехост, ки он ақидаҳои ботилро аз байн бурда, мардумро ба роҳи дуруст ҳидоят намояд».[16]

Яке аз шоироне, ки ба муқобили «Асрори худӣ»-и Иқбол баромада буд, Абӯ Сулаймон Пирзода Музаффар Аҳмади Панҷобӣ мутахаллис ба Фазлӣ буд, ки ӯ шахси сӯфӣ ва тарғибкунандаи ғояҳои ислом ба шумор мерафт. Ӯ муаллифи «Нақиб-ул-авлиё», «Симурғ», «Каргномаи ислом», «Лисон-ул-ирфон», «Гулбонги сухан», «Балиғ-ул-баён», «Фарьёди Фазлӣ», «Воридоти дил» ва «Рози бехудӣ» барин асарҳои манзуму мансури дорои мазмунҳои динию тасаввуфӣ мебошад.

Фазлӣ дар маснавии «Рози бехудӣ», ки дар ҷавоби «Асрори худӣ» гуфта шудааст, Иқболро сахт сарзанишу маломат намуда, ҳатто вайро «шағол», «душмани ислом» ва «роҳзани» ислом номидааст. Чунончи, ӯ ба Иқбол хитоб намуда гуфтааст:

Бандаро Фиръавн ба сомон мекунӣ,
Бо худо дасту гиребон мекунӣ.
Чун ба худ мебинад аз рӯи худӣ,
Айбро гӯяд ҷамоли маънавӣ.
Маст гардад чун ба бӯи хештан,
Аз худӣ гирад сад оху бар Хутан.
Хешро бар хештан тақсим кард,
Худпарастӣ халқро таълим кард.
Исми ӯ тӯмори исён дар бағал,

Холӣ аз ҳусни амал, пур аз халал,
Ҳар чӣ гуфтӣ аз худӣ, хошо ғалат,
Сар ба сар аз лафз то маънӣ ғалат.
Дар ҳаёти кас худиро дахл нест,
Халқи олам навраси ин нахл нест.
Дар ҳарими ҳақ худиро нест бор,
Дар ҳарам муздури девонро чӣ кор?
Зидди он чизе ки номи ӯ худист,
Чеҳрапардози вуҷуди бандагист.
Банда шуд аз бандагӣ тобандатар,
Зиндатар, арзандатар, фархундатар.
Мақсади тахлиқи инсон бандагист,
Бандагӣ сар ҳасту сомон бандагист...
Алғараз аз сеҳри гуфтори шағол,
Қавм шуд масхури пиндори шағол.
Эй, ки Ҳофизро шамотат мекунӣ,
Ринди майкашро маломат мекунӣ.
Эй ба илми хеш махмури амал,
Ту чӣ донӣ сирри мастони азал.
Ту чӣ медонӣ маю майхона чист?
Соқию базму хуму паймона чист?[17]

Ҳаким Фирӯзиддини Аҳмад, ки дар форсӣ Тӯғрой ва дар урду Фирӯз (1882—1931) тахаллус кардааст, низ дар эътирози «Асрори худӣ» «Лисон-ул-ғайб» ном маснавие офарида, дар он нисбат ба Иқбол ва афкори фалсафии пешқадами вай хеле суханҳои ношоям гуфтааст.

Фазлӣ ва Тӯғрой аз мавқеи динӣ ва таассуби исломӣ мардумро водор намудаанд, ки аз таълимоти Иқбол эҳтироз намоянд. Иқбол бо вуҷуди он ки ба танқиду ҳамлаҳои сахти шоирони мутававвифу иртиҷоии замони худ дучор гардид, аммо вай аз майдони муборизаҳои фикрӣ берун набаромад ва дар соли 1917 маснавии «Румузи бехудӣ»-ро, ки аз лиҳози ном зидди китоби аввал ба назар меояд, аммо дар асл давоми ҳамон назария аст, интишор медиҳад.

Хонандагони сершумор, хусусан шахсони озодфикру пешқадами Ҳинд, маснавиҳои Иқболро бо камоли хурсандӣ истиқбол менамоянд. Донишманди маъруфи Ҳиндустон Рашид Аҳмади Сиддиқӣ дар «Паёми Иқбол» ном мақолаи худ доир ба «Асрори худӣ» ва «Румузи бехудӣ» изҳори ақида намуда, навиштааст, ки «ин асарҳо на фақат ба халқҳои мазлуми Ҳиндустон илҳоми мардонагиву шуҷоатмандӣ бахшид, балки таълимоти муҳимми фалсафӣ, сиёсӣ ва тарбиявӣ—ахлоқии шоир ба тамоми мардуми ба зери юғи аҷнабиён гирифтор будан кишварҳои Шарқ таъсири бузурге расонида, обрӯи ӯро чи дар Ҳиндустон ва чи дар хориҷи он хеле баланд бардошт.[18]

Характернок аст, ки ба муқобили Фазлӣ, Туғрои ва дигар таҳқиркунандагони Иқбол ва асарҳои вай шоирони пешқадам мубориза бурдаанд. Равияи ҳимояи Иқбол, мубориза барои баҳодиҳии эчодиёти ӯ дар адабиёти халқҳои Ҳинду Покистон, аз он ҷумла назми форсизабони он кишварҳо то имрӯз давом дорад.

Ҳаминро ҳам гуфтан лозим аст, ки мо дар байни пайравони эчодиёти Иқбол шоиронеро ҳам мебинем, ки ба асарҳои ӯ тақлиди маҳз карда, мазмунҳои онро ба як тарзи дигар, баъзан ба тарзи бадтар ифода кардаанд. Баъзе аз онҳо ба ғазалҳо, рубоиҳо ва дубайтаҳои Иқбол ҷавобҳо навиштаанд, шеърҳои машҳури фалсафии ӯро ба қадри фаҳму тавонашон мухаммасҳо гуфтаанд. Аксари муқаллидони Иқбол ба дараҷаи ӯ расида натавонистаанд. Ин шоирон иборaву калима ва истилоҳоти махсуси Иқболро ба тарзи сунъӣ гоҳо бе маврид ва гоҳо бидуни фаҳму идроки он кор фармудаанд. Дар назари аввал чунин иборотy истилоҳоти пурдабдаба зоҳиран ба хонанда таъсири бузурге бахшад ҳам, аммо дар асл аз он маъниҳои чуқур ва мазмунҳои баланде, ки аз ғазалҳои Иқбол бармеояд, гирифтан душвор аст.

Бояд қайд намуд, ки бисёре аз суханварони машҳури имрӯзаи Эрону Афғонистон низ ба Иқбол пайравӣ мекунанд, ашъори ӯро тазмин менамоянд, дар татаббӯаш шеър мегӯянд.[19]

## ХОТИМА

Муҳаммад Иқбол бузургтарин шоири форсизабони асри XX Ҳинду Покистон мебошад. Асарҳои форсии Иқбол чи аз ҷиҳати мазмун ва чи аз ҷиҳати шакл дар адабиёти форсизабони Ҳинду Покистон мавқеъ ва мақоми махсусе дорад. Мавқеъ ва мақоми Иқбол пеш аз ҳама дар он аст, ки ӯ эҷодиёти худро ба масъалаҳои муҳимтарини замонаш наздик карда, иллату нуқсонҳои ҷамъияти истисморгарии Ҳиндустони феодалӣ ва мустамликавиро тасвир ва танқид намудааст. Дарк намудани тамоми дардҳои ҷамъият, муборизаи ҷиддӣ ва оштинопазир бо қувваҳои иртиҷоӣ, мубориза бо ҷаҳлу фасод, дафъ кардани ҳар гуна муқовиматҳои иртиҷоӣ ва манфӣ, мухолифати шиддатнок бо ҳама гуна қувваҳои зиддиозодӣ ва зиддидемократӣ ҳадафи асосӣ ва аслии фаъолияти адабии Иқболро ташкил медиҳад. Иқбол бо шеърҳои оташбори худ зиддиятҳои печидаи ҳаёти иҷтимоии замони худро ва муборизаи наву кӯҳнаро дар оинаи эҷодиёти худ бо камоли равшанӣ инъикос намуд. Муборизаи қувваҳои инқилобро бо иртиҷоъ, демократияро бо истибдод намудор мекард. Деҳқони ранҷбарро бо арбоб, коргарро бо корфармо, маҳкумро бо ҳоким, меҳнатро бо бекорӣ, ва корро бо сармоя муқобил мегузошт. Ӯ дар шеърҳои худ муборизаи идеяҳои байналмилалиро бо шовинизм, ҳаракатҳои озодии миллиро бо мудохилаҳои бераҳмонаи мустамликадорон, илму маданиятро бо ҷаҳлу нодонӣ ва ишқу муҳаббатро бо булҳавасӣ рӯ ба рӯ гузошт, ки ин хусусиятҳо дар эҷодиёти дигар шоирони Ҳинду Покистон, ки ба забони форсӣ шеър гуфтаанд, тамоман дучор намегардад.

Он ҷиҳати ҳақиқатан нав ва асосие, ки шоири бузург ба назми форсизабони Ҳинду Покистон даровард, аз он иборат аст, ки ӯ аввалин шуда тақдири адабии худро бо халқ во-

баста намуд, каламн худро чунон ки худаш мегуфт, ба хизмати чомеаи имрӯза гузошт. Икбол тамоми кувваи шоирии худро ба халки худ бахшид ва ҳаётро дар инкишофи революционии он, такомул ва ҳаракати онро ҳакикатан ба усули тозаофаринӣ акс намуд. Дар эчодиёти Икбол аввалин бор дар таърихи назми форсизабони Ҳинду Покистон равияи сиёсӣ ва эстетикӣ равияи яклухту ягона гардид. Сиёсату фалсафа на факат мазмуни идеявии ӯ, балки принципи эчодии ӯ гардид, ки ин тасвири бадей ҳакикати зиндагиро муайян мекунад. Ин хусусияти асосии назми нави эчодкардаи Икбол мебошад. Мо ин ҳолатро дар эчодиёти ҳеч яке аз шоирони дигари форсизабони Ҳинду Покистон дида наметавонем.

Икбол дар айёми тирани Ҳиндустони мустамликавӣ машъали хирадро афрӯхта, байраки инсонпарвариро баланд бардошт, бар зидди зулму истибдоди англисҳо, барои идеалҳои олии инсонӣ, беҳтаршавии зиндагии оммаи халк, барои адолат ва ҳакикат далерона мубориза бурд. Ӯ чунон сохти давлатиеро орзу мекард, ки дар он табакаи заҳматкаш озод ва соҳиби такдири худ бошад. Шоир тарафдори чиддии ҳокимияти халки меҳнаткаш ва мухолифи ҳар гуна истибдод ва худсарӣ буд. Вай бар зидди ҳар гуна тачовуз ва дахолати давлатҳои Ғарб дар корҳои дохилии мамлакат садои эътирозашро баланд мекард.

Икбол ба ҳаракатҳои миллию озодихоҳии чаҳон бисьёр некбин буд. Ӯ аз аввалин шоирони Ҳиндустон аст, ки Ғалабаи Революцияи Социалистии Октябрьро, ки мунодии озодӣ ва пайки хушбахтии ҳамаи чаҳониён буд, бо назари хушбинӣ ва эҳтиром истикбол кард.

Икбол нахустин дафъа дар назми форсизабони Ҳинду Покистон дар бораи Революцияи Социалистии Октябрь, доҳии меҳнаткашони чаҳон В. И. Ленин ва аввалин давлати социалистии олам, ки озодӣ, баробарҳукукӣ ва ҳамкориро ба вучуд овардаанд, сухан ронда, ғояҳои социалистиро ташвику тарғиб намудааст.

Эчодиёти Икбол ҳам дар шакл ва ҳам дар ғояву мазмун мувофики шароити таърихиву сиёсии замонаш тадричан такомул ёфта, дар даврaи охирин ифодаи беҳтарини афкори пешкадами он замон гардид.

Икбол дар шеърҳои ба сабкҳои ирокӣ ва хуросонӣ эчодкардааш хеле маҳорат ва муваффакият зоҳир намудааст.

Дар ин роҳ ҳам вай аз тамоми шоирони Ҳинду Покистони замони худ, ки ба форсӣ шеър сароидаанд, муқаддам аст.

Шеърҳои дар пайравии Румӣ, Ҳофиз, Саъдӣ ва дигар устодони назми форсӣ эҷод кардаи Иқбол дар такомули сабку услуби шоирии ӯ роли калон бозидаанд. Ин шеърҳо ба он гувоҳӣ медиҳанд, ки Иқбол аз анъанаҳои назми классикии форсу тоҷик эҷодкорона истифода бурда тавонистааст. Аммо сабку услуби махсуси Иқбол тақлид ва пайравиҳои роҳу равиши назми гузашта набуд. Иқбол, ки барои ба ҳаёт наздик намудани мазмуну мундариҷаи шеър кӯшидааст, дар интихоби образ ва воситаҳои бадеӣ низ ба мувофиқати шаклу мазмун саъй намудааст. Дар байни мероси адабии шоир бисьёр шеърҳое дида мешаванд, ки онҳо на ба равияи шоирони сабкҳои ироқию хуросонӣ ва на ба равияи сабки ҳиндӣ, балки ба як тарзи хоси худи Иқбол суруда шудаанд. Ин роҳу равиши Иқбол дар назми форсизабони Ҳинду Покистон роҳи наве буд ва он дар инкишофи минбаъдаи назми мамлакатҳои форсизабон таъсири калони мусбате гузошт, ки инро аксари адибон эътироф кардаанд.

Довуди Шерозӣ дуруст гуфтааст, ки «Иқбол сабку мактаби ҷадиде дар шеъри форсӣ таъсис карда, ки ҳаққан бояд сабки ӯро «Сабки Иқбол» номид ва қарни адабии ҳозирро бояд ба номи номии ӯ музайян сохт».[1] Иқбол дар ҳақиқат дар шакл ва мундариҷа нисбат ба гузаштагон ва муосирони худ соҳиби сабку услуби махсусе буд ва дар роҳи такомули эҷодӣ ба воситаи асарҳои худ дар адабиёти форсизабони Ҳинду Покистон бисьёр навигариҳо дохил карда тавонист. Шоир барои ифодаи мазмуни нав шаклҳои гуногуни назми классикии форсу тоҷикро моҳирона тобеи мундариҷаи нав мегардонад, ки худи ҳамин навҷӯӣ ва нановарӣ аст.

Иқбол тамоми умр халқро ба озодӣ, кӯшишу фаъолият, меҳнати ҳалол ва хислатҳои нек раҳнамоӣ намуда, ба вай ғизои маънавӣ додааст. Аз ин ҷост, ки халқҳои Ҳинду Покистон ва мамлакатҳои дигари дуньё Иқболро бо он саҳми бузурге ки дар мубориза барои хушбахтии инсоният гузоштааст, эҳтиром ва тақдир менамоянд.

Саид Нафисӣ Иқболро яке аз бузургтарин ашхоси таърихии олам шуморида, номи ӯро дар радифи номҳои адибону мутафаккирони ҷаҳоншумул гузоштааст. Ӯ Иқболро пешвою раҳнамои халқҳои дар зери асорат будаи Шарқ медонад. «Гӯяндаи бузург он аст, ки,— мегӯяд Саид Нафисӣ,— муқтазиёти замонаро тағьир бидиҳад, чархи рӯзгорро ба

майли худ бигардонад, ҳаводиси ҷаҳонро зеру рӯ кунад. Ходисае дар таърихи ҷаҳон фароҳам кунад ва ман бо камоли ҷуръат мегӯям, ки ин корро дар таърихи чанд ҳазорсолаи башар танҳо чанд тан кардаанд. Аз он ҷумла, дар Юнони Қадим Афлотун ин корро карда, дар олами ислом Ибни Сино пас аз он Мавлоно Ҷалолиддин (Румӣ.— *А. Г.*) кард ва охирин касе, ки ин корро кард Муҳаммад Иқбол буд».[2]

Дар ҳақиқат эҷодиёти Иқбол дар шароити таърихии авҷ гирифтани муборизаҳои озодихоҳии миллӣ ва ҳаракатҳои инқилобии халқҳои Шарқ бо ғояҳои олии ватандӯстӣ ва истиқлолталабии худ на фақат дар такомул ва инкишофи равияҳои пешқадами адабиёти урдуву форсизабони Ҳинду Покистон роли бузург бозидааст, балки ба ҷараёни умумии тараққиёти афкори нави адабии халқҳои Шарқ низ алоқаи ҷудонашаванда пайдо кардааст.

Саид Нафисӣ дар хусуси роли дар инкишофи назми форсизабони Ҳинду Покистон ва кишварҳои дигари Шарқ бозидаи Иқбол ва таъсири эҷодиёти ӯ хеле ҳаққонӣ навиштааст: «Сухансароёни форсизабон таъбироте чанд монанди «масеҳонафас», «масеҳодам», «исонафас» ва назири онро ҳамвора дар бораи пизишкони ҳозиқ, ки мурдаро зинда мекунанд, ба кор бурдаанд. Дар замони мо ин гуна таъбирот дар бораи аллома Муҳаммад Иқбол — сароянда ва ҳакими бузург муносибтар аст. Зеро, ки вай адаби форсӣ ва забони форсиро, ки дар Ҳинду Покистон беш аз сад сол мурда буд, ба дами масеҳонии худ зинда кард ва ҷунон зиндагӣ бахшид, ки аз даврони пеш аз марг ҳам нерӯмандтар ва барӯмандтар шуд. Ин корро камтар касе тавонистааст дар ҷаҳон бикунад. Иқбол муассиси ҷадиде дар адабиёти милали исломӣ ва махсусан порсизабонон метавонад ба шумор ояд. Эъҷози вай дар ин аст, ки мардуми ховарзаминро ҷунон аз хоби гарони чандсадсола барангехт, ки мояи шигифтагии ҷаҳониён шуд».[3]

Ин фикр комилан дуруст мебошад. Имрӯз дар ҳақиқат чи дар Ҳинду Покистон ва чи дар мамлакатҳои дигари ҷаҳон, хусусан Шарқ бисьёр шоирону мутафаккирон дар назми форсӣ ба ӯ пайравӣ мекунанд. Сабаби дар байни халқҳои ҷаҳон то ин дараҷа шӯҳрати бузург пайдо кардани Иқбол дар он аст, ки ӯ на танҳо орзую умедҳои халқҳои меҳнаткашро баён кардааст, балки роҳҳои ба он орзуҳо расиданро ҳам нишон додааст.

Иқбол дар асарҳои худ инсон, амалиёти ӯ, ирода ва ак-

ли расои ӯро сароида, нисбат ба имкониятҳои беинтиҳои вай боварии комил зоҳир намудааст, ки мо ин хусусиятро дар эҷодиёти шоирони дигари форсизабони замони ӯ тақрибан намебинем.

Иқбол дар эҷодиёти худ пеш аз ҳама ба масъалаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фалсафӣ диққат дода, ба лаҳзаҳои муҳимми муборизаи зидди зулми миллӣ ҳам дахл кардааст. Ӯ худшиносии миллии халқҳои Ҳиндустон ва мамлакатҳои дигари Шарқро бедор сохта, ба онҳо ёрӣ расонд, ки шаъну шараф ва ифтихори худро дӯст доранд. Мо ин хусусиятро низ дар эҷодиёти ҳеҷ яке аз шоирони форсизабоне, ки бо Иқбол дар як давр зиндагӣ ба сар бурдаанд, дида наметавонем.

Муҳаммад Иқбол дар назми форсизабони Ҳинду Покистон аввалин шоирест, ки фикрҳои прогрессивии замона, хусусан ақидаҳои иҷтимоию сиёсиро ба таври хеле пурра акс кунонидааст, ки онҳо дар шароити ҳозира ба халқҳои бар зидди тартиботи мустамликавӣ мубориза бурдаистодаи Шарқ қувват мебахшанд ва онҳоро рӯҳбаланд мегардонанд. Бесабаб нест, ки Иқбол аҳамияти калони иҷтимоӣ-сиёсӣ доштани асарҳояшро дарк намуда гуфтааст:

Аҷам аз нағмаҳои ман ҷавон шуд,
Зи савдоям матои ӯ гарон шуд.
Ҳуҷуме буд раҳ гумкарда дар дашт,
Зи овози дароям корвон шуд*

Муҳаммад Иқбол асосгузори даврони нави назми форсизабони Ҳинду Покистон ва яке аз суханварони бузурги навпардоз ба шумор меравад.

## ТАВЗЕҲОТ ВА ҚАЙДҲО

### Аз таърихи омӯхта шудани ҳаёт ва эҷодиёти Муҳаммад Иқбол

[1] Манучарлоли Зашӣ. Гулдастаи адаб. Оллоҳобод, 1931, саҳ. 313—314 (ба заб. урду).

[2] Рашид Аҳмади Сиддиқӣ. Паёми Иқбол.— Маҷ. «Суҳайл», январи 1926, саҳ. 115—128; апрели 1926, саҳ. 39—68, нашри университети мусулмонии Алигарҳ (ба заб. урду).

[3] Ром Бобу Саксена. Таърихи адабиёти урду (замимаи таърихи адабиёти урду). Лакхнав, 1952, саҳ. 186—202 (ба заб. урду).

[4] Доктор Муҳаммад Низомиддин. Дурари форсӣ. Ҳайдаробод (Дакан), 1350 ҳиҷрӣ, саҳ. 79.

[5] Anand Mulk Raj. Golden—breath. Studies in five Poets of the New India. London, 1933, pp. 51—85.

[6] Назир Асғар Ҳусайнхони Лудхиёнавӣ. Таърихи мухтасари адабиёти урду. Карочӣ, 1953, саҳ. 255—261 (заб. урду).

[7] Доктор Эъҷоз Ҳусайн. Таърихи мухтасари адабиёти урду. Карочӣ, 1956, саҳ. 190—193 (ба заб. урду).

[8] Амир Ҳасани Нуронӣ. Ситораҳои назми урду. Лакхнав, 1957, саҳ. 98—102 (ба заб. урду).

[9] Сардори Ҷаъфарӣ. Адабиёти тараққипарвар. Алигарҳ, 1957, саҳ. 123—158 (ба заб. урду).

[10] Саид Эхтишам Хусейн. История литературы урду. М., 1961, стр. 163—166.

[11] Абдулқодири Сурурӣ. Назми ҷадиди урду. Лоҳур, 1962, саҳ. 156—190 (ба заб. урду).

[12] Sadiq Muhammad. A histori of urdu literature, London, Oxford University press, Karachi—Lahore—Dacca, 1964, pp. 357—389.

[13] Доктор Абдулвоҳид. Шуарои ҷадиди урду. Пешовар, Лоҳур, Карочӣ (соли нашр надорад), саҳ. 74—97 (ба заб. урду).

[14] Чаухан Ш. Очерк истории литературы хинди. М., 1960, стр. 23, 71, 72, 79, 183, 189.

[15] Муҳаммадалии Доиюлислом. Иқбол ва шеъри форсӣ. Ҳайдаробод (Дакан), 1364 ҳиҷрӣ.

[16] Иқбол дар назари эрониён. Мураттиб доктор Хоҷа Абдулҳамиди Ирфонӣ. Карочӣ, 1957, саҳ. 80.

[17] Мавлоно Абдулмалики Оравӣ. Назми Иқбол. Бадоюн, 1950 (ба заб. урду).

[18] Мавлоно Абдуссаломи Надвӣ. Иқболи комил. Аъзамгарҳ, 1948 (ба заб. урду).

[19] Услуб Аҳмади Ансорӣ. Иртиқои зеҳнии Иқбол.— Маҷ. «Ҷомеа», нашри Деҳлӣ, марти 1941, саҳ. 189—214 (ба заб. урду).

[20] Доктор Юсуф Ҳусайнхон. Рӯҳи Иқбол. Деҳлӣ, 1957 (нашри чаҳорум) саҳ. 15—16 (ба заб. урду).

[21] Фикри Иқбол (маҷмӯаи мақолаҳо доир ба Иқбол). Мураттиб Ғулом Дастгири Рашид. Карочӣ, 1956 (ба заб. урду).

[22] «Иқбол ревью» (маҷ.), нашри Академияи Иқбол (Покистон). Карочӣ, июли 1960, саҳ. 66—95 (ба заб. урду).

[23] «Иқбол ревью», моҳи январи 1961, саҳ. 1—10; 11—28; 29—50, 51—57 (ба заб. урду).

[24] «Иқбол ревью», июли 1962, саҳ. 1—125 (ба заб. урду).

[25] Башир Аҳмад. Мавлоно Румӣ ва Иқбол.— Маҷ. «Моҳи нав», нашри Карочӣ, январи 1951, саҳ. 24—35 (ба заб. урду).

[26] Тасаввури Румӣ ва Иқбол дар бораи муҳаббат. Маҷмӯаи мақолаҳои «Фикри Иқбол». Карочӣ, 1956 (ба заб. урду).

[27] Халифа Абдулхаким. Иқбол ва тасаввуф.— Маҷ. «Моҳи нав», моҳи апрели 1951, саҳ. 4—8 (ба заб. урду).

[28] Муҳаммадорифи Сиддиқӣ. Иқбол, ислом ва назм.— Маҷ. «Моҳи нав», апрели 1951, саҳ. 14—18 (ба заб. урду).

[29] Майкаши Акбарободӣ. Нақди Иқбол. Агра, 1952. (ба заб. урду).

[30] Мавлавӣ Муҳаммад Абдуссаломи Ромпурӣ. Раёсати Иқбол.— Маҷ. «Маориф», нашри «Дор-ул-мусаннифин»-и Аъзамгарҳ, октябрь—ноябри 1954 (ба заб. урду).

[31] Раҷендранотх Шайдо. Матолеъ ва таҳқиқот. Деҳлӣ, 1952, саҳ. 33—91 (ба заб. урду).

[32] Ибодати Барейлавӣ. Нуқтаи назари танқидии Иқбол.— Маҷ. «Моҳи нав», апрели 1954, саҳ. 21—27 (ба заб. урду).

[33] Ҳиралол Чопра. Доктор Иқбол ва назми ӯ. Банорас, 1956. (ба заб. ҳиндӣ).

[34] Файз Аҳмади Файз. Мизон. Лоҳур, 1962, саҳ. 255—273 (ба заб. урду).

[35] Мумтоз Ҳасан. Иқболи Лоҳурӣ.— Маҷ. «Яғмо», моҳи мурдоди 1337 шамсӣ, саҳ. 226—229.

[36] Муҳаммадшарифи Чоудҳарӣ. Паёми Иқбол роҷеъ ба ҳаёти башар.— Маҷ. «Ҳилол», августи 1969, саҳ. 15—20.

[37] Профессор Муҳаммад Мунаввар. «Мизони Иқбол», Лоҳур, 1972 (ба заб. урду).

[38] Доктор Хоҷа Абдулҳамиди Ирфонӣ. Румии аср. Теҳрон, 1332 шамсӣ.

[39] Ҳамон ҷо, саҳ. алиф-зол (а-з).

[40] Лутфуллоҳи Бадавӣ. Ҳаёти Иқбол. Карочӣ, 1957 (ба заб. панҷобӣ).

[41] Ошиқ Ҳусайни Патиёлавӣ. Ду соли охирини ҳаёти Иқбол. Карочӣ, 1961 (ба заб. урду).

[42] Фақир Саид Ваҳидиддин. Рӯзгори Фақир (Ёддоштҳо дар бораи чанд мулоқот бо шоири Машриқ). Карочӣ, 1963 (ба заб. урду).

[43] Ҳамон ҷо, саҳ. 229—235.

[44] Шамс-ур-раҳмон. Хутути урду. Деҳлӣ, 1947, саҳ. 132—157 (ба заб. урду).

45 Оли Ахмади Сурур. Танкид чист? Дехлй, 1956, сах. 93—116 (ба заб. урду).

46 Атиябегим. Икбол. Карочй, 1956 (ба заб. урду).

47 Мактуботи Икбол. Мураттиб Саид Нозири Ниёзй. Карочй, 1957 (ба заб. урду).

48 Макотиби Икбол ба номи Гиромй. Мураттиб ва муаллифи мукаддимаю таъликот Мухаммад Абдуллои Курайшй. Карочй, 1969 (ба заб. урду).

49 Ҳамон ҷо, сах. 13—66.

50 Раис Аҳмади Ҷаъфарй. Икбол ва сиёсати миллй. Карочй, табъи аввал (ба заб. урду).

51 Башир Аҳмади Дор. Анвори Икбол. Карочй, 1967 (ба заб. урду).

52 Назари Хайдарободй. Икбол ва Ҳайдаробод (Дакан). Карочй, 1961 (ба заб. урду).

53 Доктор Саид Абдулло. Тайфи Икбол. Лоҳур, 1964 (ба заб. урду).

54 Доктор Саид Абдулло. Макомоти Икбол. Лоҳур, 1964 (ба заб. урду).

55 Насир Аҳмади Носир. Икбол ва ҷамолиёт. Карочй, 1964 (ба заб. урду).

56 Шаҳромй Ҳомид Хусайн. Икбол ва Борис. Калкатта (соли нашр надорад (ба заб. урду).

57 Мухаммад Абдуллои Курайшй. Аллома Икбол ва Хоҷа Ҳасани Низомй.— Маҷ. «Икбол ревью», моҳи январи 1970, сах. 1—123 (ба заб. урду).

58 Козй Аҳмад Миён Ахтари Ҷуногарй. Тадкикоти танкидии икболиёт. Карочй, 1965 (ба заб. урду).

59 Муҳаммадриёз. Мир Саидалии Ҳамадонй ва аллома Икболи Лоҳурй. Маҷ.—«Вахид», май 1968, сах. 423—429.

60 Саид Ҳисомиддини Рошидй. Тазкираи шуарои Кашмир (бахши аввал). Карочй, 1967, сах. 99—105.

61 Сарханг Хоҷа Абдуррашид. Тазкираи шуарои Панҷоб. Карочй, 1967, сах. 53—109.

62 Anvar Beg. A. The Poet of the East. Lahore, 1939.

63 Dor B. A. A stady on Iqbal's philosophy. Lahore, 1944; Dor B. A. Iqbal and post.— Kantian voluntarism. Lahore, (s. a.); Dor B. A. The idea liography of Iqbal. Karachi, Iqbal Academi, 1965; Vahid S. A. Stuof Satan in Iqbal and Milton—«Iqbal», Lahore, vol. 1, 1952; Dor B. A. Iqbal and Bergson «Iqbal», Lahore, vol. 3, 1954.

64 Vahid S. A. Introduction to Iqbal. Karachi. Pakistan publication, 1958; S. A. Iqbal. His art and thought. London, 1959; Vahid S. A. A bibdies in Iqbal. Lahore, Ashraf, 1967.

65 Saiydain K. G. Iqbal's Education philosophy. Lahore, 1945.

66 Iqbal Singh. The Ardent Pilgrim: Introduction to the life and works of Muhammad Iqbal. London, 1951.

67 Sharif M. M. About Iqbal and his thought. Lahore, 1964.

68 Sinha S. Iqbal, the Poet and his Message. Allahabad, 1947.

69 Enver J. H. The Metaphysics of Iqbal. Lahore.

70 Bilgrami H. H. Glimpses of Iqbal's mind and thought. Brief lectures on Iqbal delivered at London, Cambridge and Oxford by H. H. Bilgrami. Lahore, Orientalia, 1954.

[71] Ziauddin M. Iqbal the poet, philosopher of islam,— «Visvabharati» (quartery), Santiniketan, 1938—1939 n. s. 4.
[72] Hamid K. A. Iqbal's philosophy of human ego.—«Visvabharati» (quartery), Santiniketan, 1943—1944, n. s. 9.
[73] Namus M. Sh. Discussion on Iqbal's philosophy of life Lahore, 1948.
[74] Jafri F. S. The man who conceived Pakistan: Muhammad Iqbal,— «Islamic review», vol. 37, 1949, № 3.
[75] Kazimi Dr. Miss. Iqbal's revolt,— «Iqbal», Lahore, vol. 2, 1954.
[76] Qureshi M. A. Some aspects of Iqbal's biography,— «Iqbal», Lahore, vol. 7, 1958.
[77] Kamal R. Iqbal's concept of man.—«Islamic Culture», Hyderabad-Decan, 1963, vol. 37, № 1.
[78] Ғании Афғон. Иқбол тарҷумони ҳақиқат.— Маҷ. «Тоҷмаҳал», нашри Деҳлӣ, декабри 1943, саҳ. 9.
[79] Маҳолотӣ. Иқбол ва паёми ӯ.— Маҷ. «Тоҷмаҳал», ноябри 1944, саҳ. 9—10.
[80] Муҳаммад Иброҳими Халил. Рӯзи Иқбол.— Маҷ. «Ориёно», нашри Қобул, № 113, 1952, саҳ. 21.
[81] Абдуллои Бахтонӣ. Афғонҳо дар назари аллома Иқбол. Қобул, 1335 шамсӣ (ба заб. пушту).
[82] Ҳамон ҷо, саҳ. 60—67.
[83] Хитобаи Пӯҳонд Ғулом Ҳасани Муҷаддадӣ дар маҳфили ёдбуди аллома Иқбол.—Маҷ. «Адаб». Қобул, шумораи 1—2, 1346 шамсӣ, саҳ. 3—8.
[84] Доктор Муҳаммадриёз. Иқболшиносӣ дар Эрон.— Маҷ. «Ҳилол», май 1969, саҳ. 12.
[85] Мақолаи дар маҷаллаи «Муҳит» дар бораи Иқбол навиштаи Муҳити Таботабоиро адабиётшиноси Ҳинд Алҳоҷ Обид Ҳусайн ба ҳиссаи сеюми маҷмӯаи тартибдодаи худ «Адабиёти Аҷам» (чопи Агра), (соли нашр надорад, саҳ. 90—116) дохил кардааст, ки мо аз он истифода бурдем.
[86] Муҷтабои Минавӣ. Иқболи Лоҳурӣ шоири порсигӯи Покистон. Теҳрон, 1328 шамсӣ.
[87] «Иқболнома». Теҳрон, 1330 шамсӣ.
[88] Иқбол дар назари эрониён. Тартибдиҳанда ва муаллифи муқаддима Хоҷа Абдулҳамиди Ирфонӣ, нашри Академияи Иқболи Покистон. Қарочӣ, 1957, саҳ. 104.
[89] Муҳаммад Иқбол. Зарби Калим (аз урду ба форсӣ тарҷумаи Хоҷа Абдулҳамиди Ирфонӣ). Қарочӣ, 1957, саҳ. 1 (муқаддима аз Саид Нафисӣ).
[90] Муҳаммадтақӣ Муқтадирии Шерозӣ. Фикри Иқбол. Қарочӣ, 1959.
[91] Забеҳуллоҳи Сафо. Ганҷи сухан. Ҷ. 3. Теҳрон, 1961, саҳ. 278.
[92] Саид Ғуломризои Саидӣ. Иқболшиносӣ. Теҳрон, 1338 шамсӣ.
[93] Алии Даштӣ. Хитоба дар маҷлиси ёдбуди Иқбол.— Маҷ. «Ҳилол», октябри 1963, саҳ. 4—6.
[94] Алиакбари Кишварӣ. Рӯзи Иқбол дар Бағдод.—Маҷ. «Яғмо» моҳи хурдоди соли 1344 шамсӣ.
[95] Ғуломҳусайни Юсуфӣ. Шоири зиндагӣ. — «Маҷаллаи донишкадаи адабиёти Машҳад», баҳори 1345 шамсӣ, саҳ. 1—22.

[96] Як чаман гул — шомили беҳтарин ашъори доктор Муҳаммад Иқбол алломаи покистонӣ. Ба саъй ва интихоби Ғуломҳусайни Солеҳии Алломӣ. Теҳрон, 1339 шамсӣ.

[97] Доктор Ҳусайни Хатибӣ. Мухтасаре роҷеъ ба осор ва сабки ашъори доктор Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ.

[98] Ҳамон ҷо, саҳ. 58.

[99] Доктор Риҷоӣ. Нуктае чанд дар байте аз Иқбол. — «Маҷаллаи донишкадаи адабиёти Машҳад», шумораи 2—3, соли аввал, 1344 шамсӣ, саҳ. 140—141.

[100] Доктор Саид Муҳаммад Акрам. Сахткӯшии Иқбол. — «Маҷаллаи донишкадаи адабиёт ва улуми инсонӣ», нашри донишгоҳи Теҳрон, моҳи баҳмани соли 1347 шамсӣ, саҳ. 278—283.

[101] Доктор Шаҳриёри Нақавӣ. Саҳми Иқбол дар озодии Ҳинду Покистон. — Маҷ. «Армуғон», шумораи панҷуми соли 1349 шамсӣ, саҳ. 292—303.

[102] Куллиёти ашъори форсии Мавлоно Иқболи Лоҳурӣ. Бо муқаддима ва шарҳи аҳвол ва тафсири комил, ба васила Аҳмади Суруш, аз интишороти китобхонаи «Саноӣ» (соли нашр надорад), саҳ. 1—60.

[103] Аҳмади Аҳмадӣ. Донои роз. Машҳад, 1970.

[104] Ҳамон ҷо, саҳ. алиф-вов (а-в).

[105] Иқбол дар назари эрониён. Мураттиб ва муаллифи муқаддима доктор Хоҷа Абдулҳамиди Ирфонӣ, нашри Академияи Иқболи Покистон, Қароҷӣ, 1957.

[106] Ҳамон ҷо, саҳ. 256—377.

[107] Саид Ғуломризои Саидӣ. Иқболшиносӣ, Теҳрон, 1338 шамсӣ, саҳ. 173—174. Азбаски нусхаҳои аслии тарҷумаҳои арабии асарҳои Иқбол дастрас нагардиданд, бинобар он мо дар бобати тарҷумаҳои арабии осори ӯ сухан ронда ба маълумоти «Иқболшиносӣ»-и Саидӣ такья намудем.

[108] Ҳамон ҷо, саҳ. 185.

[109] Ҳамон ҷо.

[110] Абул Ҳасан Алӣ Ал-Ҳусайнӣ Ан-Надвӣ. Равоеъи Иқбол. Димишқ, 1960 (ба заб. арабӣ).

[111] Саид Ғуломризои Саидӣ. Иқболшиносӣ. Саҳ. 186.

[112] Ҳитобаи оқои доктор Торлон. — Маҷ. «Ҳилол», моҳи хурдоди соли 1327 шамсӣ, саҳ. 8.

[113] Ҳамон ҷо, саҳ. 7—11, 55—56.

[114] Саид Ғуломризои Саидӣ. Иқболшиносӣ. Саҳ. 186.

[115] Ҳамон ҷо.

[116] Nicolson R. A. Serets of the Sell. London, 1920.

[117] Иқбол дар назари эрониён. Тартибдиҳанда доктор Хоҷа Абдулҳамиди Ирфонӣ. Қароҷӣ, 1957, саҳ. 81.

[118] Nicolson R. A. The idea of Personality in sufism, Cambridge, 1921; Iqbal's Message of the East, in Islamica, Leipzig, 1925, Band 1, S.— pp.. 112—124.

[119] Marek S. The date of Muhammad Iqbal's birth, Archiv or antalny, Praha, 26, № 4, 1958, pp. 617—620.

[120] Arberry A. J. Tulip of Sinai. London, 1947. Arberry A. J. Persian Plams. Lahore, 1948; Arberry A. J. Mysteries of selflessnes, London, 1953. Bausani A. Poema celeste, Rome, 1952.

[121] Iqbal M. Javid-nama. Translated from the Persian with introduction and notes by Arthur J. Arberry, London, 1966, pp. 9—16.

122 Таърихи адабиёти Эрон (аз огози ахди сафавия то замони ҳозир). Таълифи Эдуард Брауи. Чопи дуюм, Теҳрон, 1329 шамси, саҳ. 302—303.

123 Bausani A. Iqbal, his philosophy of religion and the West.— «Grescent and green», London, 1955.

124 Bausani A. Poema celeste, Rome, 1952.

125 Баузани А. Шоири Машриқ.— Мач. «Моҳи нав», апрели 1956, саҳ. 23—26 (ба заб. урду).

126 Дорлинг М. Шоири Машриқ. — «Моҳи нав», июни 1959, саҳ. 8—11 (ба заб. урду).

127 Houben J. J. The individual in democracy and Iqbal's conception of Khydi.—«Grescent and green», London, 1955.

128 Schimmel A. Buch der Ewigkeit, Munich, 1957; Schimmel A. The idea of prayerin the thought of Iqbal.—«The muslim world», Leiden, 1958, vol. 48; Schimmel A. Gabriel's wing. Leiden, 1963.

129 Themes mustiques dans l'olvre de Dialal-ud-Din Rumi, These principale pour le Doktorates Letters, presentee par Eva Meyerovitch (Paris), 1968; E. Meyerovitch and Myhammad Mokri, Leblive de l'eternite. Paris, 1962.

130 Крымский А. Е. История Персии, ее литературы и дервишской теософии, т. 2, М., 1912, стр. 111.

131 Аникеев Н. П. Проблема личности в философии Икбала.— «Вопросы философии», 1958, № 6, стр. 65—76.

132 Аникеев Н. П. Общественно-политические взгляды Мухаммада Икбала.—«Советское востоковедение», 1958, № 3, стр. 91—100.

133 Аникеев Н. П. и Кедрова С. М. Мухаммад Икбал — певец человека.—«Вестник истории мировой культуры», 1958, № 4, стр. 34—53.

134 Аникеев Н. П. Выдающийся мыслитель и поэт Мухаммад Икбал. М., 1959.

135 Стихи индийских поэтов. Перевод с хинди и урду. М., 1956, стр. 9.

136 Челышев Е. П. Литература народов Индии и борьба за независимость.— В кн.: Независимая Индия. М., 1958, стр. 172—173.

137 Глебов Н. В. Поэт Востока.—«Современный Восток», 1958, № 5, стр. 43—44.

138 Гордон-Полонская Л. Р. Мусульманские течения в общественной мысли Индии и Пакистана. М., 1963, стр. 195—212.

139 Мухаммад Икбал. Звон караванного колокольчика. Перевод с урду и персидского, вступительная статья Л. Полонской. М., 1964, стр. 5—20.

140 Пригарина Н. И. Читая Икбала.— «Азия и Африка сегодня», 1963, № 6, стр. 48.

141 Пригарина Н. И. Вступление в поэму Асрар-и худи.—«Краткие сообщения института народов Азии», 1964, № 80.

142 Пригарина Н. И. Гуманизм в философской лирике Мухаммада Икбала.—«Народы Азии и Африки», 1965, № 5, стр. 95—107.

143 Пригарина Н. И. «Истилахат-аш-шуаро» в поэзии Муҳаммада Икбала.—«Теоретические проблемы литературоведения», М., 1968.

144 Пригарина Н. И. Поэзия Мухаммада Икбала (1900—1924). М., 1972.

145 Пригарина Н. И. Галиб и Икбал.—«Мирза Галиб — великий поэт Востока», М., 1972, стр. 199—224.

146 Глебов Н., Сухачев А. Литература урду. М., 1967, стр. 127—137.

[147] Алиев Г. Ю. Персоязычная литература Индии. М., 1968, стр. 221—232.
[148] Алимжанов А. Джемшидова чаша Икбала.—«Простор», 1967, № 10, стр. 72—73.
[149] Аникеев Н. П. Икбал.—«Философская энциклопедия». Т. 2. М., 1963.
[150] Юревич Л. И. Икбал.— Советская историческая энциклопедия, т. 5. М., 1964, стр. 782.
[151] Аникеев Н. П. Икбол.—«Философская энциклопедия», т. 2. М., 1963.
[152] Миршакар Мирсаид. Муҳаммад Иқбол.—«Шарқи Сурх», 1958, № 8.
[153] Муҳаммад Иқбол. Шеърҳо. Тартибдиҳанда ва муаллифи муқаддима Мирсаид Миршакар. Сталинобод, 1958.
[154] Муҳаммад Иқбол. Паёми Машриқ. Ба чоп тайёркунанда ва муаллифи сарсухан Мирсаид Миршакар. Душанбе, 1966.
[155] Алиев Ғ. Нақши шоир.—«Садои Шарқ», 1969, № 2, саҳ. 152—154.
[156] Ғаффоров А. Тӯҳфаи арзанда.—«Садои Шарқ», 1967, № 12, саҳ. 146—148.
[157] Ғаффоров. Шоир ва мутафаккири озодихоҳ Муҳаммад Иқбол.—«Тоҷикистони советӣ», 1958, 21 феврал.
[158] Ғаффоров А. Ақидаҳои тарбиявӣ-ахлоқии Муҳаммад Иқбол.—«Маориф ва маданият», 1965, 2 март.
[159] Ғаффоров А. Ақидаҳои ичтимоӣ-сиёсии Муҳаммад Иқбол.—«Садои Шарқ», 1965, № 8, саҳ. 147—158.
[160] Ғаффоров А. Ҳофиз ва шуарои Покистон. — «Садои Шарқ», 1968, № 9, саҳ. 123—125.
[161] Ғаффоров А. Ҳофиз ва шоирони Ҳинду Покистон. — «Садои Шарқ», 1971, № 1, саҳ. 139—145.
[162] Ғаффоров А. Адиби озодихоҳи Шарқ.—«Занони Тоҷикистон», 1973, № 3, саҳ. 15.
[163] Ғаффоров А. Шеъри форсӣ дар Ҳинду Покистон.—«Садои Шарқ», 1973, № 9, саҳ. 139—147.
[164] Ғаффоров А. Аз ақидаҳои пешқадами Муҳаммад Иқбол.—«Мактаби советӣ», 1974, № 2, саҳ. 57—60.
[165] Ғаффоров А. Муҳаммад Иқбол. Душанбе, 1973.
[166] Ғаффоров А. Рисола дар бораи Муҳаммад Иқбол.—«Садои Шарқ», 1972, № 10, саҳ. 136—141.
[167] Ғаффоров А. Ҷовиднома. — «Садои Шарқ», 1975, № 3, саҳ. 134—138
[168] Ғаффоров А. Иқбол ва адибони барӯмандн мо. — «Садои Шарқ». 1975, № 12.
[169] Ғаффоров А. Аз ақидаҳои тарбиявию ахлоқии Муҳаммад Иқбол.—Известия АН Тадж. ССР. Отд. обществ. наук, 1975, № 4 (82), саҳ. 70—77.

**Ҳаёти сиёсии Ҳиндустон дар замони Муҳаммад Иқбол**

[1] Иштироккунандагони ин ҳаракат бар зидди золимони маҳаллӣ ва истилогарони хориҷӣ мубориза бурданро вазифаи фарзии худ мешумориданд.
[2] Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоби Наҷдӣ (703—787), ки асосгузори ҷараёни динию сиёсии ваҳҳобиҳо буд, ҳамаи қавмҳои арабро барои мут-

таҳидшавӣ ва аз Арабистон пеш кардани туркҳо даъват мекард. Пайравони уро ваххобиён номидаанд.

[3] Амир Ҳасани Нуронӣ. Лакҳнав, 1957, саҳ. 162—163 (ба заб. урду).

[4] Сундараллол. Соли ҳазору ҳаштсаду панҷоҳу ҳафт. Алигарх, 1957, саҳ. 245—250 (ба заб. урду).

[5] Ғафforов А. Мирзо Асадулло Ғолиб. Душанбе, 1965, саҳ. 26.

[6] К. Маркс и Ф. Энгельс. Соч., т. 11, стр. 266.

[7] Саид Ҳошими Фаридободӣ. Таърихи мусулмонони Покистон ва Бҳорат. Ҷилди дуюм. Қарочӣ, 1953, саҳ. 340 (ба заб. урду).

[8] Ҳамон ҷо, саҳ. 341.

[9] Иқтибос аз асари: Дубинский А. М. Развитие капитализма в Индии во второй половине XIX века. Буржуазно-национальное движение и народные выступления в конце XIX — начале XX века. М., 1954, стр. 3.

[10] Ҳамон ҷо.

[11] Ҳамон ҷо, саҳ. 5.

[12] Антонова К. А. Английское завоевание Индии в XVIII веке. М., 1958, стр. 264.

[13] Пальм Датт. Индия сегодня. Перевод с английского. М., 1949, стр. 127.

[14] Ҳамон ҷо, саҳ. 127—128.

[15] Дубинский А. М. Асари зикршуда, саҳ. 8.

[16] Комаров Э. Н. К. Маркс и В. И. Ленин о борьбе индийского народа против колониального гнета, за свою свободу и национальную независимость. М., 1956, стр. 26.

[17] Маркс К. и Энгельс Ф. Избранные письма. М., 1948, стр. 343.

[18] Ленин В. И. Асарҳо, ч. 17, саҳ. 147.

[19] Комаров Э. Н. Асари зикршуда, саҳ. 29.

[20] Кабирадж Нарахари. Национально-освободительное движение в Бенгалии. Перевод с бенгальского. М., 1956, стр. 77.

[21] Дьяков А. М. Национальный вопрос и английский империализм в Индии. М., 1948, стр. 26.

[22] Ганковский Ю. В., Гордон-Полонская Л. Р. История Пакистана. М., 1961, стр. 17.

[23] Pajput A. B. Muslim Leaque yestarday and today. Lahore, 1948, p. 15.

[24] Савонеҳи Қосим, ҷилди дуюм Деҳлӣ (соли нашр надорад), саҳ. 223—242 (ба заб. урду).

[25] Sitaramayya B. P. The histori of the Indian national congres, vol. 1, Bombay, 1946—1947, pp. 44—67.

[26] Ленин В. И. Асарҳо, ч. 19, саҳ. 66.

[27] Аҳмад Соҳиби Маданӣ. Нақши ҳаёт. Девбанд-Деҳлӣ, 1953, саҳ. 131 (ба заб. урду).

[28] Ганковский Ю. В., Гордон-Полонская Л. Р. Асари зикршуда, саҳ. 45.

[29] Ҳамон ҷо, саҳ. 51.

[30] Ҳамон ҷо, саҳ. 33.

[31] Lal Bahadur. The Muslim Leaque, its history, activities and achiements, Agra, 1954, p. 41.

[32] Ганковский Ю. В., Гордон-Полонская Л. Р. Асари зикршуда, саҳ. 42.

[33] Ҳамон ҷо, саҳ. 55.

[34] Prasad R. Autobiography, Bombay, 1957, p. 181.

[35] Indian Statutory commission, vol. I, London, 1930, p. 27.

[36] Ганковский Ю. В., Гордон-Полонская Л. Р. Асари зикршуда, саҳ. 57.

[37] Дубинский А. М. Асари зикршуда, саҳ. 17.

[38] Райков А. В. Пробуждение Индии.— Деятельность национально-революционных организаций в 1900—1918 гг. М., 1968, стр. 84.

[39] Қабирадж Нарахари. Асари зикршуда, саҳ. 119.

[40] Ҳамон ҷо, саҳ. 120.

[41] Аджой Гхош. Октябрьская революция и национально-освободительное движение в Индии. М., 1957, стр. 13.

## Ҳаёти Муҳаммад Иқбол

[1] Саксена Ром Бобу. Таърихи адабиёти урду (ҳиссаи II, замима). Лакхнав, 1952, саҳ. 186 (ба заб. урду).

[2] Доктор Абӯ Саиди Нуриддин. Тасаввуфи исломӣ ва Иқбол. Қарочӣ, 1959, саҳ. 187 (ба заб. урду).

[3] Доктор Абдулвоҳид. Шуарои ҷадиди урду. Пешовар—Лоҳур—Карочӣ (соли нашр надорад), саҳ. 75 (ба забони урду).

[4] Доктор Эъҷоз Ҳусайн. Таърихи мухтасари адабиёти урду. Қарочӣ, 1956, саҳ. 190 (заб. урду).

[5] Доктор Хоҷа Абдулҳамиди Ирфонӣ. Ӯумии аср, саҳ. 1.

[6] Саид Ғуломризои Нақавӣ. Иқболшиносӣ, саҳ. 2.

[7] Iqbal, Yavid-nama; translated from the Persian with introduction and notes by Artur J. Arberry, London, 1966, p. 9.

[8] Ҳимолоё. Баргузидаи шеъри позадаҳ тан аз шоирони урдузабон. Тарҷумаи доктор Алиризои Нақавӣ ва Ҷалили Дӯстхоҳ. Теҳрон, 1963, саҳ. 37.

[9] Аҳмади Аҳмадӣ. Донои роз, саҳ. 2.

[10] Муҷтабои Минавӣ. Иқболи Лоҳурӣ шоири порсигӯи Покистон, саҳ. 7.

[11] Аникеев Н. П. Проблема личности в философии Икбала.— «Вопросы философии», 1958, № 6, стр. 66.

[12] Муҳити Таботабоӣ. Тарҷумони ҳақиқат.— Маҷ. «Адабиёти Аҷал», ҳиссаи сеюм, Агра (соли нашр надорад), саҳ. 95.

[13] Абдулқодири Сурурӣ. Шуарои ҷадиди урду. Лоҳур, 1962, саҳ. 156 (ба заб. урду).

[14] Мавлоно Абдуссаломи Надвӣ. Иқболи комил, саҳ. 3.

[15] Фақир Саид Ваҳидуддин. Рӯзгори Фақир. Қарочӣ, 1963, саҳ. 229—235 (ба заб. урду). Ин асар бори аввал соли 1950 ба табъ расидааст.

[16] Marek J. The date of Muhammad Iqbal's Birth, «Archiv Orientalny», Praha, 1958, N. 4.

[17] Vahid S. A. Iqbal, His Art. and Thought, London, 1959, p. 3.

[18] Vahid S. A. Stadies in Iqbal, Lahore, 1967, p. 51.

[19] Глебов Н., Сухачев А. Литература урду. М., 1967, стр. 127.

[20] Алиев Г. Ю. Персоязычная литература Индии, стр. 222.

[21] Саид Ҳисомиддини Рошидӣ. Тазкираи шуарои Кашмир (бахши аввал). Қарочӣ, 1967, саҳ. 99.

[22] Пригарина Н. И. Поэзия Мухаммада Икбала. М., «Наука», 1972, стр. 19.

[23] Мавлоно Абдуссаломи Надвӣ. Иқболи комил, сах. 2—3.

[24] Муҳаммад Иқбол. Забури Аҷам. Лоҳур 1959, сах. 17.

[25] Куллиёти ашъори форсии Мавлоно Иқболи Лоҳурӣ, чопи Гелон, 1343 шамсӣ, сах. 255. Ин асар дар истинодҳои минбаъда бо номи «Куллиёти Иқбол» меояд.

[26] Доктор Абӯ Саид Нуриддин. Тасаввуфи исломӣ ва Иқбол, сах. 191.

[27] Муҳити Таботабоӣ. Тарҷумони ҳақиқат. — Маҷ. «Адабиёти Аҷам» ҳиссаи сеюм, сах. 95—96.

[28] Мавлоно Абдуссаломи Надвӣ. Иқболи комил, сах. 115.

[29] Муҷтабои Минавӣ. Иқболи Лоҳурӣ шоири порсигӯи Покистон, сах. 5.

[30] Томас Арнольд шарқшиноси англис буда, пеш аз ба Лоҳур омадаш дар коллеҷи (ҳоло университети) мусулмонии Алигарҳ профессори шӯъбаи фалсафа шуда кор кардааст.

Ӯ дар Алигарҳ ба Шиблии Нӯъмонӣ забони франсавиро таълим дода, баробари он аз ӯ забони арабиро омӯхтааст. Баъд аз 10 соли дар коллеҷи мусулмонии Алигарҳ кор кардан соли 1898 профессори донишкадаи олии давлатии Лоҳур таъин мешавад. Вай дар тарбияи Мавлоно Алтоф Ҳусайни Ҳолӣ, Мавлоно Ҳусайни Озод, Назир Аҳмад ва дигар адибону донишмандони маорифпарвари урдузабони Ҳиндустон саҳми калоне гузоштааст.

«Мусулмонони Ҳиндустони Шимолӣ» ва «Хилофат» барин асарҳои машҳури Томас Арнольд солҳои 1899 ва 1924 дар Рим ва Оксфорд ба табъ расидаанд.

[31] Мавлоно Абдуссаломи Надвӣ. Иқболи комил, сах. 166.

[32] Куллиёти Иқбол. Мураттиб Муҳаммад Абдулраззоқ. Ҳайдаробод (Дакан), 1343 ҳиҷрӣ, дебоча, сах. 11.

[33] Муҳаммад Иқбол. Паёми Машриқ. Лоҳур, 1954, сах. 169.

[34] Мулк Роҷ Онанд. Нафаси соф.—Маҷ. «Найранги хаёл», сентябрь—октябри 1932, сах. 39 (ба заб. урду).

[35] Муқаддимаи девони «Зарби Калим»-и Иқбол, сах. 10.

[36] Ҳамон ҷо.

[37] Атиябегим. Иқбол. Карочӣ, 1956, сах. 8.

[38] Муҳаммад Иқбол. Забури Аҷам. Лоҳур, 1959, сах. 202.

[39] Муҳаммад Иқбол. Асрори худӣ ва румузи бехудӣ. Лакҳнав, 1957, сах. 10.

[40] Муҳити Таботабоӣ. Тарҷумони ҳақиқат. — Маҷ. «Адабиёти Аҷам», ҳиссаи сеюм, сах. 106—107.

[41] Муҳаммад Иқбол. Паёми Машриқ, сах. 2—4.

[42] «Найранги хаёл» (шумораи Иқбол), 1932, сах. 38—39.

[43] Муҳити Таботабоӣ, мақолаи зикршуда, сах. 115.

[44] Лигаи умумиҳиндии мусулмонон, ки манфиатҳои заминдорону сармоядоронро ҳимоя мекард, дар соли 1906 ташкил шуда буд. Вақте ки дар соли 1947 мамлакат ба Ҳиндустон ва Покистон тақсим мешавад, лигаи мусулмонон низ ба ду партия — лигаи Умумиҳиндии мусулмонон ва лигаи Умумипокистонии мусулмонон ҷудо мегардад.

[45] Абдулмаҷиди Солик. Зикри Иқбол, нашри Лоҳур, сах. 156.

[46] Ҳамон ҷо, сах. 178.

[47] Ғулом Дасттгири Рашид. Осори Иқбол. Ҳайдаробод (Дакан), табъи дуюм, 1946, саҳ. 76 (ба заб. урду).
[48] Макотиби Иқбол, чилди дуюм, мураттиб Шайх Атоуллоҳ. Лоҳур, 1951, саҳ. 322 (ба заб. урду).
[49] Абдулмачиди Солик. Зикри Иқбол, саҳ. 182.
[50] Доктор Абӯ Саиди Нуриддин. Тасаввуфи исломӣ ва Иқбол, саҳ. 208.
[51] Муҳаммадтоҳири Форуқӣ. Сирати Иқбол, табъи сеюм, 1949, саҳ. 40 (ба заб. урду).
[52] Мавлоно Саид Сулаймони Надвӣ. Сайри Афғонистон. Ҳайдаробод (Дакан), 1945, саҳ. 71 (ба заб. урду).
[53] Куллиёти Иқбол, саҳ. 424.
[54] Ҳамон чо, саҳ. 425.
[55] Муҳити Таботабоӣ, мақолаи зикршуда, саҳ. 113.
[56] Дар ин чо Иқбол ба байти зерини Урфии Шерозӣ (ваф. 1590) ишора кардааст:

Наворо тезтар мезан, чу завқи нағма кам бинӣ,
Ҳудоро тезтар мехон, чу маҳмилро гарон бинӣ.

[57] Абдулмачиди Солик. Зикри Иқбол, саҳ. 197.
[58] Муҳаммад Иброҳими Халил. Рӯзи Иқбол. — Мач. «Ориёно», № 113, саҳ. 22.
[59] Ҳамон чо.
[60] Муҳаммад Иқбол. Паёми Машриқ, саҳ. 27.
[61] Муҳаммад Иқбол. Асрор ва румуз, саҳ. 15—16.
[62] Ҳамон чо, саҳ. 155—156.
[63] Муҳаммад Иброҳими Халил. Рӯзи Иқбол. — Мач. «Ориёно», № 113, саҳ. 21.
[64] Муҳаммад Иқбол. Армуғони Ҳичоз. Ҳайдаробод (Дакан), саҳ. 86.
[65] Ҳамон чо, саҳ. 16.
[66] Мумтоз Ҳасан. Иқболи Лоҳурӣ. — Мач. «Яғмо» моҳи мурдоди 1337 шамсӣ, саҳ. 227.
[67] Куллиёти Қорӣ. Кобул (соли нашр надорад), саҳ. 209.
[68] Мач. «Ғочмаҳал», № 7 (нашри соли дуюм), саҳ. 10.
[69] Мавлоно Абдуссаломи Надвӣ. Иқболи комил, саҳ. 44.
[70] Ин шеър аз шоири маъруфи Эрон Сармад буда, дар мач. «Моҳи нав», нашри Карочӣ, апрели 1951, саҳ. 61 чоп шудааст.

**Мероси адабӣ ва илмии Муҳаммад Иқбол**

[1] Муҳаммад Иқбол. Асрор ва румуз. Лакҳнав, 1957, саҳ. 7—8.
[2] Ҳамон чо, саҳ. 6.
[3] Ҳамон чо, саҳ. 9.
[4] Куллиёти Иқбол, саҳ. 11—13.
[5] Ҳамон чо, саҳ. 189.
[6] «Иқболнома» (мачмӯаи мақолаҳо), Лоҳур, 1940, саҳ. 299 (ба заб. урду).
[7] Шайх Саъдиддин Маҳмуди Шабистарӣ (ваф. 1330) аз намояндагони маъруфи адабиёти форсу тоҷик буда, ба ғайр аз «Гулшани роз», ки дар он оид ба понздаҳ масъалаи дар «Мақомоти тасаввуф»-и Мир Ҳусайни

Содот гузошташуда бахс карда мешавад. «Ҳаққулякин», «Рисолаи шохил» ва асарҳои дигар дорад.

[9] Муҳаммад Иқбол. Забури Аҷам. Лоҳур, 1959, саҳ. 203—204.

[9] Ин байт аз Шайх Саъдиддини Маҳмуди Шабистарӣ мебошад.

[10] Муҳаммад Иқбол. Забури Аҷам, саҳ. 205.

[11] Муҳаммад Иқбол. Ҷовиднома. Лоҳур, 1954, саҳ. 12.

[12] Ҳамон ҷо, саҳ. 13.

[13] Саид Ҷамолиддини Афғонӣ (1838—1897) аз донишмандон ва сиёсатдонони намоёнест, ки барои иттиҳоди мамлакатҳои исломии Шарқ солҳои дароз мубориза бурдааст. Ӯ дар Ҳиндустон, Эрон, Афғонистон, Миср, Сурия, Лубнон ва Туркия шӯҳрати калоне пайдо кардааст.

[14] Саид Ҳалимпошшо (1865—1921) яке аз роҳбарони ҳаракати ислоҳоти мазҳабии Туркия ба шумор меравад. Вай узви «Ҳизби ислоҳи мазҳабӣ» будааст, ки онро «Анҷумани иттиҳод ва тараққӣ» низ меномиданд. Китоби «Ислоҳи ҷомеаи исломӣ»-и Саид Ҳалимпошшоро Иқбол дар боби шашуми «Эҳёи фикри динӣ дар ислом» зикр намуда, аз он иктибосҳо овардааст.

Иқбол дар «Ҷовиднома» ҳам барои беҳбудии халқҳои Шарқ саъю кӯшиши зиёд ба кор бурдани Саид Ҷамолиддини Афғонӣ ва Саид Ҳалимпошшоро қайд намуда, дар ситоиши онҳо чунин гуфтааст:

Машриқ аз ин ҳар ду кас беҳтар назод,
Ноҳунашон уқдаҳои мо кушод.
Саидулсодот Мавлоно Ҷамол,
Зинда аз гуфтори ӯ сангу сафол
Турк солор, он Ҳалими дардманд,
Фикри ӯ мисли мақоми ӯ баланд.

[15] Муҳаммад Иқбол. Ҷовиднома, саҳ. 93.

[16] Ҳамон ҷо, саҳ. 107.

[17] Дар ин ҷо Муҳаммад Аҳмад маъруф ба Маҳдии Судонӣ, ки дар солҳои 1881—1898 бо тарафдорони зиёди худ ба муқобили мустамликадорони англис мубориза бурда, онҳоро пай дар пай шикаст дода, муддате шаҳри Хартумро ишғол намуда буд, дар назар дошта мешавад. Ӯ бисьёр дарвешона зиндагӣ мекардааст, бинобар он бо номи Дарвеши Судонӣ низ машҳур шудааст.

[18] Қитченер генерали англис буда дар вазифаҳои фармонравои Судон ва сарфармондеҳи қӯшунҳои Англия дар Миср кор кардааст. Ӯ ҳамчун сарфармондеҳи армияи англисҳо дар забт намудани районҳои назди Ҳиндукушии Ҳиндустон низ роли асосӣ бозидааст. Дар ҷангҳои дар Африка ба вуҷудомада иштирок карда, унвони фельдмаршалӣ ҳам мегирад. Қитченер дар даврап ҷанги ҷаҳонии якум ба яке аз дарьёҳо ғарқ мешавад, ки Иқбол ба ҳамон воқеа ишора кардааст.

[19] Кашнар — Китченер.

[20] Муҳаммад Иқбол. Ҷовиднома, саҳ. 109.

[21] Дар ин ҷо адиб ва донишманди намоёни Насириддин Муҳаммад бинни Ҳасани Тӯсӣ (1200—1274) дар назар дошта мешавад.

[22] Муҳаммад Иқбол. Ҷовиднома, саҳ. 117—118.

[23] Хотуни Аҷам. Дар ин ҷо шоира Қурратулайн Тоҳира дар назар дошта шудааст.

[24] Муҳаммад Иқбол. Ҷовиднома, саҳ. 135.

[25] Ҳамон ҷо.

[26] Ҳамон ҷо, саҳ. 136.

[27] Ҳамон ҷо, саҳ. 137.

[28] Мир Сайдалии Ҳамадонӣ (1314—1383) шоир ва донишманди намоёни будг, ба забонҳои форсӣ ва арабӣ 70 асар таълиф кардааст. Ӯ дар замони худ дар Ҳамадон, Хатлон ва Кашмир шӯҳрати бағоят бузург пайдо кардааст. Ҳатто ӯро «роҳбари бузурги Кашмир» номидаанд. Вай дар Эрон бо лақаби «Амири кабир», «Алии сонӣ» ва дар Ҳиндустон бо номи «Шоҳи Ҳамадон» низ машҳур гардидааст.

Ҳамадонӣ дар нимаҳои аввали асри XIV аз зодгоҳи худ Ҳамадон ба Хатлон (Кӯлоби имрӯза) меояд ва дар он ҷо ба таблиғи ислом ва таснифи асарҳо машғул мешавад. Дар Хатлон деҳаеро харида, масҷиду мадрасаҳо бунёд мекунад ва ҳамаи онҳоро вақф менамояд. Дар соли 1373 байни ӯ ва Амир Темур мулоқот ба вуҷуд меояд.

Назар ба маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ «Амир аз насоеҳу талхоби суханони Саид ранҷид ва дар ғазаб дастур дод, ки ҳамаи содоти хонаводаи Сайдалӣ аз каламрави ӯ хориҷ шаванд, воллоҳ ба қатл мерасанд. Пас Саид дар ҳамон сол ба Кашмир бо 700 содот муҳоҷират намуд».

Ҳамадонӣ ва пайравони ӯ дар Кашмир ба таблиғи ислом машғул мешаванд. Танҳо бо ташвиқи худи ӯ 37 ҳазор шахс дини исломро қабул мекунанд. Ҳатто ҳукмронони Кашмир—Султон Шаҳобиддин ва Султон Қутбиддин аз муридони ӯ будаанд. Мир Сайдалӣ дар Кашмир китобхонае таъсис намуда, барои ба ҷои забонҳои санскрит ва кашмирӣ ривоҷ додани забонҳои форсӣ ва арабӣ саъю кӯшиши зиёде мекунад. Маданияту тамаддуни эронӣ ҷонишини маданияти ҳиндӣ мегардад ва аз ҳамон вақт Кашмир бо номи Эрони Сағир машҳур мешавад.

Яке аз муҳимтарин асарҳои Мир Сайдалии Ҳамадонӣ «Захират-улмулук» мебошад, ки масъалаҳои панду ахлоқро дар бар мегирад.

Иқбол дар «Ҷовиднома» номи Мир Сайдалии Ҳамадониро бо камоли эҳтиром ба забон мегирад ва аз забони Ҷалолиддини Румӣ фаъолияти дар Кашмир гузаронидаи ӯро баён менамояд.

[29] Мулло Тоҳир Ғании Кашмирӣ (1607—1669) шоири намоёни форсизабони Кашмир аст.

[30] Муҳаммад Иқбол. Ҷовиднома, саҳ. 185—186.

[31] Ҳамон ҷо, саҳ. 186.

[32] Ҳамон ҷо, саҳ. 196—197.

[33] Ҳамон ҷо, саҳ. 198.

[34] Ҳамон ҷо, саҳ. 198—199.

[35] Нодир—Нодиршоҳи Афшор буда, дар солҳои 1736—1747 дар Эрон ҳукмронӣ кардааст. Ӯ дар натиҷаи борҳо ба Афғонистону Ҳиндустон лашкар кашида як қисми он мамлакатҳоро забт намудан, ҳудуди Эронро васеътар гардонида буд.

[36] Абдолӣ—Аҳмадшоҳи Абдолӣ ё Дурронӣ аст, ки моҳи октябри соли 1747 бо номи «Дурронӣ» давлати мустақили афғонҳоро таъсис намудааст. Ӯ дар давраи ҳукмрониаш (солҳои 1747—1773) ба ғайр аз тамоми вилоятҳои имрӯзаи Афғонистон, Пешовар, Шимоли Ғарбии Панҷоб, Сарҳинд ва Кашмирро низ тобеи давлати дуррониҳо гардонида буд.

[37] Султони шаҳид — Типу Султон мебошад, ки дар байни солҳои 1782—1799 дар музофоти Майсури Ҳиндустон фармонравоӣ кардааст. Ӯ шахси шуҷоъ, кавнирода, адолатҷӯ ва ватанпарвар буда, солҳои дароз ба Корнвалис ва Велсли барин генерал-губернаторҳои ширкати тиҷоратии Ҳиндустони Шарқии Англия муқобилияти сахт нишон дода, имконият надодааст, ки Майсур тахти идораи мустамликадорони Ғарб бошад.

Типу Султон пас аз мубориза дуру дароз дар майдони ҷанг соли 1799 аз тарафи англисҳои золим кушта мешавад.

[38] Муҳаммад Иқбол. Ҷовиднома, саҳ. 203.

[39] Ҳамон ҷо, саҳ. 203—204.

[40] Ҳамон ҷо, саҳ. 208.

[41] Ҳамон ҷо, саҳ. 212.

[42] Ҳамон ҷо.

[43] Ҳамон ҷо, саҳ. 229.

[44] Ҳамон ҷо.

[45] Куллиёти Иқбол, саҳ. 388—389.

[46] Ҳамон ҷо, саҳ. 391.

[47] Ҳамон ҷо, саҳ. 409.

[48] Муҳаммад Иқбол. Илм-ул-иқтисод. Карочӣ, 1961, саҳ. 2 (ба заб. урду).

[49] Мавлоно Абдуссаломи Надвӣ. Иқболи комил, саҳ. 106, 107—108, 109; Саид Ғуломризои Саидӣ. Иқболшиносӣ, саҳ. 24, 129.

### Мавзӯъ ва мундариҷаи ғояви назми форсии Муҳаммад Иқбол

[1] Иқбол дар назари эрониён, саҳ. 106.

[2] Ҳамон ҷо, саҳ. 187—188.

[3] Муҳаммад Иқбол. Паёми Машриқ,саҳ. 81.

[4] Ҳамон ҷо.

[5] Муҳаммад Иқбол. Асрор ва румуз, саҳ. 10—11.

[6] Муҳаммад Иқбол. Паёми Машриқ, саҳ. 191.

[7] Мавлоно Абдуссаломи Надвӣ. Иқболи комил, саҳ. 231.

[8] Муҳаммад Иқбол. Асрор ва румуз, саҳ. 36—37.

[9] Ҳамон ҷо, саҳ. 38—39.

[10] Муҳаммад Иқбол. Ҷовиднома, саҳ. 45.

[11] Ҳамон ҷо, саҳ. 45—46.

[12] Муҳаммад Иқбол. Паёми Машриқ, саҳ. 38.

[13] Ҳамон ҷо, саҳ. 29.

[14] Муҳаммад Иқбол. Асрор ва румуз, саҳ. 33—35.

[15] Куллиёти Иқбол,саҳ. 189.

[16] Муҳаммад Иқбол. Армуғони Ҳиҷоз. Лоҳур, 1948, саҳ. 57.

[17] Ҳамон ҷо, саҳ. 58.

[18] Куллиёти Иқбол, саҳ. 9.

[19] Муҳаммад Иқбол. Забури Аҷам, саҳ. 79.

[20] Муҳаммад Иқбол. Ҷовиднома, саҳ. 75.

[21] Муҳаммад Иқбол. Паёми Машриқ, саҳ. 110.

[22] Ҳамон ҷо, саҳ. 132.

[23] Ҳамон ҷо.

[24] Ҳамон ҷо, саҳ. 116.

[25] Куллиёти Иқбол, саҳ. 134.

[26] Ҳамон ҷо, саҳ. 135.

[27] Ҳамон ҷо, саҳ. 120.

[28] Ҳамон ҷо, саҳ. 129.

[29] Ҳамон ҷо, саҳ. 149.

[30] Ҳамон ҷо, саҳ. 97.

[31] Ҳамон ҷо, саҳ. 99—100.

[32] Муҳаммад Иқбол. Ҷовиднома, саҳ. 10.

[33] Муҳаммад Иқбол. Паёми Машриқ, саҳ. 77.

34 Куллиёти Иқбол, саҳ. 261.
35 Ҳамон ҷо.
36 Ҳамон ҷо, саҳ. 262.
37 Ҳамон ҷо.
38 Огюст Конт (1789—1857) — файласуфи идеалистӣ — субъективисти Франция.
39 Ин мисраъ аз Саъдии Шерозӣ аст.
40 Муҳаммад Иқбол. Паёми Машриқ, саҳ. 244.
41 Ҳамон ҷо, саҳ. 244—245.
42 Ҳамон ҷо, саҳ. 245.
43 Ҳамон ҷо.
44 Куллиёти Иқбол, саҳ. 269—270.
45 Ҳамон ҷо, саҳ. 270.
46 Ҳамон ҷо.
47 Муҳаммад Иқбол. Ҷовидонома, саҳ. 79.
48 Куллиёти Иқбол саҳ. 305.
49 Ҳамон ҷо, саҳ. 224.
50 Доктор Хоҷа Абдулҳамиди Ирфонӣ. Румии аср, саҳ. 16.
51 Ҳамон ҷо, саҳ. 16—17.
52 Ҳамон ҷо, саҳ. 18.
53 Куллиёти Иқбол, саҳ. 359.
54 Ҳамон ҷо, саҳ. 229.
55 Ҳамон ҷо, саҳ. 402.
56 Муҳаммад Иқбол. Ҷовидонома, саҳ. 224.
57 Алӣ Сардори Ҷаъфарӣ. Адабиёти тараққипарвар. Алигарҳ, 1957, саҳ. 121 (ба заб. урду).
58 Маркс К., Энгельс Ф. Асарҳо, ч. 9, саҳ. 157.
59 Куллиёти Иқбол, саҳ. 409.
60 Ҳамон ҷо, саҳ. 411—412.
61 Муҳаммад Иқбол. Ҷовидонома, саҳ. 79.
62 Куллиёти Иқбол, саҳ. 269.
63 Ҳамон ҷо, саҳ. 410.
64 Муҳаммад Иқбол. Паёми Машриқ, саҳ. 147.
65 Куллиёти Иқбол, саҳ. 402.
66 Ҳамон ҷо, саҳ. 485.
67 Ҳамон ҷо, саҳ. 360.
68 Ҳамон ҷо, саҳ. 260.
69 Иқбол дар ин ҷо ба таҷовузи ба Ҳабашистон кардани Италия, ки баъд аз ҷанги ҷаҳонии аввал рӯй дода буд, ишора кардааст.
70 Куллиёти Иқбол саҳ. 410.
71 Ҳамон ҷо, саҳ. 405.
72 Ҳамон ҷо, саҳ. 304.
73 Ҳамон ҷо, саҳ. 404.
74 Ҳамон ҷо, саҳ. 370—371.
75 Ҳамон ҷо, саҳ. 155.
76 Муҳаммад Иқбол. Ҷовидонома, саҳ. 89.
77 Куллиёти Иқбол, саҳ. 421.
78 Ҳамон ҷо, саҳ. 306.
79 Ҳамон ҷо, саҳ. 349.
80 Ҳамон ҷо, саҳ. 351.
81 Ҳамон ҷо, саҳ. 348.
82 Ҳамон ҷо, саҳ. 350—351.

[83] Ҳамон ҷо, саҳ. 390—391.
[84] Ҳамон ҷо, саҳ. 141.
[85] Ҳамон ҷо, саҳ. 145—146.
[86] Ҳамон ҷо, саҳ. 363.
[87] Ҳамон ҷо, саҳ. 123.
[88] Муҳаммад Иқбол. Паёми Машриқ, саҳ. 257—258.
[89] Куллиёти Иқбол, саҳ. 411.
[90] Ҳамон ҷо, саҳ. 100.
[91] Ҳамон ҷо, саҳ. 399.
[92] Сардори қушунҳои англис дар Миср генерал Китченер бо мақсади аз Маҳдии Судонӣ интиқом гирифтан қабри уро кушода, устухонҳояшро ба дарьёи Нил мепартояд, ки Иқбол ба ҳамон ҳодиса ишора намудааст.
[93] Куллиёти Иқбол, саҳ. 325.
[94] Мустафо Камол Отатурк (1880—1938) — арбоби барҷастаи сиёсию давлатӣ, барпокунандаи республикаи Туркия мебошад. Ӯ дар соли 1919 ба революцияи буржуазӣ-миллии ба муқобили империалистони хориҷӣ ва феодалҳои маҳаллӣ нигаронидашуда сардорӣ мекард, ки он дар таърих бо номи «ҳаракати камолӣ» машҳур аст. Иштироккунандагони ҳаракати камолӣ соли 1922 аз болои империалистони хориҷӣ ва феодалҳои маҳаллӣ ғалаба мекунанд. Мустафо Камол 29 октябри соли 1926, яъне аз рӯзи республика эълон карда шудани Туркия то рӯзи вафоташ — соли 1938 президент ва раиси партияи халқӣ — республикавии Туркия буд. Бо ташаббус ва роҳбарии Мустафо Камол як қатор ислоҳотҳои демократӣ ва зиддифеодалӣ — барҳам додани хилофат, аз давлат ҷудо кардани калисо, баробарҳуқуқии занон дар интихоб, ба ҷои алифбои арабӣ ҷорӣ кардани алифбои лотинӣ ва ғайра гузаронида мешаванд. Мустафо Камол инчунин барои тараққӣ додани корхонаҳои саноатӣ, роҳи оҳан, таъсиси беморхонаҳои нав чораву тадбирҳо мебинад. Дар соли 1934 маҷлиси миллии бузурги республикаи Туркия хидматҳои дар назди халқу ватан кардаи Мустафо Камолро ба назари эътибор гирифта, ба ӯ лақаби Отатурк (падари турк)-ро медиҳад.
[95] Ин байт аз Назирии Нишопурӣ мебошад, ки онро Иқбол тазмин намудааст.
[96] Куллиёти Иқбол, саҳ. 240—241.
[97] Ин байт аз Ҳофизи Шерозист, ки Иқбол тазмин кардааст.
[98] Муҳаммад Иқбол. Зарби Калим (тарҷумаи форсӣ). Карочӣ, 1957, саҳ. 19.
[99] Муҳаммад Иқбол. Армуғони Ҳиҷоз. Ҳайдаробод (Дакан), 1959, саҳ. 131.
[100] Ҳамон ҷо.
[101] Куллиёти Иқбол,саҳ. 154.
[102] Муҳаммад Иқбол. Паёми Машриқ, саҳ. 231—232.
[103] Муҳаммад Иқбол. Армуғони Ҳиҷоз, саҳ. 171.
[104] Муҳаммад Иқбол. Ҷовиднома, саҳ. 36.
[105] Алӣ Сардори Ҷаъфарӣ. Адабиёти тараққипарвар. Алигарҳ, 1957, саҳ. 117 (ба заб. урду).
[106] Куллиёти Иқбол, саҳ. 305.
[107] Куллиёти Иқбол, саҳ. 395.
[108] Ҳамон ҷо, саҳ. 315—316.
[109] Муҳаммад Иқбол. Паёми Машриқ, саҳ. 249.
[110] Дар манзумаи «Хизри роҳ»-и Иқбол дар Россия бо роҳбарии

В. И. Ленин ғалаба кардани Революцияи Социалистии Октябрь, ба ҷои ҳукумати мустабидонаи Россияи подшоҳӣ ба вуҷуд оварда шудани ҳокимияти коргару деҳқон тасвир карда мешавад. Шоир дар ин манзума В. И. Ленинро ба Ҳизр монанд мекунад. Мувофиқи ривоят, агар Ҳизр ҳангоми ба бадбахтиву нокомӣ дучор омадани одамон ногаҳон пайдо шуда, ба онҳо мадад расонад, аз рӯи тасвири Иқбол Ленин аз даруни зулмоти чандинасра ҳамчун офтоби тобанда баромада халқҳои мазлумро ба инқилобу озодӣ ва бунёд намудани давлатхоҳяшон ҳидоят мекунад.

Дар «Ҳизри роҳ» ба табақаҳои меҳнаткашу ҷабрдида чунин муроҷиат карда мешавад: Эй меҳнаткаш, то кай ба дигарон хидмат мекунӣ? Магар шахси меҳнаткаш инсон нест? Чаро як одам сагашро бо гӯшт парвариш мекунаду дигаре ба фарзанди худ як пора нон ёфта дода наметавонад? Оё ин баробарии байни инсонист? Эй коргар! Чашматро кушо! То ба кай ба сармоядорону заминдорон ғулом мешавӣ! Ба онҳо муқобилият нишон деҳ ва аҳволи иқтисодиатро беҳтар намо! Тавонгари найрангбоз бо зӯру ҳилла туро истисмор мекунад. Аз хоби гарон бархез, ки ҷаҳон дигаргун шудааст. Ақнун чи дар Шарқ ва чи дар Ғарб даврони нав омадааст. Нағмаи бедории мардум аз карон то карон таниннафкан аст. Офтоби тозае аз дили гетӣ сар баровард. Инсон ҳамаи занҷирҳоро пора намуд. То кай дар дурии бахишт гиръя кардан мумкин? Эй парвона, аз тавофи шамъ озод бош ва дар партави тобноки сиришти худ осуда бизӣ!

Агар Иқбол дар «Ҳизри роҳ» мардуми ситамкаши Ҳиндро барои аз коргару деҳқони занҷири ғуломии капитализмро пора-пора сохтан Россия ибрат гирифтан даъват карда бошад, дар шеъри «Офтоб» ҷаманистони коргару деҳқон, яъне Иттифоқи Советиро, ки бо роҳнамоии Ленин бунёд шудааст, ба офтоби дурахшандае монанд мекунад, ки зулмоти сиёҳро шикофида баромадааст. Ин офтоб офтоби Ленин ва Октябрь буда, орзую умеди асрҳо ин ҷониб доштаи халқҳоро ба амал баровардa, ба онҳо қувват бахшидааст. Аз нурҳои заррини ин офтоб халқҳои Шарқ ва Ғарб баҳраманд мешаванд ва аз вай наҷот меҷӯянд.

[111] Куллиёти Иқбол, саҳ. 329.

[112] Неру Джавахарлал. Открытие Индии. М., 1955, стр. 378.

[113] Алӣ Сардори Ҷаъфарӣ. Адабиёти тараққипарвар, саҳ. 117—118.

[114] Муҳаммад Иқбол. Ҷовиднома, саҳ. 84—85.

[115] Куллиёти Иқбол, саҳ. 398.

[116] Муҳаммад Иқбол. Асрор ва румуз, саҳ. 78.

[117] Муҳаммад Иқбол. Ҷовиднома, саҳ. 243.

[118] Куллиёти Иқбол, саҳ. 458.

[119] Муҳаммад Иқбол. Ҷовиднома, саҳ. 43.

[120] Муҳаммад Иқбол. Армуғони Ҳиҷоз, саҳ. 67.

[121] Куллиёти Иқбол, саҳ. 473.

[122] Муҳаммад Иқбол. Паёми Машриқ, саҳ. 143—144.

[123] Ҳамон ҷо, саҳ. 241.

[124] Муҳаммад Иқбол. Забури Аҷам, чопи чаҳорум, Лоҳур, 1948, саҳ. 102.

[125] Муҳаммад Иқбол. Асрор ва румуз, чопи сеюм, 1948 (Асрори худӣ) саҳ. 67.

[126] Муҳаммад Иқбол. Паёми Машриқ, саҳ. 41.

[127] Ҳамон ҷо, саҳ. 55.

[128] Ҳамон ҷо, саҳ. 136.

[129] Муҳаммад Иқбол. Асрор ва румуз. Лакнав, 1957, саҳ. 106—107.

130 Ҳамон ҷо, саҳ. 108.
131 Ҳамон ҷо, саҳ. 145—146.
132 Муҳаммад Иқбол. Паёми Машриқ, саҳ. 59.
133 Муҳаммад Иқбол. Ҷовиднома, Лоҳур, 1954, саҳ. 186.
134 Муҳаммад Иқбол. Паёми Машриқ, саҳ. 86.
135 Ҳамон ҷо, саҳ. 117—119.
136 Куллиёти Иқбол, саҳ. 220.
137 Ҳамон ҷо, саҳ. 194.
138 Дар ин ҷо Иқбол ба ривояти афсонавие, ки гӯё Иброҳими Халиллоҳро ба оташи Намруд андохта буданду аммо ӯ насӯхта будааст, ишора мекунад.
139 Муҳаммад Иқбол. Асрор ва румуз, саҳ. 53—54.
140 Ҳамон ҷо, саҳ. 85—86.
141 Ҳамон ҷо, саҳ. 62—63.
142 Ҳамон ҷо, саҳ. 62.
143 Ҳамон ҷо.
144 Ҳамон ҷо, саҳ. 59.
145 Муҳаммад Иқбол. Паёми Машриқ, саҳ. 172.
146 Куллиёти Иқбол, саҳ. 392.
147 Муҳаммад Иқбол. Паёми Машриқ, саҳ. 86.
148 Ҳамон ҷо, саҳ. 99.
149 Ҳамон ҷо, саҳ. 117—118.
150 Ҳамон ҷо, саҳ. 181, 215.
151 Муҳаммад Иқбол. Ҷовиднома, саҳ. 239.
152 Ҳамон ҷо, саҳ. 217.
153 Куллиёти Иқбол, саҳ. 377.
154 Ҳофизи Шерозӣ. Мунтахаботи девон, Душанбе, 1957, саҳ. 338.
155 Муҳаммад Иқбол. Асрор ва румуз, саҳ. 54.
156 Ҳамон ҷо, саҳ. 54—55.
157 Муҳаммад Иқбол. Паёми Машриқ, саҳ. 41.
158 Ҳамон ҷо, саҳ. 49.
159 Муҳаммад Иқбол. Армуғони Ҳиҷоз, саҳ. 96.
160 Куллиёти Иқбол, саҳ. 179.
161 Муҳаммад Иқбол. Паёми Машриқ, саҳ. 157.
162 Ҳамон ҷо, саҳ. 27.
163 Муҳаммад Иқбол. Асрор ва румуз, саҳ. 15—16.
164 Ҳамон ҷо, саҳ. 155.—156.
165 Ҳамон ҷо, саҳ. 95—97.
166 Бӯ Алӣ — Бӯ Алии Қаландари Понипатӣ (ваф. 1323) мебошад, ки аз шоирони машҳури Ҳинд ба шумор меравад.
167 Ин байт аз «Маснавӣ»-и Бӯ Алии Қаландар мебошад.
168 Муҳаммад Иқбол. Асрор ва румуз, саҳ. 177—180.
169 Ҳамон ҷо, саҳ. 23—25.
170 Муҳаммад Иқбол. Паёми Машриқ, саҳ. 17.
171 Ҳамон ҷо, саҳ. 68.
172 Ҳамон ҷо, саҳ. 209.
173 Ҳамон ҷо, саҳ. 169.
174 Муҳаммад Иқбол. Асрор ва румуз, саҳ. 45—46.
175 Муҳаммад Иқбол. Армуғони Ҳиҷоз, саҳ. 143.
176 Муҳаммад Иқбол. Ҷовиднома, саҳ. 241.
177 Ҳамон ҷо, саҳ. 242.
178 Ҳамон ҷо, саҳ. 50.
179 Муҳаммад Иқбол. Асрор ва румуз, саҳ. 99.

[180] Куллиёти Иқбол, саҳ. 213.
[181] Ҳамон ҷо, саҳ. 203.
[182] Ҳамон ҷо, саҳ. 95.
[183] Саид Ғуломризои Саидӣ. Иқболшиносӣ.
[184] Куллиёти Иқбол, саҳ. 226.
[185] Муҳаммад Иқбол. Ҷовиднома, Лоҳур, 1947. саҳ. 72, 136, 196; Паёми Машриқ, Лоҳур, 1954, саҳ. 172, 330—331, 258; Армуғони Ҳиҷоз, Лоҳур, 1948, саҳ. 9, 18—19, 94, 111, 185, 204; Забури Аҷам, Лоҳур, 1948, саҳ. 90, 100, 103, 106, 141 ва саросари маснавии «Асрор ва румуз».
[186] Куллиёти Иқбол, саҳ. 147.
[187] Асрор ва румуз, саҳ. 104.
[188] Куллиёти Иқбол, саҳ. 251.
[189] Ҳамон ҷо, саҳ. 123.
[190] Ҳамон ҷо, саҳ. 235.
[191] Ҳамон ҷо, саҳ. 244.
[192] Ҳамон ҷо, саҳ. 216.
[193] Ҳамон ҷо, саҳ. 430.
[194] Ҳамон ҷо, саҳ. 312.
[195] Ин шеъри Мирзо Асадулло Ғолиб буда, дар асл чунин аст:

Нағмаҳо безахма аз соз оваранд,
Ҳарф чун тойир ба парвоз оваранд.

[196] Куллиёти Иқбол, саҳ. 96—98.
[197] Ҷовиднома, саҳ. 209.
[198] Паёми Машриқ, саҳ. 5—6.
[199] Куллиёти Иқбол, саҳ. 430.
[200] Ҳамон, ҷо, саҳ. 14.
[201] Ҳамон ҷо, саҳ. 383—384.
[202] Ҳамон ҷо, саҳ. 211.
[203] Байти охирини шеър аз Саъдии Шерозӣ аст.
[204] Паёми Машриқ, саҳ. 162—163.
[205] Асрор ва румуз, саҳ. 76.
[206] Ҳамон ҷо, саҳ. 136.
[207] Куллиёти Иқбол, саҳ. 121.
[208] Ҳамон ҷо, саҳ. 123.
[209] Ҳамон ҷо, саҳ. 158.
[210] Ҳамон ҷо, саҳ. 238.
[211] Ҳамон ҷо, саҳ. 258.
[212] Ҳамон ҷо, саҳ. 14—15.
[213] Ҳамон ҷо, саҳ. 19.
[214] Ҳамон ҷо, саҳ. 250.
[215] Ҳамон ҷо, саҳ. 258.
[216] Ҳамон ҷо, саҳ. 306.
[217] Ҳамон ҷо, саҳ. 226.
[218] Нишотбоғ — боғи машҳуре аст дар Кашмир, ки онро Ҷаҳонгир (1605—1627) бунёд кардааст. Ин боғ, ки дар канори дарёи Толи Кашмир воқеъ гардидааст, дар зебоӣ шӯҳрати калоне пайдо намудааст. Абӯ Толиби Калим, Қудсӣ, Салим ва дигар шоирони маъруф дар васфи ин боғ манзумаҳои латиф гуфтаанд.
[219] Куллиёти Иқбол, саҳ. 228—229.
[220] Ҳамон ҷо, саҳ. 238.
[221] Ҳамон ҷо, саҳ. 315—317.

[22] Ленин В. И. Асарҳо, нашри тоҷикӣ, ч. 15, саҳ. 202.
[23] Куллиёти Иқбол, саҳ. 210.

**Равобити эҷодии Муҳаммад Иқбол бо адибони форсу тоҷик**

[1] Доктор Хоҷа Абдулҳамиди Ирфонӣ. Иқбол дар назари эрониён, саҳ. 115—116.
[2] Куллиёти Иқбол, саҳ. 401.
[3] Ҳамон ҷо, саҳ. 348.
[4] Ҳамон ҷо, саҳ. 251.
[5] Ҳамон ҷо, саҳ. 250.
[6] Ҳамон ҷо, саҳ. 294.
[7] Ҳамон ҷо, саҳ. 451.
[8] Ҳамон ҷо, саҳ. 177.
[9] Муҳаммад Иқбол. Асрор ва румуз, саҳ. 7—8.
[10] Девони Шамси Табрез, Коннур, 1908, саҳ. 63.
[11] Куллиёти Иқбол, саҳ. 253.
[12] Девони Шамси Табрез, саҳ. 50.
[13] Куллиёти Иқбол, саҳ. 248.
[14] Муҳаммад Иқбол. Зарби Калим. Ба форсӣ тарҷумаи Хоҷа Абдулҳамиди Ирфонӣ. Карочӣ, 1957, саҳ. «мо». Ин ду байти урдуи Иқболро Ирфонӣ ба форсӣ гардонидааст.
[15] Ҳамон ҷо, саҳ. «мо».
[16] Ҳамон ҷо.
[17] Ҳамон ҷо.
[18] Куллиёти Иқбол, саҳ. 45.
[19] Ҳамон ҷо, саҳ. 38.
[20] Ҳамон ҷо, саҳ. 181.
[21] Ҳамон ҷо, саҳ. 458.
[22] Маркс К., Энгельс Ф., Асарҳо, ҷилди 21, М.—Л., 1929, саҳ. 495.
[23] Алии Даштӣ. Нақше аз Ҳофиз. Теҳрон, 1339 шамсӣ, саҳ. 46.
[24] Чернышевский Н. Г. Асарҳо, ч. 12, саҳ. 390—391.
[25] Доктор Муҳаммадриёз. Иқболи Лоҳурӣ ва шуарои сабки ироқӣ.— Маҷ. «Ҳилол», марти 1972, саҳ. 25.
[26] Рахти сафар, нашри аввал, Карочӣ, 1952, саҳ. 117—119 доктор Абӯ Саиди Нуриддин. Тасаввуфи исломӣ ва Иқбол. Карочӣ, 1959, саҳ. 257—259.
[27] Макотиби Иқбол ба номи Гиромӣ, саҳ. 102.
[28] Куллиёти Ҳофиз. Теҳрон, 1328 шамсӣ, саҳ. 114—115.
[29] Муҳаммад Иқбол. Паёми Машриқ, Лоҳур, нашри 1963, саҳ. 232.
[30] Куллиёти Ҳофиз, саҳ. 3.
[31] Муҳаммад Иқбол. Забури Аҷам. Лоҳур, 1959, саҳ. 176—177.
[32] Куллиёти Ҳофиз. саҳ. 26.
[33] Муҳаммад Иқбол. Паёми Машриқ, саҳ. 196.
[34] Куллиёти Ҳофиз, саҳ. 150.
[35] Куллиёти Иқбол, саҳ. 124.
[36] Куллиёти Ҳофиз, саҳ. 46.
[37] Куллиёти Иқбол, саҳ. 256.
[38] Куллиёти Ҳофиз, саҳ. 101.
[39] Куллиёти Иқбол, саҳ. 354.
[40] Куллиёти Ҳофиз, саҳ. 195.

[41] Куллиёти Иқбол, саҳ. 133.

[42] Илова ба ғазалҳои ба ҳам шабоҳат доштаи Ҳофиз ва Иқбол, ки дар боло оварда шуданд, дар девонҳои ин ду шоир боз ғазалҳои дигаре ҳам дида мешаванд, ки аз ҷиҳати шакл ва мундариҷа ба якдигар хеле наздиканд. Дар зер матлаҳои он навъ ғазалҳо оварда мешаванд:

Ҳофиз:
Кунун, ки дар чаман омад гул аз адам ба вуҷуд,
Бунафша дар қадами ӯ ниҳод сар ба суҷуд

Иқбол:
Баҳор то ба гулистон кашид-базми суруд,
Навои булбули шӯрида чашми ғунча кушуд

Ҳофиз:
Шоҳид он нест, ки мӯеву миёне дорад,
Бандаи талъати он бош, ки оне дорад.

Иқбол:
Ошиқ он нест, ки лабгарми фиғоне дорад,
Ошиқ он аст, ки бар каф ду ҷаҳоне дорад.

Ҳофиз:
Ҷуз остони туам дар ҷаҳон паноҳе нест,
Сари маро ба ҷуз ин дар ҳаволагоҳе нест.

Иқбол:
Агарчи зеби сараш афсару кулоҳе нест,
Гадои кӯи ту камтар зи подшоҳе нест.

Ҳофиз:
Дар азал партави ҳуснат зи таҷаллӣ дам зад,
Ишқ пайдо шуду оташ ба ҳама олам зад.

Иқбол:
Ақл чун пой дар ин роҳ хам андар хам зад,
Шӯъла дар оби давониду ҷаҳон барҳам зад.

Ҳофиз:
Сарам хуш асту ба бонги баланд мегӯям,
Ки ман насими ҳаёт аз пиёла меҷӯям.

Иқбол:
Ба ин баҳона дар ин базм, маҳраме ҷӯям,
Ғазал сароему пайғоми ошно гӯям.

Ҳофиз:
Шунидаам сухане хуш, ки пири Канъон гуфт,
Фироқи ёр на он мекунад, ки битвон гуфт.

Иқбол:
Дигар зи соддадилиҳои ёр натвон гуфт,
Нишаста бар сари болини ман зи дармон гуфт.

Ҳофиз:
Зоҳиди зоҳирпараст аз ҳоли мо огоҳ нест,
Дар ҳаққи мо ҳар чи гӯяд, ҷои ҳеҷ икроҳ нест.

Икбол:

Аз наво бар ман қиёмат рафту кас огоҳ нест.
Пеши маҳфил ҷуз баму зеру мақому роҳ нест.

Хофиз:

Мақоми амну ман бегашу рафиқи шафиқ.
Гарат мудом муяссар шавад, зиҳӣ тавфиқ.

Икбол:

Зи расму роҳи шариат накардаам таҳқиқ,
Ҷуз ин, ки мункири ишқ аст, кофиру зиндиқ.

[43] Алии Даштӣ. Нақше аз Ҳофиз, саҳ. 45.
[44] Атия Бегим. Иқбол. Карочӣ, 1957, саҳ. 16.
[45] Манзурулҳақ. Ҳаёти Саъдӣ. — Маҷ. «Ҳилол», 1333 шамсӣ, саҳ. 33.
[46] Маҷ. «Ҳилол», моҳи фарвардини 1351 шамсӣ, саҳ. 24.
[47] Куллиёти Иқбол, саҳ. 136—137.
[48] Маҷ. зикршуда, саҳ. 21.
[49] Куллиёти Иқбол, саҳ. 124.
[50] Ҳамон ҷо, саҳ. 24.
[51] Муҳаммад Иқбол. Армуғони Ҳиҷоз. Ҳайдаробод, 1950, саҳ. 211.
[52] Муҳаммад Иқбол. Паёми Машриқ. Лоҳур, 1954, саҳ. 130—131.
[53] Ҳамон ҷо, саҳ. 244.
[54] Ҳамон ҷо, саҳ. 162—163.
[55] Муҳаммад Иқбол. Армуғони Ҳиҷоз, саҳ. 15.
[56] Алии Даштӣ. Нақше аз Ҳофиз, саҳ. 204.
[57] Ян Рипка. История персидской и таджикской литературы. М., 1970, стр. 245.
[58] Куллиёти Иқбол, саҳ. 159—160.
[59] Ҳамон ҷо, саҳ. 160.
[60] Муҳаммад Иқбол. Армуғони Ҳиҷоз, саҳ. 37.
[61] Куллиёти Иқбол, саҳ. 197.
[62] Ҳамон ҷо, саҳ. 439.
[63] Ҳамон ҷо, саҳ. 176.
[64] Муҳаммад Иқбол. Армуғони Ҳиҷоз, саҳ. 113.
[65] Куллиёти Иқбол, саҳ. 471.
[66] Муҳаммад Иқбол. Армуғони Ҳиҷоз, саҳ. 191.
[67] Муҳаммад Иқбол. Асрор ва румуз, саҳ. 21.
[68] Куллиёти Иқбол, саҳ. 253.
[69] Муҳаммад Иқбол. Армуғони Ҳиҷоз, саҳ. 29
[70] Куллиёти Иқбол, саҳ. 368.
[71] Носири Хисрав. Гулчине аз девони ашъор. Тартибдиҳанда К. Айнӣ. Сталинобод, 1957, саҳ. 61—62.
[72] Куллиёти Иқбол, саҳ. 229—230.
[73] Хотуни Аҷам—дар ин ҷо шоираи боистеъдод Тоҳира дар назар дошта шудааст
[74] Куллиёти Иқбол, саҳ. 335.
[75] Ҳамон ҷо, саҳ. 336.
[76] Ҳамон ҷо, саҳ. 210.
[77] Ҳамон ҷо, саҳ. 249.
[78] Ҳамон ҷо, саҳ. 241.

[1] Фазлуллоҳи Сафо. Сабкҳои адабӣ ва осори баргузидаи шеърӣ. Теҳрон, 1337, шамсӣ, саҳ. 16.

[2] Малик-уш-шуаро Баҳор. Таърихи татаввури шеъри форсӣ. Теҳрон, 1334 шамсӣ, саҳ. 77.

[3] Муҳаммад Ҳайдари Жӯбал. Нигоҳе ба адабиёти муосири Афғонистон. Кобул, 1337 шамсӣ, саҳ. 13.

[4] Ҳамон ҷо, саҳ. 71—72.

[5] Хоҷа Абдулҳамиди Ирфонӣ. Достонҳои ишқии Покистон. Теҳрон, 1961, саҳ. 2—3.

[6] Иқбол дар назари эрониён. Мураттиб доктор Хоҷа Абулҳамиди Ирфонӣ, саҳ. 97—98.

[7] Доктор Алиниходи Торлон. Хатобаи раёсат (дар рӯзи ёдбуди Иқбол) маҷ. «Ҳилол», июни 1958, саҳ. 9.

[8] Доктор Хоҷа Абулҳамиди Ирфонӣ. Румии аср, саҳ. «д».

[9] Довуди Шерозӣ. Муқаддимаи «Куллиёти ашъори форсӣ»-и Иқбол, саҳ. 1; Доктор Ҳусайни Хатибӣ. Мухтасаре роҷеъ ба осор ва сабки ашъори доктор Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ.— Маҷ. «Донишкадаи адабиёт»-и Университети Теҳрон, меҳрмоҳи 1332 шамсӣ, саҳ. 55—68.

[10] Доктор Хоҷа Абдулхамиди Ирфонӣ. Румии аср, саҳ. 274—275.

[11] Доктор Муҳаммадриёз. Иқболи Лоҳурӣ ва шуарои сабки ироқӣ, маҷ. «Ҳилол», марти 1972, саҳ. 21.

[12] Иқбол дар назари эрониён, саҳ. 187.

[13] Ҳамон ҷо, саҳ. 128.

[14] Абдуллоҷон Ғаффоров. Назми форсизабони Ҳинду Покистон дар нимаи дуюми асри XIX ва асри XX. Душанбе, Нашр. «Дониш», 1975, саҳ. 89—95; 105—112.

[15] Иқбол дар назари эрониён, саҳ. 80.

[16] Сарҳанг Хоҷа Абдуррашид. Тазкираи шуарои Панҷоб, саҳ. 276.

[17] Ҳамон ҷо, саҳ. 279—280.

[18] Рашид Аҳмади Сиддиқӣ. Паёми Иқбол.— Маҷал. «Суҳайл», нашри Алигарҳ, январь — апрели 1926, саҳ. 115.

[19] Сухансароёни имрӯзаи Эрон ва Афғонистон Иқболро забардастарин шоири мутафаккир шуморида, дар ситоиши ва дар тақлиди ӯ шеърҳо гуфтаанд. Чунончи, аз шоирони Эрон Муҳаммад Меҳрони Зоҳидон дар «Равони Иқбол», ном шеъри худ мегӯяд:

Шоири миллӣ Муҳаммад номи ӯ,
Файласуфе шаҳди ҳикмат коми ӯ.
Равнақи бозори дониш гуфтааш,
Гавҳари бо арзише шуд гуфтааш.
Маҳфили имрӯзи мо равшан аз ӯст,
Маҷлиси илму адаб гулшан аз ӯст.

Доктор Қосим Расо низ таҳти унвони «Ба ёдбуди аллома Иқбол» шеъре навишта, шоирро ифтихори Покистон ва обрӯи Ҳиндустон номида, дар ҷаҳон ҷовидони будани номи ӯро қайд менамояд:

Сар зад аз Лоҳур рахшон ахтаре,
Он ки Покистон ҳаменозад бад-ӯ.

Худ на Покистон, ки хоки Ҳиндро,
Ҳомаи Иқбол бахшид обрӯ.
Шона зад аз хома бар зулфи сухан,
То бигӯяд рози пинҳон мӯ ба мӯ.
Дар «Паёми Машриқ» он доно чу кард,
Бо Гута* донои Мағриб гуфтугӯ.
Дар сухан аз шоири мағрибзамин,
Шоири машриқзамин бирбуд гӯ.
Ҳар ки чун ӯ зинда гардонад сухан,
Дар ҷаҳон ҳаргиз намирад номи ӯ.

Аз шоирони дигари Эрон Муҳаммад Ҳасан Муайирӣ мутахаллис ба Раҳӣ дар пайравии Иқбол ғазале навишта, як мисраи ӯро тазмин намудааст:

Ин ҷавоби он, ки Иқболи суханпардоз гуфт:
«З-оташи саҳбои ман бигдоз миноп маро».

Шоири дигари Эрон Аҳмад Гулчини Маонӣ низ дар ҷавоби яке аз ғазалҳои Иқбол шеъре навишта, дар охири он як мисраи ӯро ин тавр тазмин кардааст:

Бандаи ишқ шав, эй хоҷа, ки Иқбол суруд:
«Ақл то бол кушудаст гирифтортар аст».

Ё ин ки Ёвари Ҳамадонӣ мисраи Иқболро моҳирона чунин тазмин кардааст:

Он ба ҷон донои рози ҳақ, ки гуфт:
«Ҳар касе аз рамзи ишқ огоҳ нест».

Ҳумоюни Шаҳидӣ дар пайравии маснавии «Пас чӣ бояд кард?»-и Иқбол шеъре навиштааст. Дар он шеър доир ба Иқбол мегӯяд:

«Пас чӣ бояд кард, эй ақвоми Шарқ?»
Эй шароби зиндагӣ дар ҷоми Шарқ
Ҳеҷ оташдони хомӯшӣ мабод,
Ёд аз хотир фаромӯшӣ мабод.
Ёде аз Иқболи Покистон кунем,
Ҷон фидо бар мардуми покон кунем.
Мардуми аз нанги бадномӣ барӣ,
Ошноп равшанини ховарӣ.

Ашраф Машкутии Гелонӣ дар истиқболи «Соқинома»-и Иқбол, ки дар таърифу тавсифи «Боғи нишот»-и Кашмир гуфта шудааст ва бо байти:

Хушо рӯзгоре, хушо навбаҳоре,
Нуҷуми паран раста аз марғзоре,

---

* Гута — Гёте.

шурӯъ мешавад, шеъре эҷод кардааст. Шоир дар он шеър ба таърифу тамҷиди Иқбол ҳам пардохтааст:

Чӣ некӯ зимоне, чӣ зебо баҳоре,
Чӣ хуррам фазое чи хуш рӯзгоре.
Ба гирди ҳам оянд аҳли фазилат,
Ба ёди миҳини шоири номдоре.
Бувад рӯзи Иқбол имрӯзу моро,
Ба ёд оид Иқболи волотаборе.
Бар он порсигӯи озодамарде,
Ки дода ба базми сухан эътиборе.
Наёрад ба мислаш дигар моми гетӣ,
Басе чархи гардун кашад интизоре.
Хамӯш, Ашрафо, чунки натвон шумурдан,
Зи авсофи Иқбол яке аз ҳазоре.

Алавии Таботабой бар ғазали машҳури Иқбол «Хитоб ба ҷавонони Аҷам» мухаммас навиштааст, ки як банди он ин аст:

Ин манам, афсурда шамъе дар шабистони шумо,
Ин манам, дилдода мурғе дар гулистони шумо,
Ҳамчу най андар тавонам дар наистони шумо,
«Чун чароғи лола сӯзам дар хиёбони шумо,
Эй ҷавонони Аҷам, ҷони ману ҷони шумо».

Дар пайравии ғазали Иқбол, ки бо матлаи

Дар ин майхона, эй соқӣ надорам маҳраме дигар,
Ки ман шояд нахустин одамам аз оламе дигар,

оғоз мeёбад, Мӣёнаи Восиқ ин шеърро офаридааст:

Ба ғамҳои дилам дур аз ту шуд афзун ғаме дигар,
Ғами олам надорам, чунки дорам оламе дигар.
Ба ҷон омад дил аз ҳаҷри ту, эй Иқболи Лоҳурӣ,
Надорам ҷуз ғаму доғи фироқат ҳамдаме дигар.
Ба ҳар ҷо мерасад сели сиришкам мекунад вайрон,
Ки худ шахси дигар ҳастам ками чашмам наме дигар...
«Дар ин майхона, эй соқӣ надорам маҳраме дигар,
Ки ман шояд нахустин одамам аз оламе дигар».
Ба гулзори муҳаббат Восиқо, хуш мекунӣ нола
Бинол, эй булбули шайдо дар ин гулшан каме дигар.

Шоири барҷастаи Афғонистон Халилуллоҳи Халилӣ баъд аз сафари Покистон зери унвони «Бар мазори Иқбол» шеъре эҷод карда, дар он муносибати ба шоир доштаашро чунин изҳор намудааст:

Турбати Иқболро кардам тавоф,
Давлате дидам дар он ҷо беҳилоф
Дидаи бедори ӯ андар мақом,
В-он ду дасте теғи хуфта дар ниём...
Зинда аз вай расму роҳи маънавӣ,
Равшан аз вай хонақоҳи Мавлавӣ

Аз Саноӣ сӯзҳо дар синааш,
В-аз пан Балхӣ наво дар нағмааш...
Назран ӯ дар дили мо кор кард,
Хуфтагони Шаркро бедор кард.
Бар мазораш буд лавҳи тобдор,
Ёлғори сарзамини кӯҳсор.

Аз шоирони дигари намоёни хозираи Афғонистон малик-уш-шуаро Бетоб дар «Алломаи Шарқ» ном шеъри худ мегӯяд.

Марди озода доктор Иқбол,
Он беҳихоҳи қавм дар ҳама ҳол.
То, ки ҷон дошт гуфт озодӣ,
То дами марг хост истиқлол.
Ғайри хидмат барои ҳамнавъон,
Дар сари ӯ дигар набуд хаёл...
Бо ғами қавм хотираш тавъам,
Дар ватандӯстӣ надошт мисол...
Пайи таъмини ваҳдати миллӣ,
Умр дарбохт он ситудахисол...
К-ош буди ҳаёт то диди,
Охирин орзуи худ Иқбол...
Қавми афғон, ки фитратан ҳастанд,
Ҷумлагӣ дӯстори истиқлол.
Маслакаи дӯстори ӯ бошанд,
З-ӯ ситоиш кунанд дар ҳама ҳол.

Маликушшуаро Бетоб дар маҷлиси тантанавии ба муносибати рӯзи таваллуди Иқбол дар соли 1952 дар шаҳри Кобул барпогардида, шеъри зеринро низ эҷод намуда хондааст:

Бувад имрӯз рӯзи ёдбуд аз доктор Иқбол,
Ки умре баст баҳри хидмати миллӣ камар Иқбол.
Сарири хомаяш чун сури миллат зинда гардонид,
Ки устоди қиёматкор буда номвар Иқбол.
Чӣ хидматҳои нофеъ кард баҳри қавм рӯзу шаб,
Ки буд аз баҳри абнои ватан ҳамчун падар Иқбол.
Бизад дар обу оташ хешро аз завқи озодӣ,
Гуворо кард бар худ мушкилоти баҳру бар Иқбол.
Зи қавмаш гарчи ҳар фарде дар истиқлол кӯшида,
Вале нисбат ба ҳар кас ҳисса дорад бештар Иқбол.
Яке маллоҳи моҳир буд дар баҳри суханронӣ,
Қашида, киштии қавми худ аз мавҷи хатар Иқбол.
Вуҷуди ӯ чу хуршеди дурахшон буд медонам,
Зи Ховар кард равшан бо сухан то Бохтар Иқбол.
Зи вазъи ҳол аз аҳволи истиқбол медонист,
Бале беиштибоҳ будаст аз аҳли назар Иқбол.
Ниҳоли улфати афғон ба қалбаш парвариш дода,
Сипас бигрифта ихлосу нродат з-он самар Иқбол.
Ба васфи мулки мо назме «Мусофир» ном бинвишта,

Ба ҳангоме, ки ин сӯ дошта сайру сафар Иқбол,
Зи рӯи қадрдониҳо кунун Бетоб мегӯяд,
Биҳишти човидони чон бофазлу ҳунар Иқбол.

Як қатор шоирони дигари Эрон ва Афғонистон низ дар шеърҳои бахшида ба Иқбол навиштаашон истеъдоди фавқулодда калони шоирӣ доштани ӯ ва дилкашу равону рӯҳафзо будани ашъори ба забони форсӣ эчод кардаи пайро эътироф намуда, дар пайравиаш шеърҳо офаридаанд ва ё мисраю байтҳоишро тазмин кардаанд.

## ХОТИМА

[1] Куллиёти Иқбол (Муқаддимаи ношир), саҳ. аввал.
[2] Иқбол аз назари эрониён, саҳ. 110—111.
[3] Ҳамон чо, саҳ. 375—376.
[4] Куллиёти Иқбол, саҳ. 210.

МУНДАРИЧА

Аз муҳаррир . . . . . . . . . . . . . 7
Аз таърихи омӯхта шудани ҳаёт ва эҷодиёти Муҳаммад Иқбол. 10
Ҳаёти сиёсии Ҳиндустон дар замони Муҳаммад Иқбол. . . . 36
Ҳаёти Муҳаммад Иқбол. . . . . . . . . . . 47
Мероси адабӣ ва илмии Муҳаммад Иқбол. . . . . . 65
Мавзӯъ ва мундариҷаи ғоявии назми форсии Муҳаммад Иқбол. 84
Равобити эҷодии Муҳаммад Иқбол бо адибони форсу тоҷик.159
Сабки Иқбол ва пайравони назми форсии ӯ. . . . . .179
Хотима . . . . . . . . . . . . .189
Тавзеҳот ва қайдҳо. . . . . . . . . . .194